Дар маданияти мезолитӣ ва неолити Иерихони, ки ба ҳазораи VII1-V11 п.м. тааллуқ дорад ба ду бахш: Бахши А ва Б-и то сафолгарӣ. Бошишгоҳи топайдо шудани сафол А майдони 4га заминро дар бар дошта, гирдаш девор дорад. Хонаҳо нақи мудавар дошта нимзеризаминӣ дошта Аз похсаи нимдоира шакл сохта шудаанд. Дар назди девори деҳа бурҷи аз санг сохта вуҷуд дорад, ки 7м қутр ва бабалании 8м боқи мондааст. Зинаи ба боло баромадан дорад ва бо ақидам В,М. Массон нақши мушоҳидаро иҷро менамуд. Аммо бафикро мо вай нақи динӣ – бурҷи оташро дошт ва сиккурат аст. Мурдаҳоро дар ҳудуди деҳа дар зери фарш гӯр мекарданд. Баъзе устухонҷуссаҳо сар надоранд ва сарҳо дар ҷои алоҳида нигоҳ дошта мешуданд, ки эҳтиромро ба сар нишоон медиҳад. Олотҳои Ирихониҳо бештар аз чахмоқсаг мебошанд, ки давоми маданияти Натуфини мезолитӣ мебошад. Ирихониҳо дар хоҷаги аз гандуми якбахша ва ҷав истифода кардаанд.

Дар давраи тосафолиии Б ҳазораи V11 п.м. хонаҳои мудаввар ба хонаҳои дарозрӯяи аз хишт сохта мешаванд, дар хонаҳо хамба ва байни хонаҳо ҳавлӣ пайдо мешавад. Дар зери фарш гӯронидани каполҳо бо ниқоби гилӣ мушоҳида мешавад. Баъзе ниқобҳо дар чашмон гуштмоҳӣ гузошта шудаанд ва дар баъзеҳо осори расм боқимондааст, ки сарварони бузургдошти авлодро баёд меорад. Дар баробари зироаткорӣ шикори оҳу накши калондошт. Аз моли хонагӣ буз, гуспанд, хук, хар, саг пишак ва гайра парвариш мешуд.

Дар ҳамин даврра ҳамоҳангии маданияти Ирихон ва Чаталҳуюкро дар маданияти шимолии Байнаннаҳраин дар бошишгоҳи Ҷармои Эрон мушоҳида менамоем.

Зарфҳои дағал бо накшаҳои секунҷа ва мавҷӣ пайдо мешаванд, ки олимон онҳоро ба омадани чорводорони кӯчӣ алоқаманд медонанд.[4] Сохтани хонаҳои нимзеризаминӣ хоси ориёиҳои саҳроҳгард – андроновоиҳо буд, ки мушоҳида мешавад.

Бошандагони маданияти классикӣ Гассули – Фаластини дар ҳазораи IV мурдаҳои худро дар устухондонҳо (оссуарҳо) мегӯрониданд. Ҳамроҳи ҷасад ба ғайр аз ашёҳо боз ҳайкалчаҳоро мегузоштанд, ки ба суннати ориёиҳо монанд аст. Онҳо нисбат ба бузҳои кӯҳӣ эҳтиром доштанд – дар ибодатгоҳ ҳайкалчаҳое ёфт шудаанд, ки накши худоёнро иҷро менамуданд.[5] Дар ҳамин давра сағонаҳои оилавӣ ё умумӣ пайдо мешаванд. Ин анъана баъдан дар зардуштиён ривоҷ меёбад (расми 2).

Дар ҷануби Осиёи Хурд дар охири ҳазораи VI ва аввали ҳазораи V п.м. анъанаи маданияти Чаталҳуюқ ривоҷу равнақ меёбад. Яке аз ёдгориҳои ин маданият Ҳочилар мебошад. Хонахои мардуми Ҳочилар аз хишт

---

[4] Ҳамон ҷо, с. 101.
[5] Массон В.М. Первые циливизации, с. 102.

дар болои таҳкурсии сангин сохта шудаанд. Деҳаи Ҳочилар-2 гирдаш девори ҳимоявӣ дорад. Зарфҳо хеле босифат буда, рӯяшон пардоз дода шудааст. Дар рӯи зарфҳо расмҳои говазн ва нақшҳои барчастаи сари гов кашида шудааст. Баъзе зарфҳо намуди сари одам ва гову говазнро доранд. Образи ҳайкалчаҳои мардон ва занон аз зиндагии ҳамарӯзаи онҳо гирифта шуда табиӣ мебошанд. Занҳо дар ҳолатҳои гуногун тасвир шудаанд, ки аз эҳтироми онҳо дар ҷомеаи кишоварзон гувоҳӣ медиҳанд. (расми 3)

Дар зери фарши якчанд хонаҳо занҳо бо кӯдакон гӯронида шудаанд. Бо гуфтаи муаллифони ковишҳо ин хонаҳо ибодатгоҳ буданд. Дар ибодатгоҳ меҳроби оташ дар баланди чоркунҷа сохта шудааст, яъне оташ дар баландӣ месӯхт, ки нишон аз эҳтиром ба он мебошад.

Деҳаҳои Ҳочилар бисёр вақтҳо аз сӯхтор хароб шудаанд, ки маънои ноорромии замон ва заду хӯрдҳои байни қабилавӣ ё бегонагонро ифода менамояд. Баъдан анъанаи зиндагии мардумони Ҳочиларро дар ёдгории Боичисултон мушоҳида менамоем. Дар ҳазораи IV дар ин ҷо олот ва зинатвориҳои аз мис сохта зиёд мешаванд. Боичисултониҳо мурдаҳои худро **дар турбатҳои сангин мегӯрониданд, ки ба анъанаи зардуштӣ шабоҳат дорад.**

Бостоншиносон қайд менамоянд, ки дар Осиёи Хурд дар ҳазораҳои VI-IVп.м. маданиятҳо ва мардумони гуногун ба мушоҳида мерасанд.[6]

Барои мо бозёфтҳои ёдгории Алачаҳуюк, ки ба ҳазораи III п.м. тааллуқ дорад, ҷолибанд. Дар ин ҷо дар маркази Осиёи Хурд як гурӯҳ қабрҳои одамони хеле давлатманд тадқиқ шудаанд. Қабрҳо нақшаи мураккаб ва аз 2-3 то 6-7 м арзу тӯл доранд. Болои қабр-турбат бо санг чинда шудааст. Пӯшиши қабрҳо аз ғулачӯбҳо иборат аст. Дар болои ғулачӯбҳо каполи 6 гови қурбонӣ шуда гузошта шудааст. Асбобу анҷом дар қабр ниҳоят зиёд

[6] Массон В.М. Китоби зикр шуда, с. 106-107.

буданд, косаю табақ, ашёи чӯбин дар ҳолати бад боқӣ мондаанд. Шояд ҷасад дар болои кат мехобид. Дар қабрҳо пешвоёни ҳарбӣ гӯронида шуданд. Дар яке аз қабрҳо ханҷар, шамшер, найза, табари нуқрагини ҷангӣ, ки сумбаю дастааш бо тиллобарг печонида шуда буд, шонаҳои нуқрагин ва заррин, оинаи биринҷӣ, зарфҳои гуногуни аз мис, нукра, тилло ёфт шудаанд. Ин гуна қабру расми гӯронидан хоси скифҳои ориёӣ аст. (расми 4)

Яке аз нишонаҳои давлатманд будани алаҷаҳуюкҳо асои дар болои сари ҷасад, ки тасвири муҷассамаи гов ё гавазн, чархи офтоб дорад ва аз маъдани биринҷ ё нуқраву тилло оро дода шудааст, мебошад. Дар миёни бозёфтҳо сувастии шохшикастаи аз чап ба рост ҳаракат кунанда зарфи бо муҷассамаи мори айнакдор ороиш ёфта мавҷудаст.[7]

Ин бозёфтҳо ба асотири мардуми ориёӣ қаробат доранд. Махсусан, дар сунати ориёиҳо гов ҳайвони бузург-иллоҳӣ маҳсуб мегашт. Оро додани сари аштаро аз муҷассамаи гов, ривояти ориёиҳоро дар бораи гови осмонӣ ба хотир меорад. Абӯрайҳон Берунӣ дар бораи Фаридун ривоятеро овардааст: «Рӯзе, ки Фаридун ба гов савор шуд ва ба муқобили Заҳҳок ба ҷанг рафт, дар шаби он рӯз дар осмон гове аз нур, ки шохҳои ӯ аз тиллову пойҳояш аз нукра буда ва чархи қамарро мекашад, соате пайдо мешавад, сипас ғоибу пинҳон мегардад. Ва ҳар кас, ки муваффақ ба дидори ӯ шавад, дар соате, ки назар ба ӯ меафганад, дуояш мустаҷоб мегардад».[8] Нишонаи сегӯшаи пешонии гови Алачаҳуюқ бо сари гови тиллогии аз Олтинтеппа ёфтаи В.М.Массон монанд мебошад ва шояд бо он ҳамрешагӣ дошта бошанд. Ғайр аз ин дар миёни бозёфтҳо сувастӣ низ мавҷуд аст, ки рамзи нажоди ориёӣ мебошад.

---

[7] Дар ҳамон ҷо, с. 108.

[8] Абурайҳон Берунӣ. Осор ул-боқия. – Душанбе, 1990, с. 248.

Маълумоти дар боло аз Осиёи Наздик ва Осиёи Хурд оварда дар бораи хонаҳои нимзеризаминӣ ва зарфҳои дастӣ бо нақшҳои секунҷа ва мавҷии ба андроновиҳо монанди Ҳочилар дар ҷасадҳо, ба монанди мардуми «Ямаи қадим», ки ранги сурх пошидаанд, эҳтиром ба гову гавазн дар бошандагони Чаталҳуюқ ва Алачаҳуюқ хоси мардуми ориёӣ, аз ҷумла андроновиҳо ва меросхӯри онҳо сакоиҳо-скифҳо мебошанд. Бошандагони маданияти Гассулияи Фаластин бошанд, мурдаҳои худро дар оссуарҳо гӯронидаанд, ки хоси зардуштиён аст. Ҳамин тавр, ориёиҳо вақте аз ҳамнажодони худ, аврупоиён ҷудо шудаанд, бахше ба воситаи Осиёи Хурд ба тахтакӯҳи Эрони кунунӣ ба Хуросону Осиёи Миёна омадаанд ва тамаддуни Сиалка, Ҳисор, Ҷайтун ва Олтинтеппаро ба вуҷуд овარданд. Гурӯҳи дигар дар атрофии баҳри Сиёҳ-Охшиён ва бахше ба саҳроҳои ҷануби Русия мераванд ва маданияти «Ямаи қадим», «Срубӣ» ва «Андроновои»-ро ба вуҷуд меоранд.

Агар нақшҳои дар зарфҳои Сиалка будаи қабатҳои дувумро, ки ба солҳои 5500-4500 п.м. нисбат доранд, мушоҳида намоем, дар онҳо нақшҳои мавҷи ҳаракати обҳо, салибӣ-офтоб, бузҳои кӯҳӣ, ки шоххои онҳо шабеҳи кӯҳҳо буда аз миёни онҳо офтоб тулӯъ мекунад, ба назар мерасад. Дар қабатҳои аввали севум, ки ба солҳои 5500-4500 нисбат доранд, дар зарфҳо, қадаҳҳои баландпоя, расмҳои шутурмурғ, морҳо, паланги холдор, ки сари баъзе онҳо ба монанди офтоби шӯъладор кашида шудаанд, гови тур илова мешавад. Болотар дар қабати ба ҳазораи 4200-3500 нисбат дошта сохти зарфҳо биконикӣ мешаванд ва дар китфи онҳо расми қатори таккаҳои кӯҳӣ бо шохҳои қуббадор, дар даруни онҳо чархи офтоб ё дарахти сӯзанбарг, ки шояд ҳум бошад, моҳӣ, гавазнҳои шохҳояшон ба рустанӣ монанд, одамон дар ҳолати рақси маросимӣ, шояд пеш аз шикор бошад, инъикос ёфтаанд. Ин расмҳо ҳама рамзӣ буда, ба анъанаи офтобпарастии ориёиҳо рост меоянд. Дар қабатҳои Сиалка IV-V зарфҳои

ҷумакдор пайдо шудаанд, ки акси минқори моҳихӯрак, гов ва ғайра бо нақшҳои офтобӣ оро дода шудаанд. Дар болои онҳо расмҳои асп, гов, чархи сари чиликҳояшон мудаввар пайдо мешаванд, ки ба офтобу парастиши он алоқамананданд.[9] (расми 5-6).

Сиалкагиҳо дар хонаҳои аз хишти хом сохташуда мезистанд. Кулолӣ хеле равнақ ва зарфҳо дар хумдонҳои дуқабата пухта мешуданд. Деҳаҳо дар гирду атрофи шаҳр ба вуҷуд омада буданд. Сиалкагиҳо бо мардумони Ҳисор ва Ҷайтун алоқаи зич доштанд.

Аз ҳамин лиҳоз ман муттақидам, ки баъди аз аврупоиён ҷудо шудан як гурӯҳи ориёиҳо ба воситаи Кавқоз ба Осиёи Хурд меоянд ва дар ҳазори VII пеш аз милод дар ин ҷо сукунат карданд ва минбаъд ҳам ин диёр ба яке аз марказҳои буду боши доимии онҳо табдил ёфт. Маводҳои бостоншиносонии аз ёдгориҳои Хассуна, Самара, Халаф, Убайд, Урук, Амук ва ғайра ёфтшуда ба ҳинду эрониён алоқамананданд. Офарандагони онҳо аз шохаи асосии ҳиндуориёиҳо дар ҳазораҳои X-VIII п.м. ҷудо шуда, дар Шарқи Наздик, дар бахшҳои шимолии рӯдҳои Тигр зиндагонӣ карда, маданиятҳои ба ҳам наздик офаридаанд ва тамаддуни Ҳоҷилар, Чатал-ҳуюқ, Гассул, Сиалка, Алачаҳуюк, Ҳисор ва Ҷайтун аз онҳост. Ориёиҳо дар ҳазораи дуюми пеш аз милод, давлати Минтанро ташкил менамояд, ки шоҳони вай ориёӣ буданд. Дар ҳуҷҷатҳои аз ин ҷо ёфтшуда номи худоён: Индра, Варуна, Митро ва Насатия зикр мешаванд. Донишманди ориёӣ Киккулӣ барои шоҳи Хеттҳо Хаттуси II дар бораи чи тавр парвариш намудани асп асар менависад, ки бисёр вожаҳои он аз забони ориёиҳо гирифта шудаанд.

Бинобар ин, ақидаи забоншиносон Т.В.Гамкрелидзе ва В.В.Иванов ва бостоншинос В.И.Сарианиди дар бораи аз Осиёи Наздик ба Шарқ паҳн шудани қабилаҳои ориёӣ

---

[9] Тавҳидӣ Ф. Фан ва ҳунари сафолгарӣ. – Теҳрон, 1386, рас. 53-53, расмҳои саҳ. 92-105.

ҳақиқат дорад. Ин роҳи қадимтарин ва аввалини ориёиҳо ба сӯи Эрон ва Осиёи Миёна мебошад. Фарҳанги ҳазораи II-и онҳо дар адабиёти бостоншиносӣ бо номи «Бактрийско-Маргианский комплекс» маъруф аст. В.И.Сарианиди дуруст менависад, ки сарчашмаи баромади маҷмӯаи Бохтару Марғуш моро ба шимолу шарқии Ирон, ба ёдгории Ҳисор мебарад, ки аз бурхок (серая глина) зарфҳо, қадаҳҳо сохтаанд. Дар замони Намозгоҳ V қадаҳҳо ранги сафедро мегиранд ва дар Намозгоҳ VI сохтани ҷомҳои поябаланд маъмулӣ шуда, дар Анау ва Марғуш паҳн мешаванд. Сохти онҳо аз мардумони Ҳисор, Шоҳтеппа, Туронтеппа гирифта шуда, дар Бохтару Марғуш маъмул мешаванд, ки хоси маданияти кишоварзон мебошанд.

Таҳлили маводҳои аз Марғуш ва Бохтар ёфтшуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки сарчашмаи омади онҳо аз шимолу шарқии Эрон, аз Хуросон мебошад ва мардуми онҳо ориёинажод буданд.

В.И.Сарианиди чунин ақида дорад, ки ориёиҳои ба Ҳиндустон рафта соҳибони маданияти Ҷуғари Балуҷистон буданд. Маданияти Ҷуғари Балуҷистон, Мерғар-Сибрӣ бо маданияти Бохтару Марғуш хешовандии наздик доранд. Ин хешовандиро мо дар бозёфтҳои наққорӣ (глиптика), нақшу нигори онҳо ва акси мӯҳрҳо ба хубӣ мушоҳида менамоем. Ин монандиро дар олот ва силоҳҳо ба монанди табарзин, ханҷар, сӯзанак, шоҳкосаҳои пошнабаланд дида метавонем (расми 80).

Пайдо шудани мардумони маданияти Ҷуғар, Марғуш ва Бохтар сабаби таназзули ҳаёт дар ёдгориҳои пешин гашт. Дар баробари ташаккул ва равнақи маданияти Ҷуғар ҳаёт дар бошишгҳҳои пешинаи ин диёр, ба монанди Мундигак ва Шаҳри Сӯхта рӯ ба таназзул мениҳад. Ҳамин вазъиятро мо дар ёдгориҳои Намозгоҳ V ва Олтинтеппа мушоҳида менамоем. Одамон ватани дар он ҳазорсолаҳо зиндагонӣ кардаи худро тарк карда, ба водии Мурғоб ва Бохтар кӯч мебанданд.

Баъзе мутахассисон сабаби хароб шудани шаҳрҳои Мохенҷадар ва Хараппаро бо омадани ориёиҳо мепайванданд, ки нодуруст аст. Ин шаҳрҳо то омадани ориёиҳо ба Ҳиндустон хароб шуда буданд. Чи тавре дар боло ёд шуд, В.И.Сарианиди бо иттиқо ба маълумоти мутахассиси обуҳаво В.М.Трубихин дар бораи тағйиротҳои табиату иқлими дунё менависад, ки 4500-4200 сол пеш давраи чоруми баъдини геологӣ баландшавии обҳои уқёнус ва зери об мондани хушкӣ ва паст рафтани об хушкшавии уқёнусҳои ҷаҳон сар мешавад, яъне дар аввал дар натиҷаи гармшавию намнокӣ сатҳи уқёнус баланд шуда, бисёр бахшҳои хушкӣ зери об мемонанд. Баъд иқлим иваз шуда, хунукӣ шурӯъ мешавад, ки сабаби паст шудани сатҳи оби уқёнус мегардад. Тахминан 4500-4200 сол пеш тағйироти харобовар ба вуҷуд меояд ва 4000-солагӣ давраи авҷи аълои он ба ҳисоб меравад. Баъд тадриҷан гармшавӣ сар мешавад. Омӯзиши иқлими атрофи баҳри Каспӣ нишон дод, ки ҳодисаҳои дар боло оварда дар ин ҷо 3500, 2500 ва 2000 сол пеш тағйиротҳои иқлимии ин минтақаро ба вуҷуд оварда буданд. Ҳамин тавр дар ҳазораи II п.м. Осиёи Марказиро хушксолӣ фаро мегирад ва обҳои дарёҳои кӯҳӣ кам ва хушк мешаванд ва аҳолии воҳаҳои Намозгоҳу Олтинтеппа ба водии Мурғоб кӯч мебанданд. Ҳамин ҳолат сабаби хароб шудани шаҳрҳои маданияти Хараппа мешавад. Омадани аҳолӣ аз ҷануби Туркманистон ва шимолу шарқи Эрон (Ҳисор III) сабаби пайдо шудани марказҳои нави аҳолинишини води Марғуш ва Бохтар мешаванд. Азбаски аҳолӣ аз як ҷой омада буд, сабаби якрангии тамаддуни Бохтару Марғуш шудааст.[10] Ин фикрро бисёр олимон ҷонибдорӣ менамоянд,[11] аммо, мо ба он ақида ҳастем, ки якрангии тамаддунро давлати ягонаи Каёниён ба вуҷуд овард.

---

[10] Сарианиди В.И. Древние страны Маргуш. – Ашгабад, 1990, с. 94-95
[11] Бонгард Левин Г.М. Индия в древности. – М. 1955, с. 110.

Роҳи дигари ҳаракати қабилаҳои ҷанубии Эрон ба воситаи теппаи Яҳё ба Мундигаки Афғонистон буд. Ҳиндуориёиҳо ба шимоли кӯҳистони Эрон омада, ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Яке ба сӯи Митан ва дигаре ба шарқ, ба воситаи Осиёи Миёна ва Афғонистон ба сӯи Ҳиндустон мераванд. Чунин ақидаро солҳои 60-70-ум И.М.Дяконов[12] ва аз ин пеш С.П.Толстов ва В.М.Массон изҳор карда буданд,[13] аммо баъдан аз ин фарзия рӯйи гардониданд.

**б) Масъалаи бумӣ будани ориёиҳо**

Бостоншиноси фаронсавӣ профессор Р. Гиршман дар натиҷаи таҳлили маводҳои бостонии ёдгориҳои Теппаи Шоҳ, Теппаи Ҳисор ва теппаи Турони ҷануби дарёи Каспӣ, махсусан зарфҳои ба ранги сиёҳи соида ва хокистарии ба ҳазораҳои IV-III п.м. нисбат дошта, мӯҳри аз қабати Теппаи Ҳисор III A, бо акси аробаву аспҳои дар он басташуда, устухонҳои зиёди аспони ба ҳамин давра тааллуқ дошта ва муқоисаи онҳо ба аспони кунунии зоти Ахалтекин ба хулоса омадааст, ки созандагони зарфҳои ранги сиёҳи пардоздодашуда фойтунсаворони Ҳисори III ориёиҳо буданд. Онҳо дар охири ҳазораи III п.м. дар соҳилҳои Дарёи Каспӣ зиндагонӣ мекарданд ва аз ин ҷо ба ноҳияи Сиалкаи Эрон зарфҳои сиёҳи пардоздодашударо бурдаанд. Ин зарфҳо дар ёдгориҳои замони давлати Митан дар хонаҳои давлатмандон пайдо шудаанд, ки ба ориёиҳое, ки аз шимоли Хуросон аз теппаи Ҳисор рафта, давлати Митанро ташкил кардаанд, нисбат доранд. Ҳамин бошандагони теппаи Ҳисор аз кӯҳҳои Копедоғ гузашта, дар давраҳои Намозгоҳ IV-V дар он ҷо зиндагӣ карда ва зарфҳои бо ранги сиёҳи

---

[12] Дьяконов И.М. Восточный Иран до Кира. – История иранского государства и культуры. – М. 1971.

[13] Толстов С.П. Древний Хорезм. – М. 1948; Массон В.М. Древнеземледельчаская культуры Маргианы. – МИА, №73, 1959, с. 117-121.

пардоздодашударо дар онҷо паҳн кардаанд. Онҳо офарандагони тамаддуни Бохтар мебошанд.[14]

А. Парпола ақидаманд аст, ки ориёиҳои Митан аз Осиёи Марказӣ омада буданд ва маданияти Марғиён, Бохтари ҳазораи II маданияти ориёиҳост. Қалъаҳои нақши мудаввар дошта моли ориёиҳо мебошанд.[15]

Яке аз муҳаққиқони осори ёдгориҳои кишоварзони ҷанубии Туркманистон И.Н.Холопин ба ин назар аст, ки ҳиндуориёиҳо дар ҳудуди Эрон ва Осиёи Миёна дар ҳазораҳои VI п.м. буданд ва осори кишоварзии ин давраҳо ба онҳо нисбат дорад.[16]

И.Н.Холопин дар асоси омӯзиши бошишгоҳу гӯрхонаҳои Пархаи 2-и дар ҷанубу ғарбии Туркманистон буда ва муқоисаи маводҳои онҷо, бо ёдгориҳои замони Ҳисор III ба хулоса омадааст, ки мардумони онҳо ориёӣ буданд. Ҳамин мардум дар ҳазораи IV зарфҳои ранги сиёҳу хокистариро офарида, ба дигар ҷойҳо, аз ҷумла Осиёи Наздик, Осиёи Миёна то Саразм паҳн намудаанд. Қабристони Пархаи-2 аз сағонҳои бо ҷӯбу хоки пӯшидашуда иборат буданд ва дар натиҷаи таҳаввулоти баъдӣ аз онҳо гурӯҳҳои ширдондор (катакомба) пайдо шуда, дар байни ориёиҳои ҳазораи II п.м. маъмул гаштаанд.[17]

Забоншиноси венгерӣ Я.Хорматт давраи ҷудошавии ҳиндуориёиҳоро хеле тӯлонӣ ҳисобида, онро ба 2 давра ҷудо менамояд. 1. Ҳиндуориёиҳо аз славянҳо ва балтҳо тахминан дар нимаи аввали ҳазораи V п.м. ҷудо мешаванд. Робитаи забонии ориёиҳо бо мардуми Қафқоз

---

[14] Гиршман Р. Иран и миграция индоариев и иранцев. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 140-144.

[15] Парпола А. Маргиан и проблема Арьев. – Российский этнограф. 19 (21), – М. 1994, с. 57-59-60.

[16] Холопин И.Н. Индоиранцы: Земледельцы или скотоводы? – ВИ №10, 1970; Холопин И.Н. Проблема происхождения культуры степной бронзы – КСИА, вып. 122.

[17] Холопин И.Н. Энолит юго-западной Туркмании. – СПб., 1997, с. 67, 114, 174, 180-120.

дар ҳазораи IV п.м. сар шудааст. Баъзе маълумотҳои забонӣ ба он далолат менамоянд, ки робитаи протоориёӣ ва протоҳиндуҳо бо келтзабонҳо дар давраҳои хеле қадим чараён доштанд. Я. Хорматт ҳаракати протоориёиҳоро ба Байнаннаҳрайн ба охири ҳазораи III п.м. нисбат медиҳад. Робитаи забонии мардуми протоҳиндуҳо бо протодравидҳо ба ҳазораи IV п.м. тааллуқ дорад, аммо ин хулоса тадқиқоти иловагиро талаб дорад. **Баъзе калимаҳои ориёӣ, ҳатто ориёии дар забонҳои кореягиҳо ва чиниҳо буда аз он шаҳодат медиҳад, ки равобит бо ин мардум аз барвақт вуҷуд доштааст.**[18]

Я.Хорматт ба ин назар аст, ки то омадани ориёиҳо дар Осиёи Миёна дравидҳо буданд.

Масъалаи дравидҳо дар таърихи Осиёи Миёна масъалаи нав нест. Ҳанӯз соли 1948 С.П.Толстов ақидаеро пешниҳод карда буд, ки дар замони пеш аз омадани ҳинду аврупоиён ба Эрон ва Ҳиндустон дравидҳо ва ё хешовандони қабилавии онҳо дар марзҳои Осиёи Миёна истиқомат доштанд. Онҳо дар ҳолати муносибатҳои васеъ метавонистанд бо бошандагони ҳавзаи Арал алоқамандӣ дошта бошанд, яъне С.П.Толстов гирду атрофии дарёи Аралро ватани ориёиҳо медонад.

Албатта, ин ақида дар байни олимони забоншиноси Ғарб барвақттар пайдо шуда буд. Ҳанӯз дар аввали асри гузашта, баъзе забоншиносони Ғарб, аз ҷумла Т.Броун, Ф.Шрадер ва дигарон дар бораи алоқаҳои забонии байни фино-угорҳо ва дравидҳо, омадани қабоили ориёӣ аз Урал ба Ҳиндустон мақолаҳо навишта буданд. С.П.Толстов дар бораи чунин алоқа шубҳа дорад, аммо қайд менамояд, ки шояд чунин робита дар асри санг, дар замони неолит

[18] Harmatta J. Proto-Iranians and proto-Indians in Central Asia in the 2nd millennium B. C. (Linguistic evidence) – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 75-83.

вуҷуд дошт, лекин дар давраи ориёиҳо байни дравидҳою фино-угорҳо ва ориёиҳо чунин муносибат набуд.[19]

Б.А.Литвинский дар боби асри биринҷи «Таърихи халқи тоҷик» нашри соли 1963, аҳолии ҷануби Тоҷикистонро дравидзабон ҳисобидааст,[20] аммо чунин ақида асосе надорад ва исбот нашудааст.

Баъдҳо алоқаи байни забонҳои тахорӣ ва дравидӣ мушоҳида мешавад ва сарҳади мардуми дравидҳоро ба сӯи шимол васеътар менамояд.

В.М.Массон бошад, мӯҳри қадими марбут ба Ҳиндустон дар Олтинтеппа ёфтаро бо дравидҳо мансуб медонад.[21]

Солҳои 70-уми асри гузашта бостоншиносони Фарноса дар Шуртуғай ном ҷой дар рустои Рустоқ-и Афғонистон дар соҳили чапи рӯди Панҷ – рӯ ба рӯи Фархори Тоҷикистон маҳали начандон калони осори дравидҳоро таҳқиқ намуда, сарҳади дравидзабононро то ба ноҳияи шимоли Бохтар овардаанд. Аммо назария ва андешаҳои олимони дар боло зикр шуда то андозае заифу назарнорасанд, ки дар асоси онҳо наметавон аҳолии бахшҳои ҷанубии Осиёи Миёнаро дравид хонд.

Дравидзабонҳо имрӯз бо номи барагиҳо дар баъзе ноҳияҳои Покистон, Афғонистон, Эрон ва дар байни балуҷҳои дарТуркманистони кунунӣ зиндагӣ мекунанд.

Дар забонҳои фино-ӯгорӣ ва эломӣ мавҷуд будани вожаҳои дравидӣ олимонро ба ақидае овардааст, ки гӯё дар ҳазораҳои IV п.м. авлодони дравидзабонҳо дар баъзе ноҳияҳои кишоварзии Осиёи Миёна мезистанд ва гӯё аз инҷо ба сӯи Ҳиндустон рафта, тамаддуни Хараппаро бунёд кардаанд.

---

[19] Толстов С.П. Хоразм. – М. 1948, с 341.

[20] Литвинский Б.А. Бронзовый век. – ИТН. Т. 1, М. 1963, с. 128; ИТН, Т.1. – Душанбе 1998, с. 182.

[21] Массон В.М. Печать протоиндийского типа из Олтинтепе (К проблеме этнической атрибуции культур расписной керамики Ближнего Востока) – ВДИ, 1977, № 4.

Шарқшиноси олмонӣ Б. Брентес иброз намуд, ки ҳаракати ориёиҳоро ба Эрону Осиёи Миёна ва Ҳиндустон танҳо ба ҳазораи II-юм нисбат додан ва ба андроновиҳо вобаста намудан аз ҳақиқат дур аст, зеро далелҳои хаттӣ мавҷудияти ориёиҳоро дар Шарқи Наздик ба замони қадим мебаранд. Масалан, дар маданияти митанҳо акси товусро мебинем, ки ба солҳои 1600 п.м. нисбат дорад. Ватани товус Ҳиндустон аст, пас сафари ориёиҳо ба Ҳиндустон дар нимаи дуюми ҳазораи II не, балки дар охири ҳазораи III сар шудааст. Ориёиҳо аз Ҳиндустон товусро ба давлати Митан, ки шоҳони он ориёӣ буданд, овардаанд.[22]

Устод Б.Ғафуров тарафдори ақидаи он буданд, ки 8 ҳазор сол пеш мардумон аз шимолу шарқи Эрон омада, маданияти Ҷайтунро ташкил намудаанд. Аммо то омадани онҳо дар ин ҷо мардуми бумӣ низ буданд. Бозёфтҳои бостонии охири неолит ва асри биринҷ нишон медиҳад, ки одамони шарқи Эрон, ҷануби Осиёи Миёна ва Афғонистон бо ҳам наздикии маданию моддӣ, маънавӣ ва генетикӣ доштанд. Онҳо дар ҳазораи III-II п.м. дар раванди тараққиёти минбаъдаи ноҳияҳои зикршуда ва пайдо шудани шаҳру давлатҳо саҳим буданд. Дар ҳазораи II ва аввали I дар ҳудуди Осиёи Миёна, Эрон Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон қабоили ориёӣ паҳн мешаванд. Ориёиҳо аз мардуми бумӣ бисёр комёбиҳои хоҷагӣ, иҷтимоӣ, маданиро қабул менамоянд, яъне устод Б.Ғафуров фикри Б.Литвинский ва Е.Кузминаро дар бораи дар ҳазораи II п.м. омадани ориёиҳоро қабул дорад.[23]

Е.Е.Кузмина дар омӯзиши таърихи пайдоиши ориёиҳо чунин далелҳои забонӣ ва бостониро пешниҳод кард:

---

[22] Brentjes B. The Mittanians and the Peacock. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 145-148.

[23] Гафуров Б. Некоторые проблемы этнической истории народов Центральной Азии в древний период. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 53-59.

1. Муқоисаи маводи археологӣ ва забонӣ имконият медиҳанд, ки се далели раднопазири таърихи умумии ориёиҳоро барқарор намоем: а) вожаҳои кишоварзӣ, аз қабили номи ғалладонаҳо ва тарзи коркарди онҳо барои ҳамаи ориёиҳо як мебошанд; б) номҳои ҳайвонҳои хонагӣ: асп, наргов, модагов, гуспанд, буз, саг; в) номи маъданҳо: тилло, нуқра ва ғайра. Аз маълумоти бостоншиносӣ бармеояд, ки хоҷагии истеҳсолӣ ва маъдангудозӣ дар Осиёи Пеш дар ҳазораи VII, дар ҷанубу шарқии Аврупо дар ҳазораи VI-IV, дар саҳроҳои ҷанубии Русия дар ҳазораи IV пеш аз милод равнақ ёфта буд.

2. Дар забонҳои ориёӣ вожаҳои умумии марбут ба улави гардуна: гардунаи чиликии дучарха, чорчарха, чарх, тир ва дигар афзоли гардуна ҳамгун мебошад. Муносибати ориёиҳо бо дигар халқҳо ба замони паҳн шудани улави гардуна дар Аврупо ва Осиё ба ҳазораи III п.м. рост меояд.

3. Дар забонҳои ориёӣ на танҳо вожаи асп умумӣ аст, балки ривояту афсонаҳои динӣ марбут ба он низ якранг мебошанд.

Мувофиқи маълумоти бостоншиносӣ асп дар ҳазораи IV п.м. дар ҳудуди байни Дунай ва Урал ром карда шудааст. Дар бошишгоҳҳои қадими Репини назди Дон, Михайловка, Деревкаи назди Днепр устухонҳои асп аз 60 то 80%-ро ташкил мекунанд. Дар Поволже дар ёдгории маданияти Самар маросими қурбонии асп, аз ҷумла сари он кашф шудааст, ки қадимтарин бозёфт дар дунё мебошад. Дар ин ҷо расми асп низ ёфт шудааст, ки аз бузургдошти он дар байни мардумони ин диёр гувоҳӣ медиҳад.

Асп дар Осиёи Наздик дар ҳазораи III п.м. пайдо мешавад, аммо то ҳазораи II п.м. дар умури ҳарбӣ ва хоҷагӣ истифода намешуд. Қабри асп дар Осиёи Хурд ба асри XIV ва дар Эрон ба аввали ҳазораи I п.м. тааллуқ дорад.

Ҳамин тавр бозёфтҳои бостоншиносӣ ва забонӣ ба он далолат мекунанд, ки дар ҳазораи IV – III п.м. дар ҳудуди

ҷанубу ғарби Аврупо то Урал аспparварӣ тараққӣ карда, бузургдошти он ҳам пайдо мешавад.

Дар асри XIV подшоҳи Митан Куртиваз бо шоҳи Хеттҳо Супиллулиуми I шартномае имзо менамояд, ки дар он номи худоён Индра, Варуна, Митро ва Насат зикр мешаванд. Ба ақидаи А.Камменхубер, М. Майёрхофер ва В.Иванов ориёиҳо ба Митан дар нимаи дуюми ҳазораи II омадаанд.

Давраҳои кӯчбандии ҳиндуориёиҳо ба ҳарсӯ, аз замонҳои неолит, энолит сар шуда, дар асри биринҷ давом менамояд. Дар ҳазораи III-II п.м. онҳо аз ватани пешини худ ба Ҳинду Эрон меоянд ва ин ҷумбишҳо дар ҳар минтақа хусусиятҳои хоси худро доштанд.

1. Муҳоҷирон метавонистанд маҳаллиёнро танг карда бароранд ва забону тамаддуни худро беолоиш нигоҳ доранд.

2. Муҳоҷирон бо маҳаллиён омезиш ёфта, маданияти онҳоро қабул кунанд.

3. Муҳоҷирон бо маҳаллиёни қафомонда омезиш ёфта, тамаддуни пешқадами худро ба онҳо таҳмил (бор) намоянд.

4. Муҳоҷирони аз лиҳози фарҳанг қафо монда маданияти пешқадами забтшудагонро қабул намоянд.[24]

Е.Е.Кузмина барои муайян намудани тамаддуне, ки осори хаттӣ надорад, чанд услубу шеваро пешниҳод менамояд:

**I. Услуби таҳлили ретроспективӣ**, яъне бо хусусиятҳои комплекси омӯзиши манзилгоҳҳо, маданияти моддӣ; зарфҳо, урфияти гӯронидан, мазмуну мӯҳтавои нақш, сабки санъати тасвирӣ, бузургдошти ҳайвонҳо, дин ва ғайра. Тадқиқотҳои К.Ф.Смирнов, К.А.Акишев, Б.А.Литвинский ва дигарон бо услуби ретроспективӣ гузаронида шуда маълум сохтанд, ки аҳолии саҳроҳои Аврупову Осиёи Миёна ҳазораи I п.м. сокаиҳо, сав-

[24] Кузьмина Е.Е. Происхождение индоиранцев в свете новейших археологических данных. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 101-103.

роматҳо, ки забонашон бо гуфтаи сарчашмаҳои ҳахоманишӣ ва юнонӣ эронӣ буд, маданияташон давоми маданияти асри биринҷи сурубӣ дар ғарб ва андроновӣ дар шарқ мебошад. Дар суннати онҳо бузургдошти асп, буққа, оташ, уштур, гӯспанд, намуди ароқҳо, махсусан пайконҳои дарунсӯрох (барои васли қамиш), зинатворӣ, нақши хонаҳо ва ғайра ба хубӣ мушоҳида мешавад. Мо гуфта метавонем, ки аҳолии саҳроҳои ҷануби Русия, Қазоқистон ва Осиёи Миёна соҳибони маданияти сурубӣ, андроновӣ ва тозабоғобӣ ориёиҳо буданд.[25]

II. Муқоисаи маданияти протоҳиндуэронӣ ба воситаи вожаҳои забонӣ ва маводи археологии ҳазораи III-II п.м. Ҳанӯз дар асри XIX дар асоси муқоисаи вожаҳои Авесто ва Ригведа забоншиносон муайян карда буданд, ки ҳинду ориёиҳо дар Ориёнам зиндагонӣ доштанд. Дар он ҷо даштҳои фарох ва дарёҳои сероб буд, мардум бо хоҷагидории умумӣ ва бо рамаю галаи зиёд умр ба сар мебурд. Аз худоён барои зиёд намудани рамаю гала мадад мехостанд ва барои ба мақсад расидан қурбониҳо менамуданд.

Ҳинду ориёиҳо хукпарварӣ намекарданд ва онро қурбонӣ наменамуданд. Онҳо аспарварӣ, кулолгарӣ ва маъдангудозиро хуб медонистанд. Дар ҳаёти ориёиҳо гардуна ва гардунасозиву аспсаворӣ нақши калон дошта ва бисёр вожаҳои вобаста ба гардуна, барои онҳо умумӣ буд. Номи сару либос, кӯлоҳ ва танбон (шалвар) барои ҳамаи чорводорони ориёӣ як буд.

Ориёиҳо хонаро кат мегуфтанд, ки аз вожаи «кандан» гирифта шудааст ва аввалин хонаҳои ориёиҳо нимзеризаминӣ буданд. Ҷомеаи онҳо аз се гурӯҳ: ҳарбиён-rataestar-фойтунсаворон, vastrya-кишоварзон ва рӯҳониёни иборат буд.

Е.Е.Кузмина назарияи В.Сарианиди, Н.Холопина ва Р.Гиршманро, ки аҳолии Ҳисор III, Шоҳтеппа,

[25] Дар ҳамон ҷо, с. 104.

Туронтеппа, Олтинтеппа, Намозгоҳ V-VI, Улуғтеппа, Даштлӣ ва Сафолтеппаро ориёиҳо медонанд рад менамояд ва онҳоро бошандагони ғайри ориёии аз Осиёи Наздик омада меҳисобад.

Бояд қайд намуд, ки мӯҳрҳои аз Бохтару Марғиён ёфта бо расми муборизаи аносири бадӣ бо аввалин инсон, аввалин гов, уштур ва ғайра ба асотири ориёиҳо мувофиқат мекунад. Аз ҳамин лиҳоз назари Е.Кузмина дар бораи он, ки бошандагони Ҳисори III, Марғуш ва Даштлии Бохтарро ғайри ориёӣ мебошанд, иштибоҳ аст. Омӯзиши қабристони Замонбобо дар водии Зарафшон нишон медиҳад, ки саҳронавардон дар ин ҷо дар ҳазораи III п.м. зиндагонӣ доштанд. Албатта, ориёиҳои саҳроҳои ҷануби Украина, Русия аз замонҳои неолит дар он ҷойҳо зиндагонӣ ва ба мардуми саҳроҳои Осиёӣ Марказӣ робита доштанд.

Ба ақидаи Е.Кузмина то ҳазораи II п.м. роҳи рафту омади саҳронавардони ҷануби Русия бо Осиёи Миёна кушода набуд, аммо тадқиқот дар ин бахш нишон медиҳад, ки роҳҳои рафту омад байни Осиёи Марказӣ ва саҳроҳои ҷанубии Русия, Қавқоз ва Осиёи Наздик ҳама вақт вуҷуд доштанд.

Е.Е.Кузмина дар ҳалли масоили ориёиҳо ва макону замони паҳншудани онҳо асосан ба бозёфтҳои аспу гардуна такя менамояд.

Вай ба ин назар аст, ки дар ёдгориҳои намуди Мариупол ва Ранеями устухонҳои асп бозёфти маъмулӣ мебошанд. Дар бошишгоҳҳои мардумони ин маданият қабр намудани сари асп, ки яке аз русуми бузургдошти он мебошад, ба ҳазораи IV п.м. марбут буда, қадимтарин дар Аврупо мебошад. Бошандагони маданияти Марупол ба чорвои шохдори калон, аз ҷумла гов эҳтиром доштанд. Онҳо дар ҳазораи IV п.м. ба кулолӣ ва бофандагӣ ошно буданд. Дар ҳазораи IIIп.м. кишоварзӣ, чорводорӣ, занбури асалпарварӣ ва маъдангудозӣ миёни онҳо ривоҷ

меёбад. Яке аз дастовардҳои онҳо равнақ ёфтани боркашӣ бо гардуна буд.

Дар русуми бошандагони Древнеямни бузургдошти гов, асп, гӯспанд, пешвои авлод, оташ ривоҷ дошт.

Яке аз урфиятҳои мардуми ин маданият бо дабдаба гӯронидани саравлод якҷо бо аштаро ва гардуна буд. Пешвои авлод одами ҳарбӣ-сарлашкар бошад, ӯро бо табарзин ва лавозимоти ҳарбӣ мегӯрониданд. Ин анъана дар маводҳои аз қабристонҳои ҳазораи III хуб мушоҳида мешавад. Ҷомеа ба табақаҳо тақсим шуда буд.[26]

Ба ақидаи Е.Кузмина гардуна дар ҳазораи III дар Осиёи Наздик пайдо шуда буд. Ориёиҳо бошанд, гардунаи чархи чиликдорро ихтироъ кардаанд ва аз ҳама муҳимаш он буд, ки онҳо дар ҳазораи II ба вай аспони зоти беҳтарини тезгардро баста, дастаи файтунсаворони дучархаи ҳарбиро ба Осиёи Наздик оварданд. Фойтунҳои дучархаи аспӣ дар асри XVI аз Юнон то Қазоқистону Осиёи Миёна паҳн мешаванд.[27]

Пайдоишу равнақи фойтунҳои тезгард дар саҳроҳои ҷанубии Русия ҳаракати мардумро ба ҳар тараф афзуд. Ин раванд омезишҳои маданӣ ва этникиро равнақ бахшид.

Дар ин давра ду «маданият Срубӣ» ва «андроновоӣ» ташаккул меёбанд, ки решаи онҳо ба маданияти «Древнеямни» мерасад. Маданияти «срубӣ» аз Поволже то Украина ва андроновиҳо аз ҷанубии Уралу Қазоқистон то Осиёи Миёна паҳн мешаванд. Дар дохили ин ду гурӯҳ бахшҳои хурд-хурд ворид шуда, умумиятии ориёиро ба вуҷуд оварда буданд.

Дар ҳазораи II чорводории кӯчӣ ба чорводории ҳайвонҳои калону хурд ва аспсаворӣ ҷудо мешаванд. Дар ҳамин давра рондани чорво ба чарогоҳҳои тобистона пайдо мешавад. Ҳунармандӣ касбӣ нашуда буд, аммо

---

[26] Дар ҳамон ҷо, с. 104.
[27] Дар ҳамон ҷо. с. 110.

кулолӣ, бофандагӣ, дуредгарӣ ва оҳангарӣ рӯ ба равнақ ниҳода буданд.

Дар саҳроҳо ду намуд манзилгоҳҳо: хонаҳои нимзеризаминӣ бо деворҳои чӯбӣ ва похсагин пайдо мешавад. Пӯшиши онҳо болои сутунҳо қарор дошт. Мардуми андроновӣ бештар хонаҳои хаймагӣ, қаламӣ (каркас) бино мекарданд.

Дар байни мардуми андроновии нимаи дуюми ҳазораи II бузургдошти уштури дукӯҳона, асп, гов, гӯсфанд, гардуна, оташ аз ҷумла, оташи хонагӣ ташаккул меёбад. Мурдаро дар гӯрхонаи гирдаш иҳота шуда мегӯронданд ё месӯзониданд.

**III. Дар харитаи бостоншиносӣ гузоштани номҳои топонимӣ.** Боқимондаи вожаҳои топонимӣ, номи дарахтон, рустанӣ дар забонҳои имрӯза ва муқоисаи онҳо ба забонҳои қадим метавонад дар ҳалли масъалаҳои этникӣ, аз ҷумла дар муайян намудани ватани ин ва ё он халқ кӯмак намояд.

Масалан, дар забони ҳиндуэронӣ вожаи «ел» ва «болота» нест. Ин далели он аст, ки онҳо дар ҷангалзорҳо зиндагонӣ накардаанд.

Барои муайян кардани ватани ҳиндуэрониҳо рӯди Ранха ва кӯҳҳои Рипей аҳамият доранд. Бисёр олимон Ранхаро ба Волга ва Рипеиро ба Урал як медонанд,[28] зеро юнониён онро Ра гуфтаанд.

**IV. Робитаи забонии ҳиндуориёиҳо бо дигар халқҳо.** Дар забон ва устураҳои юнонӣ ва ҳиндуориёӣ ҳамоҳангиҳои зиёд мушоҳида мешавад, махсусан дар бораи «Офтоби тезасп», устура дар бораи офтоб, худои тирандозӣ, аспу офтоб – парандаи ғоз. Ин устураҳо вақте пайдо шуданд, ки ориёиҳо гардунаи аспдор ихтироъ карданд. Яъне ин падида баъди асри XVI пайдо шудааст ва маънои онро дорад, ки дар ҳазораи II п.м. юнониён ба ҳиндуориёиҳо дар ҳамсоягӣ сукунат доштанд. Образи

[28] Кузьмина Е.Е. Происхождение индоиранцев. с. 115-123.

худои офтоби фойтунсавор, ё парандаи ғоз, қӯ дар шимол пайдо шудааст. Омадани қӯ, ғоз ба шимол фарорасии баҳорро нишон медод. Ҳуҷҷати аз Пиллион ёфта нишон медиҳад, **ки юнониҳо аз ҳинду эрониён вожаи «камон» ва «тирдон»-ро қабул кардаанд.** Дар қабрҳои ҷанубии саҳроҳои Русия бисёр чизҳои юнонӣ аз замони Микен пайдо шудаанд, ки алоқаи юнониҳоро бо ориёиҳо нишон медиҳанд.

**Робитаҳои финно-угорӣ бо ҳиндуориёҳо**. Муҳаққиқон робитаҳои дуру дарози халқҳои ҳиндуориёиро бо финоугориҳо тахмин менамоянд. Ин робитаҳо дар замони ташкил ёфтани хоҷагии истеҳсолӣ сурат гирифтааст, зеро бисёр вожаҳои ориёӣ, ки ба забони фино-угорӣ ба монанди номҳои ғалладона, нуқра, тилло, асп, уштури дукӯҳона, аз ҳазораи III-II п.м. дохил шуда буданд, то замони скифу сарматҳо боқӣ монданд.

Бостоншинос Б.Тхапар чунин мешуморад, ки то ба имрӯз маданиятҳои гуногуни археологии Ҳиндустонро бо ориёиҳо пайваст намудан натиҷа намебахшад. К.Янг ақида дорад, ки зарфҳои сиёҳи хокистарии пардозшуда дар Эрон бо омадани ориёиҳо паҳн шудаанд (ба нимаи ҳазораи II п.м.). И.Медведева изҳори ақида менамояд, ки ин намуд зарфҳо бо ориёиҳо алоқа надоранд.[29]

Б.А.Литвинский масъалаи муайян кардани ватани ориёиҳоро масъалаи нав намешуморад. Ориё ва ҳиндушиносон А.В.Шегел, Х.Лессен, Ф.Шпигел, М.Мюллер ҳанӯз дар асри XIX ватани ориёиҳо Осиёи Миёнаро дониста буданд. Х.Лессен Помирро ватани замони пеш аз ориёиҳо меҳисобид. Аммо Ф.Шпигел муҳити ҷуғрофии Помирро омӯхта, натанҳо аз ақидааш даст кашид, балки назари Х.Лессенро рад кард. Вай қайд менамояд, ки маводҳои археологии нимаи аввал ва миёнаи ҳазораи II п.м. вазъияти мураккаби муносибатҳои этникиро дар Осиёи Миёна нишон медиҳанд. Ба ҳар ҳол

[29] Ниг.: Кузьмина Е.Е. Происхождение индоиранцев. с. 117-123.

аҳолии асосии Осиёи Миёнаи ҳазораи II-ро ориёиҳои маҳаллӣ ташкил менамуданд.Мардуми саҳронишин ҳам шимол ва ҳам саҳроҳои марказиро фаро мегирифт, бахше аз онҳо дар ҷануби Осиёи Марказӣ низ мезистанд. Ҳудуди сукунати онҳоро ба чор бахш ҷудо кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хоси иқтисодӣ ва мадании худро доштанд. Онҳо дар ноҳияҳои зерин иқомат доштанд:

1) Соҳилҳои Арал (қабилаҳои маданияти Тозабоғоб); 2) Поёноби Зарафшон; 3) Фарғона ва гирду атрофии он (маданияти Қайроқум); 4). Ҳафтрӯд ва атрофии он. Гурӯҳе аз онҳо ба ҷанубии Тоҷикистон ва Туркманистон нуфуз карда буданд.

Маданияти умумии ҳамаи чор бахши дар боло зикр шуда дар асоси омезиши элементҳои муҳоҷирон ва маҳаллиён ташаккул ёфтааст. Ҳамин тавр, маданияти тозбоғобиҳо дар асоси маданияти маҳаллиён ташаккул ва равнақ меёбад. Ҳудудеро, ки қабилаҳои саҳронавард тасарруф намуданд, маҳали зисти мардуми кишоварз буд. Деҳаю шаҳрҳои кишоварзон дар води Фарғона дар Чуст хуб омӯхта шудаанд. Яке аз ҳамин гуна бошишгоҳ Далварзин аст, ки масоҳати 25 га заминро фаро мегирифт, дигар Ашколтеппа 13га ва деҳаҳои масоҳати аз 4 то 0,5-0,25 га зиёд буданд. Бошишгоҳҳо бо ҳам наздик ва начандон дур аз соҳил ҷойгир буданд. Далварзинтеппа 560х360 м андоза дошта ва атрофаш бо девори ҳимоявӣ мустаҳкам шуда буд. Деҳаҳои Чуст низ девори ҳимоявӣ доштанд. Хонаҳо аз хишти хом сохта шуда, нимзеризаминӣ буданд. Ибодатгоҳи оташро низ бинои нимзеризаминӣ ташкил менамуд. Соҳаи хоҷагӣ, аз ҷумла замини зироат хеле зиёд буд. Мардум зироатҳои гандум, ҷав, арзанро мекоштанд ва чорвои калону хурд, аз ҷумла асп, уштурхур, хукро мепарвариданд. Бошандагони деҳаҳо аз маъдани биринҷ ҳар гуна асбобу анҷом тайёр мекарданд. Хусусияти зарфҳои водии Чуст аз он иборат аст, ки аз чор се ҳиссаи онҳо бо ранги сурх ва нақшҳои

ромба, секунҷа, тасмагӣ ва ғайра дар заминаи пардоз гардида, тасвир ёфтаанд.

Деҳаҳои маданияти Чуст ба охири ҳазораи II ва аввали ҳазораи I пеш аз милод нисбат доранд.

Б.А.Литвинский таърихи паҳн шудани ориёиҳоро ба Осиёи Миёна, Ирон ва Афғонистон ин тавр эзоҳ медиҳад.

1. Дар ҳазораи II қабилаҳои саҳронишин ба марзҳои кишоварзони бумӣ хеле наздик шуда, ҳудуди бузургеро аз баҳри Каспӣ то Помир ишғол намуда буданд. Онҳо ба мардуми бумии кишоварз доду гирифт ва ҳатто омезиш ёфтанд.

2. Паҳн шудани мардуми ориёӣ дар ҳудуди заминҳои кишоварзон дар нимаи дуюми ҳазораи II идома меёбад. Дар баъзе ҷойҳо мардум ба ҷои зироаткорӣ касби чорводориро интихоб менамоянд ва ин падида дар тадқиқоти қабристонҳои асри биринҷи ҷануби Тоҷикистон ба хубӣ мушоҳида мешавад.

3. Агар мо аз нуқтаи назари он, ки қабилаҳои срубӣ-андроновӣ авлодони пешини ҳиндуориёиҳо буданд, нигарем, ориёшавии мардуми бумии Осиёи Миёна аз онҳо шурӯъ мешавад. Ин ҳодиса ҳатто барвақттар дар натиҷаи омадани гурӯҳҳои ҷудогонаи ориёизабон аз манотиқи ҷануби Русия ба Осиёи Миёна сар шуда буд. Ориёиҳо ба маҳаллиён омезиш ёфта, маданияти бумиёнро қабул карданд, аммо онҳо дар навбати худ забонашон ва динашонро, аз ҷумла русуми гӯрониданро ба таҳҷоиён қабулониданд.

Ин ҳодиса дар охири ҳазораи III ва аввали II п.м. оғоз ёфта буд, аммо характери умумӣ надошт. Дар нимаи дуюми ҳазораи II ҳаракати ориёиҳо характери дастҷамъӣ гирифта раванди ориёикунонӣ шакли умумиро мегирад. Ориёиҳои омада дар асоси омезиши (контаминатсия) тамаддуни оварда, сохтори иҷтимоӣ, махсусан, ақоиди

динӣ ва супстрати маҳаллӣ ҷомеаи нави худро бунёд менамоянд.[30]

Бояд арз намуд, ки аксарияти муҳаққиқони русзабон ақидаи онро доранд, ки гӯё ориёиҳо ба Осиёи Миёна дар ҳазораи II п.м. омадаанд. Аммо аз чи бошад, ки дар сохтори антропологии мардумони Осиёи Миёна бо омадани андроновиҳо тағйироти ҷиддие ворид нагардид. Ин маънои онро дорад, ки мардумони Осиёи Марказӣ ва андроновӣ аз як нажод буданд, яъне ориёиҳо аз қадим, ба ҳар ҳол, аз ҳазораҳои VI-V п.м. дар ин ҷо сукунат доштанд.

Бостоншинос Е.А.Новгородова, ки солҳои дароз бо омӯзиши археологияи Муғулистон машғул буд ва кашфиётҳои солҳои охири ӯ дар барои паҳншавии аврупоён дар Сибири Шарқӣ аҳамияти калон доранд. Е.А.Новгородова гуфтанд, ки дар охири ҳазораи III п.м. дар ҳудуди Муғулистон ду тамаддуни ба ду гурӯҳи этникӣ нисбат дошта мушоҳида мешавад.

Дар Шарқ маданияти одамони ба ҷамъоварии меваву зироатҳои худрӯй ва шикорчӣ машғул буда, тадқиқ шудааст. Онҳо дар қурбонигоҳ сари говҳоро гӯр менамуданд. Бошишгоҳҳояшон нимзеризаминӣ, дар болои қабр ҳеҷ нишона намегузоштанд. Як қабри давлатманд тадқиқ шуд, ки ӯро каҷпаҳлӯ гӯронидаанд, аз болояш ранги зиёд пошидаанд. Либосҳояш бо марҷон ороиш доштанд. Ҳамроҳаш ханҷари дудама бо дастаи шоҳӣ ё сангҳои чахмоқӣ хотамкорӣ шуда, як тӯмори бо симои одами Осиёи Марказӣ ё бинии миёнбаланд, рухсораҳои барҷастаи муғулмонанд ёфт шуданд. Бояд қайд намуд, ки дар урфи гӯронидани шарқиён низ омезиши мардумони ориёӣ мушоҳида мешавад ва гури тадқиқ шуда ба марди бо муғул омезишёфта тааллуқ дорад.

---

[30] Литвинский Б.А. Проблема этнической истории Средней Азии во IIтыс. до н.э. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 154-166.

Дар Ғарб бошад, одамони маданияту қиёфаи аврупоӣ дошта мезистанд. Қабрҳо болояшон бо санг пӯшонида шуда, мурдаҳо ба паҳлӯи чап, пойҳо бо зонуҳо қат шуда, сар ба сӯи шарқ хобонида шудаанд. Болояшон ранг пошида шудааст. Зарфҳо тухмшакл буда, бо ороишҳои рустании сӯзанбарг ва зарфҳои андроновиҳо шабоҳат доранд. Бозёфтҳои петрографӣ ва бостоншиносӣ ба он далолат мекунанд, ки дар замони неолит дар шимолу ғарби Уланбатор мардуми аврупоинажод зиндагонӣ дошта, ба чорводорӣ, шикорчигӣ ва зироаткорӣ машғул буданд. Маданияти онҳо ба маданияти Окуни Сибир монанд аст. Шахсоне, ки дар харсангҳои рӯди Ҷулут расмҳои зану марди ниқобдор ва говҳоро кашидаанд, ба офтоб, моҳтоб ва пешвои худ саҷда менамуданд. Маданияти асри биринҷи онҳо ба маданияти Қарасуи ҷануби Сибир монандаст. Дар расмҳо нишонаи сабки ҳайвоноти хоси скифҳо мушоҳида мешавад. Дар харсангҳои Чилут расми гардунаи дар асп басташуда, канда шудааст. Маданияти мардуми он ба маданияти Тува, Олтоӣ, Қазоқистон ва Осиёи Миёнаи асри биринҷ ва аввали оҳан шабоҳат дошта, мардуми урупоӣ – ориё буданд.[31] Кашфиётҳои Е.А.Новгородова барои муайян намудани марзҳои зисти шимолу шарқи ориёҳо аҳамияти калон доранд.

Яке аз масъалаҳои мубоҳисавӣ дар ориёишиносӣ маҳсули кадом гурӯҳҳои этникӣ буданди зарфҳои «хокистаранг» («Серия крамика») ва «зарфҳои рангиннақш» («Росписная керамка») мебошанд. Э.А.Грантовски дар мақолаи худ «Серая керамика, росписная керамика и индоиранцы» исбот карданӣ мешавад, ки ин намуд зарфҳо ба ҳиндуориёиҳо муносибате надоранд. Ориёиҳо ба Осиёи Миёна ва Ҳиндустон дар ҳазораи II омадаанд. Онҳо дар саҳроҳои ҷанубии Поволже, Урал зиндагонӣ доштанд. Ватани азалии ҳидуаврупоиҳо Аврупои Марказӣ мебошад.

[31] Новгородова Е. А. Ранний этап этногенеза народов Монголии конец III-I тыс. до н.э. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности, с. 207-214.

Маданияти Ҳисор, ҷануби Осиёи Миёна, яъне Олтинтеппа, Ҷайтун ба ориёҳо мансуб нестанд.[32]

Бояд гуфт, ки Э.Д.Грантовский дар омӯзиши масъалаи зарфҳои хокистаранаг ва нақшини Теппаи Ҳисор-III Эрони Марказӣ Сиалка ва алоқамандии он бо осори Марғушу Бохтар ба мазмуну мундариҷаи нақшҳо диққат надодааст. Дар зарфҳои нақшин нақшҳои мавҷӣ ва рустании сӯзанбарг шояд ҳум тасвир шудаанд. Дар нақшҳои рангини зарфҳои Сиалка бештар офтоб, бузи кӯҳӣ, мурғобӣ, асп, гов акс ёфтааст, ки хоси эътиқоди ориёиҳо мебошад (расми 5-6).

Симошинос В.П.Алексеев дар бораи нажоди ҳиндориёиҳо маъруза намуд, ки Эрониён имрӯз дорои симои (антропологии) гуногун мебошанд. Мувофиқи маълумотҳои антропологӣ ориёҳо (эрониён) хислатҳои зеринро доро мебошанд:

1. Косахонаи сари бузург, рӯйи паҳну сафед, сари гирд, дар шароити табиати гарми ҷануб одамони бумӣ бояд гандумгун бошанд, ин хусусияти хоси осетинҳо мебошад ва дар дигар халқҳои эронӣ –ориёӣ вуҷуд надорад. Ин хислатҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки осетинҳо забони ориёиро қабул намуданд, аммо нажодан ба мардуми бумии Қафқоз тааллуқ доранд.

2. Ориёзабонҳои ҷануби Доғистон ва Озарбойҷон тотҳо ва талишҳо рӯи борики гандумгун дошта аврупосимо мебошанд. Ин хислатҳои антропологӣ дар гурӯҳҳои гуногуни озарбойҷониҳо мавҷуданд. Хусусиятҳои антропологии доғистониҳо, озариҳо ба туркманҳо низ тааллуқ доранд. Тадқиқоти антропологӣ ба он далолат мекунад, ки мардуми дарозсар одамони бумии ин сарзамин мебошанд ва таърихи чор ҳазорсола доранд.[33]

---

[32] Грантовский Э. А. Серая керамика и расписная керамика и индоиранцы. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 199-200.

[33] Алексеев В.П. Антропологические аспекты индоиранкой проблемы. – Этнические проблемы истории Ценральной Азии в древности, с. 199-200.

Дар асоси овардаҳои боло ду тахмин пеш меояд:

1) Талишҳо, тотҳо, озариҳо ва туркманҳо ба монанди осетинҳо забони эронӣ (ориёиро) қабул карданд ва худ ориёӣ нестанд. Онҳо мардумони бумии ин сарзаминанд. 2) озару туркманҳо ориёии аслианд, онҳо забони туркиро баъдан қабул карданд. Ман тарафдори ақидаи дуюм мебошам,[34] яъне озарҳо, туркманҳо ориёианд ва туркиро пасон қабул карданд. **Мо дар ҷануб ва шарқи баҳри Каспӣ ба маҷмӯаи унсурҳои (компонентҳо) антропологии эронии асил бар мехӯрем, ки аз ибтидо дар миёни онҳо симои аслии эронӣ ташаккул ёфтааст**. Аз афташ онҳо симои ҳиндуориёии тағирнаёфтаро то ҷое ҳифз намудаанд. Муттаасифона, ба он нигоҳ накарда, ки характестикаи морфологияии компонентҳои антропологии ин гурӯҳ комилу объективӣ мебошанд ва дар асоси мушоҳидаҳои гуногуни материалҳои антропологӣ ташаккул ёфтанд, дар масъалаи муносибатҳои ҳамрешагӣ, ҷои ташаккулёбӣ ва ҷойгири ҷадвали ирқҳо мубоҳисаҳо вуҷуд доранд ва аз ин рӯ хулосаҳо ба тариқи умумӣ оварда шудаанд.[35] Ба ақидаи В.В.Алексеев **ба халқҳои бузурги ориёӣ форсҳо,** паштунҳо, тоҷикон ва курдҳо дохил мешаванд. Аз халқҳои номбар шуда танҳо форсҳо ва паштунҳо тоандозае ба ҳам наздикӣ доранд. Хусусияти хоси онҳо тамоюли дарозсарӣ (долихокефалӣ) рӯйборик, гирдсарии (грацифал) косахонаи сар (капол), мӯйсиёҳ, рӯи нисбатан сафед, бинии баланду риши анбӯҳ ташкил медиҳанд. Ба ин хусусиятҳои антропологии эрониён ва паштунҳо боз даҳҳо халқҳои хурди эронзабон, ки дар ҳудуди Эрон ва Афғонистон зиндагони менамоянд ва бо чанд хусусият аз якдигар фарқ мекунанд, аммо аз лиҳози маҷмуъи хусусиятҳо ба гурӯҳи форсҳо ва паштунҳо ворид мешаванд. Умуман хусусиятҳои антропологии форсҳо,

[34] Антропологичесие аспекты. с. 200.

[35] Алексеев В.П. Историческая антропология и этногенез. – М. 1989, с. 339-340.

паштунҳо ба талишу татҳо бо каме фарқият бо ҳам наздиканд.[36] Маҷмӯи антропологии помириён ва халқҳои шимолу шарқи Афғонистон дар заминаи хусусиятҳои морфологии бештар фарқ мекунад, махсусан бо мӯй ва чашмон, чунин фарқият хоси мардуми дардзабонон мебошанд. Тадқиқотҳо дар ин бахш ба он далолат мекунад, ки пайдоиши инсонҳои бо чашму мӯй, пӯсти сафед вобаста бо ҳудуди ҷуғрофӣ ва муносибатҳои генетикӣ дар байни гурӯҳҳои маҳдуд аст. Дар шароити маҳдуди ҷуғрофӣ дар баландкӯҳҳои Помир ва Ҳиндукӯҳ маҳдудияти заношавҳарӣ чунин инсонҳои бо муйсар ва чашмони аз дигарон фаркунанда пайдо мешавад. Аммо ин фарқиятҳо нисбӣ, дуюмдараҷа буда, онҳоро аз хусусиятҳои умуминажодӣ ҷудо карда наметавонад.[37] Курдҳо аз форсҳо ва пуштунҳо бо сермӯйи худ фарқ мекунанд. Ин фарқиятҳо симои онҳоро ба арманҳо, оссуриҳо ва баъзе арабҳо наздик менамояд. Курдҳо шояд яке аз қадимтарин бошандагони Осиёи Пеш бошанд, аммо дар баробари хусусиятҳои брахицефалӣ, боз қиёфаи долихокрани онҳоро баирониҳо пайваст менамояд. Хусусиятҳои армании курдҳо ба эрониён хос нестанд. Хусусиятҳои армании курдҳо дар натиҷаи алоқаҳои заношавҳарӣ ба арманиҳо ва гурӯҳҳои сомӣ пайдо шудаанд.[38] Дар бораи тоҷикон бояд гуфт, ки онҳо ба ду бахш тақсим мешаванд. Тоҷикони водиҳо – шаҳрҳо, ки дар қиёфаашон олудаи муғулӣ мебошанд. Умумияти антропологии тоҷикони водиҳо ва кӯҳистониҳо далели аз як реша будани онҳост. Тоҷикони ҷанубӣ нисбатан грацефалӣ ва рӯйборик нисбат ба шимолиён мебошанд. Тоҷикони ҷануб бо помирён, тоҷикони Афғонистон ва Эрон ба як гурӯҳ дохил мешаванд. Тоҷикони ноҳияҳои

---

[36] Ҳамон ҷо, с. 339.

[37] Алексеев В.П. Антропологичнеские аспекты индоиранской проблемы. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности, с. 200.

[38] Ҳамон ҷо, с. 201.

шимолӣ рӯяшон нисбат ба ҷанубиён паҳну калонтар мебошад. Дар тоҷикони шимол олудаги муғулӣ ба хубӣ мушоҳида мешавад, ки ба замонҳои баъдӣ нисбат дорад. Тоҷикони шимоли низ ба гурӯҳи маҳаллиёни қадими ориёӣ тааллуқ доранд.

Ҳамин тавр дар маводҳои антропологии Осиёи Миёна аз замони неолит, энеолит, биринҷ, аввали асри оҳан (ҳазораи IV-I п.м.) фарқиятҳои зиёди ҷисмонӣ, симоӣ мушоҳида намешавад. Якхела будани маводҳои антропологӣ ин далели бумӣ будани мардуми ориёии Осиёи Марказӣ мебошанд.

Баъди чоп шудани асари дуҷилдаи Т.В.Гамкрелидзе ва В.В.Иванов (1980, 1984), ориёшиносони Ғарб К.Ренфрю, С.Шеррати ва Ҷ.Мэллори дар асарҳои тозаэҷоди худ ақидаи онҳоро ҷонибдорӣ намуданд. Масалан, К.Рефрю (Refrew 1987) менависад, ки протевропоиён то ҳазораи VII дар Осиёи Хурд буданд ва дар ҳазораи VII-VI ба воситаи Балкан ба Аврупо паҳн шуда, таҷрибаи кишоварзӣ ва чорводориро оварданд. Дар бораи ҳиндуориёиҳо ду модел пешниҳод мешавад. Мувофиқи модели «А» ҳиндуориёиҳо аз Осиёи Хурд ба Ҳиндустон рафтаанд. Тибқи модели «В» ватани аҷдодии онҳо саҳроҳои ҷануби Росия буд ва аз он ҷо ба Эрон ва Ҳинд рафтаанд.

С.Шерратти (Sherratts, 1988) дар асараш паҳн шудани ҳиндуаврупоиёнро аз Осиёи Хурд, атрофҳои баҳри Сиёҳ ба ҳар тараф, на ба ҳазораи IV, балки ба ҳазораҳои II п.м. нисбат медиҳад.

Соли 1989 Ҷ.Мэллори асаре бо номи» Searsh of the Indo Europeans» (Дар ҷустуҷӯи ҳинду аврупоиҳо) чоп менамояд. Дар ин асар ӯ дар асоси ақидаи ҳануз дар асри XIX қабул шуда ватани ҳиндуаврупоиёнро Аврупо медонад. Ӯ нақши ҳавзаи баҳри Сиёҳро дар ром намудани аспҳо қайд менамояд. Е.Е.Кузьмина ақидаи олимони дар боло овардаро таҳлил карда, асарҳои ориёшиносони Русия Т.Я.Елизаренкова (1999), В.Н.Трубачов, Э.А.Грантовский (1998) ва О.Н.Трубачовро (1999) ба

назар гирифта, се ақидаи дар илми ориёшиносӣ бударо ҷудо менамояд.[39] Ин ақидаҳо, фарзияҳо соли 1996 дар конференсияи дар Филоделфия баргузор шуда муҳокима шуданд. Дар конференсияи Филоделфия мубоҳиса сари масъалаи асарҳои навиштаи Ҷ.Мэллори (1998) ва К.Ренфрю (1998) дар бораи ватану ҳаракати ориёиҳо авҷ гирифта буд. Аммо дар конференсияи соли 1999 дар Аркаим ташкил шуда наздикшавии назарияҳо мушоҳида мешавад.

**Фарзияи якум (В-1)**. Дар конференсияи Аркаим фарзияи В-1-ро, ки К. Ренфрю дар асарҳояш, ки солҳои 1990, 1999 ва 2002 матраҳ карда буд, тағйир медиҳад ва ватани ҳинду аврпоиҳоро аз Осиёи Хурд ба Балкани шимолӣ, Баҳри Сиёҳ меорад. К. Ренфрю назарияи В.В.Иванов ва Т.В. Гамкунлидзеро дар бораи омадани ҳинду аврупоиён ба воситаи ҷанубу шарқии биёбони Каспӣ рад карда, ақидаи Е.Е.Кузьминаро дар бораи он, ки андроновиҳо паҳнкунандаи забони ориёӣ дар Осиёи Миёна мебошанд, ҷонибдорӣ менамояд.[40]

**Фарзияи дувум** ба асарҳои Ҷ.Мэлори, ки солҳои 1999-2002 нашр шудаанд, таллуқ дорад. Вай дар мақолаву асарҳои солҳои зикршуда нашркардааш бештар бо этногенези ҳинду ориёиҳо диққат додаст. Вай менависад, ки маданияти андроновиҳо мувофиқ аст ба ҷуғрофияи ишғол намудаи ҳинду ориёиҳо то кӯч бастанашон ба сӯи Эрон ва Ҳиндустон. Онҳо дар Осиёи Марказӣ бо мардумони БМАК алоқа намуда, тамаддуни баланди онҳоро қабул намуда, аспу аробаро ба Ҳиндустон

[39] Кузьмина Е.Е. Арии – путь на юг. – М.-СПб. 2008, с. 115-117.

[40] Renfrew C. The lndo –European Problem and the Exploitalion of the Eurasian steppes: Question ot Time Depth –Complex socities of Central Eureasia from the 3-rd to the 1 B. C. Willenium 2002; Кузьмина Е.Е. Арии путь на юг; с. 116-117.

бурдаанд. Ориёиҳо забонашонро ба мардумони БМАК ҷорӣ кардаанд.[41]

**Фарзияи севум**. Дар солҳои навади асри гузашта дар Ҳиндустон як ҷарайёни иртиҷоии динӣ бо номи Hindutva пайдо мешавад ва ин ҳаракатро як гурӯҳи бостоншиносони миллатгаро, аз ҷумла Б.Лаъл дастгирӣ менамояд. Б.Лаъл мегӯяд, ки назарияи омадани ориёиҳоро ба Ҳиндустон мустамликадорони Ғарб бофтаанд. Дар асл онҳо ин ҷо буданд ва Ҳиндустон аз ҳазораи IV ва шояд аз VII п.м. аз тарафи Indigenous I «A» аз бар шуда. Онҳо тамаддуни Хараппиро сохтаанд. Олимони ҷонибдори ин назар ватани ҳиндуаврупоиҳоро аз Ҳиндустон то дарёи Каспӣ медонанд. Ин ақида аз тарафи Е.Е.Кузмина бо далелҳои боварибахш рад карда мешавад.[42]

**Дар фарзияи чаҳорум** В.И.Сарианиди созандагони БМАК-ро ориёӣ-зардуштӣ меномид ва ҳиҷрати онҳоро аз Ирони Шарқӣ меҳисобид, аммо таҳлилу мазмуни мӯҳрҳо ва тӯморҳо ӯро ҷонибдори ақидаи В.В.Иванов ва Т.В.Гамкрелидзе карданд ва баромади ориёиҳоро бо Хетту юнониҳои Осиёи Хурд алоқамад медонад.[43]

Франкфор (Francfort 194 2001), И. С. Крючков (1997) ва Е. В. Антонова (2000) ақидаи онро доранд, ки мӯҳру тӯморҳои БМАК аз лиҳози мазмуну мундариҷа ба Элам алоқаманд мебошанд.[44]

Яке аз пажуҳишгарони масоили БМАК Ламберг-Карловский дар мақолаи махсус, ки ба проблемаи ҳиндуориёиҳо бахшиа шудааст, назарияи Е.Е.Кузмина ва

---

[41] Mallory J. P. Afterword –Sarianidi V. Mardean and Protozoroastrism. Athens 1998, p. 192-194; Кузьмина Е.Е. Арии путь на юг, с. 118-119; Mallory J. In Searech of the lndo Eurapeans. Language, Arhaeology and Myth. London 1998.

[42] Кузьмина Е.Е. Арии –путь на юг, с. 120-123.

[43] Сарианиди В.И. Хеттские божества в Бактрийско –Маргианской пантионе. СА. 4; 1996 Кузьмина Е. Е Арии – путь на юг, с. 123.

[44] Кузьмина Е.Е. Арии – путь на юг, с. 24-25.

В.И.Сарианидиро дар мавриди ориёӣ будани андроновиҳо ва бошандагони БМАК тасдиқ намекунад. Ягон маводҳои андроновӣ дар Эрон ва Шимолии Ҳиндустон ба ҳазораи II п.м. марбут буда ёфт нашудааст, ки алоқаи БМАК-ро бо Эрон ва Балуҷистон тасдиқ намоянд, яъне андроновиҳо бо созандаги тамаддуни БМАК алоқаи этникӣ надоранд.[45]

В.И.Массон ақидаи онро дорад, ки то омадани ориёиҳои чорводори андроновиҳо дар Осиёи Миёна кишоварзони ғайри ориёӣ мезистанд.[46]

Яке аз далелҳои бумӣ будани ориёиҳо дар Осиёи Миёна он аст, ки дар забони Авесто калимаҳои забони ғайри ориёӣ нест ва чи тавре дар боло зикр шуд, имрӯз дар таърихи халқи тоҷики нашрҳои соли 1964, 1998 гуфта мешавад, ки саҳронавардон – андроновиҳо аз саҳроҳои Қазоқистон ва ҷанубии Урал омаданд ва маданияти баланди кишоварзони водиҳои Мурғоб, Зарафшон ва Бохтрро қабул намуданд, аммо забону дини худро ҳамчун халқи ҳукмрон бар маҳаллиён таҳмил (бор) намудаанд. Агар ин фикр дуруст бошад, пас чаро ҳамаи вожаҳои кишоварзӣ, сохтмонӣ ва фарҳангӣ ба забони ориёӣ мебошанд?

Б.А.Литвинский мегӯяд, ки муҳоҷирон динашонро ба маҳаллиён қабул кунонданд. Оини ориёиҳо оташпарастӣ буд, чи тавре ки аз маъбадҳои оташ маълум аст, дини маҳаллиён низ оташпарастӣ буд, пас чӣ тавр динашонро ҷорӣ намуданд? Хулоса ин аст, ки ҳамаи урфиятҳои омадаҳо бо маҳаллиён як буданд.

Ба фикри мо аз қадимулайём, ба ҳар ҳол аз ҳазори IX-VIII п.м. ориёиҳо аз аврупоиён – ҳамнажодони худ дар Осиёи Хурд, ҳавзаи Баҳри Сиёҳ, Балкан ҷудо шуда, ба ду

---

[45] Lamberg – Karlovsky C. Archeology and Language. The lndo – Iranians – Current Anthropology. 43 №1, 2002. P. 74.

[46] Массон В.М. Древние цивилизации Востока и степные племена в свете данных археологии. –Жур. STRATNM. – Сант-Петербург, №2, 1999, с. 279.

гурӯҳ тақсим гардиданд. Яке дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ боқӣ монда, авлоди онҳо кимериҳо, сониян скифу сарматҳо ба Шарқ, то кӯли Байкал рафтанд, дигаре аз тариқи Осиёи Хурд ба Осиёи Миёна омада, маданияти Сиёлка, Ҳисор, Ҷайтунро ва сонияң Намозгоҳу Олинтеппа, Гонуру Анау дар Марғиён, Сафолтеппаву Ҷарқутан ва Кулулаву Дашлиро дар Бохтар, Саразмро дар Суғд, Чустро дар Фарғона бунёд намудаанд. Бахши дар саҳроҳои шимол буда, бештар ба чорводорӣ машғул буданд ва бо кишоварзони ҳамдину ҳамкеши худ робитаҳои савдоӣ, иқтисодӣ, хешу табордории доимӣ доштанд.

Барои исботи ақидаи бумӣ будани мардумони ориёии аврупосимо натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносони Америка ва Қазоқистон дар домани кӯҳҳои Тиёншон дар мавзеи Бегашӣ аҳамияти муҳим доранд. Дар ин ҷо дар бошишгоҳҳои асри биринҷ тадқиқот бурда, маълум сохтанд, ки чорводорони мавсимӣ, дар тӯли асри биринҷ ва оҳан то асрҳои миёна дар як ҷо мунтазам зиндагонӣ доштанд. Вобаста ба давру замон маданияти моддии онҳо тағир ёфта аст, аммо худи онҳо аз ҳеҷ куҷо наомадаанд. Ба ин баррасии хӯроки якхелаи онҳо далолат менамояд.[47] Ба ақидаи мо ин хеле муҳим аст, зеро дар адабиёти бостоншиносӣ ҳамин ки қабатҳои маданӣ дигар шуданд, мегӯянд, одамони нав омаданд, дар асл бошад, ҳеҷ касе ва ҳеҷ гурӯҳҳои этникии наве наомада аст. Тадқиқоти сарчашмаҳо барои Ориён ва Турон нишон доданд, ки чорводорон дар ҳамаи ҷойҳои мусоид барои нигоҳ доштани чорво зиндагонӣ доштанд ва сарҳади байни онҳо ва кишоварзонро ҷудо намудан мумкин нест. Дар ҷойҳои барои кишоварзӣ мусоид бумиён зиндагонӣ менамуданд ва бо чорводорон доду гирифт доштанд.

---

[47] Frachetti M. D, Maryashev A. N. Long – Term Occupation and Seasonal Settement of Eastern Eurasian Pastoralists at Begash Karakhstan. – Journal of Field Archeology. Vol. 32, 3 Fall, 2007, p. 239.

Ба фикри мо тарафдорони ақидаи андроновиҳо шумораи онҳоро беш будаш нишон медиҳад. Дар асл онҳо миқдоран зиёд набуданд, Каме аз онҳо дар Осиёи Миёна монданд ва бештарашон ба сӯи Ҳиндустон рафтанд. Агар онҳо зиёд мебуданд, ҳатман байни онҳо ва маҳаллиён заду хӯрд ба вуҷуд меомад, вале осори харобиро бостоншиносон мушоҳида наменамоянд.

Аз ҳамин ҷиҳат омадани андроновиҳо ба Осиёи Миёна оромона, бе ҳуҷумҳои ғоратгарона анҷом ёфтааст. Мо дар дину ойин низ ҳамоҳангӣ мушоҳида менамоем. Масалан, дар маъбади Олтинтеппа, (Намозгоҳ V) ки ба ҳазораи III-II п.м. нисбат дорад, унсурҳои ойини зардуштиро мисли бузургдошти гов, шутур, асп, оташ, таккаи бузи кӯҳӣ ва ғайра мушоҳида менамоем, ки ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки офарандаи маданияти к1ишоварзӣ дар Осиёи Миёна ориёиҳои бумӣ буданд. Пеш Е.Е.Кузмина мутахассиси хуби андроновиҳо ақидаи онро дорад, ки андроновиҳо дар нимаи дуюми ҳазораи II ба Осиёи Миёна омаданд, вале дар китоби нави худ менависад, ки мавҷҳои аввали ориёзабонон – дардҳо хеле барвақт ба ин ҷо омада буданд.[48] Гумон мекунам, ки агар дурусттар ба матни Авесто шинос шавем, мебинем, ки тамаддуни кишоварзии Осиёи Марказӣ моли ориёиҳои бумӣ мебошанд. Масалан, дар Ригведа вожаҳои ғайри забони ориёии дравидӣ зиёданд, ки далели махлут шудани забони ориёиҳо бо забони маҳаллиён мебошад.[49] Дар забони Авесто чунин омезиш мушоҳида намешавад, ин далели раднопазири он аст. Мавҷудити Ориёнвиҷ дар Бохтар, номҳои ҷуғрофии Авестоии ноҳияҳои Осиёи Миёна, Бохтар, Марғуш, Хоразм, Ҳафтҳинд, Сакистон, Суғд, Фарғона, Ҳирот, Кобулу Зобул, Деҳистон, Ҳафтрӯд, Нусаи, Роғ, Дуроҷ, Каён, Ҷам ва ғайра далели дигари

---

[48] Кузьмина Е.Е. Арии путь на юг. с, 334-335.
[49] Массон В.М. Первые цивилизации, Л. 1989, с. 158-192.

онанд, ки офаридагони ин номҳои ҷуғрофӣ ориёии бумӣ будаанд.

Албатта, мафҳуми бумӣ шартист, хусусан дар замонҳои қадимтарин, яъне палеолит, ҳатто мезолит. Дар охири мезолит ва неолит мо метавонем дар бораи ин ва он қабилаву нажод ҳарф занем. Бошандагони мезолит ва неолиту асри биринҷи Осиёи Марказӣ ориёиҳое буданд, ки баъди ҷудо шудан аз аврупоиён дар Балкану Осиёи Хурд ба ин сарзамин омада, тамаддунҳои кишоварзии Ҳисору Ҷайтун, Олтинтеппа, Марғуш ва Бохтарро офариданд.

Назарияи Т.В.Гамкрелидзе ва В.В.Иванов дар бораи аз Осиёи Наздик ба воситаи тахтакӯҳи шимолии Эрон ба Осиёи Миёна омадани ориёиҳо, ақидаи олимони шӯравиро дар бораи дар нимаи дуюми ҳазораи II ва аввали ҳазораи I аз Осиёи Миёна ба Эрон рафтани ориёиҳоро рад менамояд. Тадқиқоти маводҳи Сиалка (Эрони Марказӣ) Ҳисор I-III (Хуросон) нишон медиҳад, ки офарандагони онҳо ориёиҳо буданд. Модоме ки ориёиҳо дар ҳазораи VII-V п.м. дар Эрон сокин буданд онҳо аз ҳеҷ куҷо наомадаанд, онҳо як бахши мардуми бумии Эрони кунунӣ буданд. Аммо онҳо ғайр аз Митан то зуҳури Модҳо давлати тавоно ташкил карда натавонистанд. Ориёиҳои Осиёи Миёна бошад, давлати бузурги Каёниёнро таъсис доданд, Зардушт дини яктопарастиро овард, ки барои давлату давлатдорӣ хеле муфид буд. Давлати Каёниён зиёда аз 700 сол пойдор буд ва дар бораи онҳо ва Пешдодиён ривояту устураҳои ҷолиби диққат вуҷуд доштанд. Вақте Куруши Кабир Бохтарро гирифт, дар бораи давлатдории Каёниён, дини зардуштӣ, Авесто огоҳ ёфта, онро пазируфт. Ҳушёршоҳ дини зардуштиро дини империя эълон намуд, Авесторо аз шифоҳӣ ба шакли китоб даровард. Каёниёнро саравлоди худ ҳисобиданд ва забони авестоӣ забони илму адаби Ҳахоманишҳо шуд. Ба ақидаи мо забони қадимаи тоҷики-авестоӣ, ки баромади шарқӣ дорад, минбаъд забони

форсии қадим ном гирифт ва бо ин ном машҳур шуд. Забони паҳлавӣ низ баромади шарқӣ дорад ва форсии нав (дарӣ), яъне тоҷикӣ дар замони Сомониён ба Форс рафта,[50] онҷо мураввaҷ гардид. Юнониён – мақдуниҳо вакте Осиёи Миёнаро гирифтанд, ҳамаи мардумони ин диёрро форс гуфтанд, ба хотири он, ки забони бохтариён, суғдиён, портҳо, сакоиҳо ба форсҳо як буд. Мардуми ин диёр низ вожаи форсу форсӣ буданро қабул карда буданд, зеро дар тӯли зиёда аз 200 сол дар ҳайати империяи форсҳо буданд.

Дар хулоса гуфтани ҳастем, ки маърузаҳои симпозиум хеле фарогир буданд, ва читавре устод дар китобаш овардааст. Бояд арзкунам, ки китоби “Тоҷикон” дар асоси маводҳои солҳои 60-ум навишта шудааст, кашфиётҳои муҳими солҳои 70-ум ба монанди Саразм, (ҳазораи1V-11п.м., Кулобу Фархор ҳазораи V п.м., шаҳрҳои асрибиринҷии Сафол теппа , Ҷарқутан, Тоқолок дар Бохтар, Гонур дар Марғуш (ҳазораҳои 11п.м) инқилоб дар таърихнигории тоҷик варид намуданд. Маълум шуд, ки таърихи пайдоиши аввалин шаҳр-давлатҳоро ба ҳазораи 111пеш аз мелоднисбат доранд. Дар китоби устод Б.Ғафуров замони Авесто бар ғалат ба асрҳои V11-V1 п.м. нисбат дода шудааст. Дар Сипозиум замон Авесто ва Зардуштро ба ҳазораи 11пеш аз медод бурданд. Маданияти Ҷайтун, ки устод ғайри ориёӣ гуфта буд ба кишоварзони ориёӣ нисбат дорад. Ақидаи аз роҳи Кавкоз ба Эрон омадани омадан ва аз шимолӣӯи Эрон ба Гургону Марғуш ва ба Саразм ва Бохтар омадани ориёиҳоро бозёфтҳои археологӣ тасдиқ менамоянд.

---

[50] Яъқубшоҳ Ю. Тоҷикшинос. – Душанбе, 1999; Яқубшоҳ Ю. Забони Рӯдакиро тоҷикӣ гӯем ё форсӣ (назарее ба таърихи пайдоиши забони адабии тоҷикӣ) – Рӯдакӣ: Дирӯз ва имрӯз. – Душанбе-2007, с. 98-110.

## Манобеи истинод ва истифодашуда

*1.Алексеев В.П. Антропологичнеские аспекты индоиранской проблемы. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности, с. 200.*

*2.Абурайҳон Берунӣ. Осор ул-боқия. –Душанбе, 1990, с. 248.*

*3.Алексеев В.П. Историческая антропология и этногенез. – М. 1989, с. 339-340.*

*4.Бонгард Левин Г.М. Индия в древности. – М. 1955, с. 110.*

*5.Гафуров Б. Некоторые проблемы этнической истории народов Центральной Азии в древний период. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 53-59.*

*6.Грантовский Э. А. Серая керамика и росписная керамика и индоиранцы. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 199-200.*

*7.Гиршман Р. Иран и миграция индоариев и иранцев. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 140-144.*

*8.Дьяконов И.М. Восточный Иран до Кира. – История иранского государства и культуры. – М. 1971.*

*8.Кузьмина Е.Е. Откуда пришли индоарии. – М. 1994.*

*9.Кузьмина Е.Е. Происхождение индоиранцев в свете новейших археологических данных. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 101-103.*

*10.Кузьмина Е.Е. Арии – путь на юг. – М.-СПб. 2008, с. 115-117.*

*11.Массон В.М. Первые цилвизации. – М. 1989, с. 37-38.*

*12.Массон В.М. Печать протоиндийского типа из Олтинтепе (К проблеме этнической атрибуции культур расписной керамики Ближнего Востока) – ВДИ, 1977, № 4.*

*13.Массон В.М. Древние цивилизации Востока и степные племена в свете данных археологии. –Жур. STRATNM. – Сант-Петербург, №2, 1999, с. 279.*

*14.Парпола А. Маргиан и проблема Арьев. – Российский этнограф. 19 (21), – М. 1994, с. 57-59-60.*

*15.Литвинский Б.А. Бронзовый век. – ИТН. Т. 1, М. 1963, с. 128; ИТН, Т.1. –Душанбе 1998, с. 182.*

*16.Литвинский Б.А. Проблема этнической истории Средней Азии во IIтыс. до н.э. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 154-166.*

*17.Новгородова Е. А. Ранний этап этногенеза народов Монголии конец III-I тыс. до н.э. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности, с. 207-214.*

*18.Сарианиди В.И. Древние страны Маргуш. – Ашгабад, 1990, с. 94-95*

*19.Сарианиди В.И. Хеттские божества в Бактрийско – Маргианской пантионе. СА. 4; 1996 Кузьмина Е. Е Арии – путь на юг, с. 123.*

*20.Толстов С.П. Древний Хорезм. – М. 1948; Массон В.М. Древнеземледельчаская культуры Маргианы. – МИА, №73, 1959, с. 117-121.*

*21.Толстов С.П. Хоразм. – М. 1948, с 341.*

*22.Тавҳидӣ Ф. Фан ва ҳунари сафолгарӣ. – Теҳрон, 1386, рас. 53-53, расмҳои саҳ. 92-105.*

*23.Холопин И.Н. Индоиранцы: Земледельцы или скотоводы? – ВИ №10, 1970; Холопин И.Н. Проблема происхождения культуры степной бронзы – КСИА, вып. 122.*

*24.Холопин И.Н. Энолит юго-западной Туркмании. – СПб., 1997, с. 67, 114, 174, 120-120.*

*25.Яъқубшоҳ Ю. Тоҷикшинос. – Душанбе, 1999; Яқубшоҳ Ю. Забони Рӯдакиро тоҷикӣ гӯем ё форсӣ (назарее ба таърихи пайдоиши забони адабии тоҷикӣ) – Рӯдакӣ: Дирӯз ва имрӯз. – Душанбе-2007, с. 98-110.*

*26.Brentjes B. The Mittanians and the Peacock. – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 145-148.*

*27.Renfrew C. The lndo –European Problem and the Exploitalion of the Eurasian steppes: Question ot Time Depth –Complex socities of Central Eureasia from the 3-rd to the 1 B. C. Willenium 2002; Кузьмина Е.Е. Арии путь на юг; с. 116-117.*

*28.Harmatta J. Proto-Iranians and proto-Indians in Central Asia in the 2nd millennium B. C. (Linguistic evidence) – Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности. с. 75-83.*

*29.Mallory J. P. Afterword –Sarianidi V. Mardean and Protozoroastrism. Athens 1998, p. 192-194; Кузьмина Е.Е. Арии путь на юг, с. 118-119; Mallory J. In Searech of the lndo Eurapeans. Language, Arhaeology and Myth. London 1998.*

*30.Lamberg – Karlovsky C. Archeology and Language. The lndo – Iranians – Current Anthropology. 43 №1, 2002. P. 74.*

*31.Frachetti M. D, Maryashev A. N. Long – Term Occupation and Seasonal Settement of Eastern Eurasian Pastoralists at Begash Karakhstan. – Journal of Field Archeology. Vol. 32, 3 Fall, 2007, p. 239.*

**Юсуфшо Ёқубов**
(Тоҷикистон)

## Ҳиссаи академик Бобоҷон Ғафуров дар илми ориёишиносӣ

Мақола дар борои ҳиссагузории академик Б, Ғафуров дар омӯзиш ва эҳёи илми ориёёшиносӣ дар асари безаволи "Тоҷикон" нақл менамояд. Ӯстод аввалин тоҷик буд,ки масъзаи омӯзиши ориёиҳоро дар китоби "Тоҷикон" бардошт ва ба он вусът бахшид. Устод дар асараш ҳолати этникӣ дар асри биринҷӣ дар Осиёи Миёнаро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст,ки дар ин бахш сипозиуми байналмилаӣ баргузор намудан лозим,то ин, ки фикру мулоҳизаҳои нави олимонро дар ин бора бидонад. Бинобарин ба ЮНЕСКО пешниҳод менамояд, ки дар мавзуи "Муносибатҳои этникӣ дар асри биринҷӣ дар Осиёи Марказӣ симпозиум гузаронида шавад. ЮНЕСКО ин пешниҳордро пазируф ва аз 17 то 22 октябри соли 1977 дар Душанбе боиштироки ориёшиносони ҷаҳон симпозиум баргузор шуд. Аммо устод Б.Ғафуров то симпозиум назист. Дар мақола фишурдаи маърузаҳо, маълумоти таҳлилӣ оварда шудааст.

**Юсуфшо Якубов**
(Таджикистан)

## Вклад академика Бабаджана Гафурова в проблемы ариаведении

В статье говорится о вкладе академика Б.Гафуровича в проблемы ариаведении. Б. Гафуров был первым

таджиком,который понымал этот вопрос и успещно его развивал. Он в книге “Таджики” приводит все сведедения, которые ирановеды проделалы об этнических процессах в бронзовом веке в Центральном Азии до XX века и приходит к заключении, что надо позывать международный симпозиум на тему “Этнические процесси в Центральном Азии в бронзовом веке”. Он предложил эту тему в ЮНЕСКО и ЮНЕСКО одобрил, что симпозиум будет проводится в Душанбе. С 17 по 22 октябрия в Душанбе состоялся международнный симпозиум на предложенной теме. Устод недожил до симпозиума но в статье сумарно приводится анализ всех докладов.

**Yusufsho Yakubov**
(Tajikistan)

**Academician Babajan Gafurov’s contribution to the problems of Aryan studies**

The article talks about the contribution of Academician B. Gafurovich to the problems of Oriental studies. B. Gafurov was the first Tajik who understood this issue and successfully developed it. In his book “Tajiks,” he cites all the information that Iranian scholars have done about ethnic processes in the Bronze Age in Central Asia until the twentieth century and comes to the conclusion that it is necessary to call an international symposium on the topic “Ethnic processes in Central Asia in the Bronze Age.” He proposed this topic to UNESCO and UNESCO approved that the symposium would be held in Dushanbe. From October 17 to 22, an international symposium on the proposed topic was held in Dushanbe. Ustod did not live to see the symposium, but the article summarizes the analysis of all the reports.

**Абдураҳмон Муҳаммад**
(Тоҷикистон)

**Бобоҷон Гафуров – олими барҷаста, ходими сиёсӣ**

Имрӯз дар замони соҳибистиқлолӣ тарғиби шахсиятҳои мондагор, мероси маънавӣ ва суннатҳои мардумӣ, ки аз ҷониби Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаҷониба дастгирӣ меёбад, муваффақтарин сиёсати илмию фарҳангие мебошад, ки барои тақвият бахшидан ба истиқлоли сиёсӣ, худшиносӣ, эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ заминаи босазое дорад. Ҳатто хабари ҷашн гирифтани бузургдошти 115 -солагии арбоби сиёсӣ, олими барҷаста ва Каҳрамони Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳар як хонадони тоҷику тоҷикистонӣ муждаест, ки боиси эҳтирому ифтихор ва арҷгузорист.

Академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷумлаи шахсиятҳои маъруфи илму фарҳану адаби миллати тоҷик мебошад, ки барои таърихи ташаккул ва ташвиқу тарғиби тамаддуни тоҷику форс хизматҳои шоёне намудааст.Ӯ ходими давлатӣ, таърихнигор ва шарқшиноси шинохтаи Машриқзамин мебошад, ки ҳамчун ходими давлатӣ дар ташаккули мактаби таърихнигорони навини тоҷик, таъсиси муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва ҷалб намудани донишмандони варзида ба корҳои илмӣ заҳматҳои беназир дорад . Махсусан ҷалби пажӯҳишгарони рус ва дигар миллатҳо, ба монанди Умаров С.,Раҷабов С. А. ,Семёнов А.А.,Якубовский А.Ю., Андреев М.С. ва дигарон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик беҳамто арзёбӣ шудаанд.

Академиик Бобоҷон Ғафуров силсилаи таҳқиқоти «Шахсиятҳои наҷиби халқи тоҷик»-ро роҳандозӣ ва ҳамзамон «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-ро таълиф намудааст, ки ин асар ба забони русӣ тарҷума ва се маротиба - солҳои 1949, 1952 ва 1955 дар шаҳри Москва омода ва нашр гардидааст.

Бо ибтикори Б. Гафуров мавзуи аҳди Кӯшониён ба барномаи таҳқиқотии ЮНЕСКО ворид гардида, соли 1968 дар шаҳри Душанбе ба ин муносибат Конференсияи байналмилалӣ оид ба таърих ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар замони Кӯшониён дар сатҳи баланд баргузор гардид. Маълум аст, ки ин марҳилаи таърихи пешинаи тоҷикон ба давраи яке аз давлатдории пурзӯри онҳо – Давлати Кӯшониён рост меоянд, ки ба омадани қабилаи юччӣ (140-130 п.м.) асос гузошта буд. Яке аз давраҳои шукуфоии Давлати Кӯшониён давраи ҳукумронии Канишка (100-144 п.м.) ва писари ӯ Хувишка (131-166 п.м) мебошад, ки муҳиммияти ин давраро барои ташаккули халқи тоҷик

Б. Ғафуров дарк намуда, таҳқиқоти зиёдеро дар ин мавзуъ аз худ ба мерос гузоштааст.

Дар баробари ин, ӯ аз нахустин давлатмардони тоҷик мебошад, ки ба таҳлилу таҳқиқи давлатдории Сомониён таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, соли 1957 дар шаҳри Мюнхени Олмон, дар Конгресси шарқшиносони ҷаҳон оид ба «Сабабҳои болоравӣ ва инқирози Сомониён» маъруза намудааст. Ӯ менависад, ки «Давраи Сомониён дар соҳаи назми тоҷику форс бисёрҳо устодони санъатро тарбия карда расонд, ки пешқадамтарини онҳо Рӯдакӣ мебошад»[51].

Дар баробари ин диққати Б. Ғафуров ба давраи ҳалкунанда дар таърихи давлатдории тоҷикон - аҳди Сомониён бесабаб набуд. Ин даврае буд, ки забон, адабиёт, фарҳанг ва дар маҷмуъ, тамаддуни халқҳои ҳинду аврупоӣ, аз он ҷумла тоҷикон рушд намуда буд. Забони тоҷикӣ забони давлатӣ ва забони адабиёт гардид. Маҳз бо ин забон бузургони илму адаби тоҷик – Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигар мутафаккирони мо асарҳои мондагор эҷод намудаанд.

Маводи маъмули таърихӣ низ дар замони ҳозира ба он шаҳодат медиҳанд, ки маҳз дар замони Сомониён тоҷикон

---

[51] Гафуров Б.Таърихи мухтасари халқи тоҷик.Ҷ. 10.Нашр.дав.тоҷик. 1947-С.144.

ҳамчун халқ бо доштани забони алоҳида, фарҳанги ба худ хоси ориёӣ (яъне забон, мероси хаттӣ ва расму ойин) ташаккул ёфтаанд. Маҳз дар аҳди Сомониён этноними «тоҷик» (ҳамчун номи халқи муайян) собит гардид ва ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давраҳои гуногун нигоҳ накарда, ин этноним аз ҷониби соҳибони он, яъне миллати тоҷик то замони ҳозира побарҷо аст[52].

Ҳамин тариқ, аҳди Сомониён на танҳо давраи муттаҳидшавӣ ва ба охир расидани раванди ташаккули халқи тоҷик, балки замони ташаккули забони давлатии ягона, фазои ягонаи иқтисодӣ, фарҳангу ҳудуди ягона ва дини ягона мебошад. Ин даврае буд, ки дар маҷмуъ, як менталитети тоҷикона ташаккул ёфта буд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки академик Бобоҷон Ғафуров муаллифи зиёда аз 400 асару мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ мебошад. Монографияи «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна» соли 1972 дар Москва ба забони русӣ чоп шуда, соли 1983 қисми 1 ва соли 1985 қисми 2 ба забони тоҷикӣ баргардонида шуд, ки он ҳамчун шиносномаи таърих ва тамаддуни миллати тоҷик шинохта шудааст.

Устод Б. Ғафуров ба ҳифзи анъанаҳои фарҳанги мардумӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ низ таваҷҷуҳи зиёд дошт. Ӯ дар нахустин сессияи илмии Филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС зимни маърузааш «Гузаштаи бойи таърихи халқи тоҷикро амиқтар омӯзем» барои равшан сохтани баъзе паҳлуҳои таърихи тоҷикон омӯзиши расму анъанаҳои мардумӣ ва ҷамъоварии асбобу ашёи қадимаи мардумро барои осорхонаҳо муҳим шуморид.[53]

Дар қатори ин асару мақолаҳо,осори дигаре, аз қабили «Тоҷикон», «Таърихи дуҷилдаи халқи тоҷик»,

---

[52] Ниг.: Муҳаммад А.Н. Тоҷики тоҷвар» (таҷрибаи таҳлили сиёсатшиносии этникӣ). Душанбе, 2018.-С.12.-С.16.

[53] Ниг.: Энсиклопедияи миллии тоҷик. Душанбе, 2017. Ҷ.5. –С.66-67.

«Давраи Кӯшониён ва тамаддуни ҷаҳонӣ», «Масоили муҳими наҳзатҳои миллӣ-озодихоҳӣ», «Тадқиқи тамаддуни Осиёи Марказӣ», « Ал-Форобӣ дар таърихи тамаддун» ва ғ. боиси ифтихори миллати тоҷик ва тамоми тоҷикони ҷаҳон маҳсуб меёбанд.Мавриди қайд аст, ки «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров баъд аз «Шоҳнома « ва « Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ барои милати тоҷик бузургтарин таснифот ба шумор меравад.

Китоби «Тоҷикон»-и Б .Ғафуров қимати тавсифнопазиру беқиёси илмию адабӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ дошта, дар пояи падидаҳои тозатарини ковишҳои бостоншиносӣ, забоншиносӣ, сиккашиносӣ, мадумшиносӣ ва таҳқиқоти пажӯҳишгарони шӯравӣ таҳти таълимоти воқеъбинонаи рушду инкишофи ҷамъият иншо гардидааст.[54]

Ин асар, воқеан, оинаи тамаддуни миллати тоҷик, хазинаи бебаҳои таърихи ниёгон ва шуҷоату бузургии тоҷиконаи академик Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки аз газанди боду баҳори рӯзгор наҳаросида, муҳимтарин сарчашмаи илмию таърихии милати тоҷикро барои наслҳои имрӯзу фардо баррасӣ намудааст.

Ӯ бо таҳлилу таҳқиқоти худ диққати муҳаққиқонро ҷалб намуда, дар асоси манбаъҳои муътамади лингвистӣ ва археологӣ дар ҳамон замон имконият фароҳам овард, ки ба баъзе масъалаҳои таърихи қадими Осиёи Миёна аз нав таҷдиди назар карда шавад.

Назарияи илмии Б.Ғ. Ғафуров аз ҷониби ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ эътироф гардидааст, ки дар он на танҳо пайдоиши халқи тоҷик, балки таърих ва пайдоиши дигар халқу миллатҳое, ки дар Осиёи Миёна зиндагӣ мекунанд, нишон дода шудааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки китоби «Тоҷикон» дар барқароршавӣ ва такомули худшиносии миллӣ ва таърихи рушди тафаккури миллии тоҷикон саҳми бузургу беандоза дорад.

---

[54] Ниг.: Академик Бобоҷон Гафуров муҳақиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ.Душанбе,1999.- С. 293.

Академик Бобоҷон Ғафуров ибрози ақида дорад, ки «Дар асрҳои VII-VI-уми пеш аз милод, чунон ки тазаккур ёфт, сар то сари Осиёи Миёнаро комилан халқиятҳои эронӣ- бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, гурӯҳҳои сакоӣ ва ғ. ишғол мекарданд. Дар асоси ин халқиятҳо ва қабл аз ҳама, бохтариҳо ва суғдиҳо дар марҳалаи аввали асри миёна халқи тоҷик ташаккул ёфт»[55].

Албатта баҳсҳо сари ин масъала то ҳанӯз мавҷуданд ва мавқеи ҳайтолиҳо низ дар ташаккули халқи тоҷик ҷой дошта, мубориза онҳо ба муқобили арабҳо барои ҳувиятсозӣ ҷойгаҳи хосса дорад.[56]

Инчунин Бобоҷон Ғафуров барои интихобу нашри намунаҳои беҳтарини адабиёти халқҳои Шарқ , аз ҷумла осори адибони форсу тоҷик кӯшиши зиёде ба харҷ додааст. Дар ин раванд, як қисми «Шоҳнома»-и Хаким Фирдавсӣ бо муқаддимаи аллома Б. Ғафуров ба табъ расида буд. Бо дастгирии ӯ дар шаҳри Москва нашри интиқодии «Шоҳнома» бо хатти форсӣ дар нуҳ ҷилд чоп шуд. Ин гувоҳи он аст, ки таваҷҷуҳи Бобоҷон Ғафуров ба «Шоҳнома» ҳамчун асари фалсафаю ҳикмати порсизабонони дунё хеле зиёд будааст.

Имрӯз «Шоҳнома» ҳамчун асари пур аз ҷавонмардӣ, паҳлавонӣ ва бедории миллӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми волоеро соҳиб аст. Ин достон шоҳкориест, ки муҳиммият ва арзиши онро Бобоҷон Ғафуров дар ҳамон замони сензура ва идеологияи коммунистӣ дарк намуда, ба ҳар навъе онро талқину баррасӣ намудааст.

Анъанаи илмдӯстии академик Б.Ғафуровро олимону пажӯҳишгарони АМИТ то ҳанӯз идома дода, таҳлилу таҳқиқоти зиёдеро ба анҷом расонида истодаанд, ки дар раванди худшиносӣ ва эҳёи хотираи таърихӣ аз муҳиммияти махсус бархурдор мебошад. Дар баробари ин, чанд сол ин

---

[55] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон.Ҷ.1.-С.51.

[56] Ниг.: Муҳаммад А.Н. Тоҷики тоҷвар» (таҷрибаи таҳлили сиёсатшиносии этникӣ). Душанбе, 2018.-С.12.

ҷониб АМИТ Конференсияи байналмилалии «Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»-ро доир менамояд. Дар ин ҷода ба ҷуз аз пажӯҳишгарони хориҷӣ боз аз ҷониби устодони зиндаёд Сотим Улуғзода, Баҳром Сирус, Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, А.Девонақулов, Худоӣ Шарифзода ва дигарон низ теъдоди зиёди мақолаву корҳои таҳқиқотӣ ба анҷом пазируфтаанд.

Аммо ҷойгоҳи Б. Ғафуров ҳамчун арбоби сиёсӣ ва таърихшиносӣ ҳирфаӣ дар ташвиқи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо дарназардошти расму ойинҳо, забон ва услуб дигаргуна ба назар мерасад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки ӯ кашшофи таърихи мардуми тоҷик ва дигар мардумони ориёитабор аст, ки ифтихораш барои мардуми мо ҳамеша ҷовидон боқӣ мемонад.

Китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров шаҳодатномаи миллати тоҷик, қосиди сулҳу салоҳ, бозтобии саҳифаҳои пурғановати таъриху тамаддун ва хотираи таърихии мо мебошад. «Арзиши илмии ин асари бунёдӣ - таъкид менамояд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ – бениҳоят бузург аст ва Бобоҷон Ғафуров бо заҳмати чандинсолаи худ мо ва мардуми ҷаҳонро бо саҳифаҳои рангини миллатамон ошно кард».

Дарвоқеъ, чунин баҳогузорӣ ба шоҳасари «Тоҷикон» аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдомест, ки дар таҳкими давлатдории миллӣ ва фарҳангсолории мардумони мо нақши муҳиму беҳамто дорад.

Қобили зикр аст, ки Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ чун рамзи сипос ва эътирофу эҳтиром барои хизматҳои таърихӣ ба абармардони тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шотемур ва аз ҷумла ба Бобоҷон Ғафуров низ унвони баландтарини давлатӣ - Қаҳрамони Тоҷикистонро мушарраф гардонид. Ин амал

барои тарбияи насли наврас ва рушди соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ муҳиммияти хос дорад.

Мавриди тазаккур аст, ки дубора эҳё намудани шукуҳу шаҳомат ва мақоми китоби «Тоҷикон» ҳам бо иқдому дастгирии Пешвои миллат вобаставу пайваста буда, тавассути фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав чоп ва дастраси на танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, балки мардумони гуногуни ҷаҳон гардид.

Муҳимияти ин асари бунёдии таҳқиқотӣ дар арсаи таърих барои халқи тоҷик ва дигар сокинони давлатҳои пасошӯравӣ дар он аст, ки дар таърихшиносии миллии ин кишварҳо китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров як таҳаввулот ва инқилоби худшиносию худогоҳии миллиро ба миён овард.

Дар баробари ин, ӯ сензураи идеологии ҳамон замонро шикаста, ҳамчун сармашқи номгузориҳои илмӣ бо номи халқияту миллатҳои бумӣ ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ворид гардид. Барои мисол, баъдан китобҳо бо номҳои «Қазоқҳо», «Қирғизҳо», «Ӯзбекҳо», «Туркманҳо» ва дигар гурӯҳхои этникӣ чоп шуданд. Институти этнология ва антропологияи ба номи Н.Н.Миклухо-Маклайи Академияи илмҳои Россия, силсилаи китобҳоро бо номи «Маданият ва халқиятҳо» рӯи чоп овард ва дар бораи халқият ва миллатҳои гуногун китобҳо бо унвонии ҳар як этнос то ҳанӯз чоп шуда истодаанд.

Мусалам аст, ки баҳсу мунозираҳо дар бораи шоҳасари «Тоҷикон» хеле тӯлонӣ ва гуногунанд, аммо дар илми таъриху ховаршиносӣ баҳси илмӣ дар ин масъала ҷойгоҳи мантиқии худро дорад. Хусусан масъалаи этногенез ва таъсири ҳамсоягони дуру наздик ба раванди ташаккулёбии халқи тоҷик барои пажӯҳишгарон то ҳанӯз муҳимтарин масъалаҳои мавҷудияти мардумони Осиёи Марказиро дарбар мегирад ва дар он тоҷикон нақши бориз доранд.

Ба андешаи мо, дар айни ҳол, на танҳо хондану азбар намудани китоби «Тоҷикон» барои мо талаби замон мебошад, балки дар равоқи китобҳои хона нигоҳ доштан

ва дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ширкат варзидан барои ин муқаддасоти миллӣ ифтихору имтиҳонест, ки ба худшиносию худогоҳӣ ва ҳувиятсозӣ далолат менамояд. Номи ин шоҳасар инъикосгару баёнгари андешаи миллӣ, тарбиятгару эҳёгари маданияту ахлоқи ҳамидаи мардумони ин сарзамини биҳиштосо мебошад, ки Тоҷикистон ном дорад ва эътирофу эҳтироми он қарзи фарзандии мо мебошад.

Хулоса, хизматҳои академик Бобоҷон Ғафуров дар эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими ташаккули миллати тоҷик муҳимияти бесобиқа доранд. Ӯ ба хотири омӯзиши амиқи таъриху тамаддуни халқи тоҷик аз ҳама имкониятҳои замони худ истифода намуда, корҳоеро ба анҷом расонида тавонистааст, ки имрӯз бояд намунаи заҳмати ҳар як олиму пажӯҳишгари тоҷик гарданд. Хизматҳои илмию таҳқиқотӣ ва ватанпарастонаи ӯ на танҳо дастуру ҳидояти фарҳангӣ, балки рамзи бузургию пос доштани хотираи абармардони миллат ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо то ҳануз тамоми паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти ин донишманди бузург ба шакли пурра баррасӣ нагаштааст. Бинобарин, мо бояд дар шинохти ин чеҳраи сиёсию миллӣ Маркази махсуси «Бобоҷон Ғафуров» таъсис дода, дар он таҳқиқотҳои илмию таърихиро роҳандозӣ намоем.

Зарур мешуморем, ки барои баррасӣ ва таҳлили ҳаёту фаъолияти ин шахсияти бузурги сиёсию таърихӣ ҳамеша дар кишварамон ҷаласаҳои мунтазам, нишастҳои илмӣ ва Конференсияҳои дохилию байналмилалӣ баргузор гардад,ки натиҷаи онҳо ба сохторҳои давлатӣ, мактабу маориф пешниҳод карда шаванд.

Ин нобиғаи бузурги миллати тоҷик , марди заминӣ ва бонуфузе буд, ки сухани ӯ дар дунёи сиёсати замонаш мақому мартабаи баланду боло дошт. Имрӯз ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ ва дигар форсизабонони аҳли башар ба бузургии шахсияти Бобоҷон Ғафуров арҷгузорӣ

намуда, аз асари «Тоҷикон»-и ӯ истифода намуда, пайванди наслу асолати таърихии хешро дармеёбанд.

Аз ин бармеояд, ки таҷлили бузургдошти 115 - солагии академик Бобоҷон Ғафуров рамзи арҷу эҳтиром гузоштан ба хотираи неки ин фарзанди сарсупурдаи миллат ва илму фарҳангӣ точик мебошад.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**


*1.Гафуров Б.Таърихи мухтасари халқи тоҷик. ҷ. 10.-Нашр.дав.тоҷик. 1947.*

*2.Муҳаммад А.Н. Тоҷики тоҷвар» (таҷрибаи таҳлили сиёсатшиносии этникӣ). Душанбе, 2018.*

*3.Энсиклопедияи миллии тоҷик. Душанбе, 2017. ҷ.5.*

*4. Академик Бобоҷон Ғафуров -муҳақиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ. - Душанбе,1999.*

*5.Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон.ҷ.1.*



**Абдураҳмон Муҳаммад**

(Тоҷикистон)


**Бобоҷон Гафуров – олими барҷаста, ходими сиёсӣ**


Муаллиф дар мақолаи мазкур мақому манзалати академик Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун олим ва пажӯҳишгари варзидаи тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, паҳлуҳои мухталифи ҳаёти илмию сиёсии ӯро шарҳу баён додааст. Ҳамзамон дар мақола муҳимияти асарҳои Бобоҷон Ғафуров, аз ҷумла «Тоҷикон»-и ӯро ҳамчун кори илмию таҳқиқотии бунёдӣ барои халқи тоҷик ва дигар сокинони кишварҳои Осиёи Миёна таҳлил намуда, натиҷаи онро ҳамчун инқилоби худшиносию худогоҳӣ баррасӣ кардааст.

**Абдурахмон Мухаммад**
(Таджикистан)

**Бабаджан Гафуров – видный учёный, политический деятель**

В данной статье автор проанализировал и исследовал позицию академика Бабаджана Гафурова как таджикского учёного и исследователя, а также изучил различные стороны его научной и политической деятельности. При этом в статье рассматривается значение трудов Бабаджана Гафурова, в том числе его фундаментальный научно-исследовательский труд «Таджики», и отмечается его результат как прорыв в самопознании и духовности таджикского народа и других жителей стран Центральной Азии.

**Abdurrahman Muhammad**
(Tajikistan)

**Babajon Gafurov - a prominent scientist, political worker**

Today, in the era of independence, the promotion of hard-working personalities, spiritual heritage and folk traditions, which is fully supported by the leader of the nation Emomali Rahman, is the most successful scientific and cultural policy, which is the basis for strengthening political independence, self-awareness, revival of historical memory and strengthening of national statehood. has a structure. Even the news of the celebration of the 115th anniversary of the political figure, outstanding scientist and Hero of Tajikistan academician Babajon Gafurov is good news for every Tajik and Tajik family, which causes respect, pride and appreciation.

Academician Bobojon Gafurov is one of the famous figures of science, culture and literature of the Tajik nation, who has made great contributions to the history of the formation and promotion of Tajik-Persian civilization. The establishment of scientific and research institutions and the involvement of talented scientists in scientific work are unique efforts. In particular, the

attraction of Russian and other nationalities researchers, such as Umarov S., Rajabov S. A. , Semyonov A.A., Yakubovsky A.Yu., Andreev M.S. and others in the study of the history of the Tajik people have been evaluated.

**Хайдаршо Пирумшоев**
(Таджикистан)

## Концептуальный взгляд Бабаджана Гафурова на древней истории таджиков

Итак, в конце 30-х начале 40-х годов на небосклоне востоковедческой науки появилась сначала малозаметная фигура Б.Г.Гафурова, но уже первые, может быть, робкие шаги в большой науке предвещали ему большое будущее. Пройдя необходимую школу, получая навыки ведения исследовательской работы у известных российских востоковедов, Б.Г.Гафуров от журналистской профессии, рамки которой не могли его удовлетворять, переходит к настоящей науке. Первые более серьезные его работы: «Падение Бухарского эмирата» (Сталинабад, 1941 г.), «История секты исмаилитов» (ставшая основной его кандидатской диссертации, 1941 г.), «Борьба таджикского народа против чужеземных захватчиков» (в соавторстве с С.Прохоровым, 1942 г.), - стали предвестниками его фундаментальных открытий в истории Центральной Азии.

Вышедший в 1947 году его фундаментальный труд «История таджикского народа в кратком изложении» стал, по сути, его визитной карточкой в большой науке мирового масштаба. Данная работа отличается от работ всех предыдущих авторов почти по всем необходимым показателям или параметрам. На наш взгляд, особо выпукло выделяются следующие отличительные признаки данного труда:

а)По сути, он являлся первым фундаментальным исследованием, охватившим почти всю дореволюционную историю народов Центральной Азии; б) Впервые в этой работе выпукло прослеживается сугубо гражданский, материалистический подход к анализу исторических периодов и

событий, выявляется их закономерность; в) первые центральным объектом исследования стали таджики древнейшие аборигены края. Хотя первые аргументированные предположения о доминирующей роли таджикского народа в регионе высказаны русскими востоковедами: Е.К.Мейендорфом (1795-1863), Н.В.Ханыковым(1819-1878), В.В.Бартольдом (1869-1930) и многими другими, - тем не менее, древнейшая, древняя и средневековая история таджиков исключительно обстоятельно (на уровне доступной источниковой базе того времени) и убедительно была изложена Б.Г.Гафуровым. Это способствовали не только его обширное знание и талант, но и умение анализировать результаты новых открытий археологов. Не случайно первое издание книги на таджикском языке начинается словами: «Археологические исследования показали, что в Средней Азии, в частности, где проживали таджики в недавнем прошлом, люди (имеются в виду наши предки – Х.Пирумшоев) жили десятки тысяч лет тому назад»[1] Причем он впервые среди исследователей региона более четко сформулировал древнейшие периоды истории наших предков и корневые признаки их расово-этнических сложений.

Б.Г.Гафурову принадлежит заслуга впервые выпукло и недвусмысленно определить происхождение таджиков. Выступая против тех мнений пантуркистского толка о якобы происхождение таджиков от персов, он более ярко обозначил предполагаемые мнения, прежде всего в русском востоковедении, о переселении в древности из Средней Азии на иранскую территорию иранских племен: «Обособление восточных иранцев Средней Азии (предков таджиков), - пишет ученый, - от западных иранцев (предков персов) произошло главным образом в глубокой древности, задолго до нашей эры. Конечно, наряду с обособлением западных восточных иранцев имел место и процесс их культурного взаимовлияния, тем более значительного, что таджики и западные иранцы этнически и по языку родственны друг к другу. Однако все это не дает никаких оснований среднеазиатских иранцев – таджиков смешивать в историческом и культурном отношении с западными иранцами,

как это делают буржуазные ориенталисты. Таджикский народ имеет свою собственную самобытную и независимую от персов культуру, свои культурные традиции, свою историю»[2] Лучше и определеннее не скажешь.

Над этим заключением великого ученого должны задуматься те, так называемые исследователи, которые в порыве своих амбициозных мышлений, выдаваемых под видом «новых взглядов в истории», желая свою историю и свое историческое происхождение полностью подчинить толкователям истории Персии, тем самым подталкивают исследователей в явном течении паниранистского толка. Причем эти «новоявленные специалисты» все более смело, и открыто заявляют об исторически неправомочном существовании таджикского языка как национального языка и ставят в целом под сомнение таджиков как вполне сложившуюся нацию со своим почерком, со своими характерными для нации особенностями. Парадоксально, что это мнение выходит не из уст иранцев, а из письменных утверждений тех таджиков, которые наивно мечтают считаться великой иранской нацией, хотя сами иранцы меньше всего думают, вернее, знают об этой абсурдной идее наших приспособленцев, создавших в конце 80-х- начало 90-годов прошлого столетия даже такие общества и течения, как «Куруши кабир» («Великий Кир»). «Ориено» (по смыслу – Объединение арийцев) и т.п. Благо, что находятся только единичные последователи. Они даже не знают, что критериями сложения нации не могут быть только языковые, культурные близости и схожесть народов. Если исходить из такого принципа, то все славяне должны считаться единой нацией, хотя история распорядилась так, что даже народы, сложившиеся на одной территории, в одном государстве, относятся к отдельным нациям. Пример русских, белорусов и украинцев – яркое доказательство тому.

Как отмечено, ученый, так скрупулезно основываясь на крупицы источников, выследил корни образования таджикского

народа и этим нанес сокрушительный удар по пантюркизму, но он не мог предвидеть, что его некоторые недальновидные потомки, используя заключения, приведенные им о культурно-языковой общности персов и таджиков, впадут в другую более опасную крайность – об абсолютной идентичности персов и таджиков как народа и нации.

Мы призываем этих апологетов внимательно проследить за логикой мышления великого нашего соотечественника Б.Г.Гафурова, изложенной во всех выпусках «Истории таджикского народа» и в его гениальном труде «Таджики» по данному вопросу. Тогда не останется места для таких необдуманных кривотолков. При этом следует отметить, что ученый никогда не отделяет понятия «таджик» и «иранцев» и относит таджиков к восточной ветви иранцев. Но по логике его изложения нетрудно понять, что автор ставит разницу между понятиями «персов» и «иранцев», исторические корни сложения которых требуют особо тонкого и научно продуманного подхода.

В этом плане навряд ли в ближайшем будущем появится настоящий исследователь, осмелившийся брать под сомнение высказанное Б.Г.Гафуровым и в противовес выставить свои контраргументы. Чтобы усилить наши предположения на сей счет, приведем еще несколько более четко и весьма сформулированных выводов автора. Итак, еще в первом выпуске (на русском языке) своей книги «История таджикского народа» (М., 1949 г.) он недвусмысленно подчеркивает: «Персы – древнее население области Фарс, а также и население других местностей на территории современного Ирана – принадлежали по своему этническому составу к числу западных иранских племен и народностей в отличие от восточной группы иранских народностей – предков таджиков, которые издревле обитали в Средней Азии»[3] «Мысли автора по этому поводу более точно и аргументировано, сформулированы в книге «Таджики» следующим образом: «Во всяком случае, - пишет он, - следует исключить как явно неверное мнение о том, что

иранские племена появились в Средней Азии, придя с территории Ирана. Аргументы сторонников этого мнения определенно несостоятельны. Реальные данные свидетельствуют о том, что иранские племена широко распространились на Западном Иране в первых веках I тысячелетия до н.э., а появились здесь не ранее самого конца II или рубежа II-I тысячелетий до н.э. А в Средней Азии иранские племена, как об этом свидетельствуют и историко-лингвистические, и археологические данные, находились во всяком случае уже во второй половине II – начале I тысячелетия до н.э.»[4]

Говоря об иранских племенах вообще, Б.Г.Гафуров указывает на широкое распространение их ареала обитания. «В древности, - пишет он, - область распространения иранских языков и племен была намного обширное, чем в средние века и в новое время. Она простиралась от юго-восточной Европы до Восточного Туркестана и от Приуралья и Южной Сибири до юга Ирана»[5]

Далее, давая описание довольно обширного и интенсивное продвижение иранских племен, он обращает внимание и на такой факт, что с III-II вв. до н.э. начинается экспансия Туркестана, где к этому времени проживали иранские племена с северо-восточной части этой территории[6] В это же время автор еще раз подчеркнуто утверждает, что «территория самой Средней Азии к VII-VI вв. до н.э. целиком занимали иранские народности – бактрийцы, хорезмийцы, согдийцы, племена сакской группы и др. На основе этих народностей и прежде всего бактрийцев и согдийцев в раннем средневековье и сформировался таджикский народ»[7]

Читая и перечитывая книги Б.Г.Гафурова по истории таджиков, главным образом его «Таджики», нельзя не удивиться его терпению и упорству выделении предков таджиков от общей массы иранских племен, чему посвящено много страниц[8] Он все же неоднократно повторяет одну и

ту же мысль, - таджики происходили из восточных иранских племен в своем родном историческом обиталище – Средней Азии или в несколько обширном понятии Центральная Азия, которую и считает прародиной всех других иранских племен. В этой связи трудно удержаться от приведения еще одной цитаты, может быть в нарушение общей формы и этики изложения, приведением частых и длинных цитат, исходя лишь из этого простого соображения, что лучше и лаконичнее самого Б.Г.Гафурова невозможно изложить его выводы и заключения по такому архисложному вопросу, каким является определение расово-этнического происхождения таджиков.

«Итак, - пишет автор, - мы видели, что и археологические материалы, и историко-лингвистические данные указывают на расселение различных арийских групп (в более ранний период преимущественно индоарийских, затем - иранских) из Средней Азии на юг к Индии, Афганистану и, в сторону Ирана. Все это еще раз подтверждает, что Средняя Азия с примыкающими районами была основным центром распространения индоиранских племен и древней областью их обитания. Те из иранских племен, которые остались в Средней Азии, являлись предками ее основного населения сначала исторической эпохи до раннего средневековья.

Впоследствии на базе восточно-иранских народностей Средней Азии, прежде всего бактрийцев, согдийцев и в меньшей степени иных этнических компонентов, сложился таджикский народ»[9] Далее читатель должен обратить внимание на то, что ученый, анализируя состояние раннеклассового общества Средней Азии, подчеркнуто использует для понятия непосредственных предков таджиков определение «восточно-иранские племена».

Такой подход в определении сложения отдельных народов от расово-этнических групп народов встречается в исторических исследованиях. Например, в истории славянских народов происходило почти то же самое, но по

времени намного позже. Древнеславянские племена делятся на западных, южных и восточных. Последние и стали главными компонентами сложения русской, украинской и белорусской народностей, впоследствии перераставших в отдельные нации, хотя их общая история, культура и некотором роде язык сохраняются и доныне. Однако эти общности не дают основания для объявления их единой славянской нацией, включая в это понятие и другие национальности, происходившие от славян. Впрочем история знает и примеры о стремлении отдельных амбициозных представителей этих народов, выступающих за создание единого славянского государства, т.е. это поборники идеи паниславянизма. Чем кончились пресловутые идеи и движения панисламизма, пантюркизма и т.п. Такая участь ждет и господ из стана паниранизма. Парадокс в том, что это исходит не из Ирана и иранцев, а от нас самих, т.е. таджиков особенно эта тенденция усилилась в конце 80-х – начале 90-х годов прошлого столетия.

Совершенно другое дело – созданные веками усилиями наших предков культурные ценности являются нашим общим достоянием. Нужно их беречь, преумножать, каждая сторона которых вносит свою своеобразную лепту. В то же время народ как нация должен сохранить каждую сторону, все те нравственно-культурно-языковые особенности или оттенки, которые сложились веками. Вот что хотел и о чем старался великий ученый – наш соотечественник Б.Г.Гафуров !

**Примечание:**


*1.Гафуров Б.Г. Таърихи мухтасари халки точик. – Сталинабад, Госполиздат, 1947. – С.3.*

*2.Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. – М.: Госполитиздат, 1949. – С.27.*

*3.Гафуров Б.Г. «История таджикского народа в кратком изложении». – М., 1949, - С. 37.*

*4.Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. – С.36.*

*5.Там же. – С. 36-37.*
*6.Гафуров Б.Г. «Таджики». – С. 37.*
*7.См.: там же.*
*8.См.: там же. – С. 27-43.*
*9.Гафуров Б.Г. Таджики. – С. 43.*

**Хайдаршо Пирумшоев**
(Таджикистан)

## Концептуальный взгляд Бабаджана Гафурова на древней истории истории таджиков

Вышедший в 1947 году фундаментальный труд Бабаджана Гафурова(1908-1977) «История таджикского народа в кратком изложении» стал его визитной карточкой в большой науке. Данная работа отличается от работ всех предыдущих авторов почти по всем показателям и параметрам. По сути, этот труд являлся первым фундаментальным исследованием, охватившем почти всю дореволюционную историю народов Центральной Азии. Впервые центральным объектом исследования стали таджики - древнейшие аборигены региона.

В статья рассматриваются концептуальный взгляд академика Бабаджана Гафурова на древней истории истории таджиков как древнейшие аборигены Центральной Азии .

**Ҳайдаршо Пирумшоев**
(Тоҷикистон)

## Назари консептуалии Бобоҷон Ғафуров ба таърихи қадими таърихи тоҷикон

Асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров (1908-1977) «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», ки соли 1947 ба табъ расида буд, воқеан дар миқёси ҷаҳонӣ варақаи визитӣ дар илму бузургии ӯ гардид. Ин асар аз асархои муаллифони қаблӣ бо тамоми нишондихандаҳо ё параметрхои зарурӣ фарқ мекунад. Дар ҳақиқат ин аввалин таҳқиқоти бунёдӣ-

фундаменталӣ буд, ки тамоми таърихи пешазреволюсионии мардумони Осиёи Миёнаро дар бар гирифт. Тоҷикон, мардуми деринтарину муқимии минтақа буда ва аввалин мавзуии марказии таҳқиқот гардиданд.

Дар мақола назари консептуалии академик Бобоҷон Ғафуров дар бораи таърихи қадимии таърихи тоҷикон ҳамчун қадимтарин мардуми муқимии Осиёи Марказӣ баррасӣ шудааст.

**Haydarsho Pirumshoev**
(Tajikistan)

**Babajan Gafurov's conceptual view ofancient history of the history of Tajiks**

The fundamental work of Babajan Gafurov (1908-1977), “The History of the Tajik People in Brief,” published in 1947, became, in fact, his calling card in big science on a global scale. This work differs from the works of all previous authors in almost all necessary indicators or parameters. In fact, it was the first fundamental research that covered almost the entire pre-revolutionary history of the peoples of Central Asia. Tajiks, the most ancient aborigines of the region, became the first central object of research.

The article examines the conceptual view of academician Babajan Gafurov on the ancient history of the history of Tajiks as the oldest aborigines of Central Asia.

**Кароматулло Олимов**
(Тоҷикистон)

## Академик Бобоҷон Ғафуров фарзанди бузурги халқи тоҷик ва донишманди ҷаҳоншумул

*"Аз номи нек боманфиаттар чизе нест ва онро ҳеҷ чизе қавитар ҷуз фазилат эҷод намекунад".*
Де Вовенарг Люк де Кланйе

Дар ҳар давру замон ҷомеа ба шахсиятҳое ниёз дорад, ки бо осору амалашон ба раванди пешрафти илму сиёсат такони ҷиддӣ мебахшанд ва боиси фароҳам омадани шароити муносиб ба рушди устувор мешававнд. Агар ба илми даврони Иттиҳоди Шӯравӣ назар намоем, устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров,Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Аловаддин Баҳоваддинов, Солеҳ ва Зариф Раҷабовҳо, Баҳодур Искандаров ва чанде дигар шахсоне будаанд, ки дар таҳаввули илмҳои ҷомеашиносӣ хидмати бузург анҷом додаанд ва дар соҳаҳои худ ситораҳои дурахшон будаанд, ки осорашон то имрӯз равшангари роҳи илм буда, дар пешрафти илми тоҷик таъсиргузор аст.

Дар байни ин бузургони илм нақши Бобоҷон Ғафуров хеле равшан ва саҳмаш дар илми тоҷик ва шӯравӣ бузург аст. Инро ягон донишманди бо Б. Ғафуров кору шиносоӣ дошта, ҳатто душманҳои ошкору ниҳонаш ҳам, эътироф менамоянд.

Дар воқеъ нобиғаҳое, ки дар таърихи ин ё он халқ, илм, адабиёт, ҳунар бо заковату дониш, ҷасорату азхудгузарӣ мақоми шоиста ва эътирофи умум касб мекунанд, дар даҳсолаҳо ва ҳатто садсолаҳо арзи вуҷуд менамоянд.

Аллома Бобоҷон Ғафуров аз тарафи аксари сиёсатмадорон ва муҳаққиқон ҳамчун сиёсатмадори бузург ва таърихнигори тавоно шинохта шудааст ва

олимони тоҷику рус, ҳиндую эронӣ ва дигарон дар бораи ин донишманди асил бо эҳтиром ва ҳусни ният сухан рондаанд. Албатта, нотавонбиноне низ будаанд, ки аз рашку ҳасад ба миллати тоҷик, аз ҷумла ба асари Бобоҷон Ғафуров, назари некбинона надоштаанд. Вале ин гуна олимони ҷоҳил ва ғаразнок, ҳеҷ гуна далелу бурҳони кофӣ барои инкори таърихи халқи тоҷик, ки ба гуфтаи устод Садриддин Айнӣ «халқи муаззам» аст, надоштаанд ва надоранд. Ҳақиқати илмии «Тоҷикон»-и устод Б. Ғафуров аз осори нурафкани гузашта маншаъ гирифта, таърихи халқи тоҷикро аз давраҳои қадимтарин дар заминаи дастовардҳо ва манбаъҳои боэътимоди таърихӣ, адабӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, забоншиносӣ дар асоси методологияи илмии он давра таълиф намудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ «Бобоҷон Ғафуров олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ», ки дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» дарҷ гардидааст, паҳлуҳои мухталифи ҳаёт ва осори Б. Ғафуровро таҳлил намуда, ба фаъолияти давлатӣ ва илмиаш баҳои муносиб ва сазовор додаанд, аз ҷумла таъкид кардаанд, ки Бобоҷон Ғафуров «солҳои тӯлонӣ ба таҳқиқи таъриху тамаддуни мардуми Машриқзамин машғул буд. Ҳамзамон созмондиҳандаи моҳири соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла шарқшиносӣ буда, барҳақ яке аз бунёдгузорони илми муосири тоҷик ба ҳисоб меравад»[1]. Барҳақ асари мондагори академик Б. Ғафуров “Тоҷикон»-ро шиносномаи миллат номидаанд.

Академик Б. Ғафуров аз оғози машғул шудан ба таҳқиқи проблемаҳои шарқшиносӣ, амиқ омӯхтани таърихро зарур медонад. Ӯ ҳанӯз дар соли 1945 дар мақолааш «Таърихи гузаштаи ғании халқи тоҷикро амиқтар омӯзем», ки ба забони русӣ таълиф шуда буд, ин мавзӯро хеле бамаврид ва бо ҷиддият матраҳ намуд[2].

Мақола ҳангоме таълиф ва ба табъ расида буд, ки ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба охир расида, масъалаҳои муҳимтарини барқарорсозии иқтисоди миллӣ вазифаи

асосӣ маҳсуб мешуд. Вале Б. Ғафуров дар ҳамин давра зарурати боло будани сатҳи худшиносии миллиро барои ваҳдати миллати тоҷик дарк намуда, омӯхтани таърихро василаи муҳимии худшиносии миллат медонад.

Воқеан ҳам, Бобоҷон Ғафуров ҳамчун олими заковатманд ва дурандеш на танҳо «Тоҷикон»-ро таълиф намуд, балки дар нашри асари сеҷилдаи (иборат аз панҷ китоби) «Таърихи халқи тоҷик» ба забони русӣ, ки дар Маскав ба табъ расида буд, хидмати боарзиши илмиро анҷом дод. Ӯ ба ин восита ба як тир ду нишон зад: аз як тараф бо ҷалби олимони таърихшиноси машҳури Россия ва тоҷик дар маркази Иттиҳоди Шӯравӣ ин асарро чоп намуда, дастраси олимону хонандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷӣ намуд ва аз ҷониби дигар, хидмати миллии худро низ иҷро кард ва онро ҳамчун мақсади таблиғи таърихи ғании миллати худ қарор дод, ки ҷавоби қотеъ ба инкорсозони фарҳанги бузурги халқи тоҷик гардид.

Академик Бобоҷон Ғафуров ба фикри умуми олимони Иттиҳоди Шӯравӣ Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравиро, ки бист сол бештар сарварӣ кард, ба муассисаи бузурги илмии ҷаҳонӣ табдил дод ва робитаҳои онро бо марказҳои бузурги илмии кишварҳои хориҷа барқарор ва вусъат бахшид. Ба ин восита Б. Ғафуров дар ташаккули сиёсати давлати Шӯравӣ оид ба кишварҳои Осиё ва Африқо саҳми намоён гузошт. Агар аз рӯи инсоф ба хидматҳои Б. Ғафуров Академияи илмҳои Россия арҷгузорӣ менамуд, ин институт бояд ба номи ӯ гузошта мешуд. Дар шӯрои олимони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия, ки ба муносибати 110 солагии олим баргузор шуда буд, олимони ин институт пешниҳоди мусаввиди ин сатрҳоро маъқул диниста буданд, ки ин институт ба номи ӯ гузошта шавад, вале мутаассифона, мақомоти марбутаи он кишвар дар ин кори хайр камҳавсалагӣ нишон медиҳанд.

Хидмати боарзиши дигари устод Б. Ғафуров таъсиси Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои шарқшиносии Донишгоҳи давлатии (имрӯз миллии) Тоҷикистон аст. Академик Абдулғанӣ Мирзоев ҳангоми ба мо дар вақти донишҷӯӣ дарс гуфтан ёдовар шуда буданд, ки Бобоҷон Ғафуров бо камоли дурбинӣ соли 1958 Конференсияи умумиитттифоқиро дар Тошканд баргузор намуда, ба президенти онвақтаи АИ ҶТ академик Султон Умаров ва академик Абдулғанӣ Мирзоев маслиҳат дода буд, ки таъсиси ин шуъбаҳоро дар Академияи илмҳо ва Донишгоҳи давлатӣ пешниҳод ва асоснок намоянд. Дар асоси қарори ҳамон конференсия, ки моҳи феврал доир шуда буд, бо иҷозати Маскав ҳамон сол шуъбаҳои шарқшиносии Академияи илмҳои ҶумҳурииТоҷикистон ва арабию форсии Донишгоҳи давлатӣ таъсис ёфтанд, ки то имрӯз кадрҳои дар он ҷо тарбияёфта, хидмати арзандаи худро ба илму маориф ва соҳаҳои дигари мақомоти давлатӣ адо карда истодаанд. Яке аз мақсадҳои Б.Ғафуров аз таъсиси ин шуъбаҳо, гуфта буданд А. Мирзоев, таҳқиқи мероси гузаштаи халқи мо мебошад, ки ин мерос ба забони арабӣ ва тоҷикӣ ба хати арабиасос буда, бояд ҳатман омӯхта шавад, зеро бо табдили алифбо аксарияти аҳолӣ ва ҳатто бисёр олимон ва адибон аз имконияти истифодаи бевоситаи мероси гузашта маҳрум шуданд. Мақсади дигари Б. Ғафуров ба ин восита тайёр кардани кадрҳои ояндаи дипломатии шӯравӣ аз ҷавонони тоҷик будааст. Зеро, ба ақидаи Б. Ғафуров, тоҷикони Осиёи Миёна, ки дар давраи шӯравӣ таҳсил карда, дорои ҷаҳонбинии илмӣ мебошанд, барои дар мамлакатҳои Шарқ муваффақона кор кардан имконияти бештар доранд. Ин андешаи устод баъдан дар амал тасдиқ гардид. Бисёр ҷавонони фориғуттаҳсили факултети шарқшиносии донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар корҳои тарҷумонӣ, мушовирии соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии замони шӯравӣ ва баъдан дар давраи

соҳибистиқлолии кишварамон хидмати хуб кардаанд ва карда истодаанд.

Академик Б. Ғафуров боз дорои як хислати муҳими инсонӣ буд, ки он хайрхоҳӣ ва накӯкорӣ аст. Бисёр олимони қазоқ, арманӣ, озарӣ, гурҷӣ ва ғайра ба туфайли дастгириҳои ӯ рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро дар институти шарқшиносии АИ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳимоя кардаанд. Чандин олимони тоҷик низ, аз ҷумла Абдулғанӣ Мирзоев, Аҳрор Мухторов, Маъруф Содиқов,Баҳодур Искандаров,Соҳиб Табаров ва дигарон аз кумакҳои беғаразонаи маънавии устод Б. Ғафуров баҳравар шудаанд. Дар ин бора аз рисолаву мақолаҳои А. Мухторов, У. Ғаффоров, А.Турсунов, Б.Литвинский,О.Каримзода ва дигарон маълумоти бештар гирифтан мумкин аст.

Асарҳои устод Бобоҷон Ғафуров ва мактаби таърихшиносиву ховаршиносии ӯ на танҳо барои миллати тоҷик ва Тоҷикистон, балки барои илми ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун намунаи таҳқиқоти ҷиддии илмӣ ва холисонаву боинсофонаи таърихӣ хидмат кардаанд ва хоҳанд кард. Яке аз директорони собиқи институти шарқшиносии АИ Россия Ростислав Рибаков, ки низ дастпарвари Б. Ғафуров буд, давраи директории ӯро замони тиллоии шарқшиносии шӯравӣ номидааст. Р. Рибаков навиштааст, ки «мо ҳар андоза дар зиндагӣ аз суҳбатҳои замони зинда будани Ғафуров дуртар шавем, ба ҳамон андоза барои мо миқёси шахсияти ӯ равшантар мешавад. Роҳбари қудратманд ва меҳрубон, дӯсту устоди ғамхор, дипломати нозукандеш ва ҳатто дар вақтҳои пурхавф инсони самимии ҷасур. Ҳамаи ин хислатҳои мухталиф дар дар табиати воҳиди ноёби шахсияти беназир ва нотакрори Бобоҷон Ғафурович Ғафуров гудохта шуда буданд»[3].

Барои Бобоҷон Ғафуров, ки солҳо котиби Кумитаи ҳизби Коммунистии Тоҷикистон буд, дар он замон машғул шудан ба масъалаи ҳассос, яъне таърихи қадимаи миллати

худ, кори осон набуд, зеро баъзе нотавонбинон метавонистанд ӯро ба миллатчигӣ гунаҳгор кунанд. Вале ӯ бе тарсу ҳарос, барои миллат ва илми таърихнигорӣ ҷоннисорона ва ҳақиқатнигорона роҳи таҳқиқро пеш гирифт, ки дар он давра на ҳар кас метавонист ба ин кор ҷуръат намояд. Ба гуфтаи воқеъбинонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои таҳқиқи таърих даст задани Б. Ғафуров дар он давра, ҳангоми дар вазифаи Котиби якуми ҲК Тоҷикистон будан, худ як қаҳрамонӣ буд. Ӯ ҳатто барои идомаи таҳқиқи таърихи халқи худ ариза навишта аз вазифа озод шудани худро дархост карда буд.

Яке аз хидматҳои бузурги миллатдӯстонаи Бобоҷон Ғафуров дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо дурандешии фавқулодда Садриддин Айнӣ ва чандин олимони тоҷикро, аз ҷумла Султон Умаров, Солеҳ ва Зариф Раҷабовҳо, арбобони санъату мусиқӣ Бобоқулака Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов ва дигаронро ба пойтахти ҷумҳурӣ оварда, ба пешрафти илму адабиёт ва фарҳангу санъат хидмати арзандаи воқеан ҳам ватанпарастона кард.

Ба заҳматҳои бемонанди ин олиму сиёсатмадори бузурги тоҷик, махсусан ба аҳамияти шоҳасари ӯ «Тоҷикон», Эмомалӣ Раҳмон, чунон ки зикр шуд, баҳои баланд додаанд ва бо ифтихор гуфтаанд: «Ин шоҳасари безавол, ки самараи меҳнати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқотҳои бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқҳои Осиёи Миёна ба шумор меравад. Ин асар, барҳақ, китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳибмаърифати тоҷик мебошад ва барои худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо чун обу ҳаво зарур аст»[4].

Албатта, бо дастовардҳои нав ва кашфи сарчашмаҳои тоза илми таърихшиносии тоҷик ғанитар хоҳад шуд ва баъзе масъалаҳои баҳсноке, ки дар «Тоҷикон»-и устод Ғафуров мавҷуданд ва худи устод таъкид кардаанд, дақиқтар хоҳанд шуд. Вале аҳамият ва қадру қимати илмӣ

ва миллии ин асар бо гузашти замон боз ҳам бештар хоҳад шуд ва ҳамчун асари классикии илмӣ боқӣ хоҳад монд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нишони ҳақшиносии халқи тоҷик аз хидматҳои шоистаи устод Бобоҷон Ғафуров ҷойгоҳи ӯро дар радифи Қаҳрамонони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода муайян намуданд ва номи муборакни ин ҷонфидои миллат дар саҳифаҳои зарини таърих абадӣ сабт гардид. Бояд зикр кард, ки осори бузургони тоҷик ба монанди устод Айнӣ ва устод Ғафуров намунаи ибрат барои таҳқиқи ҷиддӣ, холисона ва масъулиятшиносона дар назди халқ ва таърих аст. Аз хислатҳои бузургворонаи онҳо муҳаққиқон дарси матонат ва садоқат меомӯзанд, то ки барои ояндагон хидмати сазовор карда бошанд.

Оре, абармардони миллат ҳамчун дарахтҳои сермева ва сояафкан ҳастанд, ки реша дар замири дилу таърихи миллат доранд ва бе худнамоию худхоҳӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва боло бурдани ҳисси ифтихори миллӣ хидмат мекунанд. Бинобар ин маҳбуби ҳамаи наслҳову замонҳо хоҳанд буд.

Асарҳои Б.Ғафуров ба масъалаҳои таърихшиносӣ бахшида шуда бошанд ҳам, вале дар онҳо дар бораи афкори фалсафӣ ва иҷтимоию ахлоқии мутафаккирони бузургамон низ таваҷҷуҳ атф шудааст. Б. Ғафуров дар бораи Авесто ва зардуштия фикрҳои олимонро ҷамъбаст намуда, дар заминаи адабиёти дар ҳамон вақт дастрас, оини зардуштӣ ва китоби муқаддаси онро ҳамчун мероси бузурги маънавии халқҳои эронинажод исбот карда буд. Яке аз масъалаҳои муҳими таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ давлати Кӯшониён аст, ки Б. Ғафуров барои таҳқиқи он ба таври ҷиддӣ машғул шуда буд. Дар соли 1968 бо ташаббуси ӯ дар Душанбе Симпозиум оид ба Кӯшониён баргузор шуда буд, ки падидаи муҳим дар таърихшиносӣ ва муаррифии Тоҷикистон гардид. Дар китоби «Тоҷикон» ба Кӯшониён диққати махсус дода шудааст. Б. Ғафуров исбот мекунад, ки дар давраи

Кӯшониён қисми асосии аҳолии Осиёи Миёна зардуштияро мепарастиданд[5]. Тасаввуроти динии аҳолии ин сарзамин чунин бада, ки худои обро низ парастиш мекардаанд, номи он ба бохтарӣ Охшо ё Оахшо буда, рӯҳро ифода мекардааст ва то асрҳои миёна Вахш номи худо будааст. Берунӣ ҳам ишора кардааст, ки «Вахш номи малакест нозири дарё, аз ҷумла рӯди Ҷайҳун»[6].

Аллома Ғафуров дар «Тоҷикон» (пештар дар китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» низ) ба таърихи илм, адабиёт ва фалсафаву афкори иҷтимоӣ махсус диққат дода, мақоми олимону адибон ва шахсиятҳои фарҳангии гузаштаро мухтасар, вале боварибахш нишон додааст. Масалан, агар ба таърихи асрҳои X1-X111 руҷуъ шавад, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳриро ҳамчун шоирони дарбор номбар карда, вале дар бораи Абӯалӣ Сино, Берунӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём,Фахриддини Розӣ, маълумоти мухтасар ва дақиқ пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, доир ба Берунӣ сухан ронда навиштааст: «Аҳамияти асарҳои Берунӣ бағоят бузург мебошад. Ӯ ба воситаи як қатор тадқиқот ва кашфиёти худ на фақат ба пешрафти илму фанни замонааш мусоидат кард, дар айни замон аз савияи дониши он давра чунон пеш гузашт, ки аксар вақт дар асарҳои худба баъзе далел ва мадракҳои фанни имрӯза наздик мешавад.»[7].

Таҳқиқи Б. Ғафуров роҷеъ ба тасаввуф низ боаҳамият аст. Баъдан мероси аҳли тасаввуф бештар ба таҳқиқ кашида шуд ва гузориши масъала аз тарафи Б. Ғафуров ҳамчун асли методологии таҳқиқ муҳим аст. Ӯ дар тасаввуф ду ҷараёнро ҷудо мекунад: феодалӣ ва халқӣ, ки зидди якдигар будаанд. Мазмуни фаъолияти аҳли тасаввуфро асосан дуруст муайян кардааст: « Ҷараёни халқии тасаввуф бо доираи ҳунармандони шаҳр алоқаманд гардида, эътирози оммаро бар алайҳи зулму ситами феодалӣ ифода менамуд. Аҳли тасаввуф дар баробари тарки дунё кардан, даст кашидан аз нозу неъмат, ки шарти асосии аксари тариқатҳои равияи

тахайюлии ғайри фаъол ба шумор мерафт, ғояи муҳаббат ба инсонро таблиғ карда, дар роҳи ҳусули мақсади худ аз муборизаи мусаллаҳона низ худдорӣ намекарданд.»[8].

Муаллифи «Тоҷикон» бар хилофи баъзе муҳаққиқон ба Муҳаммади Ғаззолӣ баҳои холисона додааст. Муборизаи Ғаззолиро бар зидди Форобӣ ва Ибни Сино зикр карда, онро нақши иртиҷоӣ медонад. Вале дар айни замон таъкид мекунад, ки Ғаззолӣ шахси хеле боқареҳа ва истеъдоднок буда, дар соҳаи фалсафа маърифати комил дошт, асарҳои вай дар баъзе бобатҳо нақши мусбат низ бозӣ кардаанд. «Мақосид-ул-фалосифа»-и ӯ ба лотинӣ тарҷума шуда, дар Аврупои асрҳои миёна беҳтарин нақли мухтасари ғояҳои фалсафаи машшоия дониста мешуд [9]. Таҳлили маорифпарварӣ ва ақидаҳои Аҳмади Дониш ва пайравони он, агарчи дар китоб хеле мухтасар аст, вале барои дарки моҳияти онҳо баёни хуб мебошад. Яке аз хислатҳои ватанпарастӣ ва миллатдӯстии Бобоҷон Ғафуров ин аст, ки ӯ фарзандони бузурги миллати тоҷикро аз марказҳои тамаддуни гузашта ба Тоҷикистони навбунёд ва аз кадрҳои донишманд танқисӣ дошта, даъват намояд ва онҳоро барои тарбияи кадрҳои ҷавони ҷумҳурии дар кӯҳистон ҷой кардашуда, сафарбар намояд. Ба Душанбе овардани устод Садриддин Айнӣ худ хидмати бузурги таърихии Б. Ғафуров мебошад. Ба пойтахти Тоҷикистон омадани академик Султон Умаров, Солеҳ ва Зариф Раҷабовҳо, Бобоқулака Файзуллоев, Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов ва дигарон аз тафаккури стратегӣ доштан ва дурандешию сиёсатмадори бузург буданаш гувоҳӣ медиҳад. Ҳатто дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоири машҳур, вале дар гӯшаи фаромӯшӣ монда Зуфархон Ҷавҳариро соли 1943 ба Душанбе даъват намуда, супориш медиҳад, ки асарҳои ватанпарастона эҷод кунад. Дар натиҷа дар муддати кӯтоҳе достони қаҳрамонӣ ва чанд шеъри ватандӯстӣ эҷод мешавад, ки ин ҳам аз ғамхории аллома Ғафуров ба зиёиёни соҳибфазилат ва ҷалби онҳо барои пешбурди илму адаб ва фарҳанги Тоҷикистон шаҳодат медиҳад[10].

Хулоса метавон гуфт, ки Бобоҷон Ғафуров бо фаъолияти пурбори сиёсӣ ва илмии худ исбот кардааст, ки фарзанди бузурги халқи тоҷик буда, мубаллиғи фаъоли ифтихори миллӣ мебошад. Ҳамзамон ӯ шахси бузурги инсондӯст буда, андешаи дӯстӣ ва эҳтиромро ба ҳамаи халқҳо зарур медонад ва худ намунаи барҷастаи инсони худогоҳи байналмилалӣ будааст. Талошҳои пайвастаи Бобоҷон Ғафуров барои рӯи об баровардани ному фарҳанги тоҷик, ки намунаи равшани он «Тоҷикон» мебошад, меҳри ӯро дар дили миллати тоҷик асрҳо фурӯзон хоҳад дошт.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**

*1.Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе-2016. саҳ.328.*

*2.Глубже изучать богатое историческое прошлое таджикского народа». Труды Таджикского филиала АН СССР, т. 21, Сталинабад, 1945.*

*3.Чеҳраҳои мондагор, саҳ.333. (Таъкид аз муаллиф аст.)*

*4.Ҳамон асар, саҳ. 496.*

*5.Ҳамон асар, саҳ. 497.*

*6.Рыбаков Р.Б. Золотой век отечественного востоковедения. Дар китоби «Бобоҷон Ғафуров», Душанбе-2021. саҳ. 66.*

*7.Бобоҷон Ғафуров.Тоҷикон. Душанбе. «Нашриёти муосир»-2020. саҳ.197.*

*8.Ҳамон ҷо.саҳ.198.*

*9.Ҳамон асар, саҳ.489.*

*10.Ҳамон асар, саҳ. 499.*

**Кароматулло Олимов**
(Тоҷикистон)

## Академик Бобоҷон Ғафуров фарзанди бузурги халқи тоҷик ва донишманди ҷаҳоншумул

Дар мақола фаъолияти Бобоҷон Ғафуров дар рушди илму фарҳанг дар Тоҷикистон, фаъолияти камназири ӯ ҳамчун олим-таърихшиноси дорои дониши васеъ ва асари

бузурги «Тоҷикон...»-ро ба вуҷуд овард, ки ба ганчинаи фарҳанги тоҷикон ва илми таърихи ҷаҳонӣ ворид гардид.

Бобоҷон Ғафуров халки худ, республикаи худро дӯст медошт, вале нисбати мардумони дигар ва маданияти онхо эҳтироми амик дошт. Барои ободонии Точикистон олимон, шоирон, бастакорон, мутахассисони намоёни тоҷикро аз дигар республикахо даъват намуда, барои ҳаёт ва фаъолияти онҳо шароит мусоид фарохам овард. Номи Бобоҷон Ғафуров дар таърихи халқи тоҷик абадӣ сабт шуда, асарҳои илмии ӯ намунаи хизмати фидокорона ба илму фарҳанг мебошанд.

**Кароматулло Олимов**
(Таджикистан)

### Академик Бабаджан Гафуров великий сын таджикского народа и учёный мирового значения

В статье рассматривается деятельность Бабаджана Гафурова в становлении науки и культуры Таджикистана, его неутомимый труд в поднятии уровня национального самосознания таджикского народа. Он как учёный-историк с широкими познаниями, создал капитальный труд “Таджики”, который вошёл в сокровишницу таджикской культуры и мировой исторической науки. Бабаджан Гафуров любил свой народ, свою республику, но относился с чувством глубокого уважения к другим народам, их культуре. Для развития Таджикистана он приглашал выдающихся таджикских учёных, поэтов, композиторов, специалистов из других республик, создавал необходимые условия для их жизни и деятельности. Имя Бабаджана Гафурова навечно вписано в истории таджикского народа,его научные труды являются примером беззеаветного служения науке и истине.

**Karomatullo Olimov**
(Tajikistan)

## Academician Babajan Gafurov, great son of the Tajik people and scientist of world significance

The article examines the activities of Bobojon Gafurov in the development of science and culture in Tajikistan, his tireless work in raising the level of national self-awareness of the Tajik people. He, as a scientist-historian with broad knowledge, created a major work “Tajikis”, which entered the treasury of Tajik culture and world historical science. Bobojon Gafurov loved his people, his republic, but had a feeling of deep respect for other peoples and their culture. For the development of Tajikistan, he invited outstanding Tajik scientists, poets, composers, specialists from other republics, and created the necessary conditions for their life and activities. The name of Bobojon Gafurov is forever inscribed in the history of the Tajik people; his scientific works are an example of selfless service to science and truth.

**Насрулло Убайдулло**
(Тоҷикистон)

# АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ - БУНЁДГУЗОРИ КОНСЕПСИЯИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚИ ТАЪРИХИ МИЛЛАТ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешгуфтори худ ба нашри тухфавии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров навиштаанд: «Халқи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо ба шарофати шахсиятҳои мубориэу ҷасур, ватандӯсту меҳанпарвар, донишманд ва бонангу номус тавонистааст, ки ба ганҷинаи таърих ва тамаддуни башар саҳми мондагор гузорад» [1].

Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров, ки мо  имсол 115-солагиашро ҷашн мегирем, бешубҳа яке аз мондагортарин чеҳраҳои таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик мебошад. Мондагории кору бор, фаъолият, хидмату заҳматҳои устод Бобоҷон Ғафуров дар таърихи миллат бо хатти заррин дар чанд самт, пеш аз ҳама дар бунёди консепсияи илмии таҳқиқ ва таълифи таърихи ҷомеи халқи тоҷик таҷассум меёбад.

Академик Б. Ғафуров ба пажуҳиши илмии таърихи халқи тоҷик ҳанӯз охири солҳои 30-юми асри гузашта рӯ оварда буд. Агар дар ибтидо мавзӯи асосии мақолаҳои ӯ ҳамчун рӯзноманигор низ бештар масоили таърихиро дар бар гиранд ҳам, қадами аввал дар самти таҳқиқи таърих ба чоп расидани ду рисолаи илмӣ - «Ба муқобили фаранҷӣ ва урфу одатҳои динӣ» [2] ва «Афтидани аморати Бухоро» («Падение Бухарского эмирата: к 20-летию Советской революции в Бухаре (1920-1940 гг.») [3] дар ҳаммуалифӣ бо Н. Н. Прохоров мебошанд. Таълифи ин ду асари таърихӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии таърихшиносӣ

ва пажуҳишии Бобоҷон Ғафуров нақши муассир гузоштанд. Бо ҳимояи рисолаи номзадӣ ва ба даст овардани дараҷаи илмии муаррихи касбӣ пажуҳиши таърихи халқи тоҷик ба яке аз самтҳои асосии фаъолияти илмии Бобоҷон Ғафуров мубаддал гардид.

Аммо, Бобоҷон Ғафуров замоне ба майдони илми таърихшиносии шуравӣ қадам гузошт, ки ин соҳаи илм ба раванди таҳаввулоти ҷиддӣ дучор гардида, ба яке аз саҳнаҳои асосии муборизаи мафкуравӣ табдил ёфта буд, ки ин барои муаррихони касбӣ мушкилоту мураккаботи зиёд ба миён меовард. Мактаби таърихшиносии рус, ки дар охири чаҳоряки охири асри XIX, аниқтараш солҳои 90-уми ин аср ба авҷи аълои рушди худ расида буд, дар ибтидои давраи шуравӣ бо сабабҳои айнию зеҳнӣ дучори буҳрони ҷиддӣ гардид [4]. Ба замми он солҳои 20-30-юми асри XX дар натиҷаи муборизаи идеологӣ, вусъат ёфтани таъқиботи сиёсӣ, тафриқаандозӣ дар миёни муаррихони касбӣ ва ба гурӯҳҳои «таърихчиёни марксист» ва «таърихчиёни буржуазӣ», яъне таърихнигории кӯҳна тақсимбандӣ шудани онҳо, симои таърихшиносии русро комилан тағийр дод. Дар раванди бозсозии илми таърихшиносӣ ва ба мавқеи комилан марксистӣ баровардани он, муаррихони зиёди касбӣ, марказҳои эътирофшудаи илми таърихшиносии рус, ба мисли мактабҳои петроградӣ ва москвагӣ бо баҳонаи олимон ва марказҳои ғайримарксистӣ будан, мавриди таъқибот қарор гирифтанд.

Дар баробари ин раванди ташаккули мактаби таърихшиносии марксистӣ низ ба душворӣ пеш мерафт. Дар ибтидо роҳбарии ин самтро М.Н. Покровский ба зимма гирифта буду қариб то охирҳои солҳои 20-уми асри гузашта гӯё ягона муаррихи марксист ҳисоб меёфт, вале бо сабаби роҳ додан ба хатоиҳои ҷиддии назариявӣ

миёнаҳои солҳои 30-юм худаш низ гирифтори таъқибот гардид. М.Н. Покровский ва пайравони мактаби таърихшиносии ӯ бо иборai директори онвақтаи Институти таърихи АИ ИШ академик Николай Лукин барои роҳ додан ба консепсияҳои зараровари зиддимарксистию зиддиленинӣ, ки қариб илми таърихшиносиро ба нестӣ овардаанд, мавриди танқиди шадид қарор гирифтанд. Мубориза ва комилан нест намудани мактаби таърихшиносии М.Н. Покровский то охири солҳои 30-юм идома ёфт ва ҳатто баъзе аз шогирдон ва ё пайравони ӯ ба гирдоби таъқибот низ афтиданд [5]. Ҳамин тавр, фазои дохилии илми таърихшиносии шуравӣ дар давраи воридшавии Бобоҷон Ғафуров ба он хеле мушкилу мураккаб буд ва дар бисёр ҳолат масъалаҳои идеологӣ нисбат ба масоили асосии илмӣ афзалият доштанд.

Чунин ҳолат ба илми таърихшиносии Осиёи Миёна, ки бахши таркибии таърихшиносии шуравӣ буд, низ хос аст. Вале дар инҷо боз масъалаҳои дигари мансуб ба таърихи минтақа мавҷуд буданд, ки боиси баҳсу талошҳои гуногун ва тӯлонӣ гардиданд. Аз ҷумла, солҳои 30-юми асри гузашта дар байни муаррихон ва умуман олимон тамоюле ҷой дошт, ки тибқи он бояд таърихи ҳар як халқи минтақа дар доираи ҷуғрофиёи ҷумҳуриҳои мавҷудаи шуравӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор мегирифт. Ҳатто соли 1936 доир ба навиштани китобҳои дарсӣ дар Душанбе конференсияи калоне баргузор шуд ва дар он профессори Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна В.Я. Яротский пешниҳод намуд, ки таърихи халқи тоҷик дар доираи ҳудуди кунунии ҶШС Тоҷикистон таълиф ва омӯхта шавад [6]. Ҳатто бархе аз шарқшиносони шинохта низ аз ин мавқеъ ҷонибдорӣ менамуданд ва чунин андеша

то ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта дар фазои илмӣ тарафдорони худашро соҳиб буд.

Соли 1944 вобаста ба ин ҳайати таҳририяи китоби “Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ. Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон”, ки ба қалами Б. Ғафуров ва Н. Прохоров тааллуқ дорад, низ таъкид менамояд, ки «то имрӯз ақидае ҷорист, ки гӯё навиштани таърихи алоҳидаи тоҷикону Тоҷикистон, ӯзбекону Ӯзбекистон, туркманҳову Туркманистон ва ғайра зарурате надорад, мувофиқ ин аст, ки барои тамоми халқҳои Осиёи Миёна як таърихи умумии Осиёи Миёна навишта шавад» [7]. Аммо ин мавқеъро на ҳамаи олимон ҷонибдорӣ менамуданд. Аз ҷумла ҳамон ҳайати таҳририяи зикршуда онро комилан ғалат дониста, таъкид менамояд, ки новобаста аз он, ки «баъзе марҳалаҳои таърихи гузаштаи халқҳои Осиёи Миёна ба ҳам сахт печида асту ҷудосозии онҳо мушкилоти зиёд ба миён меоварад, ҳар кадоми ин халқҳо таърихи гузаштаи худро доранд ва онҳоро бояд дуруст равшан сохт» [8].

Ғайр аз ин дар фазои идеологии Осиёи Миёна ҷараёнҳои гуногуни миллатситез, махсусан туркпарастӣ, ки хилъати шуравӣ ба бар дошт, хеле решаи чуқур давонда буданд. Бобоҷон Ғафуров тавассути фаъолияти рӯзноманигорӣ ва сиёсии худ ба масоили таърихӣ, авзои сиёсию ҳуқуқии мардуми тоҷик ва маҳдуднамоии маснӯии ҳуқуқу манфиатҳои ин ҳалқ дар ибтидои асри XX ва, махсусан, дар ду даҳсолаи аввали мавҷудияти ҳокимияти шуравӣ пурра бархурдор буд [9]. Барои ҳамин Б. Ғафуров роҳи асосии ҳимоя аз ҳуқуқу манфиатҳои халқи худро дар таҳқиқ ва муаррифии таърихи бой ва пурғановати он дид.

Мушкилоти дигар, ин комилан мавҷуд набудани консепияи ягонаи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва умуман таърихи тамоми сокинони Осиёи Миёна, ҷой доштани

назари комилан ғайриилмӣ доир ба таърихи Осиё ва баъзан ҳатто тамоми Шарқ дар таълифоти олимони шинохта, махсусан муҳаққиқони Ғарб буд. Бобоҷон Ғафуров баъдан дар муқаддимаи «Тоҷикон»-и худ таъкид менамояд, ки дар асарҳои олимони ғарбӣ «гузаштаи халқҳои Шарқ, аз он ҷумла тоҷикон, ҳамчун силсилаи беинтиҳои ҷангу ҷидолҳо ва табаддулоти дарборӣ тасвир ёфта, бештар нақлу ривоятҳо дар бораи подшоҳон, ҳокимон ва сипаҳсолорон оварда мешаванд» [10]. Ба замми ин, қаламрави Осиёи Миёнаро «чун арсаи задухӯрд ва низоъҳои ирқу нажодҳои мухталиф» ба қалам дода, дар ин сарзамин ҷой доштани қонунияти таърихиро комилан рад менамоянд [11]. Ҳатто дар адабиёти илмии олами Ғарб аз асри XIII то асри XIX минтақаи Осиёи Миёна ва ё имрӯза Осиёи Марказӣ бештар бо номи «Тартария» ифода меёфт [12] ва номҳои таърихию ҷуғрофии минтақа, ки дар адабиёти аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Аврупо ба таври фаровон истифода мешуд, ниҳоят кам ёд карда мешуд.

Мафҳуми Осиёи Миёна ба адабиёти илмию сиёсӣ танҳо дар ибтидои асри XIX бо кӯшиши сайёҳатчиён ва олимону муҳаққиқони рус ворид гардид, ки онҳо минтақаи васеи байни империяи Россия ва Ҳиндустону Хитойро чунин номгузорӣ карда буданд [13]. Аввалин таҳқиқоти ҷиддии илмӣ доир ба таъриху фарҳанг, этнография ва табиату боигариҳои ин минтақаи таърихӣ низ асосан ба қалами олимону муҳаққиқони империяи Россия мутааллиқ мебошад. Аз ҷумла, доир ба таъриху фарҳанг ва этнографияи мардумони минтақа дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX чандин таълифоти ҷудогона ба чоп расиданд. Махсусан, дар солҳои 20-уми асри XX роҷеъ ба масъалаҳои ҷудогонаи таърихи сиёсӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна, ба вижа тоҷикон пажуҳишҳои

зиёде ба миён омад, ки маъмултарини онҳо бо номи олимони шинохта В.В. Бартолд, устод Садриддин Айнӣ, А.А. Семёнов, М.С. Андреев ва чанде дигар пайвастагӣ дорад. Аммо, кулли ин таълифот ва ё асарҳои ҷудогона ба таҳқиқу баррасии ягон масоили нисбатан хурди илмӣ ё мавзӯи маҳдуд равона шуда буданд ва таҳқиқоти комил ва ҷомеъ доир ба таъриху фарҳанги минтақа то ин вақт дастраси хонандагону мутахассисон нагардида буд. Бобоҷон Ғафуров соли 1949 дар «Охирсухан»-и китоби нашри русии худ таъкид менамояд, ки таърихи навиштаи халқи тоҷик то имрӯз мавҷуд нест. Асарҳои зиёди шарқшиносони рус ва шуравӣ асосан таърихи халқҳои Осиёи Миёнаро дар умум инъикос менамоянд, аммо баррасии таърихи халқҳои алоҳидаи минтақа ҳадафи ягон таҳқиқот қарор нагирифтааст [14].

Новобаста фазои нооромӣ ҷойдошта Бобоҷон Ғафуров даст ба таҳқиқу баррасӣ ва дар як вақт коркарди консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва тамоми минтақа зад. Аммо аз тарафи олим консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида мураттаб наёфтааст, вале масъалаҳои консептуалӣ, роҳҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, марҳалагузорӣ ва даврабандии таърихи халқи тоҷикро муҳаққиқи шинохта дар маърӯзаву суханрониҳо ва мақолаҳои ҷудогонаи худ мунтазам коркард намуда, ва, пеш аз ҳама худаш дар асарҳояш татбиқ сохтааст.

Ба назари мо, метавон суханронии Бобоҷон Ғафуровро дар сессияи якуми илмии Филиали тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ, ки 20-25 апрели соли 1944 баргузор гардида буд, аз рӯи мазмуну муҳтаво ва масъалагузорӣ дар баробари асарҳои то ин вақт таълиф намудааш, қадами ҷиддӣ дар коркарди консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик номид.

Маърӯзаи Бобоҷон Ғафуров ҳамчун котиби КМ ҲК Тоҷикистон оид ба тарғиботу ташвиқот дар ин сессия бо номи «Гузаштаи бойи таърихи халқи тоҷикро чуқуртар омӯзем» дар асл аввалин барномаи таҳрезишудаи омӯзиш ва таҳқиқи таърихи халқи тоҷик маҳсуб меёбад [15].

Бобоҷон Ғафуров дар ин маърӯза ғайр аз масъалаҳои идеологӣ, мубориза ба муқобили фашизм ва иштироки фаъоли тоҷикон дар он, инчунин ба таври муфассал барномаи омӯзиш ва вазифаҳои аввалиндараҷаи дар назди муаррихони халқи тоҷик бударо пеш мегузорад. Маърӯзаи худро аз он сар мекунад, ки вазифаи асосии илмӣ ва сиёсии раванди коркарди таърихи халқи тоҷик ва Тоҷикистон дар шароити имрӯза, пеш аз ҳама дар таҳқиқи васеи таҷрибаи бойи гузаштаи таърихии халқи тоҷик, махсусан, муборизаи қаҳрамононаи чандинасраи тоҷикон ба муқобили аҷнабиёни истилогар дар замонҳои гузашта зоҳир мегардад [16]. Дар заминаи ин Б. Ғафуров, пеш аз ҳама таҳқиқи муборизаи қаҳрамононаи гузаштагони тоҷикро ба муқобили юнону мақдуниҳо дар асри IV пеш аз милод, корномаи Спитамен, муборизаи беамони тоҷикон дар асри VIII бар зидди арабҳо, ки даҳсолаҳо идома ёфтааст, муқовимати қаҳрамононаи тоҷикон бо дигар халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили Чингизу чингизиён ва бар зидди зулми хонҳову амирон дар марҳалаҳои баъдинаи таърихиро дар мавриди аввал мегузорад. Албатта, гузоштани масъалаи муборизаи озодихоҳона барои истиқлол дар мадди аввал аз авзои ҳамонвақтаи мамлакат, ки мардуми он сарҷамъона ба муқобили фашизм муқовимат менамуданд, бархоста буд.

Масъалаи дигари мавриди таҷҷуҳи муаррихон бояд таҳқиқи ҳамаҷонибаи дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ, новобаста ба ҳуҷумҳои ғоратгорона ва бунёдсӯзи аҷнабиён соҳиб шудан ба рушди босуръати хоҷагидориву

фарҳангофарӣ аз тарафи тоҷикон мебошад. Намунаи рӯшани чунин падида ба саҳнаи сиёсӣ омадани давлати Сомониён аст, ки тавонистанд дар заминаи фарҳангу суннатҳо волои аҷдодии халқи тоҷик, новобаста аз Хилофати араб рушди босуръати онро таъмин созанд, ки он вақт ин дастоварди сатҳи ҷаҳонӣ буд.

Вазифаи дигар ва низ ниҳоят муҳимми илми таърихшиносиро Бобоҷон Ғафуров дар таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъоварии манобеъ доир ба рафти барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ, мубориза ба муқобили босмачиён, иштироки фаъолонаи тоҷикон дар мубориза бар зидди фашизм, қаҳрамонии ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ меҳисобад. Бояд корномаи тоҷикистониён дар ақибгоҳ, дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии ҷумҳурӣ, ёрдам ва кӯмаки аҳолии ҷумҳурӣ ба фронт низ аз мадди назар дур намонанд.

Яке аз самтҳои дигари пешгузоштаи Бобоҷон Ғафуров бо мақсади чуқуртар таҳқиқ намудани давраҳои қадимтарин ва қадими таърихи халқи тоҷик, ба роҳ мондани корҳои бостоншиносӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ мебошад. Гарчанде яке аз марказҳои қадимтарини тамаддуни тоҷикон Бактрия (Балх) дар қаламрави Афғонистон аст, вале бостоншиносон метавонанд маводи арзишманди бостониро аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, махсусан аз водии Вахш, ки як бахши Бохтари таърихӣ буд ба даст оваранд. Аммо Бобоҷон Ғафуров дар баробари вазифагузорӣ фаъолияти суст ва мувофиқ ба талабот набудани корҳои бостоншиносӣ, ба вижа сатҳи пасти ковишҳо, сари вақт коркард накардани маводи ба даст омада ва ба гардиши илмӣ баровардани он, гузаронидани ҳафриёти навро зери танқид мегирад.

Омӯзиши мероси бойи фарҳангии халқи тоҷикро ҳамчун як самти алоҳидаи таҳқиқот ва вазифаи мубрами

таърихшиносон муқаррар намуда, Бобоҷон Ғафуров таҳқиқу нашр ва азхудкунии осори классикони адабиёти тоҷику форсро пеш мегузорад. Бо диди ӯ ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ, осори шайх Саъдӣ, Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ ва дигарон, ки ҳама саршори ғояҳои меҳанпарастию озодӣ мебошанду хусусияти бузурги тарбиявӣ доранд, дар ҷойи аввал бояд қарор дошта бошанд.

Таҳқиқи васеъ ва ҳамаҷонибаи осори хаттӣ, ба вижа муаррифии ин осор, таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои гуногуни хаттӣ, ба мисли “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ, “Сиёсатнома”-и Низомулмулк ба забонҳои тоҷикию русӣ самти дигари фаъолияти муҳаққиқонро бояд ташкил диҳад.

Яке аз самтҳои ниҳоят муҳимми таҳқиқи таъриху фарҳанги халқи тоҷикро Бобоҷон Ғафуров дар вусъати корҳои таҳқиқотии мардумшиносӣ мебинад. Дар ин самт, новобаста аз корҳои зиёд ва хуби анҷомёфта, махсусан аз ҷониби М.С. Андреев, ба андешаи Бобоҷон Ғафуров вусъати зарурии корҳои илмӣ –таҳқиқотӣ, ба вижа омӯзиши фарҳанги қадима ва гузашта, ҷамъоварии экспонатҳои нодир барои осорхонаҳо, ки арзиши ниҳоят бузурги илмиро соҳибанд, ба даст наомадааст.

Бобоҷон Ғафуров маърӯзаи барномавии худро бо он анҷом мебахшад, ки тоҷикон воқеан соҳиби таъриху фарҳанги бойи гузашта мебошанд, аммо ин барои фахру кибру ғурур набуда, танҳо бо мақсади бунёдкорию созандагӣ дар марҳалаи ҳозира ва ояндаи дур мебошад.

Чи тавре мебинем, Бобоҷон Ғафуров дар доираи як маърӯза самтҳои асосӣ, вазифаҳои аввалдараҷа ва давраҳои асосии таърихи халқи тоҷикро муайян намуда, таҳқиқу баррасии онҳоро пеш мегузорад. Ин барномаи

мукаммал ва назари комили илмӣ ба таърихи халқи тоҷик буд, ки татбиқи он зина ба зина дар марҳалаҳои баъдина аз тарафи олимону муҳаққиқон ба амал омад.

Академик Бобоҷон Ғафуров яке аз аввалинҳо шуда ба татбиқи ин барномаи илмӣ шуруъ намуд ва новобаста аз имконият ва маҳдудиятҳои ҷой дошта, соли 1944 китоби "Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ. Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон"-ро ба забони русӣ дар шарикӣ бо Н. Прохоров [17], соли 1947 «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» [18] ба забони тоҷикиро манзури хонандагон гардонид.

Воқеан қадами аввали ҷасурона дар самти таҳқиқи таърихи халқи тоҷик бо нашри «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ба забони тоҷикӣ аз ҷониби Бобоҷон Ғафуров се сол пас аз манзури барнома - соли 1947 гузошта шуд. Бо ин китоб Бобоҷон Ғафуров дар амал исбот намуд, ки метавон таърихи ҳар як халқи сокини Осиёи Миёна ва, махсусан сокинони азалии он - тоҷиконро дар алоҳидагӣ таҳқиқ ва таълиф намуд. Баъдан, ду сол пас дар пешгуфтори нашри русии ҳамин китоб Бобоҷон Ғафуров менависад, ки «ҳар як халқи Осиёи Миёна дорои хусусияти махсус ва таърихи хусусии худ аст» [19].

Аммо, академик Б. Ғафуров бо чопи тоҷикии ин китоб қаноат накарда, онро бо иловаю такмил ва таҷдиди назар ба забони русӣ зери унвони «История таджикского народа в кратком изложении: С древнейших времен до Великой Октябрьской социалистической революции 1917г.» солҳои 1949, 1952 ва 1955 дар Москва нашр намуд. Академик Бобоҷон Ғафуров консепсияи илмии таҳқиқ ва даврабандии таърихи халқи тоҷикро дар ҳар як нашри ин

китоб ва баъдан дар ду нашри асари бунёдии «Тоҷикон» пайваста такмил ва инкишоф додааст.

Таърихи тӯлонии халқи тоҷикро дар китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» Бобоҷон Ғафуров ба 5 фасл ва 24 боб, дар шоҳасари «Тоҷикон» ба 6 фасл ва 21 боб тақсимбандӣ намудааст. Аз номгузории фаслҳо ва бобҳо бар меояд, ки ҳамчун муҳаққиқ муаллиф аз сатҳ ва дастовардҳои илми таърихшиносии на танҳо шуравӣ, балки тамоюл ва равишҳои ҷаҳонии ин илми ҷомеашиносӣ комилан бархурдор аст. Вобаста ба ин дар китоби аввал таърихи халқи тоҷикро ба панҷ давраи зер марҳалагузорӣ намудааст:

1. Ниёкони қадими тоҷикон дар давраи сохти ҷамоаи ибтидоӣ дар Осиёи Миёна;
2. Ниёкони тоҷикон дар Осиёи Миёна дар давраи муносибатҳои ғуломдорӣ;
3. Пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна ва ташаккулёбии халқи тоҷик;
4. Халқи тоҷик дар давраи феодализми ташаккулёфта дар Осиёи Миёна;
5. Халқи тоҷик дар давраи таҷзияи муносибатҳои феодалӣ ва ба мустамликаи шоҳигарии рус табдил ёфтани Осиёи Миёна.

Дар шоҳасари «Тоҷикон» низ Бобоҷон Ғафуров асосан чунин марҳалагузориро вобаста ба талаботи даврабандии форматсионии илми таърихшиносии шуравӣ нигоҳ доштааст, гарчанде дар навишт ва истифодаи истилоҳот дигаргуниҳо мушоҳида мешаванд. Танҳо марҳалаҳои панҷум ва шашуми таърихиро Б.Ғафуров дар «Тоҷикон» ба тарзи дигар, аз ҷумла «Тоҷикон дар охирҳои асри миёна» ва «Тоҷикон дар давраи ба Россия

ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва тараққиёти муносибатҳои капиталистӣ дар ин сарзамин» номгузорӣ намудааст.

Китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» асосан дар заминаи маводи илмии то миёнаи солҳои 40-ум ба даст овардаи илми таърихшиносӣ таълиф шудааст. Пас аз нашри он илми таърих, бостоншиносӣ ва дигар илмҳои ёрирасони таърих дар қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ босуръат рушд намуда, натиҷаҳои ниҳоят назаррасро соҳиб гардиданд. Аз ҷумла, дар Осиёи Миёнаи онвақта низ пас аз ҷанг ковишҳои ниҳоят зиёди бостоншиносӣ бо натиҷаҳои хеле муфид ба вуқуъ омаданд. Бобоҷон Ғафуров дар муқаддимаи «Тоҷикон» таъкид менамоянд, ки солҳои баъдиҷангӣ давраи бозёфти фаровони сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ, аз ҷумла бойгониҳои қадим, санадҳои асримиёнагӣ, маводи сиккашиосӣ, бостоншиносӣ, палеоантропологӣ, лингвистӣ мебошад. Як қисме аз ин дастовардҳо солҳои 1963-1965 бо ҳидоят ва роҳбарию таҳти назари академик Бобоҷон Ғафуров дар «Таърихи халқи тоҷик» дар сеҷилу 5 китоб истифода шуданд. Пас аз ин, дар давоми солҳои зиёд,-менависад Бобоҷон Ғафуров,- муаллиф таҳқиқоти худро идома дода, маводи фаровон ҷамъоварӣ намуд ва онҳоро ба як низому тартиби муайян таҳқиқу таҳлил намуд. Бо заҳмату талошҳои зиёд китоби бунёдии «Тоҷикон» бори аввал соли 1972 нашр гардид.

Аммо, зарур ба таъкид аст, ки раванди ташаккули консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва таълифу нашри асарҳои таърихӣ, махсусан таҳқиқоти Бобоҷон Ғафуров ба осонӣ ва бе муқовимати ниҳоят сахти қувваҳои тоҷикситез ва мақомоти идеологӣ рӯи кор наомадааст. Аз ҷумла, китоби "Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ. Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон" 9 декабри соли 1944 дар

ҷаласаи алоҳидаи Институти таърихи АИ ИШ бо иштироки муаррихони шинохта мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин баррасӣ як қатор олимон аз Ӯзбекистон, аз ҷумла С.П. Толстов муаллифони китобро барои ба гузаштаи тоҷикон нисбат додани мероси таърихӣ-фарҳангии мардуми Эрон гунаҳкор намуда, таъкид ба он карданд, ки ин мерос баробар ба тамоми халқҳои туркзабони Осиёи Миёна, пеш аз ҳама ӯзбекон мутааллиқ мебошад [20]. Бобоҷон Ғафуров ва Н.Н. Прохоров дар гузориши муфассали худ ба КМ ВКП(б) дар ҳаҷми 9 саҳифа доир ба мавқеи олимони Ӯзбекистон, махсусан профессор Толстов, инчунин андешаҳои онҳо доир ба рабт надоштани тоҷикон ба Суғд ва суғдиён, маънии вожаи "тоҷик" ва амсоли ин ҷавоби қотеъ ва олимона медиҳанд [21].

Мубориза барои азхудкунии таърихи тӯлонӣ ва бойи минтақа дар байни олимони минтақа бо ин хотима наёфта, солҳои баъд низ авҷ мегирад. Маводи то имрӯз дастрасшудаи бойгонӣ доир ба ин муборизаи шадид шаҳодат медиҳанд. Бобоҷон Ғафуров маҷбур шудааст, ки дар давоми кору фаъолияти худ борҳо ба номаву гузоришҳо, тақризҳо, ҳуҷумҳои дастаҷамъонаи нотавонбинон ба мақомоти болоии ҳизбию давлатӣ гузоришҳо, дар саҳифаҳои матбуот тақризҳо навишта, манфиати таърихии миллати хешро дифоъ намояд [22].

Новобаста аз ин муборизаю талошҳо, Бобоҷон Ғафуров устуворона ҳамчун муҳаққиқ ва муаррихи воқеӣ тавонист бартарии мавқеи илмии худро нишон диҳад. Ҳангоми баррасии нашри русии "Таърихи мухтасари халқи тоҷик" дар Институти таърихи фарҳанги моддии АИ ИШ соли 1949 Бобоҷон Ғафуров дар ҳашт банд нуктаҳои асосии китоби худ ва консепсияи илмии таърихи халқи тоҷикро манзур намуда, бартарӣ асоснокии илмии

онро бори дигар собит намуд. Ба вижа, назарияи ғайриилмии олимони аврупоиро доир ба ақибмонии пайвастагии халқҳои Шарқ, аз ҷумла Осиёи Миёна, аз ҷиҳати ирқӣ паст будани сокинони он, пайваста ҳукмрон будани муносибатҳои ақибмондаи феодалӣ дар ин ҳудуд, фарқ доштани раванди рушди таърихӣ дар ин ҷо нисбат ба Аврупо ва амсоли инро танқид намуда, соҳиби таъриху фарҳанги пешрафта будани марудуми минтақаро эълон намуд. Аз ҷумла, таъкид менамояд, ки тоҷикон ва дигар халқҳои минтақа мисли дигар халқҳои ҷаҳон ҳама зинаи таърихиро аз сар гузаронида, дар давраи ғуломдорӣ ва ибтидои ҷомеаи феодалӣ аз ҷиҳати рушди хоҷагидорӣ ва фарҳангӣ аз қавму халқҳои онвақтаи Аврупои Ғарбӣ ба маротиб пеш меистоданд [23].

Бартарии консептуалии асарҳои Бобоҷон Ғафуров, махсусан «Тоҷикон» аз чунин китобҳои замон ва ба таърихи дигар қавму халқҳои минтақа бахшида шуда, ба назари мо ба омилҳои зерин вобаста аст:

1. Бори нахуст таҳқиқи таърихи халқи тоҷик дар доираи минтақаҳои ҷуғрофӣ-таърихии пайдоиш ва ташаккули халқи тоҷик ҳамчун воҳиди ягонаи этникӣ, ба ҳам пайвастани гузаштаи ду минтақаи бузурги таърихӣ - Варазруду Хуросон, яъне Хуросони Бузург ба вуқуъ омад. Яъне, Бобоҷон Ғафуров бо таълифи асарҳои бунёдии худ ба мавқеи тарафдорони андешаи таълифи таърихи умумии Осиёи Миёна ё дар доираи ҳудуди ҷумҳуриҳои шӯравӣ навиштани таърихи халқҳои адоҳидаи он зарбаи воқеӣ ва амалӣ зад. Аз тарафи дигар, консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро дар ҳудуди таърихӣ-

чуғрофии ташаккули ин сокинони бумии минтақа пеш гузошт;

2. Истфодаи ниҳоят васеи сарчашмаҳои гуногун, аз чумла бостоншиносӣ, сиккашиносӣ, лингвистӣ, этнографӣ, антропологӣ, эпиграфикӣ ва амсоли инҳо;
3. Истифодаи теъдоди ниҳоят зиёди осори хаттӣ, пеш аз ҳама осори хаттии ба забонҳои қадима ва миёнаи эронӣ, юнонӣ, суриёнӣ, лотинӣ, ҳиндӣ, арманӣ, хитоӣ, туркии қадим, арабӣ ва тоҷикӣ-форсӣ ва амсоли инҳо;
4. Таҳққоти Бобоҷон Ғафуров, ба вижа «Тоҷикон» на танҳо таърихи сиёсии халқи тоҷикро фаро мегирад, балки дар он масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, этно-лингвистӣ низ ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Фарҳанг бо тамоми паҳлуҳояш, аз ҷумла фарҳанги моддӣ, адабиёт, таърихи илм, фалсафа, меъморӣ, санъат, дин ва ақоиди мазҳабӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд;
5. Истифодаи ҷиддии терминологияи муқарраршудаи илми таърихшиносии замон;
6. Истифодаи ниҳоят васеи адабиёти илмии хориҷӣ, аз ҷумла адабиёти илмии англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, амрикоӣ, ҷопонӣ, форсӣ (эронӣ), туркӣ, хитоӣ ва амсоли ин. Бояд гуфт, ки ягон асари дигари таърихии ин давра дорои чунин хусусият набуд;

7. ТХТ ва таърихи фарҳанги он бори аввал дар робита ва ё контексти таърих ва фарҳанги Шарқ навишта шудааст;
8. Китоб аз аввал то охир дар рӯҳияи интернатсионалистӣ, яъне риоя кардани баробарию бародарии халқҳои сокини минтақа, халқи худро аз дигар халқҳо боло нагузоштан, таълиф шудааст, Вале баробари он Бобоҷон Ғафуров қадам ба сӯи баробарсозӣ, яъне интернатсионалӣ нагузоштааст;
9. Муаллифи китоб ё муҳаққиқ аз тобори бегонагон набуд, ӯ яке аз аввалин муҳаққиқони минтақаи Осиёи Марказӣ буд, ки даст ба чунин кори мондагор зад ва таърихи халқи худро таҳқиқу таълиф намуд;
10. Нашри китобҳои Бобоҷон Ғафуров, аз «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» то «Тоҷикон» ба ибораи устод Садриддин Айнӣ ҳамеша «як ҳодисаи бузург» буд. Ин асарҳо гардиши куллӣ дар раванди таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ё умуман тоҷикшиносӣ буд.

Албатта, илми таърих ва умуман илмҳои ҷомеашиносӣ дар марҳалаи пас аз нашри ин шоҳасар ба дастовардҳои зиёд ва таҳқиқоти боз ҳам ҷолибтар ноил гардид, бархе аз хулосаҳои пешинаро инкор намуд, бархе аз онро боз комилтару қавитар гардонид. Аммо новобаста аз ин арзиши илмӣ ва нақши асарҳо, ба вижа «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров кам нагардидааст ва маҳз ҳамин нукот аст, ки ба забонҳои гуногун имрӯз низ тарҷумаву нашр мегардад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло мо бо эътимоди комил эътироф менамоем, ки бунёдгузори консепсияи илмии

таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва нахустин муаллифи таърихи ҷомеи ин халқи тамаддунофар академик Бобоҷон Ғафуров мебошад. Консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқ тоҷик, ки онро академик Бобоҷон Ғафуров бунёд гузоштааast, бо тағйироту иловаҳо вобаста ба рушди илми таърихшиносии ҷаҳонӣ имрӯз низ маҳаки асосии раванди таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро ташкил медиҳад.

Нависанда ва дипломати сатҳи ҷаҳонӣ Чингиз Айтматов навиштааст: «Бобоҷон Ғафуров бузургтарин симои илмию ҷаҳонӣ буда, бо ҷустуҷӯҳои доманадор, бо ғурури баланди худшиносӣ ва талошу орзуҳо тавонист миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни хеш-тоҷиконро дар сафҳаи таърихи ҷаҳониён муаррифӣ созад. Дар солҳои фаъолияти ӯ (дар давраи интернатсионализми байналхалқӣ) навиштани китоби «Тоҷикон», бешак қаҳрамонист. Ман гумон мекунам, ки на ба ҳама муҳаққиқ таълифи чунин шоҳасар насиб мекунад» [24].

## Пайнавиш:


1. *Эмомалӣ Раҳмон. Шиносномаи миллат.// Б. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- С.7.*
2. *Ғафуров Б. Ба муқобили фаранҷӣ ва урфу одатҳои динӣ..- Сталинобод:Нашрдавтоҷик, 1940.- 36с.*
3. *Гафуров Б. Падение Бухарского эмирата. К 20-летию советской революции в Бухаре (1920-1940).- Сталинабад: Госиздат ТаджССР, 1940.-96 с.*
4. *Ниг.: Некрасов А.А. Советская историческая наука 1930-начала 1950-х годов: текст лекций. - Ярославль: ЯрГУ, 210.- 64 с.*
5. *Ниг.: Артизов А.Н. Судьбы историков школы Покровского// Вопросы истории, 1994, №47.- С. 34-48.*
6. *Ниг.:Ҳайдаршо Пирумшо. Ахтари илму сиёсат.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.-С.136-138.*

7. *ҒафуровБ., Прохоров Н. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан. (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон).- Душанбе, «Адиб», 2012.-С.3.*
8. *Ҳамон ҷо.- С.3.*
9. *Пурратар ниг.: Убайдулло Н.К.Академик Б.Ғ. Ғафуров ва ташаккули мактаби илмии таърихшиносии тоҷик.//Муаррих, №3 (27), 2021.- С.5-14.*
10. *Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- С.19 .*
11. *Ҳамон ҷо.-С.20.*
12. *Ниг.: Горшенина С.М. Изобретения концепта Средней/Центральной Азии: между наукой и геополитикой. Перевод с французского М.Р. Майзульса.- Вашингтон: Программа изучения Центральной Азии, Университет Джорджа Вашингтона, 2019.- VIII, 119с.: 16ил.- С.93-96*
13. *Ҳамон ҷо.- С.2.*
14. *Гафуров Б. Г.История таджикского народа в кратком изложении: С древнейших времен до Великой Октябрьскойсоциалистической революции 1917 г.-М.: Госполитиздат, 1949.-Т.1.- С. 465.*
15. *Гафуров Б. Г. Глубже изучить богатое историческое прошлое таджикского народа. (Из доклада Секретаря ЦК КП(б) Тадж. ССР по пропаганде и агитации тов. Гафурова Б. на заседании Первой научной сессии Таджикского филиала Академии Наук СССР 24 апреля 1944г.)// Наука в Таджикистане. Первая научная сессия к XV-летию Таджикской ССР. Главный редактор академик Е.Н. Павловский. Труды ТФ АН СССР. Том.XXI,- Сталинабад, 1945.- С.16-20.*
16. *Ҳамон ҷо.- С.17.*
17. *Гафуров Б.Г., Прохоров Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины. Очерки из истории таджиков и Таджикистана.- Сталинабад: Таджикгосиздат, 1944.- 212 с.*
18. *Гафуров Б. Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик.- Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947. Ҷ.1.- 382 с.*

19. *Гафуров Б. Г.История таджикского народа в кратком изложении: С древнейших времен до Великой Октябрьскойсоциалистической революции 1917 г.-М.: Госполитиздат, 1949.-Т.1.- С. 465.*
20. *Бойгонии Институти таҳқиқоти сотсиалистии назди КМ ҲК Тоҷикистон (БИТС, ҳоло Бойгонии давраи таърихи навтарин). -Ф.4511.- Н. 16.-Б. 3.-В.4.*
21. *Ҳамон ҷо.- В. 1-9. Муфассалтар ниг. Ҳайдаршо Пирумшо. Ахтари илму сиёсат.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.- С.268-284.*
22. *Ниг.: Докладная записка Отдела пропаганды и агитации ЦК ВКП(б) секретарю ЦК ВКП(б) М. А. Суслову о спорных вопросах в освещении истории народов Средней Азии. [Не позднее октября 1949 г.]//Советская национальная политика: Идеология и практики. 1945-1953 / Рос. гос. архив социал.-полит. истории, Рос. гос. архив новейшей истории, Гос. архив РФ, Герман. ист. ин-т в Москве, Отв. сост. Л.П. Кошелева, О.В. Хлевнюк. — М.: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), 2013. — (Серия «Документы советской истории»). №36; Записка генерального секретаря Союза советских писателей СССР А. А. Фадеева И. В. Сталину «О некоторых ошибках в Таджикистане в отношении к иранским и индийским классикам литературы, а также к классикам литературы Узбекистана и Азербайджана». 13 октября 1950 г.// Советская национальная политика: Идеология и практики. 1945-1953 / Рос. гос. архив социал.-полит. истории, Рос. гос. архив новейшей истории, Гос. архив РФ, Герман. ист. ин-т в Москве, Отв. сост. Л.П. Кошелева, О.В. Хлевнюк. — М.: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), 2013. — (Серия «Документы советской истории»). №40; Письмо Первого секретаря ЦК КП(б) Таджикистана Б.Г. Гафурова секретарю ЦК ВКП(б) А.А. Жданову об освещении истории народов Центральной Азии// https://www.facebook.com/groups/HistoryofKhujand/ “; Письмо Первого секретаря ЦК КП(б) Таджикистана Б.Г. Гафурова заведующему Сектором науки ЦК ВКП(б) Ю.А. Жданову по вопросу о состоянии изученности*

*происхождения народов Центральной Азии и Азербайджана," Советская национальная политика: Идеология и практики. 1945-1953 / Рос. гос. архив социал.-полит. истории, Рос. гос. архив новейшей истории, Гос. архив РФ, Герман. ист. ин-т в Москве, Отв. сост. Л.П. Кошелева, О.В. Хлевнюк. — М.: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), 2013. — (Серия «Документы советской истории»).№31.*

23. *Бойгонии Институти таҳқиқоти сотсиалистии назди КМ ҲК Тоҷикистон (БИТС, ҳоло Бойгонии давраи таърихи навтарин).-Ф.4511.- Н. 16.-Б. 35.-В.1-16.*
24. *Бобоҷон Ғафуров ва шинохти тоҷикон. Хуҷанд: Хуросон, 2019.-250 с.*

**Насрулло Убайдулло**
(Тоҷикистон)

## Академик Бобоҷон Ғафуров- бунёдгузори консепсияи илмии таҳқиқи таърихи миллат

Академик Бобоҷон Ғафуров аз зумраи аввалин муҳаққиқонест,ки дар бунёди консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик нақши бориз гузошта, таърихи ҷомеи халқи тоҷикро офаридааст.

Дар мақола саҳми академик Бобоҷон Ғафуров чун бунёдгузори консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик баррасӣ шуда, мубориза ва талошҳои академик Б. Ғафуров дар ин самт дар заминаи далелу санадҳои муътамад инъикос ёфтааст.

**Насрулло Убайдулло**
(Таджикистан)

## Академик Бабаджан Гафуров-основатель научной концепции в изучении истории нации

Концептуальный подход в изучени истории таджикского народа считается одним из основных вопросов, и академик

Бабаджан Гафуров стоит в ряду первых ученых, кто вывел эту тему в исследовательское поле в своих научных трудах.

В статье рассматривается вклад академика Бабаджана Гафурова как основателя научной концепции в изучении истории таджикского народа.

**Nasrullo Ubaydullo**
(Tajikistan)

**Academician Babajan Gafurov is the founderof the scientific concept of studying the history of a nation**

The study of the scientific-conceptual approach to the history of the Tajik people is considered one of the main issues, and academician Babajon Gafurov is one of the first researchers to bring this topic into the research field in his scientific works.

The article examines the contribution of academician Bobojon Gafurov as the founder of the scientific concept of the history of the Tajik people.

**Аскаралӣ Раҷабов**
(Тоҷикистон)

## Бобоҷон Ғафуров ва масоили таърихию назарии фарҳанги бадеии тоҷик

Омӯзиши муқоисавии масоили таърихию илмии ҷараёни бунёду пешрафти тамаддун, фарҳанги бадеии тоҷикон бо истифодаи васеи сарчашмаҳои хаттӣ аз бахшҳои умдаю таркибии таърих, ба сифати миллати фарҳанговар ташаккул ёфтани он мебошад.

Пайдост,ки дар марҳалаи нави таърихӣ,миллати мо давраи тақдирсозу давронсоз ва фазои сиёсию таърихиро дорад сипарӣ менамояд, нигоҳ доштану устувор ҳуввияти таърихӣ ва асолати миллию фарҳангӣ аз масоили таърихию назарии илмҳои ҷомиашиносӣ, хоса фарҳангшинохтӣ- ҳунаршиносии муқоисавии академист[1] /Баёни ин нуктаи таърихию назарии илмӣ басо бамаврид аст, ки то имрӯз бисёр масоили сирф таърихию назарии таърихи воқеӣ ва ба вижа, академии мардуми тоҷик, ки бар мабнои срчашмаҳои таърихӣ, адабӣ ва дар маҷмуъ тамаддуни моддӣ, дар муқобала бо таълифоти дар бахшҳои мухталиф ба қаламомада, ки дорой асосу пояҳои қавии методогӣ, таърихӣ ва усулан назарӣ қаламдод шуда бошанд, кам рӯи кор омадаанд. Ин вазъи таҳқиқӣ беш аз қама дар нигориши муназзаму мураттаби таърихи аҳди бостон, асрҳои миёнаи тоҷикон дар иртибот аст. Яъне, мардуми таърихсозу фарҳанговари мо имрӯз ниёз ба нерӯҳои зеҳнии таҳқиқии таърихи мукаммал, ба истилоҳ, то Инқилоби кабири сосиалистии Октябр (1917), ки хосатан бар пояи асноду далоили қотеъу муътамади хаттӣ бояд сурат гирад, эҳсос мекунад. Доир ба ин мавзуъ яке аз масоили муҳими таърихию назариявӣ омӯзиши хориқа (феномен)-и таърихи тамаддуни тоҷикон, ки дар гузори таърих ташаккул ёфтааст, ҳамчунин саҳми дар тамаддуни башарӣ доштаи тоҷикон мебошад.

Муҳаққиқон мебояст бо такя ба гузориши муқоисавии сарчашмаҳои хаттӣ, осори тамаддуни моддӣ масоили назариявии марбут ба паҳлӯҳои муҳими тамомияти таърихию фарҳангӣ ва фаъолияти ҳунарофаринию эътибори таърихию фарҳангӣ, ки тоҷикон (мардумони эронӣ) воқеан дар тамаддуни башарӣ гузоштаанд, таҳқиқ менамуданд. Ба ин маънӣ, имрӯз аҳли таҳқиқи академии кишвар дар ҳамкории ҳасанаи пажӯҳишии мамолики дигар, ки дар масири таърих аз мероси фарҳангии мо баҳравар буданд ва ҳастанд бояд ба ин мавзӯоти консептуалӣ бештар арҷ гузоранд.Барои равшан намудани саҳифаҳои рангомези тамаддунамон, ки ҳамсону умумият,муштаракоти таърихӣ бо фарҳанги мардумони эронист,бо масъулияти фарҳангдорӣ ва аз дидгоҳи усулан академӣ мебояд таҳқиқ шаванд[2] .

Таъкиди ин нукта ба маврид аст,ки фарҳанги мусиқӣ аз бахшҳои умдаву таркибии тамаддуни тоҷикӣ(мардумони эронӣ) маҳсуб шуда, бисёр саҳифаҳои рангини таърихи ҷараёнгирии диди бадеию эстетикӣ тавассути ин "саноъат ва илмест назарӣ, саршор аз бозтобиҳои ақлию зебоист…"(Се рисолаи форсӣ дар мусиқӣ,Мусиқии Донишномаи аллоӣ,Теҳрон, 1371,с.16.) дар гузори садаҳо ба сифати "бозтобиҳои ақлию зебоӣ" ташаккулу нумӯ намуда ва мебояст ин падидаҳоро бо истифодаи сарчашмаҳои хаттии дасти аввал таҳқиқ намуд.

Махсусая, тамаддуни мусиқӣ,ба вижа то инқилобии тоҷик саршор аз арзишу муассирияти бузурги таърихист .

Омӯзиш ва баррасии илмии ин бахши муҳими тамаддуни тоҷикӣ бар пояи гузориши васеи манобеи умдаи таърихию адабӣ ва мусиқии маҳфуз монда, ибтидои солҳои 40-уми садаи XX беш аз ҳама таваҷҷӯҳи до- нишманд ва сиёсатмадори номвар Бобоҷон Ғафуровро (1908-1977) ҷалб намуд (Таърихи мухтасари халқи тоҷик, Сталинобод, 1947,"Қарори Ҳукумати Тоҷикистон доир ба омузиши мусиқии тоҷик", соли 1947 бо ташаббуси бевоситаи

Б.Ғафуров ба тавсиб расида ва ғ., ки ин иқдомоти муҳим барзидди таҳрифкориҳое,ки нисбати таъриху тамаддуни тоҷикон сурат мегирифт, нигаронида шуда буд).

Дигар аз мавзуоти муҳими таърихию назарӣ, ки дар асари хеле гаронманди академик Б.Ғафуров“Таърихи мухтасари халқи тоҷик”, муҳаррири масъул донишманди баном Абдуғанӣ Мирзоев (1909-1975) (Сталинобод,1947; Таджики.., «Наука», Москва, 1972 ) ба риштаи таҳқиқ омадааст, ҷойгоҳи ҳунарҳои бадеӣ (мусиқӣ) дар таърихи тамаддуни моддию маънавии тоҷикон аст. Агарчанде тавсифи таърихию илмии ин мавзӯъ дар асарҳои Б. Ғафуров фушурда аст, вале дар маҷмуъ нақши бузургу таърихии ҳунарҳои бадеӣ- фарҳанги мусиқӣ чун бахши муҳиму таркибии тамаддуни дерину гаронманди тоҷик қаламдод шудааст[3].

Таъкиди ин нукта бамавқеъ аст, ки муҳаққиқони русӣ (замони шуравӣ), аврупоӣ доир ба ҷараёни таърихии таҳаввули диди мусиқии аҳди бостон ва асрҳои миёна навиштаҳои зиёди илмӣ рӯи кор овардаанд ва ин навиштаҳо орӣ аз нуктаҳои пурихтилоф набуда, бузургтарин падидаҳои зебоишиносӣ ҳамчун дастоварди фарҳанги арабӣ, ё дар бисёр ҳолатҳо дар маҷмуъ бо номи“тамаддуни исломӣ” (мусиқии мусалмонон), “тамаддуни арабӣ” ба қалам омада, аз саҳми асосии офарандаи ин мероси фарҳангӣ тоҷикон басо ишораҳо шудаанд.Ҳатто, муҳаққиқоне чун Абдурауф Фитрат (1886-1938 ), Виктор Успенский (1879-1949 ), Виктор Беляев (1888-1968), Александр Семенов (1873-1958) ва дигарон дар навиштаҳояшон доир ба ҷараёнгирии мероси мусиқии мардумоне сӯҳбат кардаанд, ки дар забони ин қавмҳо сарчашма, рисолаҳои назарие иншо нашуда ва дар манобеи хаттӣ аз мероси мусиқии эшон гузорише ба назар намерасад (Абурауф Фитрат. “Узбек классик мусиқаси ва унинг тарихи”, Самарқанд, 1926; Тошкент, 1993;

В.Успенский, В.Беляев.“Туркменская музыка”,Москва,1927;Семенов А. А. “К истории узбекской классической музыки”, ж.Литература и искусство Узбекистана” Ташкент 1938; В. Беляев. “Музыкальная культура на территории Узбекистана”, 1940 ва ғ.). Аз гузориши манобеи хаттӣ пайдост, ки дар бунёди тамаддуни классикии мусалмонӣ, ба истиллоҳ “исломӣ”, беш аз ҳама кори таърихию фанниро дар тамаддуни мусиқӣ мардумони форсинажод-пешгузаштагони тоҷикону эрониён гузоштаанд ва далоили қотеъи собиткунанда пурарзиштарин таълифоти илмӣ дар ҳаллу фасл,таҳқиқи масоили таърихию назарии мусиқӣ ба забэни форсии тоҷикист(дар ҳавзаҳои Мовароуннаҳру Хуросон,Эрону Ҳинд)ва навиштаҳои арабизабон басо каманд. Аз ин рӯ нигорандагони ин гуна таълифоти доир ба таърих, назарияи мусиқӣ Котибии Хоразмӣ(870-950), Абунасри Форобӣ(857-950), Абуалии Сино(980-1037), Сафиуддин Абулмӯъмини Урмавӣ(1222-1294) ва садаҳои баъдӣ арабиасл набудаанд ва мизону далоили таҳлилӣ,меҳвари таҳқиқашон бар пояи мероси фарҳанги мардумони эронитабор сурат гирифтааст.Мизону мелоки таҳқиқию таҳлилии мусиқии донишмандони тоисломӣ, аҳди хулафои араб ва асрҳои минбаъд ҳам танҳо бар мабнои тамаддуну тафаккури мардумони эронитабори ҳавзаҳои Мовароуннаҳру Хуросон,Эрон(ниг.ба навиштаҳои доиншмандони садаҳои 1Х-Х давраи Сомониён( 819-1005), оғози ташаккулу рушди усули таҳқиқии донишии илмҳо, аз ҷумла мусиқӣ- Абулаббоси Марвони Сарахсӣ, Абуаббоси Сарахсӣ, Абулаббоси Ьахтиёр ва аз нав, бо диди тоза рӯи кор омадани маркази илмию амалии мусиқӣ «Ромишсаро») сурат гирифта ва ҳатто, меъёрҳои санҷишии таркиботи амалии созу овоз, асосан, бар мабнои созҳои мусиқии мардумони форсинажод бунёд ёфта,сарчашмаи андешаи таҳқиқии таркиботи мусиқӣ ва тавъамии он бо шеър аз манобеи хаттии муҳими, ҳунарҳои бадеӣ, хоса мусиқии

“Antarz-i Xusrav Kavatan u Rizak”(Андарзи Хусрави Қубодон ва хидмагори доно), “Karnamag I Ardaxshir Papagan” (Корномаи Ардашери Бобакон),“Traniknamak’ ’(Таронаномаҳо), ”Daruk i xvarsandih”(Шеваи сур), “Китоб-ал-мусиқӣ-ал-кабир” (Абунасри Форобӣ), бахшҳои мусиқии донишномаҳои“Мафотиҳ-ул-улум”(Абуабдулло Юсуф Котибии Хоразмӣ),“Донишнома”, “Китоб-ун-наҷот”, “Китоб-уш-шифо” (Абуалии Сино), навиштаҳои фанни шогирдони Абуалии Сино“Китоб-ал-кофӣ-ал-мусиқӣ” Абумансур Зайлаи Исфаҳонӣ), «Китоб-ул-мусиқӣ» (Абулҳасани Баҳманёр) ва даҳҳо манобеи дигар, ки дар сарзамини Хуросони бузург дар садаҳои 1Х-Х1 тасниф шудаанд, далели қотеи натиҷагириҳои болоист ва дар асарҳои Б. Ғафуров ин падидаҳои фарҳангӣ дар маҷмуъ ишораҳо шуда, минбаъд дар таҳкикоти пажуҳишгарони тоҷик,ки бар пояи сарчашмаҳои муътамади хаттӣ рӯи кор омаданд, тақмилу тақвият ёфтаанд (ниг. Б. Ғафуров, Таърихи мухтасари халқи тоҷик, Сталинобод, 1947, стр. 120. 147; Б.Гафуров, История таджикского народа, Сталинабад,1952,стр.174-175; Таджики…Москва, 1972, стр. 374-,375; Неъмтавов Н. Давлати Сомониён, Душанбе,1989,с. 225, 227;Негматов Н.Таджикский феномен: теория и история, Душанбе,1997, стр.158, 159, 160; Раҷабзода А.Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён, Душанбе, 2000, с. 120, 27, 140; Раҷабов А.Диди нави таърихию сарчашмашиносӣ ба фарҳанги мусиқии замони Сомониён, Душанбе, 2020, с.100,164 ,204. ).

Баёни ин гуфтаҳо ҳаргиз маънии онро надорад, ки мусиқӣ, эҷоду иҷрогарон,муҳаққиқин аз тамаддуни мардумони дигар баҳра наандӯхтаанд.Пайдост,ки афкори мусиқии Юнони бостон, хоса, таълифоти Арасту, Афлотун, Фишоғурас, Никомахус, Секст-Эмпирик, Птоломей, Евклидус (Буқрот), Суқрот ва дигарон мусиқидонони мо доир ба масоили назарии зебоишиносии мусиқӣ аз таснифоти онҳо ишораҳо намуда ва баҳраандӯзиҳояшон

мункир набудаанд.Онҳо ба таълифоти андешмандони юнонӣ бештар ба диди таҳлилию муқоисавӣ назар карда, тафсирҳои ҷолибро доир ба асарҳои юнониён ҳам рӯи кор оварданд( нукоти тафсирии мусиқидонони мо бештар доир ба таркиботи умумии назарии мусиқӣ буда ва барои тақвияти натиҷагириҳояшон (донишмандон Абулаббоси Сарахсӣ, Марвони Сарахсӣ, Умари Хайём ва дигарон дар маҷмуъ ба андешаҳои эстетикии мусиқии олимони юнонӣ) рӯ оварда оварда ва ба хулосаҳои ҷолиб комёб шудаанд.

Бардошт, ишораҳои муқоисавии мусиқидонони мо аз осори донишмандони юнонӣ якранг набуда, дар нукоти хулосавиашон ба такмилу тафсир, тасҳеҳи осори ишон бештар таваҷҷӯҳ намуда ва ин даъ сабки таҳлилиро метавон бар мабнои нукоти назаридонони садаҳои 1X-X1V Абулаббоси Сарахсӣ, Марвони Сарахсӣ, Абулаббоси Бахтиёр, Абунасри Форобию Ибни Сино, Абумансури Зайлаи Исфаҳонӣ,, Қутбиддини Шерозӣ, Абдулқодири Гӯянда (Мароғӣ) собит намуд.

Бори аввал Б.Ғафуров дар асари таърихию консептуалиаш “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” (Сталинобод, 1947), «История таджикского народа»(в кратком изложениии, Сталинабад, 1952) бо такя ба гузориши сарчашмаҳои хаттии дастрасу муътамад ҳақиқати таърихиро ҷо-ҷо аз мероси камназири фарҳангии тоҷикон ишораҳои илмӣ менамояд. Пушида нест, ки ин воқеияти таърихӣ дар навиштаҳои илмии муҳаққиқони аврупоӣ(доир ба масоили мероси мусиқӣ) Р.Киззеветтер (18773-1850 ), Сальвадор-Даниэл(1831-1871 ), Р. д’Эрланже ( 1872-1932), Ҳ.Фармер (1882-1965) навиштаҳои давраи аввали фаъолияташ), олимони (русӣ) шӯравӣ Н.Н.Миронов(1870-1952), В.Успенский(1879-1949) ва дигарон якранг, яъне ҳамчун дастоварди “фарҳанги арабӣ”, ба истилоҳ мусулмонӣ, ба қалам омадааст. Аз ҷумла, олимони русӣ, ки аз манобеи дасти аввали хаттии таърихию адабӣ, хоса мусиқӣ ва хаттии таърихи таҳаввули

диди мусиқии назарии мо камбаҳра буданд, хулосаҳои хешро дар заминаи навиштаҳои муҳаққиқини аврупоӣ қаламдод менамуданд. Ин натиҷагириҳо аз як навишта ба навиштаи дигар интиқол ёфта, то солҳои 40-60-уми садаи XX ҳамин шеваи таҳқиқ идома меёфт. Б.Ғафуров дар "Таърихи мухтасари халқи тоҷик", «Тоҷикон…» дар ҷараёни таҳқиқи таърихи таҳаввули фарҳанги классикии тоҷик истилоҳи дақиқи илмию таърихии "форсӣ-тоҷикӣ""тоҷикӣ-форсӣ"ро дар зимни тафсири манобеи мӯътамади хаттӣ ба миён мегузорад. Дар таҳқиқот ва асарҳои ҷудогонаи Б.Ғафуров масоили мар- бут ба пойгоҳи аввалин ҳавзаҳои ҳунарию фарқангии Аҷам (ба истилоҳ, тоҷику форс Мовароуннаҳру Хуросон, Ҳинд), нақши таърихии ҳунармандони аҷамӣ, ки маҳз тавассути кӯшишу талошҳои пайгиронаи онон равняю мактабҳои усулан нави эҷодию иҷроӣ, таҳқиқӣ ташаккул у пешрафт намуданд, дар бунёди бузургтарин марказҳои эҷодию таҳқиқӣ ва баҳрабардории мардумони ғайриаҷамӣ аз ин андӯхтаҳои ақлонию ҳунарӣ бо такя ва истиноди мӯътамади хаттӣ далелу бурҳони илмию таърихӣ қаламдод шудаанд.Хоса, ин саҳифаҳои рангини эҷодию ҳунарофаринӣ доир ба замони Сосониёну(222-651) Сомониён(819-1005), Ғуриён(1148-1215 ),Темуриён(1370-1507) ва хонадони муғулони Кабири Ҳинд (бобуриён 1526-1858) басо муътамад ба риштаи таҳқиқ омада ва ҳадафу масъалагузории Б.Ғафуров(""Таърихи мухтасари халқи тоҷик", Сталинобод,1947,«Таджики…»,Москва,1972)ва силсилаи мақолоти проблемавӣ бештар ба хатти таҳаввули воқеию таърихии ин давраҳо пайванди амиқи таърихӣ доранд. Дар асарҳои Б.Ғафуров мавқеи таърихии тамаддуни тоисломии мардумони эронӣ (тоҷик), саҳми бузурги аҳли Аҷам дар ташаккули илму ҳунар ва сохти девондории аҳди халифаҳои арабӣ(хоса давраи Аббосиён 750-1258), бунёди равияҳои озодандешию истиқлолхоҳӣ ва

фарҳангию эҳёии “шуубия”, ба арсаи сиёсӣ омадани судолаи Сомониён (819-1005),хоса ташкили мактабу равияҳои классикии ҳунарӣ дар шаҳрҳои Марв, Бухоро, Систону Балх, Самарканд, ки пойгоҳҳои ҳирфаии ҳунарию эҷодӣ, таҳқиқии мо бу- дааст, бо такя ба гузориши сарчашмаҳои хаттдастрас далелу хулосаҳои мушаххасу илмӣ қаламдод шудааст[4]. Ҳар як хулосаҳои Б.Ғафуров доир ба ҷараёни таҳаввули фарҳангу ҳунари ин садаҳҳ равшану илмӣ буда ва холӣ аз тавсифоти тахайюлист (ниг. Б.Гафуров Таърихи мухтасари халқи точиқ, Сталинобод, 1947, сс.174. 175; «Таджики…», Москва, 1972, сс. 374, 375)[5].

Хулосаҳои таърихию илмии академии Б.Ғафуров доир ба ҷараёни рушди ҳавзаҳои ҳунарӣ ва саҳми сарварону асосгузорони мактабҳои классикии ҳунарии замони Сосониён(222-651) ва Сомониён(819-1005) намодан гузоришии таърихию консептуалист, вале барои дарёфт ва равшан намудани принсип классикии фарҳангии асолатию меросбарӣ дар ҳунарҳои зебои ин садаҳо муҳаққиқро ба роҳи дурусти таҳлилию натиҷагирии илмию таърихии воқеъбинона раҳнамун месозад. Яъне, методи масъалагузорӣ ва ҳадафҳои таърихии Б.Ғафуров ба масоили шигифтангезии ҳунарӣ, басирати ҳунарофаринӣ,бадеӣ-эстетикӣ ва зебоиманишӣ, тамомияти таърихию фарҳангӣ (эҷодкор, ҳунарофарин, нақши таърихии ҳунарвар дар бозгӯии масоили таърих, ҳамчунин назария, равия ва мактабҳои эҷодӣ”, ки хоси замони Сосониёну Сомониён ва давраҳои баъдӣ буда, чеҳраҳои ҳунарие чун Борбад (590-628), Абулаббоси Бахтиёр (870-920), Амир Хусрав (1253-1325),Хоҷа Абдулқодир (1353-1435), Маҳмуди Ҳусайнӣ(ваф.1512)ва дигаронбар асари ин ҳама таҳаввулот зуҳур намуданд) дар иртибот аст, фаъолияти босуботу ҳадафмандонаи ҳунарӣ, ҳунари бунёдии амалию назариявӣ, тамоюлӣти босубот дар роҳи

расидан ба ҳадафҳои таърихӣ ва ҳувияту меросбарии ҳунарӣ, суннат ва навоварӣ дар эҷоду иҷро, таҳқиқ, ҳамчунин обрӯю эътибори таърихии ҳунарманд ва ҳунарофарин дар ин асрҳо ҷо-ҷо ёдрас мешаванд, ки ин натиҷагириҳои таърихию илмӣ танҳо ба дифои манофеи тамаддуни мост.

Мавзуи таърихию назарӣ, ки аллома Б.Ғафуров дар “Таърихи мухтасар халқи тоҷик”,«Тоҷикон….» басо воқеъбинона қаламдод намуда, чун як шохаи таркибию таҷзиянопазири тамаддуни мо пеш мегузорад, бунёди ҳавзаҳои ҳунарӣ мусиқӣ, ҳунарҳои дигари бадеӣ меъморӣ ва наққошист[6].Шояд ин мавзӯъ аз дидгоҳи назарию ҳирфавӣ дар боби ҷудогонаи асарҳои Б.Ғафуров ҳаллу фасл нашуда, вале гузориши ин бахши басо пурарзиши фарҳангамон хеле бамавқеъ буда, муҳаққиқони ин соҳаҳоро бори дигар ёдрас менамоянд, ки мардумони эронӣ (тоҷикон) дар эҷоди ҳунарҳои асилу воло ба шоҳкориҳои ҳунарию чашмгир дастёб шудаанд.Бунёду рушди бовусъати ҳавзаҳои ҳунарӣ дар марокизи таърихию фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон, Эрон, Ҳиндустон сурат гирифт, ки поягузору пешоҳангони ин ҳавзаҳо, алорағми дастёбии сулолаҳои туркинажод ба қудрати сиёсӣ, эронитаборон будаанд. Махсусан, замони бунёду рӯи саҳна омадани ин ҳавзаҳои ҳунарӣ ( ҳунарҳои тазйинӣ,намоишӣ, мусиқӣ) дар замони салтанати хонадони салҷуқӣ (1194-1037),Темуриёну (1370-1507),Шайбониён(1500-1599) Мовароуннаҳр, Сафавиёни Эрон (1502-1706), Бобуриёни Ҳиндустон (1526-1858) ва манотиқи дигар асосу бунёд, ноқилону ҳомилон, назария-донон эронитаборон буданд ва диди таҳлилию ҳунаргустаринӣ танҳо бар мабнои ин тафаккури зебоиманишӣ густариш меёфт[7]. Пӯшида нест, ки намояндагони дигар қавмҳои маскуни ин ҳавзаҳои ҳунарӣ ҳам нақши пурборе дар таҳаввулоти эҷодию таҳқиқӣ

доштаанд, вала диди таҳлилию натиҷагирӣ, тавону такяҳои ҳунарандӯзиашон низ бештар бар мабнои фарҳангу ҳунарҳои зебои классикии форсии тоҷикӣ сурат гирифтааст. Ё худ эшон мисли Алишер Навоӣ(1441-1501), Заҳириддин Бобур(1483-1530 ) ва ғайра доир ба масоили назарию амалии ҳунарҳои зебо(мусиқӣ) ибрози назар кардаанд, кн давоми мантиқии натиҷагириҳои Абуалии Сино(980-1037), Қутбиддини Шерозӣ(1236-1311), Хоҷа Абдулқодир (1356-1435),Абдураҳмони Ҷомӣ(1414-1491), Камолиддин Бинойӣ( 1453-1512),Маҳмуди Ҳусайнӣ( ваф.1512) ва дигар андешамандони тоҷику форс буда ва навиштаҳои таҳқиқии эшон дар рушду тафаккури мин- баъда.нақши пурарзише гузоштааст. Б.Ғафуров дар ҷараёни баррасии масоили дигари таърихӣ, иҷтимоию фалсафӣ, бадеӣ ба ин паҳлӯҳои пуртавони фарҳангамон ва шигифтангезии таърихии он диди воқеъбинона дорад.Аммо ин таъкидоти муҳаққиқонаи Б.Ғафуровро пажӯҳандагони ҳунарҳои зебо аз дидгоҳи таърихию илмӣ дар зимни манобеи асл бояду шояд ба риштаи таҳқиқ наовардаанд.

Аллома Б.Ғафуров ба нақши муҳиму созандаи фарҳанги форсии тоҷикӣ ва фаъолияти ҳадафмандонаи таърихию ҳунарии Абулаббоси Бахтиёр, Рӯдакӣ, Абуалии Сино, Амир Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Абдулқодир, Камолиддин Биноӣ ва даҳҳо чеҳраҳои таърихии назаридонони мусиқй чун басирати таъри- хи ҳзшари аҷамй назар карда, эшонро чун бунёдгузорони нерӯи ақлонии ҳунар дар бобҳои ҷудогона ёдрас менамояд ва пайдост, ки таълифоти онҳо таҷассумгари марҳалаҳои муҳим чун баёнгари таърихӣ, басирату тамомият, шигифтангезии таърихию бунёдии фарҳангамон будааст[8]. Таъкидоту натиҷагириҳои таърихии Б.Ғафуров дар иртибот ба осори мусиқии ҳирфавии мо чун падидаи таърихию бунёдӣ ва баруманди фарҳангӣ-таърихист.

Шояд масъалагузории Б.Ғафуров доир ба ҷойгоҳи бузургу таърихии ҳавзаҳои фарҳангии Аҷам дар шибҳиқораи Ҳиндустон ва бунёду густариши мактаб ва сабки илмию амалии мусиқию шеър дар мисоли осори Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325), Мавлоно Қосими Коҳӣ(1464-1581) ва дигарон, тарҷумаю тафсири манобеи бостонии мусиқии классикии ин сарзамин, тавъамию ҳамоҳангии равобити таърихии аҷамию ҳиндӣ аз дидгоҳи таъ- рихӣ хеле бамавқеъ қаламдод шудааст.Мавзуи мазкур, баъдтар, дар навиштаҳои муҳаққиқини ҳинду аврупоӣ, хосатан собиқ шӯравии тоҷик то андозае мавриди таҳқиқ қарор мегирад[9]. Ин мавзӯи хеле пурарзиши тамаддуни мо дар мақолот, суханрониҳо (дар симпозиуму конгрессҳои ховаршиносӣ)-и Б.Ғафуров хусусияти таҳлилию ҳирфаӣ надошта бошад ҳам, вале масъалагузорию диди таърихии ӯ дар пажӯҳиши ин паҳлуҳои тамаддуни тоҷику форс, ҳиндӣ моҳиятан арзиши пурарзиши илмӣ касб кардааст.

Дар тафсири ин мавзуъ ӯ ба паҳлуи ниҳоят муҳими он, яъне нақши муассири забони форсии тоҷикӣ дар ташаккули тафаккури илмии мусиқӣ, ба забони ҳунару таҳқиқ табдил ёфтани он дар ҳавзаҳои фарҳангии Ҳиндустон таваҷҷӯҳ намуда, дар мисоли осору шахсияти Хоҷа Муъниддини Чиштӣ(1141-1236), Хоҷа Низомиддин Авлиё (1238-1325), Бурҳониддини Чиштӣ(ваф.1344), Амир Хусрави Деҳлавӣ(1253-1325), Мавлоно Қосими Коҳии Суғдӣ(1464-1581), Хоҷа Фариди Ансорӣ (1179-1266) ва дигарон ин нуктаро мушаххасан тавзеҳ медиҳад. Пайдост, ки нақши забони форсии тоҷикӣ дар доман густардан ва таъсири васеи тамаддуну мусиқии классикии ҳиндӣ дар тамаддуни, ба истилоҳ, мусалмонӣ ниҳоят бузург аст[10]. Маҳз тавассути кӯшишҳои субботкоронаи донишмандону донандагони мусиқии форсии тоҷикӣ (Аҷам) бисёр манобеи мусиқии назарии ҳиндӣ (санскритӣ) ба забони форсии тоҷикӣ тарҷумаю тавзеҳ шудаанд. Андешамандони

мусиқии тоҷику форс муҳим- тарин таълифоти мусиқии ҳиндиро на фақат тарҷума намуданд, баробари ин дар такмилу тасҳеҳ, тафсири масоили умдаи созу овози ин кишвар кӯшишоти зиёд ба харҷ додаанд. Тарҷумаю тафсири манобеи ҳиндии (санскритӣ) “Парҷатак(Дарахти биҳишт)”, “Рогмала(Дар бораи рогҳо)”, “Рог дарпан(Оинаи рогҳо”, бахшҳои мусиқии “Регведо”, донишномаю осори таърихӣ аз пурарзиштарин саҳифаҳои рангини дар ин поя анҷомдодаи мусиқидонону муфассирон ва мутарҷимони форсу тоҷикист[11]. Ин иқдоми бузург, асосан, аз замони Амир Хусрави Деҳлавӣ оғоз бахшида ва дар густариши анъаноту равобити таърихии Аҷаму Ҳинд ин донишманду суханвар пешоҳанг буда, минбаъд маҳз шогирдону пайравонаш дар ин роҳ корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Мактабу анъанаи Амир Хусрав дар аҳди салтанати хонадони бобуриёни Ҳинд хеле вусъат гирифта, суннати рабту омезиши тамаддуни аҷамию ҳиндӣ дар мақолоти таҳкиқӣ, асарҳои пурарзиши Б.Ғафуров ёдрас шудааст. Яъне, назари таҳқиқӣ, диди таърихӣ ва масъалагузории проблемавии ин мавзуъ дар навиштаҳои Б.Ғафуров арзиши тамомияти таърихию фарҳангӣ ва ҳадафи таърихию бунёдиро дорост, ки барои муҳаққиқони ин қисми муҳиму таркибии тамаддун чун дастур арзиш дорад. Хориқа (феномен)-и фарҳангӣ дар мисоли тамаддуни классикии мусиқӣ, наққошӣ, меъморию хаттотӣ, китобат, нуфузу баракати пурсамари таъсир, густариши ҳунарӣ (аҷамӣ), ки мардумони дигар (ғайриэронӣ) аз он баҳра андӯхтаанд ва ба истилоҳ, таҳти таъсири муассири он фарҳанги қавму қабоили кӯчӣ ташаккул ёфта, ба маҷрою раванди тамаддуни ҷаҳонӣ ворид шуда ва ин мавзуот дар осори Б.Ғафуров(Таърихи халқи тоҷик, Сталинобод, !947, 1952; Таджики..,Москва, 1972, силсилаҳои мақола, суханрониҳо дар ҳамоишҳои ҷаҳонии илмӣ ) мавқеи хоса касб мекунад. Натиҷагириҳои

ӯ аз ин мавзуъ бар пояи санадҳои хаттии таърихию адабӣ ба қалам омадаанд.Ин паҳлӯҳои пурбори фарҳангию ҳунарӣ аз диди таърихнигоронаи Б.Ғафуров бидуни ягон натиҷабардориҳои муғризона, бар хилофи муҳаққиқони туркитабор, ки ҳамеша саргарму побанди таҳрифкориҳои воқеият ва раванди таърихии фарҳангианд, сурат гирифтаанд. Ин равиши ҳақиқатнигоронаи таҳқиқӣ дар ҳар фасли “Таърихи мухтасари халқи тоҷик”(Сталинобод,1947, 1952), “Таджики…”( Москва, 1972, навиштаҳои таҳқиқиии “Фирдавсӣ: шӯҳрат ва шарафи тамаддуни ҷаҳонӣ, “Амир Хусрав ва достони ӯ...”, “Замони Ку шониён ва тамаддуни ҷаҳонӣ”, “Форобӣ ва замони ӯ” ва ғайра чун хатти рангину чашмгир ба қалам омада, аз мулоҳизаҳои воқеънигоронаю пурмӯҳтавои илмию таърихиаш ба қалам омадаанд.

Муҳиммият ва равиши таҳқиқии бунёдӣ-академӣ (фундаметалӣ) дар таълифоти аллома Б.Ғафуров сабки хосаи касб карда, худдорӣ аз идеализацияи як фарҳанг, ҳунар ба рағми дигаре буда, яъне ӯ ҳамеша воқеъбинона ба раванди таърихии падидаҳои ҳунарию бадеӣ натиҷагирӣ дида медӯзад. Ҳақиқати таърихӣ ва диди бунёдию таҳқиқии фарҳанг меҳвари навиштаҳои аллома қарор гирифтаанд. Амир Хусрав, ки дар бунёди бисёр падидаҳои ҳунарӣ ва бадеӣ дар ҳавзаҳои фарҳангии Ҳиндустон( адабу мусиқӣ) ҷойгоҳи воло дорад, ба раванду густариши мактабу равияҳои ҳунарии ин кишвар, ки бар мабнои тамаддуни аҷамию ҳиндӣ рушд намудаанд, мавриди назару тавзеҳи амиқтари муҳаққиқ қарор гирифтааст.Таъсири фаъолият ва осори Амир Хусрав чун суханвар, муаррих, мусиқидон ва ориф на фақат дар пешрафти тамаддуни ин кишвар нақши муассире гузошт, балки барои фарогирии асосҳои назарии созу овоз, мусиқидонон аз ҳавзаҳои ҳунарии Мовароуннаҳру Хуросон, Ироқи Аҷам рӯ ба Ҳиндустон меовардандФаъолияти илмию ҳунарии Амир

Хусрав вусъати фикрии мусиқиро дар сарзамини Ҳиндустон ба маҷрои нави эҷодию таҳқиқӣ равона намуда, бисёр мусиқидонон дар ҳаллу фасли масоили таъриху назария ва амалияи мусиқии аҷамию ҳиндӣ, равобити таърихии ин ду фарҳанг корҳои пурарзишро анҷом доданд. Таҳти таъсири осори Амир Хусрав мактабҳои нави таҳқиқию иҷроӣ на фақат дар Ҳиндустон бунёду фаъолият намуданд, баробари ин домани таҳқиқии мусиқӣ васеътар шуда, акнун аҳли таҳқиқу эҷод дар осори хеш ба тафсири паҳлӯҳои таърихию назарӣ, амалии мусиқии аҷамию ҳиндӣ, ҳамоҳангию таъсирбахшии таърихии ин ду фарҳангро дар мисоли мақомҳо (Дувоздаҳмақом) ва рогҳо (мақомҳои ҳиндӣ), "Илми сангит" (мусиқии классикии ҳиндӣ) ҷустуҷӯ намуданд ва дар ин поя мусиқидононе чун Муҳаммади Равшанзамир, Боҷ Баҳодур, Мавлоно Қосими Коҳӣ, Боқиёи Нойинӣ, Мавлавӣ Нурасади Чиштӣ, Хоҷа Фариди Ансорӣ, Фақируллоҳи Сайфхон ва даҳҳо доноёни созу овоз ба дастовардҳои рангине комёб шудаанд (ниг.Раҷабов, Мусиқӣ дар ҳавзаҳои ҳунарии Ҳинд ( садаҳои X111-XV11), Душанбе, 20017; Амир Хусрав ва анъанаи эҷодию таҳқиқи мусиқӣ дар ҳавзаҳои фарҳангии Ҳинд, Душанбе, 2018; Иноятхони Росих ва анъанаи пажӯҳиши мусиқӣ дар Ҳинд (садаҳои XV1-XV11), Душанбе, 2023; «Карамат муҷра(Ганҷи мусиқӣ)»ва ҷойгоҳи он дар фарҳанги мусиқии Мовароуннаҳру Ҳинд, Душанбе,2023)[12]. Ин таъсир на фақат ба фаъолияти мусиқидонон, балки ба рӯҳияи маърифатию зебоиманишии орифони равияҳои гуногуни Ҳиндустон бетаъсир намондааст[13]. Орифони ҳиндию аҷамй дар осорашон баробари баёни мавзуоти созу овоз, рақсро аз дидгоҳи ҳамбастагии хеш ба ин ё он равняй тасаввуфй, мазҳабя таҳқиқ кардаанд ва дар вусъати тафаккури ирфонию ҳунаршиносии онҳо таъсиру нақши таърихии афкори мусиқии Амир Хусрав ниҳоят зиёд будааст[14].Ин нукта,ки

баракати ирфонию зебоишиносии ҳунариро орифони Ҳиндустон аз Амир Хусрав бардоштаанд, Мавлавӣ Нурасади Чиштӣ асри (XVI-XVH) дар асараш "Нағмаи Ушшоқ" хеле муҳаққиқона қаламдод намудааст. Ин паҳлӯҳои пурбори ҳунарию бадеии Амир Хусравро Б.Ғафуров дар навиштаҳояш хеле мӯҷазу мушаххас тавзеҳ дода- аст(ниг.Б.Ғафуров,Таърихи мухтасари халқи тоҷик, Сталинобод, 1947, 1952; Таджики…Москва,1972).

Тарзи нави мавзуъгузории Б.Ғафуров доир ба таҳаввули ҳавзаҳои ҳунарии Мовароуннаҳру Хуросон(бузургтарин мактабҳои илмию амалии Самарканду Бухоро, Ҳирот, Марв, Нишобур ва ғ.) низ ҷолиб буда, муҳаққиқони ин соҳаро ба таҳқиқи муҳимтарин арзишҳои эҷодию ҳунарофаринӣ, бадеию зебоишиносии ин бахши таркиби тамаддуни классикиамон раҳнамун месозад. Дар навиштаҳои Б.Ғафуров тамоюлоти таърихӣ ва бунёдии фарҳанг ҷойгоҳи хоса касб карда, яъне ҳадафмандии таърихии ҳунар ва он бо паҳлуҳои арзи тамомияти илмию таърихии анъанаҳои классикии ҳунарҳои зебои форсии тоҷикӣ(аҷамӣ) пайванди амиқе дорад[15]. Дар фаслҳои Сосониён(222-651) Сомониён(819-1005) Б. Ғафуров ба масоили илмии таърихӣ, консептуалии ташаккули тамаддуни классикии эронӣ (мусиқӣ ва дигар анвои ҳунарҳо) таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, дар зимни далели муътамад собит менамояд, ки ин марҳалаи ниҳоят пурарзиш на фақат нубуғу дар футуҳи фарҳангии ин асрҳо эътибор дошта, дар баробари ин раванди таърихию тафаккури ҳунари классикии (адабиёт, ҳунарҳои бадеӣ, мусиқӣ) моро дар садаҳои баъдӣ устувор намуд. Як нуктаи ҷолиб дар"Таърихи мухтасари халқи тоҷик"( Сталинобод,1947), «Таджики…» (Москва,1972) омада, ки асос ва пояи тамаддуни садаҳои минбаъд аз тамаддуни сомонӣ сарчашма гирифта ва идома ёфтааст.

Адабиёт, ҳунарҳои бадеӣ, мусиқӣ) чун раҳнамо хидмат карда, чаро, ки таълифоти назарии мусиқии дар замони Сомониён(819-1005) иншошуда (осори Абулаббоси Сарахсӣ, Марвони САрахсӣ, Абулаббоси Бахтиёр, Абунасри Форобӣ, Котибии Хоразмӣ,Абуалии Сино ва дигарон) воқеан асоси илмии мусиқии садаҳои минбаъд гардида, назари таҳқиқии онҳоро мусиқидонони пасон вобаста ба падидаҳои эҷодии замонаашон такмилу тақвият доданд[16]. Пайдост, ки бисёр масоили назарии созу овоз (бидуни таркиботи мақомҳо равиши хориҷи он аз созҳои мусиқӣ ва ғайра) бар мабнои хулосаҳои таҳқиқии донишмандони садаҳои 1Х-Х1 ва назариядонони садаҳои баъдӣ сурат гирифта ва ҳатто мавзуоти умумии бадеию зебоишиносии (эстетикӣ) мусиқӣ ҳам таҳти ин таъсир рӯи кор омадааст[17].

Агарчи ин паҳлӯҳои хоси тамаддуни мо дар алоҳида мавзӯи таҳқиқу баррасии Б.Ғафуров набуда, вале натиҷагириҳои ӯ рӯи масоили умумии фарҳанг ҳадафдору бамавқеъанд. Диди таърихию консептуалии Б. Ғафуров дар иртибот ба равшансозии асолату пешрафти фарҳанги тоҷик (тоҷику форс) ва мақоми он дар таърихи тамаддуни башарӣ поя ва тавоноии амиқи илмӣ доранд.

Дигар ҷиҳати муҳими навиштаҳои Б.Ғафуров, ки зимни он паҳлуҳои ҳунарҳои нафиса дар маҷмуъ хотирнишон шудаанд, дар устувории тавон ва пояҳои воқеияти таърихии натиҷагириҳои назарии ӯ буда ва саҳми аввалиндараҷаи офарандаи ин анвои қунарҳои бадеӣ (мусиқӣ, хатту китобат, меъморӣ ва наққошӣ) дар бунёди анъаноти классикист. Ин тафаккури баланди таърихию воқеънигорона ва дар маҷмуъ таҷассуми тамомияти қадафмандонаи таърихии фарҳанг ба равия ва суннатҳои классикии мо буда, бунёди таърихии ҳунарҳои зебо дар ҳамбастагию иртибот ба дигар анвои эҷодиёти бадеӣ корбасту натиҷагирӣ шудаанд[18]. Яъне, ин ҷо пеш аз ҳама

нақши муассиру созанда, эҷозофаринию бунёдкоронаи тоҷикон ( мардумони эронӣ) дар масири таърих, новобаста аз носозгориҳои давру замон, таназзулу нокомиҳо, ғасбкориҳои муғризонаи душманон чун силсилазанҷири тиллоӣ, бидуни бологирии эҳсосоти миллӣ, ба қалам омадаанд. Феномени таърихии шигифтангези тоҷик, дар бунёди ҳунару фарҳанговарӣ дар нигориши Б.Ғафуров бо таъбироти илмии басирату тамомияти таърихии фарҳангӣ, таърихию бунёдӣ бо воқеияти таърихӣ қамоҳанг буда,тавони аснодии натиҷагириҳои илмиашон устуворанд[19]. Аз ин хотир, осори ӯ дар таърихи тамаддуни мо яке аз саҳифаҳои рангину муассир буда, новобаста бо гузашти айём, тағйиру таҳаввулоти таҳқиқии ҳунар, аз муҳимтарин ва пурарзиштарин сарчашмаи илмию таърихӣ хидмат хоҳад кард.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**

*1.Б.Ғафуров. Таърихи мухтасари халқи тоҷик, Сталинобод, 1947.*

*2.Б.Ғафуров. К 2500-летию иранского государства. В кн: История иранского государства и культуры М-, 1971.*

*3.Б.Гафуров Таджики.Древнейшая, древняя и средневековая история, М., "Наука", 1972.*

*4.Б.Гафуров. Фирдоуси-слава и гордость мировой культуры. В кн: Фирдоуси. Шахнаме, М., 1972.*

*5.Б.Гафуров. Амир Хусрав Дехлави и его поэма "Восемь райских садов".- в кн: Амир Хусрав Дехлави. Восемь райских садов. М., 1976.*

*6.Б.Гафуров. Аль-Фараби в истории культуры, М.: "Наука", 1975.*

*7. Академик Бобоҷон Ғафуров муҳаққиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ, Душанбе,1999.*

*8. Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации, Душанбе, 2002.*

*9. Раҷабов А., Мусиқӣ дар ҳавзаҳои ҳунарии Ҳинд ( садаҳои Х111-ХV11), Душанбе, 20017.*

*10.Раҷабов А. Амир Хусрав ва анъанаи эҷодию таҳқиқи мусиқӣ дар ҳавзаҳои фарҳангии Ҳинд, Душанбе, 2018.*
*11. Раҷабов А. Иноятхони Росих ва анъанаи пажӯҳиши мусиқӣ дар Ҳинд (садаҳои XV1-XV11), Душанбе,2023.*
*12. Раҷабов А. «Карамат муҷра(Ганҷи мусиқӣ)»ва ҷойгоҳи он дар фарҳанги мусиқии Мовароуннаҳру Ҳинд, Душанбе,2023.*
*13.Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ, Душанбе,1998.*
*14.Саманиды: эпоха и истоки культуры, Душанбе,2007.*
*15.Борбад и классические традиции в музыкальной культуре Центральной Азии, Душанбе,2019.*
*16.Самниды- уникальный исторический феномен в мировой цивилизации, Душанбе,2019.*
*17.Исследования древней культуры: история и современность, Душанбе, 2019.*
*18.The Samanid's and the revival of the civilization of Iranian Peoples, Dushanbe,1998.*
*19.Firdowsi's Shahname:1000 Years After, Dushanbe, 1994.*

**Аскаралӣ Раҷабов**
(Тоҷикистон)

## Бобоҷон Ғафуров ва масоили таърихию назарии фарҳанги бадеии тоҷик

Таҳқиқи муқоисавии масоили таърихӣ-назариявии ҷараёни ташаккул ва инкишофи фарҳанги бадеии точик бо истифодаи васеъи сарчашмаҳои хаттӣ яке аз бахшҳои муҳим ва таркибии таърихи халки точик ба шумор меравад.

Таҳқиқ ва баррасии илмии ин қисми муҳиму таркибии фарҳанги бадеии тоҷик бо такяи густурдаи сарчашмаҳои таърихию адабӣ дар ибтидои солҳои 40-уми садаи XX таваҷҷуҳи академик Бобоҷон Ғафуров (1908-1977)-ро ҷалб намуда буд ва ӯ дар асарҳои «Таърихи мухтасари халқи тоҷк» (Сталинобод, 1947),«История таджикского народа» (в кратком изложении, Сталинабад, 1952), «Таджики...». (Москва,1972) заминаи таърихию

илмию консептуалии омузиши маданияти бадеии точикро гузоштааст.

Дар мақола ҷанбаҳои муҳими таърихӣ, бунёдӣ ва консептуалии осори академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун сарчашмаи пурарзиши методологӣ дар омӯзиши фарҳанги бадеии тоҷикон бо тақвияти гузориши сарчашмаҳои нави хаттӣ ба риштаи таҳқиқ омадааст.

**Аскарали Раджабов**
(Таджикистан)

**Бабаджан Гафуров и историко-теоретические проблемы художественной культуры таджиков**

Сравнительное изучение историко-теоретических вопросов процесса формирования и развития художественной культуры таджиков с широким использованием письменных источников, является из основных и неотъемлемых частей истории таджикского народа.

Изучение и научный обзор этой важной части таджикской цивилизации базируется на обширном изложении основных исторических, литературных источников в начале 40-х годов XX века привлекло внимание академика Бабаджана Гафурова (1908-1977) .Он в свои трудах «Таърихи мухтасари халќи тољик»,Сталинобод, 1947 ), «История таджикского народа» ( в кратком изложении, Сталианабад,1952), «Таджики….» (Москва,1972) заложил научно-концептуальную основу изучения таджикской художественной культуры.

В статье изучаются важные исторические, фундаментальные и концептуальные аспекты труды академика Бабаджана Гафурова как ценного методологического источника в изучении художественной культуры таджиков.

**Askarali Radjabov**

(Tajikistan)

## Babajan Gafurov and historical and theoretical problems Tajik artistic culture

A comparative study of historical and theoretical issues of the process of formation and development of Tajik artistic culture with the widespread use of written sources is one of the main and integral parts of the history of the Tajik people.

The study and scientific review of this important part of Tajik civilization is based on an extensive presentation of the main historical and literary sources in the early 40s of the twentieth century attracted the attention of academician Babajan Gafurov (1908-1977). In his works "Tarihi mukhtasari hali toik", Stalinobod, 1947), "History of the Tajik people" (in brief, Stalianabad, 1952), "Tajiks..." (Moscow, 1972) laid the scientific and conceptual basis for the study of Tajik artistic culture.

The article studies important historical, fundamental and conceptual aspects of the works of academician Babadjan Gafurov as a valuable methodological source in the study of the artistic culture of Tajiks.

**Хакназар Курбанмамадов**

(Узбекистан)

## Бабаджан Гафуров и история

Начнем с понятия «история», что в переводе на персидский (таджикский) язык означает «таърих». Великий Беруни (973 - 1048) считал и убедительно доказал, что слово «таърих» - исконно персидское (таджикское) происхождение. Даже такой авторитетный толковый словарь нашего времени, как «Фарҳанги забони точики (М. 1969. Қисми 2. С. 349) преподносит слово "таърих" как арабское. Слово "таърих", по

Беруни, происходит от персидкого слова “моҳруз”, то есть счисление дней и месяцев. Арабы, взяв это слово, подвергая его изменению, точнее искажению, стали произносить, согласно своей лексикологии, как «муаррах», и выводили из него инфинитив (масдар) - “таърих”. И, Умар, второй халиф ислама, приказал использовать слово “таърих” для объяснения простому народу, как изменяются дни и месяцых[1].

Я этот пример привел здесь для того, чтобы показать слово “история” (“таърих”) на каждом витке исторического развития человечества, как в мусульманском мире, так и в Европейском культурном пространстве, начиная от Геродота, кончая современностью, подвергался изменению не только этимологически, но и по вкладываемому в него содержание (смысл). Отсюда разные истолкования (интерпретации) и объяснения понятия “история”. Одни ученые утверждают, что история - это наука, другие, считают ее как своеобразным видом художетвенного творчества, то есть искусство. Так, например, А.Я.Гуревич, Российский историк и культуролог считает, что исторические факты всегда выступают в форме образов, точнее - в образных описаний. И так как всякий образ есть некоторое подобие, некоторая копия объекта, вызывающая сходные чувственные впечатления у воспринимающего субъекта, то в таком образе часто усматривают специфику исторических фактов в отличие от эмпирических фактов естественных наук. В этом же многие философы и историки видят основание для отождествления исторического познания с искусством[2].

Что касается такого маститого академика, историка, общественного и политического деятеля Б. Гафурова, то он рассматривает историю как науку, обладающей своей спецификой, функциями, восптиательными и и познавателными возможностями. Как показывает его фундаментальный труд “Таджики. Древнейщая, древняя и

средневековая история.”, он в понятие “история” вкладывает прошедшее, ушедшие социльно-политические, духовные и материально-культурные процессы в жизни таджикского народа. Он построил свое понимание истории на материалистическом видении исторических процессов, на выявлении классовых, противоречий в общественной жизни. Марксистский тезис “Мы знаем тоько одну – единственную науку, науку истории” для него, как и для сотни других историков его времени, был неопреверЖимым.

Б.Гафуров как историк, политический и общественный деятель, вышедщий из глубины таджикского народа, а таджикский народ, как известно, имеет традиционно особую страсть и стремление к познанию своего прошлого, он внес в своей душе эти народные страсти и стремления, и всю свою сознательную жизнь посвятил реализции этих страстей и устремлений. Здесь уместно указать на то, что в эпоху средневековья на мусльманском Востоке, особенно в Хоросане и Мовароуннахре, на многолюдных базарах городов Бухары, Самарканда, Герата, Ходжента и т.д. рассказы и чтения исторических повествований было одним из любимых развлечений, а историческая осведомленность и “образованность” считались неотъемлемым элементом высокой духовности рассказчиков, людей из интеллектуальных кругов страны. Отсюда написание такого фундаментального труда как “Таджики”, помимо вего прочего, было требованием души и сердца Бабаджана Гафурова.

Можно с уверенностью сказать, что до появления научного труда “Таджики” история таджиков, история восточно-иранских таджиков, лежала под толстым слоем “пыли” истории. Она была так преплетена с историей других этносов, в частности, тюркских, что крайне трудно ее вычленить как отдльный исторический процесс. Исторические процессы, которые происходили на земле

Хоросана и Мовареуннахра по своей форме проявления и внутреннего контента резко отличются от славянских (русского), англо-сакских, романо-германских народов, как в древности и в эпоху средневековья, так и в новое время, вплоть до XX века. В эпоху раннего средневековья, примерно с X1 века, в Хоросане и Мовароуннахре формировалась единая историко-куьтурная матрица, согласно которой двигалась история и культура различных кочевых и земледельческих племен. На основе этой единой матрицы возник сначала арабско-персидский блингвизм (двуязычие)[3], а затем в XIV – XV вв. персидско-тюркский (таджикско-узбекский) билингвизм[4]. Появились многочисленные поэты, ученые, интеллектуалы, религиозные деятели, торговцы, которые не представляли себя вне этой культурной матрицы, с доминирующим персидско-таджикским субстратом, берущий начало еще в эпоху Ахеменидов. (VI - V в. до н.э.).

После победы ленинизма-сталинизма (не марксизма как такового), в Средней Азии и Азербайджане, эта единая матрица истории и культуры тюркских и иранских этносов стали разрушать, исходя из этнических принципов и ленинского учения о двух культурах в каждой культуре. В результате коммуникативная, объединяющая и ценностная функции истории и культуры, которые были выработаны в течение веков на основе единой матрицы сближали и объединяли разных племен и этносов на территории Центральной Азии, дискредитировались, а культура и история превратились в «яблоко раздора» между народами и этносами в Средней Азии. Концепция «мой – твой», «нашей – вашей» в изучении культуры и истории стала доминировать в научно исследовательских работах, которая и доминирует по сей день.

Известно и то, что после победы большевизма, хотя таджикам дали возможность в 1929 году иметь свою

государственность, но с огромными потерями - тысячелетней городской культуры, территориальной целостности, природного богатства, психологического и ментального единства, языкового и духовного доминанта в культуре и т.д. Таджики оказались один на один со своими горами и перевалами, точнее, на археологических руинах своего прошлого, без городских культурных корней, построит свою новую городскую культуру. А как известно, на пустом месте легче строит дома, культурные учреждения, музеи, театры, школы, словом, легче «вырастить» человека коммунистического будущего. Так, в 30-50-х годах X1X века в Республике Таджикистан возникла тенденция отстранения от своей собственной истории и культуры, хотя коммунистическая идеология провозгласила идею создания «культуры национальной по форме и социалистической по содержанию».

Бабаджан Гафуров в условиях однопартийной диктатуры и идеологической страсти к созданию процветающего утопического будущего - коммунизма, не мог выйти из заманчивого и утонченного всеобщего мыслительного и интеллектуального движения своего времени, хотя глубоко знал и чувствовал «болевые точки» своего народа, противоречивые, порой трагические события в его судьбе.

Бабаджан Гафуров в сложных, драматических условиях истории своего народа в целом мудро, верно, благодаря своей глубокой исторической интуицией, решил «болевые точки» своего народа. Главная его заслуга перед своим народом является, то, что он своим фундаментальным трудом «Таджики», показал миру, что на земле существует таджикский народ, имея свою историю и культуру, идентичность и чувство собственного достоинства. Поэтому его труд «Таджики» необходимо рассматривать не только как историографическое, но и историософское произведение.

Бабаджан Гафуров рассматривал историю как ценностное явление. Отсюда его «Таджики», где излагается историю таджиков с древнейших времен до наших дней, можно определить как аксиологический труд. Его отношение к истории своего народа выходит за рамки историографии. Например, выбор и фиксации им археологических материалов эпохи Ахеменидов, Греко-Бактрии и Парфии, Кушанской империи, Сасанидов, затем Саманидов и т.д., показывают, что история не только наука о материальной культуре общества, но и о духовном бытии народа и общества. Отсюда его труд «Таджики» вызывает не только рациональное, но и чувственное впечатление и понимание. Б. Гафуров, археологические факты, включая в доказательство прошедших исторических событий, придает им ценностное значение, и этим создает как бы художественно-познавательный способ проникновения в глубину истории. Для Гафурова история - это духовное бытие нации, народа.

Бабаджан Гафуров подходил к изложению исторических фактов и явлений как память народа. Отсюда его «Таджики» предстает перед нами как память - память о возвышении и падении, о славе и унижении таджикского народа в процессе его исторического развития. Для Гафурова народ, утративший свою историческую память или относится к своему прошлому безразлично или безответственно легко лишается своей идентичности, самосознания и самоуважения или распадается на отдельные «куски» от своего естественно-исторического единства. Выражаясь обыденным языком, на кланы, местничество, семейно-родовую общину, преследующие только групповой или узко-семейные интересы. Такой народ, несомненно, откатывается назад в своей истории. По Б. Гафурову, народ без осознания своего исторического прошлого, откатываясь в темное прошлое средневековья, теряется в лабиринте современной истории. Судя, по содержанию труда «Таджики» историческая память

часто проявляется в форме народных праздников, нравственных норм, обычаев, традицией, правил и норм поведения человека в обществе и т. д. Б. Гафуров четко проводит различие между памятью отдельной личности и памятью народной массы. Масса, под воздействием той или иной идеологии быстро, и легко забывает о своем прошлом. Отсюда историческая память, согласно Б. Гафурова, выступает как хранитель положительных и отрицательных информаций о прошлой жизни народа. Именно в таком аспекте, как нам представляется, Б. Гафуров излагает свою историю таджиков - историю династий Тахиридов, Гуридов, Саманидов.

Известно, что Б. Гафуров третью, четвертую, пятую глав и раздел пятого своего труда, посвятил рассмотрению социально-политической и культурной жизни таджикского народа при господстве монгольских и тюркских династий: караханидов, чингизидов, тимуридов, шейбонидов, джанидов и т.д. Согласно Б. Гафурова, без глубокого осознания и понимания того, что происходило с таджикским народом, при господстве вышеуказанных династий, невозможно осуществить не-что полезное, необходимое и гуманное для современного существования таджикского народа. Б. Гафуров (как показывает общий дух его труда «Таджики») считал своим священным долгом наглядно, на конкретных исторических фактах, показать какую драматическую, порою трагическую судьбу испытал таджикский народ при господстве монгольских и тюркских династий. А причиной всего этого, по Б. Гафурове, явилось отсутствие единства, сплоченности, разобщенности, взаимного согласия и взаимопонимания в таджикском народе.

Народ без исторического самосознания может потерять свою государственность, следовательно, независимость.

Характерно, что Б. Гафуров в изложении истории своего народа исходит из нравственного принципа долга и

социальной справедливости. Из этого вовсе не следует, что он был противником прогресса и «тянул» свой народ к темному прошлому. Идеализация прошлого была ему чужда, хотя он жил и работал в сложное, политическое и идеологическое время. Сам он был ведущим идеологом новой, социальной и политической действительности. Однако под его идеологическим мышлением лежала идея сохранения таджикского народа, ориентация на возрождение его независимости и чувства исторического достоинства. Прошлое своего народа (особенно в эпоху тимуридов, джайнидов) он представляет как факт разложения исконных нравственных принципов, нравственной порчи общества. Поэтому прошлое таджикского народа (хотя в эпоху Саманидов были определенные социальные, научные достижения) не возведет на уровень социального и культурного благополучия, не рассматривает как исторической уникальности. По отношению к Б.. Гафурову, слово за слово подходят высказывания великого Конфуция (551 – 479 гг. до н.э.), изложенные в книге «Шу Цзын» («Книга истории») о благородном муже и низком человеке. « Благородный муж думает о морали; низкий человек думает о том, как бы получше устроиться. Благородный муж думает о том, как бы не нарушить законы; низкий человек думает о том, что как бы извлечь выгоду… Благородный муж знает только долг, низкий человек знает только выгоду… Мораль благородного мужа (подобна) ветру; мораль низкого человека (подобна) траве. Трава наклоняется туда, куда дует ветер… Благородный муж стыдится, когда его слова расходятся с поступками.. Обладая человеколюбием, он не печалится; будучи мудрым, он не сомневается; будучи смелым, он не боится… Благородный муж предъявляет требования к себе, низкий человек предъявляет требования к людям… Благородный муж в доброте не расточителен; принуждая к

труду, не вызывает гнева; в желаниях не алчен; в величии не горд; вызывая почтение, не жесток»[5].

Несомненно, так и было во времена Б. Гафурова. Такое противопоставление благородного и низкого человека Конфуцием, возведенное на уровень философского принципа, приобрело значение всеобщий социальный истины, справедливой для всех времен и социального строя. Разве сейчас, в эпоху интернета и цифровой цивилизации и ошеломляющих научно-технологических достижений перестало быть истинным утверждение: «Благородный муж знает только долг, низкий человек знает только выгоду. Благородный муж думает о том, как бы не нарушить законы; низкий человек думает о том, как бы извлечь выгоду»?

Такое утверждение и сейчас является критерием, позволяющим безошибочно отличать справедливого, честного, добросовестного человека от карьериста, проходимца, непрофессионала, толпящихся «у трона» или приближающихся «к трону», давно уже превратилось в самоочевидную нравственную норму. Моральное измерение человеческого бытия, по-видимому, нельзя определить вне поля исторического сознания. Человек, который не интересуется своим прошлым, то есть когда не выделяет отрицательного и положительного, драматического и трагического в своей истории в общем круговороте социальных и общественных событий, не имеет стабильной жизни в будущем.

История, (историческое сознание) для Б. Гафурова выступает как средство обновления жизни в разных исторических реалиях. Она также служит как механизм культурного, социально-политического самоопределения народа. Она дает возможность народу осознать себя как естественно-историческую общность, отличной от другой общности, как этническая целостность. История обеспечивает связь поколений, их преемственность. Создает условия для

единения и объединения, взаимопонимания в различных сферах социальной и политической деятельности. Кроме того, из многочисленных трудов по истории Б. Гафурова вытыкает та мысль, что история есть нечто иное, как форма самопознания народа, этноса.

Как известно современная таджикская действительность так или иначе детерминирована своей прошлой историей. Точно также и в детерминации будущей судьбы таджиков участвует не только одно прошлое, но прошлое вместе с современностью. Поэтому в предвидении будущего таджикского народа, необходимо указать и на современное социально-политическое состояние таджикского народа. Отсюда «Таджики» Б. Гафурова надо воспринимать не только изложение судьбы прошлого таджиков, но и как интерпретация современной действительности таджиков, основанная на характеристике прошлой жизни таджиков. В этом плане «Таджики» Б. Гафурова является и как историография таджиков, и как научное предвидение их будущего.

Особое внимание в наше время привлекает его трактовка и понимание исмаилизма как духовное, религиозно-философское течение в исламе. Понятно, что трактовка исмаилизма Б. Гафуровым относится к самому начальному периоду его исторической деятельности, когда он выбрал стезю материалистического понимания истории и убедительно шел по ней до конца своей жизни. В то время Б. Гафуров, как и сотни других его коллег по исторической науке, не могли трактовать религию и религиозные конфессии как не-что содержащее положительные духовные, гуманистические ценности. Существовал же не только религиозный, но и атеистический фанатизм. На этом пути, как известно, происходили различные отклонения от объективного истолкования религии, во имя утверждения ленинского, материалистического понимания религии. Но тот факт, что в условиях атеистического фанатизма Б. Гафуров

поднял вопрос об исмаилизме (пусть отрицательный) имел большое научно-исследовательское значение. Отсюда отрицательная трактовка исмаилизма, по нашему мнению, была продиктована не умом и сердцем, поистине великого патриота персидско-таджикской духовной культуры, но и навязыванием идеологической, политической и антирелигиозной пропагандой времени[6].

Бабаджан Гафуров своим трудом «Таджики» выступает не только историк, но и как теоретик истории, философ истории.

Еще на один важный момент в его жизни, как историка, организатора научной деятельности необходимо указать. Он высоко поднял статус востоковедческой науки в XX веке. При Б. Гафурове, востоковедение в бывшей Союзе ССР достигло наивысшего авторитета во всем научном мире. Ежегодный поток научных публикаций во всех областях востоковедения: истории, философии, языкознания, этнографии, культуры и искусства и т. д. занимают особое место в мировой востоковедческой науке. Эти научные публикации и ныне не потеряли свои научно-исследовательской, теоретической и практической ценности. Они являются образцами бесстрастного, объективного научного анализа истории и культуры народов Востока. Он сумел придать востоковедческой науке, источниковедческое, и вместе с тем, глубоко гуманистическое направление.Не случайно время его руководства Институтом Востоковедения бывшего Союза ССР, большинство научных сотрудников Института называют «Золотым веком» Востоковедения.

Главная цель труда Б. Гафурова «Таджики», как нам представляется, является устранение разобщенность таджикского этноса, объединить их общей созидательной целью, осознать свою культурно-созидательную роль, и преодолеть тяжких и трагических событий, которые они испытали в своей истории.

Б. Гафуров, не написав свои «Таджики», никто не мог бы писать такую фундаментальную работу об истории таджикского народа. Он написал свои «Таджики» не для того чтобы мы, его современники, держали ее на полке книг, ничего не делая, ничего не думая, ничего не изменяя в своей жизни и гордились только своей историей, а для того, чтобы не повторяли средневековые обычаи и традиции в своей социально-политической, культурной жизни в новое время, избегали средневековых ошибок и заблуждений, бездушия и безответственности к своей истории и современной жизни.

## Литература


***1.****Беруни Абурайҳон. Осор ул-Боқия Душанбе, 1990. С.48.*

*2.Гуревич А.Я. Что такое исторический факт. Источниковедение. Теоретические и методолологические проблемы. - М., 1969. С.3*

*3.Таджидин Мардони. Влияние арабской поэзии на творчество персидско-таджикских поэтов X1-X11 вв. Душанбе, 2021. С. 210-241.*

*4.Курбанмамадов А. Прогресс и развитие в кросс-культурных реалиях. Газ. Правда Востока. Ташкент, 12 октября 2022 г.*

*5.Древнекитайская философия. В 2-х т. – Т.1. М.,1973. С.148-149.*

*6.Гафуров Б. История секты исмаилитов. М., 1941.*



**Хакназар Курбанмамадов**
(Узбекистан)


## Бабаджан Гафуров и история

Бабаджан Гафуров в изложении истории своего народа исходит из нравственного принципа долга и социальной справедливости. Из этого вовсе не следует, что он был противником прогресса и «тянул» свой народ к темному прошлому. История, (историческое сознание) для Б. Гафурова выступает как средство обновления жизни в разных

исторических реалиях. Она также служит как механизм культурного, социально-политического самоопределения народа.

Б. Гафуров, не написав свои «Таджики», никто не мог бы писать такую фундаментальную работу об истории таджикского народа. Бабаджан Гафуров своим трудом «Таджики» выступает не только историк, но и как теоретик истории, философ истории. Главная цель труда Б. Гафурова «Таджики», как нам представляется, является устранение разобщенность таджикского этноса, объединить их общей созидательной целью, осознать свою культурно-созидательную роль, и преодолеть тяжких и трагических событий, которые они испытали в своей истории.

**Ҳақназар Қурбонмамадов**
(Ӯзбекистон)

## Бобоҷон Ғафуров ва таърих

Дар мақола назари Бобочон Ғафуров ба таърих, махсусун ба таърихи халқи точик барраси мешавад. Муаллифи мақола асари “Точикон”-ро на танҳо асари сирфи таърихи, балки чун асари фалсафи-таърихи, асари арзишманде барои муайан кардани мақом ва роли точикон дар байни оламиён медонад. Аз ин чост, ки Б. Ғафуровро натанҳо муаррих, сиёсатмадор, чамоатчии намоён, балки файласуфи таърихро ҳам бояд эътироф кард. “Точикон” чун асари илми барои худшиносии точикон аҳамияти беназир дорад ва насли наврасро ба фаъолияти созандаги дар чомеа даъват менамояд.

**Khaknazar Kurbanmamadov**
(Uzbekistan)

## Babajan Gafurov and history

Babajan Gafurov, in presenting the history of his people, proceeds from the moral principle of duty and social justice. It does not at all follow from this that he was an opponent of

progress and “pulled” his people towards the dark past. History (historical consciousness) for B. Gafurov acts as a means of renewing life in different historical realities. It also serves as a mechanism for cultural, socio-political self-determination of the people.

B. Gafurov, without writing his “Tajiks,” no one could write such a fundamental work about the history of the Tajik people. Babajan Gafurov, with his work “Tajiks”, acts not only as a historian, but also as a theorist of history, a philosopher of history. The main goal of B. Gafurov’s work “Tajiks,” as we see it, is to eliminate the disunity of the Tajik ethnos, to unite them with a common creative goal, to realize their cultural and creative role, and to overcome the difficult and tragic events that they experienced in their history.

**Ҳамза Камол**
(Тоҷикистон)

## Муборизаи Варорӯдиён бо истилогарони араб ва бозтоби он дар «Тоҷикон….»-и академик Б. Ғафуров

Академик Б.Ғафуров дар фасли чаҳоруми «Тоҷикон» боберо ба унвони «Ҳалкҳои Осиёи Миёна дар ҳайати хилофати араб» [9, 303-331] ихтисос додаст, ки дар он муаллиф ба иҷмол дар бораи суқути шоҳаншоҳии Сосониён ибрози назар карда, раванди ишғоли Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо ва сабабҳои пирӯзии онҳо дар ин кишварро баррасӣ намудааст. Дар зерфасли «Парокандагии сиёсии Мовароуннаҳр дар миёнаи садаи VII» муаллиф таъкид мекунад, ки баъд аз ишғоли Эрон арабҳо ҳадафи тасхири заминҳои моварои Амударё – Мовароуннаҳрро низ дар назди хеш гузошта буданд.

Академик Б.Ғафуров ҳақ ба ҷониб аст, ки сабабҳои шикасти ҳокимони Мовароуннаҳр аз ҷониби аъробро дар

чандпорагии сиёсии ин кишвар мебинад, ки ин раванд аз асрҳои IV-V оғоз шуда, дар авохири ҳукумати Ҳайтолиён шиддат ёфта буд [9, 306-307].

Баъд аз ишғоли Эрону Хуросон арабҳо дар солҳои 70-уми садаи VII дар Марв ҳукумати хосеро ташкил доданд ва Марв баъдан поя ва асоси идомаи ишғолгариҳои онҳо дар сарзамини моварои Амударё, дар Варорӯд гардид. Ин замон вазъияти сиёсии Варорӯд нопойдор гашта, кишвар дар гирдоби парокандагии сиёсӣ афтода, ҳар мулк ҳокими худро дошт, ки хешро мустақил меҳисобид ва ба номи худ сикка зарб мекард. Ҳокимони ин мулкҳо байни ҳам душманӣ меварзиданд ва бархе аз онҳо ҳатто умедвор буданд, ки бо кумаки аъроб битавонанд ҳарифи худро шикаст бидиҳанд. Ваҳдате миёни ҳокимони Варорӯд барои истодан дар паҳлуи ҳамдигар дар муқобили бегонагон вуҷуд надошт. Ҳамин тавр бо истифода аз бемайлии ҳокимони маҳаллӣ ба иттиҳод ва адами мубориза муштарак дар баробари ишғолгарон, арабҳо тавонистанд онҳоро ба танҳоӣ шикаст диҳад ва тобеи хилофати араб гардонанд [12, 54].

Бояд гуфт, ки нахустин лашкаркашии арабҳо ба Варорӯд хусусиёти ғоратгарона дошт. Ин матлабро Б.Ғафуров дар зербоби «Расидани дастаҳои араб ба марзи Осиёи Миёна. Аввалин ҳамлаҳо ба Мовароуннаҳр»-и «Тоҷикон» мухтасар баён намуда, ҳамлаи соли 654 ба Маймурғи Суғдро аз ҷониби арабҳо нахустин ҳамлаи ғоратгарона ба Мовароуннаҳр меҳисобад. Ҳамлаи дувум ба Мовароуннаҳр соли 667 ба Чағониён сурат мегирад, ки ин бор арабҳо ба Ҳайтолиён зарба мезананд [9, 308]. «Арабҳо, менависад Б.Ғафуров,-ошкоро барои иқдоми низомӣ дар миқёси васеъ омода мешуданд. Яке аз иқдомоти муқаддамотии сиёсӣ-низомӣ ин сокин намудани 50 ҳазор хонаводаи араб аз Басра ва Куфа дар Хуросон буд» [9, 308].

Сокин шудани аъроб дар Хуросонро Балозурӣ ва Табарӣ иттилоъ медиҳанд. Баъд аз тасхири Хуросон раванди маскун шудани қабоили араб дар ин сарзамин

шиддат меёбад. Ба иттилои Балозурӣ ҳокими араби Марв Умайр ибни Аҳмади Яшкурӣ нахустин кас буд, ки арабро дар Марв маскан дод. Амири Хуросони аҳди Умавиҳо Зиёд ибни Абесӯфиён соли 51 ҳ.қ./671 Рабеъ ибни Зиёди Ҳорисиро намояндаи хеш дар вилоятдории Хуросон баргумошт, ки ду солу бештар вилоятдор буд ва ҳамроҳи вай ҳудуди 50 ҳазор тан аз аҳли Басра ва Куфаро бо зану фарзандонашон ба Хуросон равона карданд [2, 2518; 5, 294]. Табарӣ дар ҷойи дигар аз китобаш аз қабоили араби бакриён (7 ҳазор), тамимиён (10 ҳазор) ва аздиён (10 ҳазор) ёд мекунад [3, 3466-3467], ки дар Хуросон сокин шуда, ба Қутайба дар тасхири Мовароуннаҳр кумак намуда буданд.

Академик Б.Ғафуров бо муаррихи арабшинос британиёӣ ва муҳаққиқи таърихи ислом, яке аз нависандагон ва веросторони «Доирату-л-маорифи исломӣ» ва нусхаи мухтасари он «Фарҳанги донишномаи исломӣ» Гамильтон Александр Росскин Гибб дар заминаи сабабҳои сокин шудани аъроб дар Хуросон ҳамназар аст. Гибб муътақид аст, ки ин тадобир, яъне сокин шудани аъроб дар Хуросон ду ҳадаф дошт: тақвияти амнияти манотиқи қаблан фатҳшуда ва ҷамъоварии неру барои футуҳоти бештар [9, 308].

Ба яқин сарлашкарони араб ва ҳамчунин ашрофи он, ки ба сабаби фатҳи Эрону Хуросон аз сарзамини аҷдодии хеш дур афтода буданд, бо сокин намудани қабоили мухталифи араб дар шаҳрҳои Эрону Хуросон пояҳои ҳукумати сиёсӣ ва заминаи иҷтимоии хешро тақвият доданд ва ин стратегияи низомӣ ва ё як барномаи амалиётии куллие буд, ки як давраи замонии тулониро фаро мегирифт.

Соли 53 ҳ.қ/672-673 амири араби Хуросон Зиёд ибни Абесӯфиён вафот кард ва Муовия писари ӯ Убайдуллоҳ ибни Зиёди биступанҷсоларо вилоятдори Хуросон таъйин кард, ки ду сол дар ин вазифа ба Умавиҳо хидмат кард. Соли 673 Убайдуллоҳ ибни Зиёд Амударёро бо 20 ҳазор марди ҷангӣ убур карда, Рометан ва ниме аз Пайкантро

ишғол намуда, то наздикии Бухоро рафт. Ин замон дар Бухоро ба ҷои бухорхудоти хурдсол модари ӯ, Хутак хотун ҳукумат мекард. Хутак хотун ба туркҳо нома навишта, аз онҳо кумак хост ва сипоҳе аз туркон ба бухориҳо пайваст. Арабҳо ба муқовимати неруҳои муттаҳиди бухориҳо ва туркҳо дучор гардиданд. Пас аз нахустин бархӯрд Хутак хотун ба хотири ҳифзи Бухоро аз вайронӣ ва сӯхтор бо Убайдуллоҳ ибни Зиёд сулҳ баст ва Убайдуллоҳ бо дарёфти фидия[57], ки 1 миллион дирҳам буд ва ба асорат гирифтани ду ҳазор камонкаши моҳир ба Марв баргашт. Ин камонкашҳоро Убайдуллоҳ ба Басра фиристод [2, 2579; 4, 171; 5, 295; 11, 55].

Муовия Убайдуллоҳ ибни Зиёдро ба далели нотавонии ӯ дар умури идории Хуросон аз вилоятдорӣ барканор кард ва Абдурраҳмон ибни Зиёдро ба ҷойи ӯ таъйин намуд. Аммо ӯро низ написандиду зуд барканораш сохт [4, 171].

Бино ба хабари Балозурӣ соли 56 ҳ.қ./675-676 Саъид ибни Усмон (писари халифаи севум Усмон ибни Аффон) фармондори Хуросон таъйин шуд. Аммо Фасеҳи Хавофӣ дар зикри рухдодҳои соли 55 ҳ.қ./674-675 аз ситонидани Муовия ҳукумати Хуросонро аз Убайдуллоҳ ибни Зиёд ва додани онро ба Саъид ибни Усмон ёд мекунад [16, 169].

Саъид ибни Усмон дар ҳамон соли омаданаш ба Хуросон ба Бухоро ҳамла кард ва Хутак хотун бо ӯ қарордоди сулҳро баст [5, 295]. Саъид ибни Усмон пас аз ин барои ишғоли Суғди Самарқанд раҳсипори он ҷо гашт. Ихшиди Самарқанд ба арабҳо се рӯз муқовимат кард [5, 296]. Рӯзи аввали набард барои Саъид бенатиҷа анҷом ёфт. Бино ба ахбори Табарӣ Молик ибни Райб дар мазаммати Саъид шеъре гуфт, ки ду мисраи аввалаш чунин аст:

*Бар дари Суғд аз тарс чунон меларзидӣ,*
*Ки бим доштам насронӣ шавӣ [2, 2587].*

[57] Фидия– моле, ки барои вохаридани ҷони худ бидиҳанд, сарбаҳо.

Рӯзи севум набард миёни суғдиён ва аъроб назар ба ду рӯзи аввал шадидтар ҷараён гирифт ва бино ба хабари Балозурӣ «дар он корзор чашми ӯ (Саъид) ва чашми Муҳаллаб ибни Абисуфра аз коса ба дар омад», яъне кӯр шуд [5, 296].

Дар ин набард бино ба ахбори манобеи таърихӣ Қусам ибни Аббос ибни Абдулмуталлиб – аз амакзодаҳои пайғабари ислом Муҳаммад, ки мегӯянд аз нигоҳи зоҳирӣ ба пайғамбар хеле шабоҳат дошт, низ кушта шуд.

Алӣ ибни Абутолиб Қусам ибни Аббосро амири Макка таъйин кард ва то қатли Алӣ дар соли 661 дар ин симат адои вазифа мекард. Ӯ дар замони хилофати Муовия ба Хуросон, ба назди Саъид ибни Усмон, ба Бухоро омад [1, 85]. Ҳангоми ба набарди Самарқанд рафтани Саъид Қусам ӯро ҳамроҳӣ кард ва дар ин набард ширкат дошт.

Мақбараи Шоҳи зиндаи дар Самарқанд бударо марбут ба Қусам ибни Аббос медонанд. Пиромуни макон ва марги табиӣ ё кушта шудани Қусам ибни Аббос миёни муаррихин ихтилофи назар аст. Иддае бар онанд, ки Қусам ибни Аббос кушта шудааст [14, 71] ва гурӯҳи дигаре ба ин назаранд, ки ӯ бо марги табиӣ вафот кардааст ва ҳатто на дар Самарқанд, балки дар Марв [1, 85; 14, 80]. Аз ҷумла Наршахӣ мегӯяд: «Қусам…ба Марв рафт ва он ҷо фавт шуд. Ва баъзе гуфтанд ба Самарқанд фавт шудааст» [1, 85]. «Қусам ибни Аббос, - менависад Балозурӣ, - ки ҳамроҳи Саъид ибни Усмон буд, дар Самарқанд даргузашт, баъзе гӯянд дар он ҷо ба шаҳодат расид» [5, 297]. Яъқубӣ низ ба ин назар аст, ки «Қусам ибни Аббос ибни Абдулмуталлиб ҳамроҳи вай (Саъид ибни Усмон) буд ва дар Самарқанд вафот кард ва чун хабари маргаш ба Абдуллоҳ ибни Аббос расид, гуфт: «Чӣ қадар фосила афтод миёни зодгоҳ ва оромгоҳаш. Зодгоҳаш дар Макка аст ва қабраш дар Самарқанд» [4, 172].

Дар набарди Самарқанд дар ниҳоят миёни арабҳо ва суғдиён муоҳидаи сулҳ, машрут ба ин ки суғдиён 700 ҳазор

дирҳам ва чанд тан аз бузургони шаҳрро ба расми гаравгон назди Саъид фиристанд, баста шуд [5, 296; 8, 91]. Саъид гаравгонҳоро, ки ба гуфтаи Табарӣ 50 навҷавон аз абнои бузургони Самарқанд ва бино ба хабари Балозурӣ 15 тан ё ба қавле 40 тан ва ба қавли дигар 80 тан аз шаҳзодагони Самарқанд буданд, бояд аз Варорӯд берун намебурд, вале ба аҳдаш вафо накард ва бо худ ба Мадина овард [2, 2587; 5, 296]. Балозурӣ дар идома роҷеъ ба сарнавишти ин гаравгонҳо аз Самарқанд менависад, ки Саъид ибни Усмон ҷомаҳо ва камарбандҳои гаронарзиши онҳоро бадар карда, ба ғуломони худ дода, ононро ридои пашмин пӯшонида, ба корҳои обёрии заминҳояш ва дигар корҳои душвор гуморид, то ин ки онҳо ба ҷони Саъид қасд карда, рӯзе ба маҷлиси ӯ ҳозир шуда, Саъидро куштанд ва худро низ ба қатл расониданд [5, 298]. Яъқубӣ зикр мекунад, ки ин ашрофзодагони Самарқанд баъд аз қатли Саъид ибни Усмон «якдигарро низ куштанд, чунон ки як нафарашон боқӣ намонд» [4, 172].

Соли 676 Саъид ибни Усмон аз Самарқанд ба ҷониби Тирмиз лашкар кашид ва онро фатҳ намуд [2, 2587; 8, 92] Ин рухдодҳои таърихӣ ба андозаи каме беш дар «Тоҷикон» бозтоби худро ёфтаанд [9, 308].

Соли 59 ҳ.қ./678-679 Муовия, ки аз маъзул кардани Саъид ибни Усмон аз вилоятдории Хуросон ба хотири писари халифаи севум буданаш бимнок буд [5, 298], вале бо вуҷуди ин, марди ҳарису нотавонеро ба исми Абдурраҳмон ибни Зиёд вилоятдори Хуросон таъйин кард ва ӯ муддати ду соли дар Хуросон буданаш ба ҷое лашкар накашид [2, 2595; 5, 298].

Академик Б.Ғафуров менигорад, ки баъди тохтутози ғоратгаронаи Саъид ибни Усмон ба Мовароуннаҳр панҷ сол ин сарзамин аз ҳуҷуми аъроб дар амон буд [9, 309].

Баъд аз марги Муовия дар моҳи раҷаби соли 60 ҳ.қ./апрел-майи 680 писараш Язид ибни Муовия ба хилофат расида, вилоятдории Хуросонро ба Салм ибни Зиёд дод. Аммо ин замон дар хилофат воқеаҳое ба амал

омад, ки қобили пешбинӣ набуд. Баъди интихоби Язид ибни Муовия ба ҳайси халифа хилофат ба салтанати мутлақ табдил ёфт, ки ин раванд дар ҷомеа яксон пазируфта нашуд. Дар Мадина бар зидди салтанати Умавиҳо чандин нафар аз асҳоби пайғамбари ислом бархостанд, ки набераи пайғамбари ислом Ҳусайн ибни Алӣ, писари Алӣ ибни Абутолиб низ дар миёни онҳо буд.

Академик Б.Ғафуров бидуни зикри соли рухдод хеле мухтасар аз лашкаркашии Салм ибни Зиёд ба Мовароуннаҳр менависад ва онро сеюмин ҳамлаи арабҳо ба ин сарзамин гуфта, аз қавли Балозурӣ зикр мекунад, ки ин солори араби Хуросон то Хуҷанд расид, аммо мағлуб гардид [9, 309].

Агар андаке ба ин ҳамлаи Салм ибни Зиёд равшанӣ андозем, пас он соли 61 ҳ.қ./680-681 рух дода, ин фармондори араби Хуросон дар ин сол бо сипоҳи анбӯҳе ба ҷониби Хоразм лашкар кашид. Хоразмиён бидуни муқовимат бо додани чаҳорсад ҳазор дирҳам фидия бо ӯ сулҳ бастанд ва Салм аз он мавзеъ озими Самарқанд шуд, ки дар масираш шаҳри Бухоро буд. Ҳокими Бухоро Хутак хотун дарк намуд, ки наметавонад ба танҳоӣ бо лашкари араб муқовимат кунад, бинобар ин аз ихшиди Самарқанд ва ҳокими Туркистон мадад хост. Аммо то расидани кумак Хутак хотун бо Салм қарордоди сулҳ баст ва арабҳо вориди шаҳр гардиданд. Сипоҳи кумакии Самарқанд ва Туркистон, ки ба Бухоро расиданд, бо арабҳо дар набард шуда, пирӯз гардиданд. Аммо баъд аз кушта шудани фармондеҳи сипоҳи Туркистон – Биндун, миёни муттаҳидон тарсу ваҳшат афтод, ки он боиси шикасти онҳо гардид. Баъд аз ин Хутак хотун маҷбур шуд бо арабҳо пешниҳоди сулҳ кунад, ки он дар шароити вазнинтар баста шуд. Салм замоне ки дар Самарқанд буд, сипоҳе ба ҷониби Хуҷанд фиристод, аммо шикаст хӯрд [2, 2787-2788; 5, 298-299; 8, 94-95; 11, 56].

Манобеи таърихӣ гузориш медиҳанд, ки ҳамсари Салм ибни Зиёд – Умму Муҳаммад, духтари Абдуллоҳ ибни

Усмони Сақфӣ нахустин зани араб буд, ки дар ин лашкаркашӣ аз Амударё гузашт. Ба ҳангоми лашкаркашӣ ба ҷониби Самарқанд Умму Муҳаммад дар ин шаҳр писаре таваллуд кард, ки номашро Суғдӣ ниҳоданд. Бино ба ахбори таърихӣ ин зан зеварҳои ҳамсари ихшиди Суғдро ба орият хост ва ҳангоми рафтан аз Самарқанд ӯ тоҷро аз миёни ин зеварот рабуд ва бозпас надод [2, 2787-2788; 5, 298-299].

Дар ин муддат, ки Салм ибни Зиёд дар Хуросон вилоятдор буд, ду халифаи Умавӣ – Язид ибни Муовия 14 рабеъулаввали соли 64 ҳ.қ. /10 ноябри соли 683 вафот кард ва писари ӯ Муовия ибни Язид се моҳ беш хилофат накарда, даргузашт. Ин замон мардуми Хуросон бо Салм ибни Зиёд мухолифат оғоз карданд ва ӯ ба ҷуз берун рафтан аз Хуросон ва Муҳаллаб ибни Абусафраро ҷойнишини хеш баргузидан, чорае надошт.

Фармондорони дигари араби Хуросон низ ба шаҳрҳои Варорӯд ҳамлаҳои ғоратгарона мебурданд ва ғанимати фаровон ба даст меоварданд.

Ашрофи араб танҳо пас аз ин ки дар замони хилофати Абдумалик ибни Марвон (685-705) низоъҳои дохили хилофат барои ба даст овардани қудрати идорӣ поён ёфт ва баъзе шӯришҳо дар қаламрави хилофат саркӯб шуд, - менависад Б.Ғафуров.-тасмим гирифт, то ба ишғол ва тобеъ намудани Варорӯд оғоз бахшад.

Муаллифи «Тоҷикон дар хотимаи ин зербоб ба ин натиҷаи мантиқӣ мерасад, ки «Тамоми иқдомоти низомии аъроб дар Мовароуннаҳр қабл аз интисоби Қутайби ибни Муслим ба симати фармондори Хуросон дар асл пароканда ва танҳо ба ҳадафи сарватманд кардани бархе аз раҳбарони араб аз тариқи ғорати манотиқи тасарруфшуда буд. Неруҳои араб дар натиҷаи ҳамлаи сареъ пас аз харобӣ ва ғорати минтақаи ишғолшуда ба Марв бар мегаштанд» [9, 309].

Дар ибтидои садаи VIII сиёсати араб ба таври бунёдӣ нисбат ба Варорӯд тағйир кард. Ин марҳила дар замони

амири Хуросон таъйин шудани Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақфӣ оғоз мешавад. Соли 78 ҳ.қ./697-698 халифаи Умавӣ Абдулмалик ибни Марвон амири Хуросон Умайя ибни Абдуллоҳро аз ин вазифа сабукдӯш кард ва Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақфиро амири Ироқ ва ҳамаи машриқ (Хуросон) таъйин кард [3, 3273, 3278]. Аммо муаллифи «Муҷмали Фасеҳӣ» таъйини Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро ба ҳукумати Хуросон аз ҷониби Абдулмалик ибни Марвон дар соли 75 ҳ.қ./694-695 медонад [16, 186].

Дар умури идории хилофат чунин суннат роиҷ буд, ки аз сӯи амирони таъйинкардаи халифа ҷойнишин, фармондор ё солори вилоятҳо ва сарзаминҳо баргузида мешуданд ва ба намояндагӣ аз амири хилофат он мантақаро идора менамуданд.

Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф соли 78 ҳ.қ./697-698 Муҳаллаб ибни Абисуфраро фармондори Хуросон гумошт ва ӯ то маргаш, ки соли 82 ҳ.қ./701-702 фаро расид, дар ин симат буд. Ҳаҷҷоҷ дар ин сол Язид ибни Муҳаллабро ба фармондории Хуросон баргузид [3, 3274; 16, 191].

Аммо ҳамоно Варорӯд аз қаламрави хилофат берун монда буд ва арабҳо танҳо аз ин сарзамин ба ҳайси сарчашмаи ғорат истифода мекарданд. Дар ин иртибот Табарӣ аз номаи Ҳаҷҷоҷ ба Язид ибни Муҳаллаб ёд мекунад, ки Ҳаҷҷоҷ ба Язид дастури лашкаркашӣ ба Хоразмро медиҳад. Дар посух Язид менависад, ки «Эй амир, он ҷо ғорат кам аст ва сахтӣ бисёр» [3, 3356].

Дар охирҳои хилофати хеш Абдулмалик бисёр мехост, ки Варорӯдро зери итоати хилофаташ оварад. Ба ин манзур ба Ҳаҷҷоҷ навишт, ки «якеро биҷӯй, ки сарсахт бошад ва дастури туро ба кор бандад». Ҳаҷҷоҷ Қутайба ибни Муслимро ном бурд ва Абдулмалик навишт, ки «вайро вилоятдор кун» [3, 3354]. Дар руxдодҳои соли 85 ҳ.қ./704 Хавофӣ менависад, ки пеш аз таъйини Қутайба ба фармондории Хуросон шахсе ба исми Муфаззал, ки ҳамроҳи Язид ибни Муҳаллаб дар Хуросон буд, ба ҳукми

Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф 9 моҳ дар ин сарзамин ҳукумат кард [16, 192].

Қутайба аз сӯи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф соли 83 ҳ.қ./702-703 вилоятдори Рай [3, 3332] ва соли 86 ҳ.қ./705 фармондори Хуросон таъйин гардида [3, 3384], «дар он сол Қутайба ба унвони волӣ ва амири Хуросон вориди он сомон шуд» [10, 129]. Ҳукумати ӯ дар Хуросону Варорӯд ё Хуросони Бузург 10 сол ба тӯл анҷомид. Гӯянд ӯ марде буд диловар, сахтгиру пуровоза ва дар кори вилоятдорӣ бадрафору золим. Замони фармондории Қутайба дар Хуросони Бузург муҳоҷирати аъроб ба ин сарзаминҳои ободу шукуфон ба маротиб бештар шуд. Ашрофи маҳаллӣ барои ҳифзи манофеи иқтисодӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва имтиёзоте, ки қабл аз ишғоли арабҳо аз онҳо баҳраманд буданд, таслим ва мутеи аъроб мешуданд. Ин гуна буд, ки табақаи нухбагон ва ашрофи маҳаллӣ бо гардан ниҳодан ба ислом қудрати гузоштаи хешро ҳифз карданд.

Қутайба дар замони фармондориаш ба сари шаҳрҳо ва мардуми Хуросони Бузург вайрониҳо ва бадбахтиҳои зиёде овард. Барои халифаи Умавӣ аз фармондоронаш касе дорои лаёқат ҳисобида мешуд, ки аз Хуросони Бузург ё соири нуқоти ишғолӣ сарвату амвол ва барда ба даргоҳи ӯ бештар оварад ва ӯро дар ҳукумат боқӣ мегузошт. Агар ҳокиме дар Хуросони Бузург камтар куштор ва ё андак мардумро ғорат мекард, ҳукумати ӯ давом намеовард. Қутайба барои он ки Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро аз худ розӣ дошта бошад, ҳар доим корвони ғаноиму анвои ҷавоҳироти ба ғоратбурда ва бардагонро аз Хуросони Бузург барои Ҳаҷҷоҷ ирсол мекард.

Баҳори соли 706 Қутайба ба азми тасхири яке аз шаҳрҳои умрону ободи воҳаи Бухоро, Пайканд, ки ба хотири сарваташ ба шаҳри тоҷирон маъруф буд, аз тариқи биёбонҳои Омул раҳсипори он сӯ гардид. Пайканд ба далели қарор гирифтан дар шоҳроҳи аслии Варорӯд ва набуди минтақаи кофии кишоварзӣ барои ҳаёти шаҳр, сокинонаш дар тиҷорати роҳи дур то Кошғар тахассус

ёфта буданд. Қутайба дар ин ҷо метавонист ба туъмаи хубе умедвор шавад, ба хусус ки бар асоси теъдоде аз нишонаҳо Пайканд як ҷомеаи шаҳрии худгардон ва мустақил аз ҳокимони воҳаи Бухоро буд, ки танҳо ба неруҳои амниятии худ такя мекард.

Академик Б.Ғафуров аз ин лашкаркашии Қутайба ёд карда, менависад, ки чун дигар суғдиён ба сокинони Пайканд кумак намуданд, бинобар ин дар ибтидо бартарӣ дар ҷанг аз пайкандиён буд ва лашкари араб дар шароити сахте дар муҳосира қарор гирифт. Дар идома муаллиф сабаби шикасти Пайкандро дар набуди иттиҳод миёни ҳокимони маҳаллӣ, ба тадриҷ неруҳои худро аз он ҷо хориҷ кардани онҳо, ки сабаби кам шудани сафи мудофеон гардид, мебинад [9, 310].

Баъд аз ду моҳи мубориза, билохира пайкандиён шаҳрро ба Қутайба таслим карданд. Дар ин иртибот Наршахӣ менависад: «Чун Қутайба Байкандро (Пайканд) бикушод, дар бутхона яке бути симин ёфт ба вазни чаҳор ҳазор дирам. Ва симин ҷомҳо ёфт, ҷумларо гирд овард ва баркашид, саду панҷоҳ ҳазор мисқол (675 кг) баромад. Ва ду дона марворид ёфт, ҳар яке чун байзаи кабӯтар....Пас Қутайба тароифҳо ҷамъ кард ва бо он ду дона марворид ба наздики Ҳаҷҷоҷ фиристод» [1, 92-93].

Ибни Асир тороҷи Пайкандро аз ин қарор зикр мекунад: «Дар он ҷо (Пайканд) аз ғаноиму амвол ва аслиҳаву зуруфи заррин ва симин амволи бисёр ва бешумор ба даст овард, ки ҳаргиз дар Хуросон монанди онро ба даст наоварда буданд» [10, 134].

Б.Ғафуров бо иттико ба нигориши донишмани британиёӣ Александр Росскин Гибб менависад, ки Қутайба ҳануз панҷ фарсах (30 км) аз Пайканд дур нашуда буд, ки сокинони ин шаҳр даст ба шӯриш зада, ҳамаи низомиёни араби дар Пайканд бударо куштанд. Қутайба пас аз тасарруфи дубораи Пайканд, шаҳрро ба хок яксон кард, ҳамаи мардонро кушт ва занону кӯдаконро ба бардагӣ гирифт. Ин бор муҳимтарин ғорати Қутайба аз

Пайканд теъдоди азиме аз силоҳҳо ва зиреҳҳои ҷангӣ буд [9, 310]. Дар идома муаллиф таъкид мекунад, ки фоҷеаи Пайканд ба сокинони Мовароуннаҳр нишон дод, ки бо чи душмани хатарнок ва золимее дасту панҷа нарм мекунанд [9, 310].

Ба ҳангоми ишғоли шаҳрҳои Варорӯд Қутайба ибни Муслим аз ихтилофҳо байни ҳокимони маҳаллӣ моҳирона истифода карда, миёни суғдиён ва туркон, ки шарикони низомӣ буданд, нифоқ афканд, ки ин амал раванди ишғоли Мовароуннаҳрро барои арабҳо осон намуд.

Қутайба аз соли 706 то 709 чаҳор маротиба ба воҳаи Бухоро лашкар кашид ва саранҷом дар охирин ҳамлааш дар соли 709 бо коридани тухми ихтилоф миёни суғдиён ва туркҳо, ки ҳамвора ба бухориён дар мубориза бар зидди муҳоҷимини араб кумак карда буданд, муваффақ ба тасхири Бухоро шуд. Академик Б.Ғафуров назари гузарое ба ин рухдод намуда, зикр мекунад, ки дар охирин ҳуҷуми Қутайба ба Бухоро, сокинони ин шаҳр мисли ҳамеша аз туркон кумак хостанд ва ҷанги шадиде миёни онҳо рух дод, аммо дар натиҷаи адами тафоҳум миёни суғдиён ва туркон, ки онро Қутайба роҳандозӣ карда буд, Бухоро таслими арабҳо гардид. Муаллиф бидуни зикри манобеъ менависад, ки Қутайба дар ин набард эълон намуд, ки ҳар кас сари як душманро биёварад, 100 дирҳам подош мегирад, ки дар натиҷа дар мақари арабҳо аҳроми бузурге аз сари сарбозони Мовароуннаҳр бино шуд [9, 311].

Бино ба ахбори Наршахӣ чун Қутайба бори чаҳорум ба Бухоро омад ва ин шаҳрро гирифт, тибқи қарордоди сулҳи имзошуда, сокинони Бухоро ҳамасола бояд дусад ҳазор дирам ба халифаи араб ва даҳ ҳазор дирам ба амири араби Хуросон амонпулӣ дода, шаҳриён ниме аз манозили худро барои зиндагӣ ба қабоили мухталифи араби сокиншуда дар Бухоро ҷудо менамуданд. Иловатан сокинони манотиқи берун аз шаҳри Бухоро вазифадор буданд алафи сутурони арабҳо, ҳезуми онҳо ва он чӣ арабҳо харҷ мекарданд, бидиҳанд [1, 103].

Б.Ғафуров дар ин боби «Тоҷикон» ба унвони «Мудофиаи Самарқанд» зерфасли ихтисосие дорад, ки дар он аз раванди мубоҳизаи шаҳриёни Самарқанд бо лашкари Қутайба, қаҳрамониҳои онҳо дар дифоъ аз ин шаҳри тоҷикон ва ворид намудани зарбаҳои ҳалокатбор ба лашкари араб сухан карда, омилҳои шикасти сангари дифоии Самарқандро мушаххас мекунад [9, 311-314].

Бояд гуфт, ки Табарӣ фатҳи Самарқандро аз ҷониби Қутайба ба ҳаводиси соли 93 ҳ.қ./ 711-712 марбут медонад. Аммо Ибни Возеҳи Яъқубӣ зикр мекунад. ки Самарқанд соли 94 ҳ.қ./712-713 зери итоати Қутайба рафт [4, 242].

Ишғоли Суғди Самарқанд ба Қутайба ба осонӣ даст надод ва сокинони ин шаҳр муқовимати шадиде ба арабҳо карданд. Аммо ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд – Тархун баъд аз он ки Бухороро бо қарордоди сулҳ таслими арабҳо гардонид,-менависад Б.Ғафуров. -маҷбур шуд дар Самарқанд низ дар ивази пардохти хироҷ бо арабҳо сулҳ бандад. Баъди чанде Қутайба бародараш Абдурраҳмонро барои гирдоварии хироҷ ба Самарқанд фиристод, ки сабаби норизоияти на танҳо қишри ашроф, инчунин сокинони Самарқанд гардид. Ин боиси он шуд, ки Тархун аз ҳокимияти Суғд канор зада шавад ва ӯ дар ниҳояти ноумедӣ даст ба худкушӣ зад [9, 311]. Табарӣ дар ин иртибот мегӯяд: «Суғдиён ба Тархун гуфтанд: «Ту ба хорӣ ризо додӣ ва боҷ доданро хуш доштӣ, пири фартутӣ ва моро ба ту ҳоҷат нест» [3, 3421]. Тархун аз тахти подшоҳии Суғд даст кашид ва Ғуракро суғдиён ба подшоҳӣ бардошта, Тархунро ба зиндон андохтанд, ки ӯ соли 91 ҳ.қ. /709-710 даст ба худкушӣ зад [3, 3421]. Аммо бино ба ахбори Яъқубӣ Тархунро Ғурак ба қатл расонида, соҳиби тахти Самарқанд мешавад [4, 242].

Академик Б.Ғафуров дар тавсифи шахсияти Ғурак иқтибос аз коршиноси вақоеи асри футуҳоти аъроб Гибб меорад, ки Ғуракро «давлатмард ва меҳанпараст» ном бурдааст [9, 312].

Шаҳриёни Самарқанд бо сарварии Ғурак як моҳи комил ба аҷнабиён муқовимат карданд [3, 3430]. Ба далели бартарии неруҳои душман бино ба ахбори Табарӣ онҳо аз шоҳи Чочу ихшиди Фарғона кумак хостанд ва ба онҳо навиштанд: «Агар арабон бар мо зафар ёбанд, бо шумо низ чунон кунанд, ки бо мо мекунанд» [3, 3430]. Ба ин мазмун дар идома Табарӣ менависад, ки: «Вақте Ғӯзак дид, ки Қутайба дар кори набарди суғдиён мусир аст, ба шоҳи Чоч ва ихшози Фарғона ва хоқон навишт, ки мо пешсангари шумоем ва мобайни шумову арабонем, агар ба мо даст ёбанд, шумо нотавонтар ва забунтар шавед, ҳар чӣ неру доред, ба кор андозед» [3, 3430].

Шоҳи Чочу ихшиди Фарғона аз ин бимнок шуда, дастаҳои мунтахаби ашрофи низомии маҳаллии вилоятҳои худро ба ҷониби Самарқанд фиристоданд. Ин замон менависад,- Б.Ғафуров, -лашкари хоқони турк дар марзи Суғд қарор дошт ва дар муборизаи зидди арабҳо шарик гардид. Ба фармондеҳии ин лашкари муштарак писари хоқони турк Инэл хоқон, ки фармондеҳи лашкари турк дар ғарби хоқонат буд, баргузида шуд [9, 313]. Аммо арабҳо аз ҳаракати ин дастаҳо ба ҷониби Самарқанд огоҳ шуда, бар зидди онҳо 400 нафар размандагони худро фиристоданд, ки дар натиҷа ин неруи кумакӣ шикаст хӯрд. Табарӣ аз қавли араби шоҳиди ин воқеа менависад, ки «мардуме ҷангитар ва босуботтар аз фарзандони ин подшоҳон (Чочу Фарғона) надида будам. Онҳоро бикуштем ва ҷуз тане чанд аз онҳо ҷон ба дар набурданд… ва аз онҳо дар бораи куштагон пурсиш кардем, гуфтанд: «Ҳар киро куштаед, писари шоҳе буда ё бузурге аз бузургон ё далере аз далерони қавм, мардонеро куштаед, ки якешон баробари сад мард буда» [3, 3431]. Ин ҳодиса боиси рӯҳафтодагии муборизони Самарқанд гардид ва онҳо хостори сулҳ шуданд, аммо Қутайба напазируфта, гуфт: «Интиқоми хуни Тархунро мехоҳам, ки вобастаи ман буд ва дар ҳимояти ман буд» [3, 3435].

Пас аз ин Қутайба бори дигар лашкари худро бо манҷаниқҳо, ки теъдоди онҳоро Б.Ғафуров 300 адад гуфтааст барои шикастонидани деворҳои муҳофизатии Самарқанд ва сангборони сокинони он ба ин шаҳр равона кард. «Шаҳрро бо манҷаниқҳо бизад, -менависад Табарӣ, -ва шикофе дар он падид овард, ки онро (шаҳриён) бо ҷуволҳои арзан масдуд карданд» [3, 3432]. Шаҳриёни Самарқанд то охирин имкон аз шаҳри худ дифоъ намуданд.

Дар муҳосираи Самарқанд хоразмиҳо ва бухориҳо ширкати фаъол карда, ба арабҳо кумак расониданд. Ҳокими Самарқанд Ғурак Қутайбаро сарзаниш кард, ки «ба кумаки бародаронам ва аҳли хонадонам аз мардуми Аҷам бо ман ҷанг мекунӣ, арабонро сӯи ман фирист» [3, 3431]. Дар натиҷа паймони сулҳ дар сахтарин шароит барои сокинони шаҳри Самарқанд аз ҷониби Ғурак имзо шуд. Тибқи ин қарордод, менависад Б.Ғафуров, -сокинони Самарқанд мебоист 2 миллион дирҳам ғаромати ҷанг, 3 ҳазор бардаи болиғ дар ихтиёри аъроб қарор дода, ҳамасола 200 ҳазор дирҳам ба хазинаи аъроб супорида, ганҷинаи маъбадҳо ва ороишоти биноҳои худро бахшида, масоҷид месохтанд, сипоҳиёни худро аз шаҳр хориҷ мекарданд ва Қутайба Ғуракро ҳокими Самарқанду Кешу Нахшаб таъйин намуд [9, 313-314].

Ба асоси қарордод суғдиён муваззаф ба пардохти якдафъаинаи хироҷ ва ҷазияи солона буданд, ки бахши аъзами онро пули нақд ташкил медод. Қутайба дар навбати худ нахуст ба ихшиди Суғд дар баробари душманонаш замонати кумак кардан дод ва дигар ӯро аз тарафи халифа ба унвони ҳокими Суғд ва писарашро ба унвони вориси тахт тайид кард.

Қутайба дар ин паймон шартеро лозим донист ворид кунанд, ки ин паймон фақат барои муддати фармондории ӯ дар Хуросон эътибор дорад [15, 209]. Дар ин иртибот Табарӣ менависад, ки Қутайба «...рӯзи баъд бо онҳо бар сари як ҳазор ҳазору дувист ҳазор сулҳ кард, ки ҳарсола

бидиҳанд ва он сол сӣ ҳазор сар бидиҳанд, ки кӯдаку пиру алил дар он миён набошад. Шаҳрро низ холӣ кунанд, ки марди ҷангӣ дар он набошад. Ва дар он ҷо масҷиде барои Қутайба бисозанд, ки дарояд ва намоз кунад…» [3, 3432] «Гӯянд: Вақте сулҳ шуд. Қутайба даҳ касро фиристод, аз ҳар гурӯҳи сипоҳ ду кас, ки молу-с-сулҳро бигирифтанд» [3, 3433]. Яъқубӣ менависад, ки Қутайба «барои эшон сулҳнома навишт: Ин чизест, ки Қутайба ибни Муслим ва Ғурак - ихшиди Суғду афшини Самарқанд бар он сулҳ карданд, бар Суғду Самарқанд ва Кешу Насаф…дар сари ҳар сол се ҳазор дирҳам бипардозад ва ӯро (Ғуракро) (Қутайба) ба аҳду паймони худо ва паймони амир Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф мутмаин сохт. Гувоҳоне ба он гирифт ва он дар соли 94 ҳ.қ буд» [4, 242].

Ин танҳо ягона паймон дар навъи худ аст, ки дар мутуни таърихӣ то рӯзгорони мо расидааст. Бино ба матни ин паймон, ки оғози соли 94 ҳ.қ. таърихгузорӣ шудааст, шаҳри Самарқанд на дертар аз 7 октябри соли 712 ба арабҳо таслим гардида, дар матни ин паймон мавзӯи робитаи мутақобили аъроби мусулмон бо шаҳриёни Самарқанд матраҳ нашудааст. Аммо Хавофӣ ҳодисаи таслими Самарқанд бо сулҳе, ки Ғурак бо арабон имзо карда буд, ба соли 90 ҳ.қ./708-709 марбут медонад, ки бо замони вуқӯи ин воқеа дар манобеи таърихии нисбатан наздик ба ин рухдод мухолифат дорад [16, 195].

Баъд аз ворид шудани Қутайба ба Самарқанд, Ғурак аз ӯ ва ҳамроҳонаш пазироӣ намуда, умедвор буд, ки тибқи паймони сулҳ ҳокимияти Самарқандро ба ӯ медиҳад. Аммо Қутайба мисли ҳамеша вафодор ба паймон набуд, хиёнат кард ва ба Ғурак гуфт: «Аз ин ҷо бирав. Ва ӯ бирафт…» [3, 3436].

Ба фармони Қутайба арабҳо муҷассамаҳои бутҳоро аз маъбадҳои шаҳр берун андохта, дар пеши назари мардум сӯзонида, «аз бақияи меххои тиллову нуқра, ки дар бутон буд, панҷоҳ ҳазор мисқол ба даст оварданд» ва ишхид Ғурак беҳуда ба зону зада, аз арабҳо илтимос мекард, то

чунин корро накунанд: «Эй амир, сипосдории ту бар ман воҷиб аст, мутаарризи ин бутон машав» [3, 3433; 6, 109]. Табарӣ менависад, ки Қутайба «бо мардуми Хоразму Самарқанд номардӣ кард» [3, 3433].

Барои аъроби пирӯзгашта мавҷудияти ҳамзамони масоҷиди исломии тозазуҳур ва маобиди зардуштии аҳди қадим ғайриқобили қабул буд. Аз ин рӯ аъроб маобиди Самарқандро ба оташ кашиданд ва сарватҳои беҳисоби шаҳриёнро ғорат намуданд [11, 61-62]. Ба дастури Қутайба ашрофи Самарқандро аз шаҳр берун карда, ба музофотҳо фиристода, дар хонаҳои тахлияшудаи онҳо лашкари араб мустақар гардид. Аммо бо вуҷуди ин ҳама шароити амниятӣ аъроб ҳамчунон бузургтарин тарсро аз сокинони Самарқанд эҳсос мекарданд. Ба ин сабаб буд, ки Қутайба бародари худ Абдуллоҳ ибни Муслимро ҳокими шаҳри Самарқанд таъйин кард [3, 3437] ва амр дод, ки ба ҳеҷ як аз сокинони шаҳр иҷозаи вуруд ба шаҳристонро надиҳад ва тамоми сокинони шаҳристонро барои ҳамли силоҳ бозҷӯӣ кунад ва дар сурати пайдо шудани силоҳ аз касе ӯро маҳкум ба эъдом намояд [3, 3437-3438].

Дар муборизҳои суғдиён алайҳи аъроб шахсияти Ғурак на камтар аз Тархун муҳим аст. Ҳукумати ӯ 27 сол ба тӯл анҷомид ва сиёсаташ дар қиболи арабҳо мароҳили мухталиферо тай кардааст [13, 63].

Табарӣ дар боби «Сухан аз кори Ашрас ва мардуми Самарқанд ва муҷовиронашон дар бораи мусулмонӣ ва бардоштани ҷизя», ки марбути ҳаводиси соли 110 ҳ.к/728-729 мебошад, аз кушта шудани Ғурак хабар медиҳад [3, 3637].

Ба дунболи фатҳи Самарқанд Қутайба ба Чочу Фарғона лашкар кашида, дар ин соли 94 ҳ.қ./712-713 ин вилоятҳоро фатҳ кард [16, 198] ва баъдан то марзҳои Кошғар расида, дар соли 96 ҳ.қ. /714-715 Кошғарро низ зери фармони худ овард [3, 3451].

Фатҳи вилоёти сарватманд ва ғании Варорӯд ба Қутайба ибни Муслим шуҳрати беандоза овард ва ӯ

дастури оғози исломӣ шудани ин сарзамини ишғолиро содир кард. Бо ин ҳол, хабари марги ҳомии ӯ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф дар моҳи шавволи соли 95 ҳ.қ. / июни 714 (Хавофӣ дар моҳи рамазон – апрел-май гуфтааст [16, 198]), ки 20 сол ҳокими Ироқ буд [4, 246-247] ва саҳми бузурге дар барқарории ҳукумати Умавиҳо дар саросари хилофати исломӣ дошт, ба иттилои Қутайба замони ҳуҷуми ӯ ба Чоч расид. Ба назари О.Г.Болшаков бо марги Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф як давраи комили сарзаминҳои хилофати шарқӣ, шояд кулли хилофат ба поён расид ва таъкид мекунал, ки «Мисли ӯ хидматгузори фидокору қобили эътимод ба хулафои Умавӣ вуҷуд надошт» [7, 460].

Академик Б. Ғафуров дар хулосаи ин зерфасл ба ҷонфидоиҳо ва аз хештангузаштанҳои озодагони Варорӯдӣ таъкид намуда, менависад: «Бо вуҷуди ин ки пас аз 10 сол ҷангҳои бардавоми хунин Мовароуннаҳр ба қудрати олии хилофат тобеъ шуд, аммо мардуми Мовароуннаҳр худро комилан тасхиршуда намеҳисобиданд. Қутайба дар пойизи ҳар сол аз тарси сокинони ин кишвари озодихоҳ сипоҳиёни худро аз дарёи Ому убур медод ва дар Марву соири шаҳрҳои Хуросон мустақар мекард ва дар баҳор бо ҷамъоварии неру бори дигар ба Мовароуннаҳр ҳамла мекард ва ҳар боре, ки бо неруҳои тоза ба Мовароуннаҳр лашкар мекашид, талафоти ин лашкаркашиҳо бисёр зиёд буд» [9, 314].

Ҳамин тавр муқовиматҳои сарсахтонаи сокинони Варорӯдро то аввали соли 715 академик Б.Ғафуров таҳлил намуда, суоле матраҳ мекунад, ки чӣ боис шуд то аъроб муваффақ ба тасхири ин сарзамин гардад? Муаллиф ду сабаби асосии шикасти Варорӯдро муайян мекунад: Сабаби асосии ин муваффақият пеш аз ҳама парокандагии сиёсӣ Варорӯд буд, ки арабҳо аз он хеле муваффақона ба манфиати худ ба кор бурда, якеро алайҳи дигар истифода мекарданд. Масалан барои ишғоли Суғд Қутайба аз неруҳои низомии Хоразм, Бухоро ва Насаф кумак гирифт.

Сабаби дигар аз далоили муваффақияти сипоҳиёни хилофат дар ишғоли Вароруд ин буд, ки гоҳе бо истифода аз тазодҳои байни қабоили турк ва сокинони воҳаҳои кишоварзии Вароруд муваффақ мешуданд онҳоро аз ҳам ҷудо карда, алайҳи якдигар барангезанд [9, 316].

Қутайба ибни Муслим он чи дар фатҳи Хуросони Бузург анҷом дод, ҳеҷ касе аз фармондорони араби Хуросони пеш аз ӯ накарда буд [12, 85-86], аммо ба қавли Табарӣ «номардӣ кард, ба сабаби он ки Ҳаҷҷоҷ бад-ӯ навишта буд, ки мардуми он ҷоро фиреб бидеҳ ва дар роҳи Худо хунашонро бирез» [3, 3476]. Ибни Асир менависад, ки: «Ҳеҷ амире дар Хуросон ба андозаи Қутайба кор накард, вале ӯ аҳдшикан ва хиёнатпеша буд» [10, 215].

Қатли Қутайба, ки дар асари як сӯйқасд алайҳаш дар Фарғона моҳи зулҳиҷҷаи соли 96 ҳ.қ/август-сентябри соли 715 анҷом ёфт [12, 85], ба чандин сол фатҳи комили Варорӯдро тавассути лашкари араб ба қафо андохт. Дар ин солҳо аъроб умдатан ба тақвияти қудрати худ дар манотиқи тасхиршуда машғул гаштанд.

Академик Б.Ғафуров дар боби «Ишғоли Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо (давраи дуюм)» зикре аз вазъи сокинони Мовароуннаҳр баъд аз қатли Қутайба намуда, аз тадбирҳои анҷомдодаи хилофат дар ин қаламрав, аз ҷумла дар манзили ҳар сокини шаҳрҳои Варорӯд ба иҷбор сокин шудани арабҳо ва татбиқи дини ислом, ки ба ин васила пойгоҳи иҷтимоии худро қавӣ намуд, сухан мекунад [9, 317-318].

Ин замон барои озодӣ дар қаламрави Суғд талошҳое анҷом ёфт ва дар ин иртибот академик Б.Ғафуров менависад: «Суғдиҳо, ки аз чиниҳо кумаке дарёфт накарданд, саъй намуданд иттилоф бо Фарғона ва туркҳоро дубора барқарор намоянд. Соли 720 оташи як конуни неруманди муборизоти озодибахш дубора дар Суғд шуълавар шуд» [9, 318].

Арабҳо баъд аз он ки ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд - Ғуракро аз Самарқанд ихроҷ карданд, ӯ дар охири соли 718 ва ё аввали соли 719 ба императори Хитой барои фиристодани сипоҳ муроҷиат намуда, кумак хостааст, то арабонро аз Самарқанд биронад. Боз ҳам усули ихтилоф андохтани худро истифода намуда, арабҳо унвони ихшиди Суғд ва афшини Самарқандаро ба ҳокими Панҷакент Деваштич доданд [7, 481].

Академик Б.Ғафуров фарзияе пешниҳод мекунад, ки ба муқобили арабҳо бархостани Ғурак баҳонае шуд, то Деваштич ба таҳрики арабҳо худро ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд эълон кунад. Ҳамин муҳаққиқ дар идома менависад, ки соли 720 суғдиён даст ба шӯриши зидди арабҳо заданд ва хоқони турк сипоҳе ба кумаки онҳо фиристод, ки майдони набардро барои арабҳо танг карданд. Фармондори навтаъйини Хуросон Саъиди Ҳарашӣ бо шӯришиён музокира анҷом дод ва дар натиҷа иддае аз аъёну ашроф, ки дар миёни онҳо Ғурак низ буд на танҳо ба шӯришиён хиёнат карданд, инчунин якҷо бо арабон зидди онҳо ҷангиданд [9, 319].

Аммо бо ин ҳама шӯриши Суғд то тобистони соли 722 ба дарозо кашид. Муаллифи «Тоҷикон» аз мубоизаи суғдиён бар зидди арабҳо дар қаламрави Фарғона-шаҳри Хуҷанд ва дар навоҳии кӯҳистонии Зарафшон бо сарварии Деваштич сухан карда, бо макру ҳиял фурӯ нишондани ин шӯриш аз ҷониби арабонро таъкид мекунад [9, 318-320].

Нуқтаи доғи дигаре, ки арабҳоро баъди тасхири он дар ҳоли парешон нигаҳ медошт, ин сарзамини Хутталон буд. «Сокинони озодихоҳ ва далери Хатлон, -менависад Б.Ғафуров, -ба истилогарони араб муқовимати ҷиддӣ нишон доданд...Шоҳи Хатлон дар ихтиёри худ 50 ҳазор лашкар дошт» [9, 321].

Дар идомаи ин матлаб Б.Ғафуров аз лашкаркашии фармондори Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ дар соли 725 ба қаламрави Хатлон ёд мекунад, ки лашкари араб бо сипоҳи муттаҳидаи шоҳи Хатлон ва хоқони турк дар

набард шуд ва шикаст ёфта, ҳазимат мекунад. Муаллиф бо иттико ба хабари Табарӣ менависад, ки сокинони Балх шикасти Абдуллоҳро бо байтҳои зерин, ки аввалин асари маҳфузмонда ба забони тоҷикист, тамасхур карданд:

*Аз Хутталон омадед,*
*Ба рӯ табоҳ омадед,*
*Абор боз омадед*
*Хушкнизор омадед [9, 321].*

«Арабҳо, менависад Б.Ғафуров,- дар муҳорибаи Хатлон чунон сахт шикаст хӯрданд, ки дар муддати бештар аз даҳ сол талоше барои гирифтани он накарданд» [9, 321]. Дар идомаи баёни ин рухдод муаллиф зикр мекунад, ки соли 737 Асад ибни Абдуллоҳ ба ҷониби Хатлон лашкар кашид ва хоқони турк аз ҳуҷуми арабҳо огоҳӣ ёфта, бо лашкари худ ба кумаки хатлониён шитофт. Дар натиҷа лашкари фармондори араби Хуросон Абдуллоҳ шикаст ёфта, ба воситаи дарёи Панҷ ба кӯҳи Намак паноҳ бурд. Ин иттиҳоди низомӣ метавонист арабҳоро то маркази фармондориашон -- шаҳри Балх таъқиб кунанд ва ин шаҳрро низ ба ихтиёр гиранд. Аммо онҳо дар мавзеъҳои аз назари низомӣ камарзиш таваққуф карданд ва замоне ки дар мавзеи Хористон миёни лашкари муттаҳидаи хатлониён ва хокони турк аз як тараф ва арабҳо аз тарафи дигар набард иттифоқ афтод, Асад ибни Абдуллоҳ на танҳо аз вазъи мағлубият берун омад, инчунин лашкари шоҳи Хатлон ва хоқони туркро шикаст дод. Шоҳи Хатлон Бадри Тархон бо лашкараш ба муҳосира афтод ва маҷбур шуд бо арабҳо дар борaи сулҳ музокира кунад. Арабҳо ба шоҳи Хатлон тазмини зиндагӣ доданд, вале ин бор низ арабҳо мисли ҳамешагӣ аҳдшиканӣ намуда, мисли Деваштич шоҳи Хатлонро ба қатл расонида, ин сарзаминро тобеи худ намуданд [9, 321].

Бояд гуфт, ки дар ин муҳорибаи хатлониён бо арабҳо ба иттилои Табарӣ на танҳо туркон инчунин лашкари суғдиён

ва Чоч низ ширкат доштанд. Нахустнабарди иттилоф бо Чағонхудот (Табарӣ «Сағонхузоҳ» зикр кардааст [3, 3703]) рух дод, ки ҷонибдорӣ аз арабҳо мекард. Дар ин набард Чағонхудот кушта шуд ва иттилоф пирӯз гашт [3, 3703].

Ин нукта низ ҷойи зикр аст, ки шеъри таъномези зикршудаи балхиёнро, ки барои Асад ибни Абдуллоҳ гуфтаанд, Табарӣ дар се маврид: ба ҳангоми фирори Асад аз Хатлон дар солҳои 107, 108 ва 119 ҳ.қ. истифода кардааст. Табарӣ дар баёни ҳаводиси соли 108 ҳ.қ./726-727 аз лашкаркашии Асад ибни Абдуллоҳ[58] ба Хатлон мегӯяд, ки хатлониён «Асадро ҳазимат карданд ва расво карданд ва кӯдакон дар бораи ӯ мехонданд, ки:

*Аз Хутталон омадӣ,*
*Ба рӯ табоҳ омадӣ*» [3, 3620].

Дар идома Табарӣ менависад, ки «баъзеҳо гуфтанд, ки Асад ба соли саду ҳафтум (725-726) фирорӣ аз Хуталон бозомад ва мардуми Хуросон мегуфтанд:

*Аз Хутталон омадӣ,*
*Ба рӯ табоҳ омадӣ,*
*Бедил фароз омадӣ*!» [59]

Табарӣ дар ҳаводиси соли 119 ҳ.қ./737 аз лашкаркашии Асад ибни Абдуллоҳ ёд карда, менависад: «дар бораи ин ғазо хитоб ба вай шеъре гуфтанд ба порсӣ:

*Аз Хутталон омадед,*
*Ба рӯ табоҳ омадед,*
*Абор боз омадед*
*Хушкнизор омадед*» [3, 3704].

---

[58] Соли 106 ҳ.қ./724-725 аз ҷониби омили Хуросон, бародараш Холид ибни Абдуллоҳи Қасрӣ ба фармондории Хуросон таъйин шуд.
[59] Табарӣ се мисраъро зикр мекунад.

Суоле матраҳ мешавад, ки дар кадомин соли фирори Асад аз Хатлон балхиён ӯро бо ин шеър тамасхур кардаанд. Ба назар мерасад, ки шояд, ки дар аввалин фирори Асад аз Хатлон, ки соли 107 ва ё 108 ҳ.қ рух додааст, ин шеър сароида шуда, миёни мардум роиҷ гашта бошад. Соли 119 ҳ.қ., ки фирори навбатии Асад аз Хатлон рух дод, ин пораи шеър дубора вирди забони балхиён гашта, шояд ба ин шеър мисраи дигаре илова карданд [12, 111-112].

Дар зербоби хотимавии ин фасл «Паёмадҳои ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба хилофати араб» академик Б.Ғафуров таъкид мекунад, ки «Ҳангоми арзёбии аҳамияти таърихии ишғоли Осиёи Миёна аз тарафи аъроб набояд ба ифроту тафрит рафт, ки аглаб онро ба шакли пинҳон дар бархе аз пажӯҳишҳо метавон дучор шуд» [9, 322]. Дар зимн муҳаққиқ ба ин назар аст, ки «ишғоли Осиёи Миёна аз ҷониби аъроб, қабл аз ҳар чиз ҷанги ғосибонае ба манфиати табақаи ҳукмрони араб буд, ки барои мардуми тасхиршуда вайронӣ ва хушунат, аз даст додани заминҳо ва хонаҳо ва зулму тааддии дучониба ба ҳамроҳ дошт» [9, 323].

Академик Б.Ғафуров ба равандҳои мураккаби этногенӣ, забонӣ ва фарҳангии кишварҳое, ки шомили қаламрави хилофат шуданд баҳо дода, ба ин назар аст, ки «Фарҳанги мардумони хилофат ё он тавр ки гоҳе вақт фарҳанги мусулмонӣ (ва комилан иштибоҳ фарҳанги араб) ном мебаранд, ки комилан дақиқ нест, натиҷаи таркибе аз дастовардҳои халлоқи бисёре аз мардумон, аз ҷумла сокинони Осиёи Марказӣ аст» [9, 323].

Ин қисмат аз таърихи халқи тоҷикро академик Б.Ғафуров натиҷагирӣ карда, ба хилофат ҳамроҳ шудани Варорӯдро аз чанд ҷиҳат барои сарнавишти тоҷикон мусбат арзёбӣ кардааст. Ин рухдод нахуст кишварро аз парокандагии сиёсӣ раҳоӣ дода, ба раванди зуҳури давлатҳои миллӣ (дар мисоли Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён) суръат бахшид ва ҳарчанд дар ибтидо ин раванд ба иқтисод ва фарҳанги кишвар гаронихо ва зарари бисёр овард, баъдан ба равнақи густурдаи

равобити байни халқҳои гуногун сабаб гардид ва тавассути он таркиби фарҳангии бузурге дар Осиёи Миёна ва тамоми шарқи Наздик дар асрҳои IX-XI падид омад [9, 324].

## Адабиёт:


*1.Абубакр Муҳаммади ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғ.Ғоибов, К.Олимов ва Н.Амиршоҳӣ. Душанбе: Пайванд, 2012. -736 с.*

*2.Абуҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 4. Душанбе: Муассисаи давлатии сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. -738 с.*

*3.Абуҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 5. Душанбе: Муассисаи давлатии сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. -726 с.*

*4.Аҳмад ибни Исҳоқи Яъқубӣ (Ибни Возеҳи Яъқубӣ). Таърихи Яъқубӣ. Ҷ.2. Мутарҷим М.Оятӣ. Теҳрон. 1382 ҳ.ш. -644 с.*

*5.Аҳмад ибни Яҳё ал-Балозурӣ. Футӯҳу-л-булдон. Тарҷумаи Озарнӯш О. Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1346. -467 с.*

*6.Большаков О.Г. История Халифата.Т.4. Апогей и падение.Москва: Восточная литература РАН, 2010. -366 с.*

*7.Большаков О.Г. Рождение и развитие ислама и мусульманской империи (VII-VIII вв.). Москва, 2016. -672 с.*

*8.Гаибов Г.Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644-704 гг.).Душанбе:Дониш,1989. -144 с.*

*9.Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. Москва: Наука, 1972. -658 с*

*10.Иззуддин Ибни Асир. Таърихи комили бузурги ислом ва Эрон. Тарҷумаи А.Халилӣ ва А.Ҳолат. Ҷ.13. Теҳрон: Муассиса матбуоти илмӣ, 1371 ҳ.ш.-312 с.*

*11.История таджикского народа. Т.II. Эпоха формирования таджикского народа. Под редакцией академика Н.Негматова. Душанбе, 1999. -791 с.*

*12.Камол Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён. Душанбе: Дониш, 2022. -324 с.*

*13.Крачковский И.Ю. и В.А.Крачковская. Древнейший арабский документ из Средней Азии //Согдийский сборник. Сборник статьей о памятниках согдийского языка и культуры,*

*найденных на горе Муг в Таджикской ССР. Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. С.52-90.*

*14.Извлечения из «Китаб футух ал-булдан» ал-Белазури. Перевод С.Волина // Материалы по истории туркмен и Туркмении // Труды Института востоковедения АН СССР.-Т.I. VII-XV вв. Арабские и персидские источники / Под редакцией С.Л.Волина, А.А.Ромаскевича, А.Ю. Якубовского. Ответственный редактор А.П.Баранников. Москва-Ленинград: Из-во АН СССР, 1939. С.62-86 (-612 с.).*

*15.Смирнова О.И. Очерки из истории Согда. Москва: Наука, 1976. -278 с.*

*16.Фасеҳи Хавофӣ. Муҷмали Фасеҳӣ. Ҷилди аввал. Теҳрон: Асотир, 1386. -436 с.*

**Ҳамза Камол**
(Тоҷикистон)

## Муборизаи Варорӯдиён бо истилогарони араб ва бозтоби он дар «Тоҷикон….»-и академик Б. Ғафуров

Шӯрои исломия ва Шӯрои уламо оиди тақдири минбаъдаи кишвари Туркистон асосан ҳамфикр буданд. Яъне иттифоқан онҳо мухторияти маданию сиёсии кишварро тарафдорӣ мекарданд.

Ҷадидони кишвари Туркистон баробари ташкил ёфтани Шӯрои исломия фаъолияти худро ба он пайваст намуданд. Баъзе аз сарварони онҳо, аз он ҷумла М. Беҳбудӣ, дар анҷумани нахустини ин Шӯро иштирок намуда, ба ҳайати Шӯрои кишварии мусулмонони Туркистон интихоб гардидаанд.

**Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ.** Ғалабаи инқилоби февралӣ дар аввал ба фаъолияти ҳизбҳои худи Русия таккони ҷиддӣ дод. Махсусан он ҳизбҳое, ки тарафдори сарнагун кардани мутлақият буданд, ба мисли болшевикон, меншевикон, эсерон, сотсиалистони халқӣ ва трудовикҳо, аз натиҷаи инқилоб асосан қаноатманд буданд. Акнун онҳо фаъолияти худро ба шароити нав мутобиқ менамуданд. Аз ҷумла болшевикон дар шароити худи Русия аз фаъолияти пинҳонкорӣ баромада, бо сарварии асосгузори ҳизби худ В. И. Ленин, барои ба тарзи осоишта, ба инқилоби сотсиалистӣ табдил додани инқилоби буржуазию демократӣ, тайёрӣ медиданд. Ин мақсад дар тезисҳои апрелии (соли 1917) В. И. Ленин ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ пешниҳод гардид. Дар асоси он болшевикон бояд тамоми чораҳоро барои ҳарчӣ тезтар ба ихтиёри Шӯроҳои

намояндагии коргарон ва аскарон гузаштани ҳокимият медиданд.

Маҳз ҳамин гуна вазифа болшевиконро минбаъд аз ҳамкорӣ бо меншевикон боз ҳам ҷудо кард. Зеро, чуноне дар боло қайд кардем, меншевикон якҷоя бо эсерон дар Шӯроҳои марказии Русия аксариятро ташкил карда, ба фоидаи буржуазия, аз гирифтани ҳокимият даст кашиданд. Акнун чӣ болшевикон ва чӣ меншевикон аз фаъолияти пинҳонкорӣ ба амалиёти рӯйрост гузашта, дар доираи ташкилоти ягонаи сотсиал-демократӣ буданд. Аммо дар шаҳрҳои марказии Русия ҳар кадоми онҳо бо роҳҳои гуногун кор мебурданд. Дар шароити кишвари Туркистон ҳам дар арафа ва рӯзҳои инқилоби февралӣ болшевикон ва меншевикон дар доираи ташкилотҳои ягонаи сотсиал-демократӣ, албатта пинҳонӣ, амал мекарданд. Назар ба марказ ҷудоии байни болшевикон ва меншевикон дар ин ҷо бо зуддӣ ба амал наомад. Ба ғайр аз ин чӣ болшевикон ва чӣ меншивикони кишвар чандон мақсади ҷудогона амал карданро ҳам надоштаанд. Махсусан меншевикони кишвар, ки нисбат ба болшевикон сершумор буданд, мақсади ягона нигоҳ доштани ташкилоти сотсиал-демократиро доштаанд.

21-27 июни соли 1917 дар шаҳри Тошкент анҷумани II кишварии ҳизби сотсиал-демократӣ барпо гардид, ки он, бо ибораи Бобоҷон Ғафуров, «ба кори байни мусулмонон махсус диққат дод»[14]. Дар он ба болшевикон аз 31 намоянда танҳо 11 нафарашон ва аз 22 ташкилот 12 тоаш тааллуқ дошту, боқимонда ба меншевикон. Дар анҷуман масъала “Дар бораи ягонагии ҳизбӣ” ба тарзи васеъ муҳокима гардид. Ин далолати он аст, ки болшевикони Туркистон ҳанӯз дастури “Ба муттаҳидчигӣ хотима гузоред!”–и марказро нагирифтаанд. Зеро, мувофиқи он болшевикон бояд аз ҳар гуна муросо бо меншевикон, худдорӣ мекарданд. Дар ин анҷуман ақалан ягон нафар

болшевик масъалаи ҷудоӣ аз меншевиконро бо миён нагузошт. Баръакс, мувофиқи қарори анҷуман муттаҳидии тамоми қувваҳо ва равияҳо зарур шуморида мешуд. Инчунин таъкид карда мешуд, ки ҷудоӣ, фраксиябозӣ боиси ҳалокати ҳаракати сотсиал-демократии Русия мегардад. Бо андешаи онҳо, гуногунии ақида, агарчанде аҳамиятнок бошад ҳам, он набояд сабабгори ҷудоии ташкилот гардад.

Анҷумани номбурда инчунин масъалаи муносибат бо ҳизби эсерҳоро муҳокима намуда, даъват намуд, ки бо онҳо танҳо дар ҳолати хеле зарур, яъне ҳангоми эҳсоси вазъияти хеле мутташаниҷ, аз ҷумла таҳдиди хавфи қувваҳои аксулинқилобӣ ва зиддидемократӣ якҷоя мубориза баранд. Ҳар гуна созиши пешазинтихоботӣ бо ҳизбҳои буржуазии марказӣ рад карда мешуд. Бо таклифи меншевикон, анҷуман дар шароити мураккаб зарурияти иттифоқро танҳо бо ҳизбҳои буржуазию демократии мусулмони (миллӣ) маъқул шуморид.

Аввали моҳи июли соли 1917 дар Петроград Ҳукумати Муваққатӣ намоиши коргаронро тирборон кард ва бо ин давраи дуҳокомиятӣ дар Русия ба охир расид. Баъд аз ин ҷудоии байни болшевикон ва меншевикон чӣ дар марказ ва чӣ дар канор, аз он ҷумла дар кишвари Туркистон, боз ҳам чуқуртар шуд. Як қисми меншевикҳо мавқеи ростро ишғол карда, бо ҳизбҳои буржуазӣ наздик шуданд ва муқобили болшевикон буданд. Қисми дигари меншевикон, мавқеи чапро ишғол намуда (онҳоро меншевикони интернасионалист ҳам мегӯянд), бо болшевикон нисбатан наздик шуданд.

Умуман, бо андешаи Бобоҷон Ғафуров, агар дар давраи инқилоби солҳои 1905-1907 –и Русия « дар байни миллатҳои маҳаллӣ танҳо ягон-ягон кас вобаста кори реваклютсионӣ мебурда бошад, ҳоло садҳо тоҷик, узбекон, қазоқон, туркманҳо, қирғизҳо ва намояндагони дигар

халқҳои Осиёи Миёна ба сари партияи болшевикӣ дохил мешуданд. Дар зери роҳбарии партияи болшевикӣ иттифоқи пролетариати рус бо меҳнаткашони миллатҳои мазлум ташкил меёфт»[15]. Ин гуфтаҳои алома Бобоҷон Ғафуров махсусан барои шаҳри Тошканд- пайгоми генерал –губернатории Туркистон хос аст.

Ҳизби эсерҳо бошад дар кишвари Туркистон, баъди сотсиал-демократҳо, аз ҳизбҳои бонуфузтарини марказӣ ба ҳисоб мерафт.

Он солҳои 1907-1910 ба парокандагӣ дучор шуда, баъди инқилоби февралии соли 1917 фаъолияти худро, аз ҷумла дар кишвари Туркистон, аз сари нав оғоз намуд ва то июл-августи он сол бо меншевикон якҷоя амал кард. Дар шароити кишвари Туркистон эсерҳо дар Шӯроҳо аксариятро ташкил медоданд. Моҳи майи соли 1917 дар шаҳри Тошкент анҷумани эсерҳои кишвар шуда гузашт.

Эсерҳо ба қанотҳои чап ва рост тақсим шуда буданд. Дар бисёр шаҳрҳои кишвар: Самарқанд, Қӯқанд, Бухорои Нав, Хуҷанд ва ғайра нуфузи эсерони чап бештар назаррас буд. Онҳо сиёсати нисбат ба деҳқонон номаълуми Ҳукумати Муваққатиро ба зери танқид мегирифтанд, созишкории ин ҳукуматро бо заминдорон ва буржуазияи калон сарзаниш мекарданд. Чунин мавқеъ эсерони чапро бо сотсиал-демократҳо наздик менамуд. Эсерҳои рост бошанд, баръакс сиёсати Ҳукумати Муваққатии буржуазиро аз ҳар ҷиҳат тарафдорӣ мекарданд.

Аз ҳизбҳои сернуфузи буржуазию помешикии марказӣ-ҳизби кадетҳо ба ҳисоб мерафт, ки он дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна аз солҳои 1905-1907 амал мекард. Ин ҳизб дар кишвари Туркистон гузаронидани ягон хел тағйироти ҷиддиро намехост. Зеро, кадетҳо тарафдори бетағйир нигоҳ доштани сарҳади ҳамонвақтаи империяи Русия буданд. Дар маҳалҳо, аз ҷумла ташкилоти

қӯқандии ин ҳизб, танҳо баъзе гузаштҳои маданӣ, аз ҷумла оиди истифодаи озодонаи забонҳоро пешниҳод мекард. Ин гуна мавқеи кадетҳо дар байни зиёиён ва намояндагони буржуазияи миллӣ, ки тарафдори мухторияти кишвар буданд, ҳамовозӣ пайдо накард.

Аз тахт маҳрум гардидани подшоҳ Николаи II аз ҳама бештар амири Бухоро-Олимхонро ба ташвиш андохт. Зеро, подшоҳи Русия барои ҳукумати амирии Бухоро пушту паноҳи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин сабаб ҳам амир Олимхон бо шунидани хабари барҳам хӯрдани мутлақияти Русия, бо ибораи С. Айнӣ, -“якбора сарриштаи кори худро гум карда, поро аз сар намешинохт ва метарсид, ки фирқаи аҳрор ва асокири Русия мабодо табдили асоси ҳукумати Бухороро хоҳон шаванд, амир ва атбоашро мисли Николай ва арконаш аз беху бунёд барҳам зананд”[16]. Бинобар ин ҳукумати амирӣ тамоми чораҳоро дид, ки дар сарзамини аморат ба хуруҷҳои халқӣ роҳ надиҳад. Ӯ дар ин амалиёт бо кормандони агентии сиёсии дар Бухоро доштаи Русия якҷоя амал мекард.

Мардуми аморати Бухоро танҳо 4 марти соли 1917, бо омадани матбуоти даврӣ, аз ғалабаи инқилоби февралии Русия ва аз тахт рафтани подшоҳ огоҳ гаштанд. Баъди ин ба агенти сиёсӣ, ғайр аз эълон намудани он, ки гӯё подшоҳ “бо ихтиёри худ” фуромадааст,чораи дигар намонда буд. Ӯ дар навбати худ даъват намуд, ки на танҳо дар қаламрави аморат, инчунин дар маҳаллаҳои руснишини он низ оромӣ ва тартибу интизомро риоя намоянд. Вале сарфи назар аз кӯшишҳои ҳукумати амирӣ ва кормандони агентии сиёсӣ дар сарзамини аморат, аз ҷумла дар истгоҳи роҳи оҳани назди дарвозаи Қаршигии шаҳри Бухорои Кӯҳна ва дар Бухорои Нав (Коғон) бахшида ба инқилоби февралии Русия ҷамъомаду митингҳо барпо гардиданд. Дар худи моҳи март дар

Бухорои Нав, Чорҷӯйи Нав, Карки ва Термиз, Шӯроҳои намояндагии коргарон ба вуҷуд омаданд, ки аксариятро дар сарварии онҳо эсеру меншевикон ташкил менамуданд. Дар ин маҳалҳо инчунин кумитаҳои иҷроияи Ҳукумати Муваққатӣ низ бунёд гардиданд, ки дар аввал аз болои онҳо бояд агенти сиёсӣ назорат мекард.

17 марти соли 1917 агенти сиёсӣ ба резидентсияи Русия дар Бухоро табдил дода шуд. Аслан чунин тағйирот фақат дар ном буду халос. Зеро, дар иҷроиши вазифаи онҳо тағйироте дида намешуд.

**Болоравии ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷавонбухороиён.** Ғалабаи инқилоби буржуазию демократии февралӣ дар Русия ба фаъолияти ҷавонбухороиён низ такони ҷиддӣ дод. Агар бо суханони Бобоҷон Ғафуров гӯем, ин инқилоб ҷадидон ҷавонбухороионро низ “ба ҷунбиш даровarда буд”[17]. Онҳо, ки дар натиҷаи таъқиби ҳукуматдорони аморат ба таври пинҳонӣ амал мекарданд, аз мағлубияти пушту панохи амири Бухоро, подшоҳ Николаи II рӯҳбаланд гардида, дар роҳи ислоҳот нисбатан ҷиддитар амал карданд. Ҷамъияти махфиашон, ки дар дохили шаҳри Бухорои Кӯҳна фаъолият дошт, дар гӯшаҳои шаҳр низ шӯъбаҳои худро кушод. Сафи ҷавонбухороиён махсусан аз ҳисоби талабагони мадрасаҳои шаҳр рӯз аз рӯз меафзуд.

Бояд таъкид кард, ки дар натиҷаи таъсири инқилоби февралии Русия, дар талаботи ҷавонбухороиён тағйироте ба вуҷуд омада буд. Онҳо дар шароити нав талаботи ислоҳоти мактабу мадрасаҳо ва усули дарсдиҳиро дуюминдараҷа ҳисобида, дар мадди аввал ислоҳоти ҳукумати амирии Бухороро гузоштанд. Ҷавонбухороиён дар ин роҳ ба кӯмаки Ҳукумати Муваққатии Русия умед доштанд. Бо ҳамин мақсад, ҷавонбухороиён ба номи он ҳукумат телеграммаҳо фиристода, дар онҳо, аввал ҳукумати навро табрик гуфта, сонияи ёрмандии онро дар ислоҳи тартиботи амирии Бухоро хостаанд. Вале на ҳамаи

намондагони Ҳукумати Муваққатии Русия тарафдори ислоҳи тартиботи амирии Бухоро буданд. Аз ҷумла вазири адлияи ҳамонвақтаи он ҳукумат А.Ф.Керенский (ходими ҳизби трудовикҳо ва баъд эсерӣ, аз 8 июл то 26 октябри он сол сарвари Ҳукумати Муваққатӣ), дар мавқеи ба Русия ҳамроҳ намудани аморати Бухоро будааст[18].

Ба гуфтаи Бобоҷон Ғафуров ҷадидон – ҷавонбухороиён «ҳаргиз нияти сарнагун кардани амирро надоштанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, к ибо ёрии Ҳукумати Мӯваққатӣ дар системаи ҳукматдорӣ баъзе ислоҳоти ночиз даровардa дар корҳои давлат худашон ҳам иштирок намоянд[19].

Бо ибораи Бобоҷон Ғафуров, дар аморати Бухоро, ки дар ин мулк «қисми зиёди халқи тоҷик «сукунат дошт», дар натиҷаи инқилоби февралии (соли 1917) Русия «ягон дигаргуние ба амал наомад. Аммо дар маҳаллҳои руснишини махсусан дар Бухорои нав (Когон) вазъият якбора тезутунд шуд. Бобоҷон Ғафуровбарои тасдиқи чунин андешаи худ, ба маводи бойгонӣ муроҷиат мекунанд. Аз он равшан мегардад, ки ҳанӯз 8 марти соли 1917, вақте хабари суқути подшоҳ ба ин ҷойҳо раисд, коргарони истгоҳи роҳи оҳан «митинги калон оростанд, ки дар он шаш ҳазор одам иштирок кард. Дар ин митинг болщевик П.Г.Полторатский нутқи оташин эрод намуд. Пас аз ин дере нагузашта меҳнаткашони маҳаллӣ яроқу аслиҳаи политсайҳоро кашида гиифтанд ва маҳбусони сиёсиро озод карданд. Дар телеграммаи бадвоҳимаи гузаштаи сиёси Русия дар Бухоро Миллер, ки ба Тошканд, ба генерал –губернатор Курспаткин фиристода буд, гуфта мешуд: «Коргарони саршумори рус, ки дар заводҳои пахтаву равғани Бухоро ба таъсиси муассисае шурӯъ карданд, ки аз гуфтаи онҳо бояд ҷои муассисаҳои политсия ва эҳтимолан, ҷои дигар муассисаҳои давлатии моро гиранд»[20].

Агенти сиёсӣ, ҳамчун сарвари Агентии сиёсии Русия дар Бухоро, дар асоси шартномаи дӯстӣ» -и байни Русия ва Бухоро, мувофиқи указі подшоҳ Александри III, моҳи январи соли 1886 ташкил карда шуд. Агенти сиёсиро ба ин вазифа Вазорати корҳои хориҷии Русия таъин мекард ва то соли 1910 идораи агентӣ дар ихтиёри ин вазорат буд. Аз соли 1910 агенти ба генерал – губернатории Туркистон ва ба воситаи он ба Вазорати ҳарбии Русия итоат мекард[21].

Амри Бухоро бо маслиҳати агенти сиёсӣ фаъолият мекард. Бинобар ин он амалкунандаи сиёсати иқтисодию тиҷоратӣ ва сиёсии ҳукумати подшоҳӣ дар шароити аморат ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин сабаб агенти сиёсӣ маслиҳатчии асосии амир буд. Чуноне устод Садриддин Айнӣ таъкид намудааст, дар аморати Бухоро, на танҳо амалдорони калон ба монанди қушбегӣ ва қозикалон, балки ҳатто ҳокимон ва қозиҳои бекигариҳои бонуфуз ҳам бо тавсия, ё худ розигии агенти сиёсӣ таъин карда мешуд[22].

Пӯшида нест, ки амири охирини Бухоро- Олимхон (1911-1921) бо розигии ҳукумати подшоҳӣ соҳиби тахт гардида аст. Ӯ ҳанӯз дар замони ҳукуматдории падараш – амир Абдулаҳадхон, ба идораи императории Николайи II, фиристода шуда буд ва солҳои 1891- 1896 дар корпуси кодетии Николаев, дар зери назорати полковник Дёмин, ҳамчун ҳидоятгари содиқи манфиати метрополия тарбия гирифта буд[23]. Дар натиҷа Олимхон, ба ибораи Садриддин Айнӣ, дар Петербург, « хамчун ғуломи ҳалқабаргӯши калонизаторон тарбия гирифт»[24].

Дар натиҷаи ҳамаи ин дигаргуниҳо, ҳукумати амирии Бухоро ба иҷрокунандаи тамоми мақсад ва хоҳиши ҳукумати подшоҳии Русия табдил ёфта буд. Бинобар ин, бе сабаб яке аз генерал –губернаторҳои Туркистон, аз ҷумла амири Бухороро беҳтарин сарвари уездии худ ҳисобидааст[25]. Ҳукумати подшоҳӣ дар амалӣ намудани

ягон мақсаду марому худ дар ҳудуди аморат ягон хел душвориро эҳсос намекард. Ҳукумати подшоҳии Русия оиди ин гуна мақсадҳо ба воситаи агенти сиёсӣ ба худи амир як ишора мекард, амир бошад, онро аз тахти дил, аз номи худ иҷро мекард[26].

Ҳамин тавр, умеди ҷавонбухороиён аз "кӯмаки" Ҳукумати Муваққатӣ барбод нарафт. Рӯзе ба кормандони резидентсия ва худи амир хабари тарафдори ислоҳоти тартиботи амирӣ будани ҳукумати нави Русия расидааст. Мувофиқи он ризоият ташаббуси гузаронидани ислоҳот ба ӯҳдаи худи "ҷаноби олӣ"- амир Олимхон гузошта мешуд.

Дар натиҷа ҳукумати амирии Бухоро дар вазъияти ниҳоят мушкиле монда буд. Зеро, аз як тараф дар дохили мамлакат ҷавонбухороиён, ҳамчун қувваи ягонаи оппозитсионӣ аз амир ислоҳот талаб мекарданд, аз тарафи дигар Ҳукумати Муваққатии Русия ҳам ин гуна ислоҳотро хоҳиш намудааст. Кормандони резидентсия бошанд, ки ҳамон лаҳза маслиҳатчии асосии амир ва ҳукумати ӯ буданд, низ тарафдори ислоҳот буданд. Бинобар ҳамин ҳам барои амир Олимхон ва ҳукумати вай ғайр аз розигӣ барои гузаронидани ислоҳот роҳи дигаре набуд. Аз ҷумла қӯшбегӣ Насрулло низ аз хусуси зарурияти ислоҳот сухан гуфтааст.

Вале муқобилони ислоҳот аз вазъияте, ки баъди инқилоби февралии Русия дар Бухоро ба вуҷуд омада буд, хулосаи дуруст набаровардаанд. Аз ҷумла Бурҳониддин қозикалон ва Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ, ки баъд аз қӯшбегӣ аввалин ашхоси ҳукумати амирӣ ба ҳисоб мерафтанд, ба ҳар кор ҷуз "намехоҳам" ҷавобе надоштанд. Муқобилони ислоҳот амалиёти худро пинҳон нигоҳ надошта, нисбат ба тарафдорони ислоҳот-ҷавонбухороиён, ҳар гуна бӯҳтонҳоро бофта бароварданд. Онҳо динро ҳамчун аслиҳа, ба муқобили ҷавонбухороиён ба таври васеъ истифода бурданд. Чунин аҳвол вазъияти ҳукумати амириро

боз ҳам вазнинтар гардонид. Бинобар ин амир ва қӯшбегӣ маҷбур шуданд, ки дар роҳи ислоҳот ҳар гуна амалиёти худро аз душманони ислоҳот пинҳон доранд.

**Эълон кардани лоиҳаи ислоҳоти амирӣ.** Амир ва қӯшбегӣ вазъиятро ба назар гирифта, бо мақсади наҷот додани салтанати худ, ба ислоҳоти ночизе розӣ шуда, Бобоҷон Ғафуров ҳам таъкид мекунад, ки "амири бухоро барои ором кардани халқ ва мустаҳкам кардани пояи давлати худ" майли ислоҳот кард[27]. Дар ин роҳ бо якҷоягии кормандони резидентсияи Русия лоиҳа ва дигар дастурҳои заруриро ҳозир намуданд. Ҳангоми ҳозир намудани он лоиҳа қушбегӣ Насрулло бо яке аз сарварони ҷавонбухороиён Мирзо Муҳиддин Мансуров, резидент Миллер, бо дигар сарварони ҷавонбухороиён Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев, Абдулвоҳид Бурҳонов (Мунзим) ва дигарон сӯҳбат карда, фикри онҳоро низ оиди ислоҳот шунидаанд[27].

Дере нагузашта симои Ҳукумати Муваққатии Русия ба мансабдорони аморати Бухоро пурра маълум гардид. Акнун амир ва ҳукумати ӯ дар симои ҳукумати нави Русия ба худ пушту паноҳи тозаро пайдо карда буданд. Амир 10 марти соли 1917 ба номи вазири корҳои хориҷии Ҳукумати Муваққатӣ Милюков телеграммаи табрикӣ фиристода, дар он ҳукумати нави Русияро ҳамчун "ҳукумати демократӣ, ки озодии пурра ва тараққиёти ҳамаи миллат ва халқҳоро таъмин" мекарда бошад, ҳисобидааст. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, қӯшбегӣ Насрулло бо мақсади ба тарафи ҳукумати амирии Бухоро кашидани таваҷҷӯҳи кормандони ҳукумати нави Русия хароҷоти зиёд кардааст[28].

Вале, фақат як вазъияти дигар амир ва қӯшбегиро каме ором намегузошт. Ин ҳам бошад аллакай ба доираи васеъ паҳн гардидани масъалаи ислоҳоти Бухоро буд. Махсусан ҷавонбухороиён бесаброна дар интизори ислоҳот буданд. Аз ин рӯ амир нахост, ки худро дар назди аҳли ҷамъият, пеш

аз ҳама матбуоти давр, чун ҳокими мустабид ба қалам дихад.

Аммо амир ва ҳукумати ӯ ба қувваҳои зиддиислоҳотии Бухоро чандон баҳои дуруст надода буданд. Онҳо, дар аввал бо мақсади осудагии амалиёташон муқобилони ислоҳотро аз ҳокимияти марказӣ дур карданд. Аз ҷумла 25 марти соли 1917 Бурҳониддинро аз вазифаи қозикалонӣ озод намуда, ба ҷояш қозии Ғиҷдувон, тарафдори ислоҳот, яке аз маърифатпарварони номии аввали асри XX-и Бухоро Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро таъин карданд. Рӯзи дигар, муқобили дигари ислоҳот, раиси Бухоро-Абдуллохоҷаро низ аз мансаб озод намуда ба ҷояш қозии Чорҷӯй, маърифатпарвари номи-Абдусамадхоҷаро, 27 март, қозии Вабкент-Орифхоҷаро, ки низ тарафдори ислоҳот буд, муфтиаскар таъин намуданд. Муфтиаскари собиқ Изамиддинхоҷаи Мусаннифро ба Ғиҷдувон, раиси собиқ Абдуллохоҷаро ба Чорҷӯй барои адои вазифаи қозигӣ фиристонданд. Дигар ашаддитарин душмани ислоҳот Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷиро бо баҳонаи хизмате ба Қаршӣ гуселониданд. Пас аз чунин тағйиротҳо ҳукумати амир худро барои эълон намудани фармони ислоҳот гӯё аз ҳар ҷиҳат озод ҳис мекард. Ҳол он ки муқобилони ислоҳот низ дер боз дар мактабу мадрасаҳо ва гузарҳои аҳолинишини шаҳр ташвиқот бурда, як ҳиссаи мардумро ба тарафи худ кашида буданд.

Лоиҳаи ислоҳот, ки аз тарафи ҳукумати амир, бо иштироки кормандони резидентсия ҳозир карда шуд, баъди дар вазорати корҳои хориҷии Ҳукумати Муваққатии Русия муҳокима гардидан, 4 апрели соли 1917 аз тарафи худи ҳукумати нави Русия тасдиқ гардид. 7 апрел ин лоиҳа дар меҳмонхонаи “Раҳимхонӣ”-и Арк, дар ҳузури даъватшудагон ва меҳмонон эълон карда шуд.

Мувофиқи лоиҳаи ислоҳот амир бояд: дарбори худро дигар мекард; барои ҳамаи амалдорон аз хазина моҳона таъин мекард (то ки мардумро худсарона тороҷ накунанд); закот, хироҷ ва дигар андозҳоро ба тартиб медаровард; ба худсарию бедодгарии амалдорон хотима мегузошт; аз ҳисоби мардуми доно ва соҳиби дониши Бухоро дар назди ҳукумат як маҷлиси машваратӣ таъин мекард, харҷу дахли хазинаи ҳукуматиро ба ҳисоб мегирифт; барои маърифатнокии мардум дар Бухоро як матбаа мекушод ва ғайраҳо.

8 апрели соли 1917, пагоҳӣ барвақт, амир Олимхон ба номи сардори Ҳукумати Муваққатии Русия княз Львов ва вазири корҳои хориҷии он Милюков, аз хусуси эълони фармони ислоҳот телеграмма фиристода, дар он қайд кардааст, ки гӯё “қарори ӯ барои аз рӯи шариат гузаронидани ислоҳот қатъӣ мебошад”.

Ҳарчанд лоиҳаи ислоҳоти эълонкардаи амир ба назар хело ночиз менамояд, вале агар он дар Бухорои ҳамонвақта амалӣ мегардид, аз аҳамият холӣ набуд. Аммо он лоиҳаи ислоҳоти ночиз ҳам дар қоғаз монд.

**Намоиши шукронаи ҷавонбухороиён ва пароканда намудани он.Авҷи иртиҷо дар Бухоро.** Эълони фармони ислоҳот тарафдорон ва ҳам муқобилонашро ба ҳаракат даровард. С.Айнӣ, чун шоҳиди он ҳодисаҳо, вазъиятро чунин шарҳ медихад: “Ҷавонбухороиён баъд аз намози чумъаи ҳамон рӯз фармони мазкурро дастовези худ карда, ба ҳар тарафи шаҳр “дар лаби ҳавзи Девонбегӣ, майдони мадрасаи Кӯкалтош, майдони Заргарон ва дар дигар ҷойҳо анҷуманҳои ошкор барпо намуда, онро қироат ва шарҳ медоданд. Вале мақсади асосии ҷавонбухороиён, ҳамчун ҷавоб ба фармони ислоҳоти амир, ташкил намудани намоиши шукрона ба ҳисоб мерафт. Зеро, аз вақти сухан дар бораи ислоҳот ба миён гузоштан, масъалаи намоиш низ дар байни ҷавонон мавқеи муҳимро ишғол карда буд[29]. Агар

бо суханони Бобоҷон Ғафуров гӯем ҷадидан ҷавонбухороиён «... ба номоиш баромада, изҳори миннатдории тамаллуқкоронаи худро ба амир ифода карданд»[30].

Вале ҷавонбухороиён ба намоиш тайёрӣ дида, қувваҳои иртиҷоии аморат, яъне мавқеи муқобилони ислоҳотро ба эътибор нагирифтанд. Ҳол он ки муқобилони ислоҳот ҳам аз ҳамон лаҳзаи эълони фармони ислоҳот, аз сари нав ба ҷунбиш даромаданд. Намояндагони онҳо ҳанӯз ҳангоми хондани фармони ислоҳот эътироз баён кардаанд. Инак, баробари ба муқобилони ислоҳот расидани хабари тараддуди намоиши ҷавонбухороиён, онҳо ҳам барои ба майдон баромадан тайёрӣ медиданд.

8 апрел, соати 8-и пагоҳӣ, намоиши ҷавонбухороиён оғоз ёфт. Онҳо бо шиорҳои: "Зинда бод амир Олимхон!", "Зинда бод ислоҳот!", "Зинда бод амири озодихоҳ!", "Зинда бод амири ҳурриятпарвар амир Олимхон! ", "Зинда бод озодӣ, контитутсия, озодии матбуот ва истиқлоли мактаб!" ба майдон баромада буданд. Шумораи намоишчиён, ки дар оғоз тақрибан ҳазор нафар буд, оҳиста-оҳиста аз ҳисоби шаҳриён меафзуд ва то ба 5-7 ҳазор нафар расидааст. Дар намоиш тоҷикҳо, яҳудиҳо, эрониҳо, ӯзбекҳо, тоторҳо ва дигар мардуми шаҳр иштирок карданд.

Оғози намоиш ва бо муқобилони ислоҳот бархӯрдани онҳо чунин сурат гирифта буд. Вақте ки ҷавонбухороиён аз Чорсӯи Бухоро ба роҳ баромада то Хиёбон расиданд, аз тарафи дигар муқобилони ислоҳот низ ба қуввати тамом бархеста, ба Регистони Бухоро, яъне майдони назди Арк расиданд. Аксулҳаракатчиён аксарият аз ҷумлаи диндорони иртиҷопараст буданд. Онҳо аз гумроҳии мардуми Бухоро истифода бурда, чуноне С.Айнӣ ба хотир меоварад, ба миёни худ фӯта баста, мурочиаткунон мегуфтаанд: "Во шариато!, Во дино!, Во қурбоно! Эй

мусулмонҳо! Дин аз даст рафт, шариат тамом шуд, акнун рӯи занҳоятонро мекушоянд, ба номуси духтаронатон таҷовӯз мекунанд, фарзандонатонро дар мактаби кофирӣ мехононанд”[31]. Дар натиҷаи чунин ташвиқотҳо, як ҳиссаи дигари мардуми дар ғафлатбудаи шаҳр, ба тарафи аксулҳаракат гузаштанд. Бо ҳамин роҳ муқобилони ислоҳот тавонистанд, ки шумораи тарафдорони худро то ба 7-8 ҳазор нафар расонанд.

Баъд аз сар шудани аксулҳаракат, амир ва қӯшбегӣ аз ин воқеа мурданивор ба воҳима афтода, муносибати худро нисбат ба ислоҳотхоҳон бо тезӣ тағйир доданд ва тарафдори гурӯҳи мухолифон шудаанд. Дар натиҷаи ин намоиши шукронаи ҷавонбухороиён пароканда карда шуд. Иштирокчиёни он ба ҳар тараф гурехтанд. Як қисмашон барои халосии ҷони худ ҳатто ба тарафи аксулҳаракат гузаштанд. Бинобар ин ҳамон лаҳза дар Бухоро “ҳар кас, -ба хотир меоварад С.Айнӣ,- барои ҳифзи ҷони худ дигареро “Ин ҷадид аст” гуфта, таҳқир мекард ва сабаби дастгирии он бечора мегардид”[32].

Ба ин воқеа Бобоҷон Ғафуров ҳам аҳамият дода, таъкид мекунад, ки «азбаски ҳукуматдорони амиро, ҳатто, ҷадидони хушомадгӯйро ҳам «револютсионерон» - и хатарноктарин ҳисоб мекарданд, баъди намоиш онҳоро ба таъқибкунӣ даромаданд. Махсусан, мардуми меҳнаткаш ва ходимони ҳақиқатан тараққипарвари аморати Бухоро ба таъқиботи сахт дучор гардиданд»[33].

Аксулҳаракатчиён на танҳо ҷавонбухороиёнро таъқиб мекарданд, балки баъзе шахсони бонуфузи ҳукумат, ки ислоҳотхоҳ буданд, низ таҳдид кардаанд. Аз ҷумла, онҳо қозикалон Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро ҳангоми аз хонааш ба Арк омадан, дар майдони Регистон, дар он ҷое, ки чашми амир меафтод, таҳқир ва зада аз асп афтонда, беҳуш намуданд. Раис Абдусамадхоҷаро бошад дар назди худи қӯшбегӣ зада маъюб карданд.

Рӯзҳои 8 ва 9 апрел аз тарафи ҳукумати амирӣ қариб 150 нафар иштирокчиёни намоиш ва махсусан ҷавонбухороиён, аз он ҷумла С.Айнӣ (агарчанде ӯ муқобили намоиш буду дар он иштирок надошт, вале дастгир шуда 75 чуб ҷазо дид) ҳабс гардиданд.

Аллома Бобоҷон Ғафуров вазъи Бухороро баъди пароканда намудани намоиши шукронаи ҷадидон – ҷавонбухороиён ба таври зерин тавсир намудааст: «Дар ин рӯзҳо ҳамаи зиндонҳо аз бандиён пур буданд. Ҷаллодони амири Бухоро дар кӯчаҳо, ҳатто, одамонеро ҳам медоштанд, кис ару либосашон назар ба ақидаи онҳо «ба рӯҳи мусулмонӣ» муносиб набудааст. Гурӯҳ –гурӯҳ одамони бегуноҳ ҳар рӯз ба марги пуразоб гирифтор мешуданд. Садҳо одамонро ба андак шубҳа чӯб зада ҷазо медоданд. Бо фармони амир С. Айниро дастгир карда 75 чӯб мезананд ва ба зиндон мепартоянд. Ӯро салдатҳои револютсионии рус, ки аз Бухоро гузашта ба хонаҳояшонмерафтанд, аз марг халос мекунанд. Ҳукумати Муваққатӣ барои маҳдуд кардани қатлу куштори ваҳшиёнаи амири Бухоро чорае намедид. Резидентии Россия, ҳам, ки намояндагии дипломатии Ҳукумати Муваққатӣ дар назди амир ҳисоб меёфт, нисбат ба бедодгарии чаллоди хунхор- амир Олимхон бепарво буд.

Иртиҷоч дар Бухоро муваққатан тантана кард»[34].

Қисми зиёди ҷавонбухороиён, аз ҷумла, сарварони онҳо ба Бухорои Нав (Когон) паноҳӣ ёфтанд. Вале маълум мешавад, ки ҳамаи ин фоҷиа барои сарварони ҷавонбухороиён ҳанӯз ҳам дарси ибрат нагардидааст. Онҳо барои оштӣ бо амир розӣ шуда, 12 нафар намояндагони худро (асосан ҳама аъзоёни Кумитаи марказиашон бо сарварии раиси он Муҳиддин Мансуров) 14 апрел барои гуфтушунид ба хузури амир фиристоданд.

Кормандони резидентсия дар ин чорабинӣ роли миёнаравро бозиданд. Вақте ки намояндагони

ҷавонбухороиён ба Арк даромаданд, ба ҳабс гирифта шуданд. Онҳо, танҳо бо таҳдиди сахти Шӯрои намояндагии коргарони Бухорои Нав ва аскарони инқилобии дар он ҷо буда, аз қатл раҳоӣ ёфтаанд.

15 апрел дар Бухорои Нав бо ташаббуси Шӯрои намояндагии коргарони шаҳр маҷлиси серодаме барпо гардид. Дар он амалиётҳои кормандони резидентсияи Русияро дар рӯзҳои фоҷеаи Бухоро муҳокима намуда, қарор кардаанд, ки сарвари он Миллер ва ҷонишинаш Шулга ба ҳабс гирифта шаванд.

Дар аморати Бухоро иртиҷо тантана мекард. Оҳиста-оҳиста тамоми мансабҳо боз ба ихтиёри муқобилониислоҳот гузашт. Аз ҷумла 15 апрели ҳамон сол қӯшбегӣ Насрулло маъзул гардид, ва ба ҷои ӯ душмани ашаддии ислоҳот ва ҷавонбухороиён Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ нишаст. Мирзо Насруллоро бо тамоми аҳли оилааш ба Кармина (мувофиқи дигар маълумот ба Қаршӣ) бадарға ва ҳабс намуда, дар рӯзҳои "таҷовузи Колесов" (марти соли 1918) ҳамаашонро бо ҳукми амир қатл намудаанд. 31 июли соли 1917 Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро низ (ҳарчанд ӯ аз рӯзи латхӯриаш - 8-апрел, аллакай дар мансаб набуд ва бемори бистарӣ буд) бо ҳукми амир аз вазифаи қозикалонӣ озод карда, ба ҷои ӯ Бурҳониддин такроран соҳиби ин мансаб гардид.

Воқеаҳои апрелии (соли 1917) Бухоро ба баъзе ҷавонбухороиён таъсири ҷиддӣ расонид. Бо ҳамин воқеа амир Олимхон обрӯ ва эътибори худро дар байни зиёиёни пешқадами Бухоро, ки қисмашон ба ӯ ҳанӯз боварӣ доштанд, аз даст дод. Ин гурӯҳи зиёиён- ҷавонбухороиён дигар ба ислоҳ ёфтани ҳукумати амирӣ боварӣ надоштанд. Аз ҷумла, ҳанӯз дар моҳи апрели ҳамон сол Фатҳуллохоҷа ном шахс, дар маҷлиси гурӯҳи ҷавонбухороиёни дар Бухорои Нав буда, масъалаи "ҳатман тайёр намудани шӯриши яроқноки бухороиён"-

ро гузоштааст. Ин гурӯҳ дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ баъзан “ҷавонбухороиёни ашаддӣ” ном бурда мешавад.

Дар аморати Бухоро гурӯҳи иртиҷопарастон ғалабаи худро тантана мекарданд. Таъқиби на танҳо чавонбухороиён, балки хайрхоҳони онҳо низ давом дошт. Иртиҷопарастони аморат ҳатто аз мавқеъ ва амалиёти худи амир Олимхон оиди масъалаиислоҳот розӣ набуданд. Аз ҳамин сабаб ҳанӯз аввали моҳи майи ҳамон сол иртиҷопарастон масъалаи аз мансаби амирӣ озод намудани Олимхон ва ба ҷои ӯ таъин кардани амакаш – беки Ғузар - иртиҷопарасти ашаддӣ - Акрамхонро гузоштанд. Вале онҳо аз иқтидори ҳукумати Русия дар тарс буданд. Бинобар ин нияти иваз намудани амирро амалӣ карда натавонистанд. Зеро, сиёсати амир Олимхонро чӣ амалдорони болоии Ҳукумати Муваққатии Русия ва чӣ маҳаллии он, аз ҷумла кормандони резидентсияю сарварони кишвари Туркистон дастгирӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, ҷавонбухороиён дар натиҷаи таъсири ғалабаи инқилоби буржуазию демократии февралии соли 1917-и Русия, дар роҳи ислоҳот фаъол гардида, дар Бухоро аз ҳукумати амирӣ ба тарзи ҷиддитар гузаронидани ислоҳотро талаб карданд. Онҳо дар ин роҳ ба кӯмаки Ҳукумати Муваққатии Русия боварии комил доштанд. Вале дар дохилӣ аморат қувваҳои иртиҷоӣ, ки муқобили ҳар гуна ислоҳот ва тағйирот буданд, ҳанӯз нуфузи зиёд доштанд. Ин қувваҳо аз ғафлати аксари мардум ва нуфузи дин ба фоидаи худ истифода бурда, ба ислоҳотхоҳон – ҷавонбухороиён зарбаи қатъӣ заданд. Муқобилони тартиботи амирӣ маҷбур шуданд, ки барои ҳифзи ҷони худ боз ба пинҳонкорӣ гузаранд, ё худ ба сарзамини кишвари Туркистон ҳиҷрат намоянд.

Ҳамин тавр аллома Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари худ- «Тоҷикон» барои халқи тоҷик аҳамиятнок будани

инқилоби буржуазӣ –демократии февралии (соли 1917) Русияро таъкид кардааст. Зеро, ин инқилоб ҳукумати подшоҳиро, ки ба пушту паноҳи амири Бухоро табдил ёфта буд. Сарнагун намуд. Дар Осиёи Миёна подшоҳи русро чун мағлубнашаванда. Ба қалам медоданд. Инқилоб чунин андешаро барбод дод. Аммо ихтиёри Ҳукумати Муваққатии буржуазӣ гузашт, ки он дар сиёсати мустамликавӣ ягон хел тағйиротро ба амал наовард. Ин вазифаро Инқилоби Кабири сотсиалистии Октябрии (соли 1917) Русия амалӣ намуд.

**Манобеи истинод ва истифодашуда**


*1.Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе. 2020.- с. 795/*

*2.Ҳамон ҷо.*

*3.Ниг: Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1927).- Душанбе, 2007, -с. 141-142.*

*4. Ҳотамов Н., Давлатхоҷа Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм. Бо илова ва тавзеҳот. – Душанбе, 2018. – С.275.*

*5.Ғафуров Б. Тоҷикон. – с 795*

*6. Ҳотамов Н., Давлатхоҷа Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм. Бо илова ва тавзеҳот. – Душанбе, 2018. – С.275.*

*7.Ғафуров Б. Тоҷикон. – с 795*

*8.Ҳамон ҷо. –С. 275-276.*

*9.Хайдаров Г. Х. Очерк истории социалистического строительства в Северном Таджикистане (1917-1937 гг.). Душанбе, 1974. –с. 45-46.*

*10.История таджикского народа. Т.V. новейшая история (1917-1941гг.). Под ред. Академика Рахима Масова. –Душанбе, 2004. –С. 87.*

*11.Хайдаров Г. Х. Борьба за установление и упрочнение Советской власти в Северном Таджикистане (1917-1923 гг.). Душанбе, 1966.-с. 40.*

*12.Ғафуров Б. Тоҷикон.- с.795*

13.Ҳамон ҷо
14.Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. –С. 146
15.Ғафуров Б. Тоҷикон. –с. 798
16.Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. –С.
17.Ғафуров Б. Тоҷикон.- с. 800
18.Ҳамон ҷо.
19.Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. –с.151.
20.Ғафуров Б. Тоҷикон.- с. 802.
21.Бойгинии марказии давлатии Ӯзбекистон Ф.3. Рӯйхати 2. Ҳуҷҷати 513. – Варақаи 1.
22.Ғафуров Бобоҷон Тоҷикон. –с . 802.
23.Ғафуров Б. Тоҷикон.- с.801.
24.Хотамов Н.Б. Свержение эмреного рениме в Бухоре. Втор. Изд., -Душанбе, 2018. –с. 25.
25.Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10.- с 130
26.Хотамов Н.Б. Свержение эмреного рениме в Бухоре. -с.26.
27.Айнӣ С. Кордонии ҳокимони давраи кӯҳна ва интихобот // Куллиёт. Ҷилди 9. –с. 240
28.Логафет Д.Н. Строна бесправия. –спб, 1909.- с. 5.
29.Хотамов Н.Б. Свержение эмреного рениме в Бухоре. с. 26.
30. Ғафуров Б. Тоҷикон. - с. 802.
31.Ҳотамов Н.Б. таърихи халқи тоҷик.- с. 157.
32.Ҳамон ҷо.
33.Айнӣ С. Куллиёт, чилди 10.-с.159. Боз аз они ӯ: Таърихи инқилоби Бухоро.-С.154-158.
34.Ғафуров Б. Тоҷикон. – с. 802
35.Айнӣ С. Куллиёт, ч.10.-с.162.
36.Ҳамон ҷо
37.Ғафуров Б. Тоҷикон.- с.802.
38.Ғафуров Б. Тоҷикон. – с.802.

**Намоз Ҳотамов**

(Тоҷикистон)

## Бобоҷон Ғафуров дар бораи аҳамияти инқилоби февралии (соли 1917) Руссия барои халқи тоҷик

Бобоҷон Ғафуров дар бунёдии академии худ «Тоҷикон...» барои тоҷикон аҳамиятнокии Инқилоби Буржуазӣ- демократии февралии (соли 1917) Русияро махсус таъкид намуда баён як банди боби чаҳоруми фасли шашумро бахшидаанд.Бо андешаи алома,ин инқилоб оқибати Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва буҳрони умумии капитализм ба ҳисоб мерафтааст ва он дар тамоми сарзамини Русия ғалаба кардааст.

Дар мақола аҳамият ва моҳияти таърихии революцияи февралии Россияи соли 1917 барои мардуми тоҷик чун таҳаввулоти бузург ва инъикоси он дар асари Б.Ғафуров ба риштаи таҳқиқ омадааст.

**Намоз Хотамов**

(Таджикистан)

## Бабаджан Гафуров о значении Февральской русской революции (1917 года) для таджикского народа

Бабаджан Гафуров в своем капитальном академическом труде «Таджики...» особо подчеркнул значение Февральской (1917 г.) Буржуазно-демократической революции в России для таджиков и посвятил ей параграф четвертой главы шестого раздела, захватившей всю землю России.

В статье рассматривается значение и историческая значимость Февральской революции 1917 года для таджикского народа как крупного изменения и ее отражение в творчестве Б. Гафурова.

**Namoz Hotamov**

(Tajikistan)

**Babajan Gafurov on the significance of the February Russian Revolution (1917) for the Tajik people**

Babajan Gafurov, in his major academic work "Tajiks...", especially emphasized the significance of the February (1917) Bourgeois-Democratic Revolution in Russia for the Tajiks and dedicated the paragraph of the fourth chapter of the sixth section to it, which captured the entire land of Russia.

The article examines the significance and historical significance of the February Revolution of 1917 for the Tajik people as a major change and its reflection in the work of B. Gafurov.

**Рақиб Абулҳаев**

(Тоҷикистон)

**Саҳми академик Бобоҷон Ғафуров дар бартараф намудани оқибатҳои зилзила дар ноҳияи офатзадаи Ҳоит**

Дар тӯли солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Тоҷикистон базаи моддӣ-техникии хоҷагии кишоварзӣ ниҳоят коста гардида, майдони заминҳои киштбоб ва вобаста ба он қувваи корӣ низ кам гашт. Махсусан, дар ин давраи мураккаби таърихӣ нисбати истеҳсоли зироати ба хоҷагии халқ ниҳоят лозимӣ пахтакорӣ зарари калон расонда шуд. Аз ин рӯ баҳри ҳарчи зудтар барқарор ва минбаъд икишоф додани ин соҳаи муҳими кишоварзӣ ба ғайр аз мустаҳкам кардани базаи моддӣ- техникӣ, ичунин сари вақт аз ҳисоби деҳқонони ноҳияҳои кӯҳӣ, ки аз камбудани замин азият мекашиданд бо қувваи корӣ таъмин кардан лозим буд.

Дар солҳои минбада ба Тоҷикистон бадарға кардани халқҳои дигар ва муҳоҷирон аз мавзеъҳои берун аз ҷумҳурӣ низ мувофиқи мақсад набуд, ки дар ин хусус

муншии аввали ҳизби коммунистии Тоҷикистон Б. Ғафуров ба органҳои болоии салоҳиятдори Иттиҳоди Шуравӣ бо далелу бурҳонҳои боварибахш собит кард.

Дар он солҳо, дар қисми марказии мамалакат ва Тоҷикистон ашхосе пайдо шуда буданд, ки майлу хоҳиши аз манотиқи марказии Шуравӣ ба Тоҷикистон муҳоҷир кардани ин аҳолиро доштанд. Масалан, мунши дуюми КМ ҲК Тоҷикистон П.С. Обносов дар ёддоштҳояш менависад, ки "барои ободии водии Вахш аз Украина интиқоли теъдоди муайяни одамон пешниҳод шуда буд." Вале аз бобати таркиби иҷтимоии гурӯҳи мазкур на ҳама кас воқиф буд. Танҳо ба Б.Ғафуров ва амсоли ӯ фидоиёну сарсупурдагони миллати тоҷик маълум буд, ки чунин "ғамхорӣ"ба ҳамватанонаш чӣ оқибатҳое ба бор хоҳад овард.

Ба Б. Ғафуров гаштаю баргашта бо далелҳои боварибахш исбот намудан зарур буд, ки дар худи ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои меҳнатии ниҳоят арзону камхарҷ фаровон аст ва аз ин рӯ аз Украина кӯчонда овардани қувваи когарӣ ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз диди этникӣ зараровар хоҳад буд.

Дар солҳои пас аз ҷангӣ чун солҳои пешина мавзеи асосии муҳоҷирати деҳқонони ҷамҳурӣ водии Вахш ва водии Ҳисор ба ҳисоб мерафт, ки он баҳри пешрафти минбаъдаи соҳаҳои кишоварзӣ ва қабл аз ҳама пахта мусоидат мекард. Ва вобаста ба ин қисми асосии буҷети давлатӣ ба чорабиниҳои муҳоҷиргардонӣ ҷудо карда, ба харҷи ҳамаҷонибаи ин водиҳо сарф карда мешуд.Чунин амал аз он иборат буд, ки мувофиқи нақшаи ҳаллӣ масоили солҳои пас аз ҷангӣ навбати азхудкунии махсусан водии Вахш яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи рӯз ҳисоб мешуд. Аввали соли 1948 аз ноҳияҳои Данғараву Ёвон ва Норак ба колхозҳои пахтакори ноҳияи Куйбишев зиёда аз

700 хоҷагиҳои деҳқонон барои кору зиндагии доимӣ муҳоҷир гардонида шуданд[1].

Чунин ҷараён дар ҷумҳурӣ бо субот давом дошт. Масалан, танҳо дар зарфи соли 1948 аз 16 ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ қариб 5 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонон ба водиҳо муҳоҷир гардида, онҳо сари вақт бо заминҳои назди хона, ки зиёда аз 1,2 ҳазор гектарро ташкил мекард, таъмин гардиданд[2]. Масъалаи бо ибтикори муншии аввали Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Б.Ғафуров дар солҳои пас аз ҷангӣ ташкил кардани муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ, барои барқарор намудани хоҷагии халқ ва аз ҷумла хоҷагии кишоварзӣ ба ғайри азхуднамудани заминҳои бекорхобида мавқеи ҳалкунанда дошт. Дар ин ҷо хонанда саволе ба миён монданаш аз эҳтимол дур нест, ки гуяд, - муҳоҷирати дохилӣ ба воқеаи зилзилаи ноҳияи Ҳоит чӣ муносибате дорад? Зеро муҳоҷирате, ки мо баъзе мисолашро овардем дар таърихи Тоҷикистон муҳоҷирати ихтиёрӣ баҳри азхудкуни заминҳои асрҳои аср азхуднакарда ва бо мақсади инкишофи хоҷагии кишоварзӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии деҳқонони камзамину безамин ташкил карда шуда аст. Дар таърихи давраи шуравии ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин муҳоҷирати маҷбурӣ дида мешавад, ки характери объективӣ дорад, аз ҷумлаи заминларза, фаромадани кӯҳпора, тармафаромӣ, селбиёӣ ва ғайра ки берун аз иродаи инсон баамал меоянд.

Ба ин воқеа заминҷумбии ноҳияи кӯҳсори Ҳоит мисол шуда метавонад. Тобистони соли 1949 ба сари меҳнаткашони кӯҳистони тоҷик, ки асрҳои аср ҷафо мекашид, мусбати бисёр ҳам сангине бор шуд. Бар асари зилзилаи ниҳоят сахти якчандрӯза (моҳи июли соли 1949) ноҳияи Ҳоити водии Қаротегин ба харобазор табдил ёфт, дар натиҷа дар муддати чанд рӯзи ташвишовар ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам талафоти моддӣ ва ҳам талафоти ҷонӣ

дод. Дар ин рӯзҳои ниҳоят сангину ғамангез барои меҳнаткашони водии Қаротегин ва умуман Тоҷикистони нав аз шикасту рехти ҷанги хонумонсӯзи зиддӣ гитлерӣ баромада, ба ободии мулк шуруъ кардаистода, боз ба ин воқеаи ногаҳонии табиӣ дучор гардид.

Ба души меҳнаткашони ҷумҳурӣ ба зами масъалаҳои ниҳоят зиёди баъди ҷангии барқарор намудани хоҷагии халқи харобу фалаҷ гашта, боз як масъалаи ниҳоят фоҷиавори дигар,ки ҳалли он бисёр душвор ва ниҳоят фаврӣ ва ғайри чашмдошт ба назар мерасид, ҳамаро ба ташвиш ва ба бесару сомонӣ водор намуд. Барои аз ин душвории пешомадаи ногаҳонӣ баромадан роҳу воситаҳои реалиро ҷусту ҷуй мебоист кард. Ин вазифаи масъулиятнок ба души роҳбарияти ҷумҳурӣ ва қабл аз ҳама ба муншии аввали кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон шахси оқилу дурандеши ҳамон замон Б. Ғафуров меафтад. Барои ҳалли таъҷилии одамонро аз ин фалокати табиии ногаҳон руй дода, халос карда, барои онҳо ҷову макони муваққатӣ ҷудо карда, бо хуроку пӯшок таъмин кардан, пленуми ғайри навбатии таъҷилӣ даъват карда мешавад. Дар ин ҷамъомад бо ташабус ва роҳбарии бевоситаи Б. Ғафуров комиссияи давлатии рафъи оқибатҳои харобиовари зилзила, аз байни шахсони салоҳиятдор ташкил карда шуда, ба назди ҳар як аъзои ин комиссия вазифаҳои мушаххас, аз ҷумла сабабҳои ин воқиаи табиро муайян кардан ва бо таври таъҷилӣ барҳам додани оқибатҳои вазнини он гузошта шуд.

Ба ҳайати ин комиссия ба ғайр аз олимону мутахасисони соҳаи зилзиласанҷӣ, инчунин М. Шогадоев ҳамчун раиси Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худ зодаи ин ноҳияи ҷабрдида буда, чун ҳазорон ҳамдиёриёнаш аз хешу ақрабои наздикаш маҳрум гардид, дохил карда шуд. Бо супоришу нишондоди Б.

Ғафуров ӯ аз рӯзҳои аввали рух додани зилзила бо якҷоягии аъзоёни комиссияи таъсисёфта, пеш аз ҳама чораҳои аз офати табиӣ эмин нигоҳ доштани мардуми зинда монда ва маҷрӯҳу зарардидаи ноҳияи харобгаштаи Ҳоит ва ноҳияҳои ба он ҳамсоя бударо андешанд.

Бо супориши ва дастури Б. Ғафуров ба ин комиссияи ниҳоят масъулиятнок, инчунин мутахасисони соҳаи зилзиласанҷӣ бо сарварии директори стансияи зилзиласанҷии филиали Тоҷикистонии собиқ Академияи фанҳои Иттиҳоди Шуравӣ П.Г. Семёнов дохил карда шуданд. Вақто ки П.Г. Семёнов ба ҷои фоҷиа омада ҳамчун муттухасиси воқеаҳои замнҷумбӣ бо чашмони хеш он ҳодисаи ниҳоят даҳшатнок, ҳама ҷо вайрону валангоро дида, ҳуш аз сараш канд. Пас аз чанд рӯзи ором шудани ларзиши қишри замин П. Г. Семёнов, ба ташкилотҳои болии Ҷумҳурӣ ва филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди шуравӣ справка навишта дар он ба таври боварибахш сабабҳои фоҷиавии табиат ва оқибатҳои вазнини онро ба риштаи қалам кашид. Ин ҳуҷҷатро Б. Ғафуров бодиққат омӯхта, баъд бо мутахасиси зилзиласанҷ П. Г. Семёнов шахсан вохӯрда, боз аз сӯҳбат бо ӯ баъзе хулосаҳо бароварда, дар паи аз вайрониҳо халос кардани мардуми дар зери фалокат монда ва онҳоро ба ҷову макони нав таъмин кардан шуда, ташкилотҳои салоҳиятдор ва вазоратҳои марбутро вазифадор кард, ки бо ҳар роҳу восита ва фавран ин масъалаҳои дар он ҳолат аввалиндараҷаро бо тамоми шарту шароиташ иҷро бояд кард.

Директори стансияи зилзиласанҷии шаҳри Душанбе (дар он вақт Сталинабод) П. Г. Семёнов дар справкаи навиштааш чунин маълумотҳои аниқи рӯзу соат ва дақиқаи сарзадани ин воқеаи мудҳиши дар ноҳияи Ҳоит рӯй додаро овардааст. “ Стансияи сейсмологии “Сталинобод” рӯзи 8 июли соли 1949 соати 7 51 дақиқа ва

12 сония заминҷумбие, ки қувваташ 1V балл буд ба қайд гирифт ва пас аз он соати 8 ва 02 дақиқаю 48 сония дуюм бор такрор шуда, қуваташ 111 баллро ташкил медод. Маркази заминҷумбӣ 195 км дуртар аз Сталинобод ва 15-20 км дар шимолу ғарбии Ҳоит муайян карда шуд. Ин маълумотҳо фавран ба Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон ва ба институти Геофизикии АФ СССР хабар дода шуд[3] Дар шаҳри Станинобод якчанд маротиба заминҷумбӣ мушоҳида карда шуд[4].

Соати 9 ва 54 дақиқа бо вақти маҳаллӣ маротибаи сеюм заминҷумбие рух дод, ки он фавқулода ва ғайри оддӣ ба назар мерасид. Як зарбаи сахти вертикалие (амадӣ, шоқулӣ) ба амал омад, ки шахсони рост истода ба замин афтода ва нишастагиҳо чаппа мешуданд. Иморатҳо ба замин яксон шуданд.

Ҳамаи ин ғурришу гулдуроси тупу танки пуриқтидорро ба хотир меовард. Одамони бо пояшон рост истода, кӯшиш мекарданд, ки гурехта худро аз бало халос намоянд, аммо замин аз ҷояш беҷо мешуд, яъне мекафид ва ҳар чизе, ки вомехурд ба коми худ мекашид.

Бисёриҳо ин воқеаро аз болои матраси пружинӣ рафтан муқоиса мекарданд. Одамони афтида кӯшиш мекарданд, ки аз ҷояшон хезанд, аммо наметавонистанд, зеро замин ба ҳар тараф майл мекард, ҳар кас кӯшиш мекард, ки ба ягон чизе часпида гирад, ҳамаи чунин воқеа дар муддати як чанд дақиқа рух дода буд. Ҳамаро ҳисси тарсу ваҳм ва даҳшат фаро гирифт.

Болои ин чунин ҳодисаҳои нохуш, яке ғурришу гулдуроси воҳиманоки санг ба санг задани ғайри оддӣ ба гуш меарасад. Ин ғурриш аз ҷониби шарқии дараи Оби Дараи Ҳавз сар зада, бо худ як хамираи сиёҳи 100-150 метраро, ки бо суръати ниҳоят тез ба ҳар тараф паҳн шуда, дар роҳи худ ҳама чизро несту нобуд мекард овард. Ҳамаи ин воқеаи ниҳоят даҳшатовар як чанд дақиқа давом

кард. Шахсони аз ин бало халос хурда, бо он чизе, ки дар тан доштанд ба қисми ҷануб ба сӯи дарёи Сурхоб гурехтанд. Ҳамин тавр, маркази ноҳия Ҳоит бо хоки нарму мулоим пӯшида шуд, ки баландии он аз 20 то 70 м. ташкил мекард. Ҳоит ҳамчун нуқтаи ҷуғрофӣ барҳам хурд[5].

Дар водии дарёи Ясман бисёр деҳаҳо монанди Ҳоит, бо тармаи лойфишон олуда шуданд ва қисми дигарашон тамоман вайрону валангор гашта буданд. Одамони дар тарсу ҳарос монда дар як ҷой ғун шуда, мунтазири ёрӣ мешуданд, дар байни онҳо одамони маҷрӯҳшуда низ буданд.

Чунин вайроншавии сахт инчунин дар водии дарёи Оби Кабуту Ярхич низ дида мешуд. Маркази ноҳияи Қалъаи Лабиоб, аз заминларзаи сахти 10 июл (10 балл)пурра вайрону валангор гашт.

Таъсири ҳамин заминҷумбӣ ба шаҳри Сталинобод ҳам расид ва қуввати он ба 6,5 балл баробар буд. Аммо, ягон харобӣ ба шаҳр нарасидааст[6]. Маркази заминҷубии шиддатноке, ки 10 июл сар зад 2-3 км аз қисми шарқии Ҳоит қарор дошт[7].

Ҳаминро бояд зик кард, ки дар бораи миқдори зарари моддӣ ва ҳам маънавии фоҷиаи Ҳоит то имрӯз ба ҳеҷ фард то охир аниқу равшан нест, зеро дар он солҳои вуҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ чунин ҳодисаҳои ғамангези табииро рӯи кор намебароварданд. Танҳо аз рӯи ёддоштҳои баъзе шахсоне, ки ба ин ҳодиса бевосита ва ё бавосита огоҳанӣ доштанд баъзе маълумотҳои баҳсталабро гирифтан имкон дорад. Соли 1998 Муҳаммадҷон Мирзошоев “Фарзонамард” ном китобро ба муносибати ҷашни 100 – солагии зодрӯзи Мунаввар Шогадоев аз чоп баровард, ки дар он баъзе маълумотҳо оиди фоҷиаи Ҳоит ҷой дорад. Масалан, дар ин хусус аз ҷумла гуфта шудааст:”Соли 1949. 10 –ми июл, он рӯз ҳаво хеле гарм буд.Чангу ғубори

ҳайратовар ва асрорагез тамоми атрофро фаро гирифт. Соати 9-10-и рӯз дар қаторкӯҳҳои Қаротегин даҳшатноктарин зилзилае ба амал омад, ки қувваи он 9-10 баллро ташкил медод. Дар натиҷа қисми болоии кӯҳи Чуқурак канда шуда шаҳри Ҳоитро аз саҳифаи таърих нобуд сохт. Ба асари ин зилзилаи даҳшатовар ҳамчунин 150 маҳалаи аҳолинишин хароб гардид. Ва аз ҳама сангитарин дардҳо он буд, ки ҳазорон одамон қурбони ин фалокати даҳшадбори табиат гардиданд. Комиссияи давлатӣ ҳамон шабу рӯз шумораи қурбоншудагонро 18 ҳазор зикр кардааст... Аз рӯи нақли шоҳидон дарёи Оби кабуд ҷасади садҳо одамонро ба рӯди Вахш партофта, аз ду соҳили поёни дарё одамон онҳоро гирифта, гӯрондаанд. Ин то дуриҳои дур идома ёфтааст.”[8].

Дар ин хусус инчунин арбоби намоёни давлатӣ, собиқ раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назаршо Додхудоев чунин нақл кардааст:”Зилзилаи Ҳоит Мунаввар Шогадоевро сахт ба истироб овард. Одатан ӯ, худ одами хеле ҳассос ва дилсӯз буд. Аммо қавиирода. Рӯзҳои аввал худаш чанд бор ба самолёт савор шуда, ба он ҷо рафт. Чангу ғубор ҳанӯз паст нашуда , чизеро дида намешуд. Шогадоев дар самолёт дар болои Ҳоит чарх зада, ба поён хурока ва либосу палос партофт. Дар хотир дорам, ки рӯзи аввал ӯ аз Душанбе (Сталинобод) чанд бор ба Ҳоит парвоз карда, баргашт. Озуқа ва либосро дар ҳар куҷо аз боло мепартофтанд, то ки одамони боқимонда, андаке ҳам бошад тасаллӣ пайдо намоянд. Ҳамчунин доруворӣ, пахта, дока ва дигар чизҳои табобатӣ ба замин партофта мешуд. Охир Ҳоит дар водии Қаротегин як шаҳраки хеле ободу зебо буд[9].”

Дар бораи Ҳоити қабл аз фоҷиа академики академияи миллии Тоҷикистон шодравон Аҳрор Мухторов, ки се соли ҳаёти ҷавониаш (1935-1938) дар он ҷо гузашта аст дар хотираҳояш аз ҷумла гуфтааст:” Вақте, ки номи

Ҳоитро мешунавам ё ҳоитиёнро мебинам, пеши назарам оби лойолуди дарёи Сурхоб, оби нилгуни дарёи Оби Кабуд, дарёчаи шӯхи Оби Ясман ва дар соҳили ин се дарё манзараи нотакрори Ҳоит пеши чашм ҷилвагар мегардад. Боғҳои серсабзи он , дарахтони азимҷуссаи чормағзу нок, себу шафтолу ва ҳама навъи дигар дарахтони босамару бесамар, ки аз соҳили дарёи Оби Кабуд доман кашида, ба тарафи дара баланд шуда мерафтанд. Аз даруни ҳамин дара пораи кӯҳ канда шуда Ҳоитро абадан зери сангу хок гӯронида аст."[10].

Ба гуфтаи академик А. Мухторов пас аз зилзилаи Ҳоит мардуми Қаротегин хайру худоии зиёд карда, ба арвоҳи таги хокмондагон ва шукри зиндамондагон бахшиданд. Мардум ба тақдираш тан дода , аз паи зиндагии худ ва молу ҳол шуда, муҳоҷират карданд[11].

Ҷои шакку шубҳа набуд, ки дар шароити онвақта, ки Тоҷикистон дар паси барқарор кардани харобиҳои ҷанг қарор дошт, имконияти бо тезӣ барқарор кардани Ҳоити вайрону валангор гашта вуҷуд надошт. Барои азобу шиканҷа накашидани мардуми аз фалокати табиӣ зинда монда бо тавсияи Б. Ғафуров дар як муддати кӯтоҳ аз тамоми имкониятҳои дохилӣ истифода бурда, аҳолии боқимондаи ноҳияи харобгаштаи Ҳоит ба ноҳияҳои вилояти Сталинобод ва қабл аз ҳама ба ноҳияҳои водии Вахш кӯчонида шуданд. Дар ҷараёни кӯчонидани мардуми зарардида, дар он солҳо душвориҳои зиёде ба пеш меомаданд, ки қабл аз ҳама масъалаи сари вақт таъмин накардан ва нарасидани нақлиёт маҳсуб буд. Аз ин рӯ Б. Ғафуров роҳбарони хоҷагиҳои ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии ҷумҳуририро сафабар намуданд, ки нақлиётҳои боркаш фавран барои ба ҷои таиншуда бурда расонидани хоҷагиҳои аз заминларза ҷабр дида бе шикасту рехт бурда расонида шавад. Баробари ин КМ ҲК Тоҷикистон бо роҳбарии Б.Ғафуров сардорони ноҳияҳои вилояти

Сталинобод ва водии Вахшро вазифадор карда шуд, ки ҳоитиёнро бо тезӣ бо ҷову манзил, хурду хурок таъмин намоянд.

Муҳоҷирати мардуми Ҳоит аз рӯи зарурат сурат гирифта, ба муҳоҷитари пешакӣ ба нақша гирифтаи ҷумҳурӣ ҳамроҳ шуда, соли 1949 қариб ба 5,5 ҳазор хоҷагӣ расид, ки аз он зиёда аз 4,3 ҳазораш ба 14 ноҳияҳои вилояти Сталинобод тақсим шуданд.

Ҷараёни муҳоҷирати меҳнаткашони Ҳоити аз зилзилаи ниҳоят бошиддати чандинбора эмин монда, ба ноҳияҳои вилояти Сталинобод ва пеш аз ҳама ба ноҳияҳои водии Вахш, ки ғайри чашмдошт ба вуқуъ омада буд, барои Тоҷикистон дар солҳои серташвиши барқарории пас аз ҷангии хоҷагии халқ ва ба таври таъҷилӣ ва муташаккилона сомон додани он кори ниҳоят душвору заҳматталаб буд. Ба ҳамаи душвориҳо моддиву маънавӣ ва ҳатто равонӣ нигоҳ накарда, бо сарварии ташкилоту аъзои болоӣ ва маҳаллии ҳизбӣ, давлатӣ, хоҷагӣ, бо дастгирии ҳамаҷонибаи меҳнаткашонӣ ҷумҳурӣ, ва роҳбарии хирадмандонаи фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Б. Ғафуров дар муддати нисбатан кӯтоҳ тамоми воситаҳои нақлиёти онвақтаро истифода бурда, ҳоитиёни офатзада ба ноҳияҳои номбурда ҷо ба ҷо карда шуданд. Ҳамин тавр , соли 1949 муҳоҷирати аҳолии боқимондаи ноҳияи Ҳоит ба ҷараёни муҳоҷирати ба нақша гирифта ҳамоҳанг гардида, шумораи онро афзун сохт.

Аммо бояд зикр кард, ки дар ҷараёни гузаронидани ин чорабинӣ чун солҳои пешина аз ҷониби Раёсати муҳоҷигардонии назди Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ ва ноҳиявии маҳалҳои баромад ва макони нави фотеҳони заминҳои навкорам ба хатогиҳо, каҷравиҳо ва ҳатто баъзан ба амалиётҳои зуриву маъмурӣ роҳ дода шуданд, ки чунин

амал бештар ба хоитиҳои нав муҳоҷиршуда,зарари зиёд мерасонд. Инро ба эътибор гирифта, бо ибтикори Б. Ғафуров дар бюроҳо ва пленумҳои КМ ПК Тоҷикистон мунтазам масъалаи беҳтар намудани ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳоҷирон мавриди муҳокима қарор мегирифт.

Ҳамин тавр, бо мурури гузашти вақт ва кору кирдори самаранок ҳаёти маишиву мадании меҳнакашон сол аз сол беҳтар гардида, барои эҳёи Ватани бобогиашон - ноҳияи Ҳоит доимо дар кӯшишу талошанд ва дар муддати зиёда аз 74 соли пас аз зилзила он аз нав эҳё гардид. Махсусан дар зарфи 32 соли истиқлолияти Ҷумҳурӣ, ки бо ибтикори Асосгузори Сулҳу Ваҳдат, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаи рӯшти ҳамаҷонибаи деҳот ба миён гузошта шудааст, имрӯз мо мебинем, ки деҳоти тоҷик аз ҷумла собиқ Хоити дар зери кӯҳ монда, ба яке аз ноҳияҳои ободу зедо мубаддал гаштааст.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**


1.*Рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" С.1948, 10 апрел.*
2.*Бойгонии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд БТНҶТ),Ф.3, р.100, д. 92, в.227.*
3.*ЦНА АН Республики Таджикистан, ф. 1, оп. 1, д. 269, л. 28.*
4.*Рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх". 15 июли соли 1949.*
5.*ЦНА АН Республики Таджикистан, ф. 1, оп. 1, д. 269, л. 31.*
6.*Рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх". 15 июли соли 1949.*
7.*ЦНА АН Республики Таджикистан, ф. 1, оп. 1, д. 269, л. 36.*
8.*М. Мирзошоев. Фарзонамард.Ба муносибати ҷашни 100-солагии зодрӯзи Мунаввар Шогадоев. Душанбе, "Ирфон", 1998, С.. 169.*
9.*Дар ҳамон ҷо. С. 170.*
10.*А. Мухторов.Ҳоит ва ҳоитиён. Дар кит: Мунаввар Шогадоев-арбоби барҷастаи давлати тоҷикон. Душанбе, нашриёти "Шарқи озод", 1998,С.61.*
11.*Дар ҳамон ҷо. С. 71.*
12. *БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ф р-1566, р.1, д.124, в. 24.*

**Раќиб Абулҳаев**
(Тоҷикистон)

**Саҳми академик Бобоҷон Ғафуров дар бартараф намудани оқибатҳои зилзила дар ноҳияи офатзадаи Ҳоит**

Бартараф намудани оқибатҳои зилзилаи Ҳоит яке аз масъалаҳои муҳим буд.ки ин бартарафкунӣ таҳти роҳбарии сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров дар муддати кӯтоҳ анҷом дода шуд.

Бояд хотирнишон намуд,ки ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, бо сарварии ташкилоту аъзои болоӣ ва маҳаллии ҳизбӣ, давлатӣ, хоҷагӣ, бо дастгирии ҳамаҷонибаи меҳнаткашонӣ ҷумҳурӣ, ва роҳбарии хирадмандонаи Б. Ғафуров дар муддати нисбатан кӯтоҳ тамоми воситаҳои нақлиёти онвақтаро истифода бурда, ҳоитиёни офатзада ба ноҳияҳои номбурда ҷо ба ҷо карда шуданд.

Дар мақола бо такя ба маводу санадҳои муҳимми бойгонӣ саҳми Бобоҷон Ғафуров чун роҳбари хирадманд дар бартараф намудани оқибатҳои зилзилаи Ҳоит мавриди баррасӣ шудааст.

**Ракиб Абулхаев**
(Таджикистан)

**Вклад академика Бабаджана Гафурова в преодоление последствий землетрясения в пострадавшем от стихийного бедствия Хаите**

Одним из важнейших вопросов была ликвидация последствий Хаитского землетрясения, которая была осуществлена в короткие сроки под руководством главы Таджикистана Бабаджана Гафурова.

Следует отметить, что, несмотря на все трудности, при руководстве верхних и местных партийных, государственных и фермерских организаций, при полной поддержке трудящихся республики, под мудрым руководством Б.

Гафурова за сравнительно короткое время были использованы все виды транспорта того времени, и пострадавшие хаитяне были переселены в близлежащие районы.

В статье на основе важных партийных и архивных документов рассматривается вклад Бабаджана Гафурова в преодоление последствий Хаитского землетрясения.

**Rakib Abulkhaev**
(Tajikistan)

**The contribution of academician Bobojon Gafurov to overcoming the consequences of the earthquake in the disaster-stricken region of Khait**

One of the most important issues was the elimination of the consequences of the Khoyt earthquake, which was carried out in a short time under the leadership of the head of the Republic of Tajikistan Babajan Gafurov.

It should be noted that, despite all the difficulties, under the leadership of the upper and local party, state and farmer organizations, with the full support of the workers of the republic, under the wise leadership of B. Gafurov, in a relatively short time, used all types of transport of that time, and the affected Khaitians were resettled to the mentioned areas.

The article, based on important documents and archive documents, examines the contribution of Babajan Gafurov as a wise leader in overcoming the consequences of the Hait earthquake.

**Саидумар Раҷабов**
(Тоҷикистон)

**Ақидаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон»**

Дар таърихи ҳуқуқ, одатан ба омӯзиши пайдоиши ҳуқуқ, институтҳо ва ё меъёрҳои алоҳидаи он диққати зиёд

дода мешавад. Таҳлили ҳамаҷонибаи таърихи бахшҳои ҷудогонаи ҳуқуқ ва инчунин зернизомҳои махсуси он, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалӣ камтар таҳқиқ шудаанд. Дар айни замон, аҳамияти маърифатии омӯзиши ин масъалаҳо барои илмҳои марбутаи ҳуқуқ ва умуман ҳуқуқшиносӣ хеле бузург аст. Зеро он ба мо имконият медиҳад, ки шароит, сабабҳо, зарурати пайдоиши муносибатҳои махсуси иҷтимоӣ ва усулҳои махсуси танзими ҳуқуқии онҳоро, ки соҳаҳо ва зернизомҳои марбутаи ҳуқуқро ташкил медиҳанд, амиқтар бифаҳмем.

Дар асари Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» аз Аҳди қадим шуруъ карда мафҳуми субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Албатта дар он замон ин мафҳум ба мазмуни муосир ташаккул наёфта буд, зеро муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар сатҳи муносибати байнидавлатӣ қарор надоштанд. Субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ дар сатҳи авлод, қабилаю вилоят ва давлат ташаккул ёфта буданд, ки чунин ҳолат ба вазъи соҳибҳуқуқии байналмилалии онҳо таъсиргузор буд. Иттиҳодияи авлодҳо ба қабилаҳо, муттаҳидии қабилаҳо ба ташаккули вилоятҳо ва ташкилшавии давлатҳо замина мегузошт. Чунин раванд ба соҳибҳуқуқии байналмилалии иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ таъсиргузор буданд.

Воқеан дар ибтидои ташаккулёбии давлатҳо, қисми асосии сокинони онҳо дар ҳолати сохти авлодӣ умр ба сар мебурданд ва пешвоёни қабилаҳои калон ҳокимиятро ба дасти худ гирифта, оҳиста-оҳиста онҳо хешро шоҳ эълон мекарданд. Чӣ тавре, ки академик Б.Ғафуров қайд кардааст: «Дар сари қабилаҳои ориёӣ пешвоён ё худ «подшоҳон»-е меистоданд, ки аз байни ашрофи ҳарбӣ баромада буданд» [3, 54] ва асосан «аҳолии озоди комилҳуқуқ ба се гурӯҳ тақсим мешуд: коҳинҳо, ашрофи ҳарбӣ ва аҳли соҳибихтиёри ҷомеа, ки аз чорводорону барзгарон иборат буд» [3, 53].

То замони тасарруфи Суғд аз тарафи ишғолгарони араб ин давлат робитаи дипломатӣ бо вилоятҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла бо Чоч, Истаравшан, Фарғона ва берун аз онро дошт ва ба онҳо ҳайати сафорат мефиристод ва аз онҳо сафир қабул мекард. Яке аз ин равандҳо дар асари безаволи академик Б. Ғафуров “Тоҷикон” дар чунин мазмун қайд шудааст: “Дар сурати Афросиёб, бешубҳа, омадани яке аз чунин ҳайатҳои сафорат ва маросими дар Самарқанд қабул шудани онҳо инъикос ёфтааст. Аз навиштаҷоти суғди таги ин сурат порчаи зерин боқӣ мондааст: «Вақте шоҳ Вархуман (зодаи) Унаш назди вай (яъне сафир) омад ва (сафир) лаб кушод: «Манам дапирпати (сардори дабирон. – Б.Ғ.) Чағониён, номам Бӯкарзод. Аз шоҳи Чағониён Тӯротош омадам, ба Самарқанд назди шоҳ барои изҳори ҳурмат ва инак, пеши шоҳ истодаам бо эҳтиром. Ва ту (шоҳо) нанмо шубҳае аз ман, на аз худоёни Самарқанд ва на аз катибҳои Самарқанд (шояд ба маънои китобҳои динӣ бошад.- Б.Ғ.). Ман хуб воқифам ва нахоҳам расонд зиёне ба шоҳи (Самарқанд). Бодо, шоҳо, давлатат зиёда». Ва шоҳ Вархумон (зодаи) Унаш ӯро рухсат дод. Он (гоҳ) лаб кушод дапирпати Чоч»[3, 287].

Дар китоби “Тоҷикон” аз ду давраи забткории арабҳо дар Осиёи Марказӣ сухан меравад, аммо хусусиятҳои сифатии ҳар ду давраҳо якхелаанд.Давраи аввали ишғоли арабҳо то соли 705 идома ёфт, вақте ки онҳо ба Чағониён, Аҳорун, Хутгал ва Хуҷанд ҳамла карданд. Хусусиятҳои хоси давраи аввал инҳоянд: ноамнӣ ва номутобиқатии забтҳо, ҳолатҳои сершумори баста шудани созишномаҳои сулҳ байни тарафҳо, уҳдадориҳо оид ба пардохт намудани маблағҳои калон дар шакли андозҳо ва табиати кӯтоҳмуддати татбиқи онҳо. Пас аз рафтани қӯшунҳои араб, ҳукуматҳои маҳаллӣ аз иҷрои уҳдадориҳои худ даст кашиданд ва сиёсати мустақилро пеш гирифтанд. Дар ин марҳила, забт кардани минтақа ва забти комили он аз як

тараф муборизаи аҳолии маҳаллиро бар зидди истилогарон шадид мегардонд, аз тарафи дигар, ҷанги дохилӣ ва шаҳрвандӣ дар маркази худи халифа идома меёфт. Инчунин норасоии таҷриба дар санъати давлатдорӣ ва идоракунии минтақаҳои азимро қайд кардан мумкин аст [2, 90].

Давраи дуюм аз соли 705 оғоз ёфта, шиддатнокии забт кардани минтақаҳои нав, инчунин ворид шудани дини нав ба авҷи худ мерасад. Ин раванд, тавре ки дида мешавад, хусусияти бебозгаштро доро аст [1, 95-96].

Дар асрҳои VIII-IX дар Хуросон ва Мовароунаҳр табақаи махсуси ҷангиён ташаккул ёфт. Ба сафи ҷангиён унсурҳои гуногуни табақаҳои поёнии ҷамъият дохил мешуданд. Ҷангиён дар дастаҳои махсуси ихтиёрӣ муттаҳид гардида, аз байни худ сардор интихоб мекарданд. Онҳо ба хизмати ҳокимони феодалӣ даромада, дар ҷангҳо иштирок менамуданд, дар қалъаҳо истода сарҳадҳоро аз тохтутози бодиянишинон муҳофизат мекарданд [6, 31]. Ин одамоне, буданд, ки ҷангро касб карда буданд ва ба истилоҳи имрӯза онҳоро комбатант мегӯянд.

Далели он, ки дар давлати Сомониён вазифаҳои мақомоти муносибатҳои хориҷӣ комилан дарк карда шудаанд, дар китоби Низомулмулк "Сиёсатнома" равшан нишон дода шудааст[7, 208]. Вай қисман ба ниҳодҳои сиёсиву ҳуқуқии давлати Сомониён равшанӣ андохт, ки ҳадафи онҳо барқарор кардани тартиботи Сомониён дар даврони Салҷуқиён аст. Тибқи гуфтаҳои академик Б.Ғ. Ғафуров, Низомулмулк дар ташкили ҳукмронии кишвар ба амалияи давраи Сомониён такя карда, кӯшиш мекард, ки анъанаҳои фарҳангии худро барқарор кунад[3, 448].

Дар замони салтанати Ғазнавиёну Қарохониён дипломатия нақши муҳимро иҷро мекард. Ҳатто бо роҳи дипломатӣ оташи ҷанги байни ин ду мамлакат хомӯш шинонида шудааст. Масъуди Ғазнавӣ ба музокироти оштӣ

бо Қарохониҳо шуруъ намуд. Бо туфайли ин гуфтугузор дар байни онҳо алоқаи дӯстӣ ва хешӣ барқарор гардида, бо ин роҳ хавфи ҳуҷуме, ки аз тарафи Хоразм ва Қарохониён ба давлати ғазнавӣ таҳдид мекард, бо роҳи дипломатӣ бартараф карда шуд[3,466].

Дар фарҳанги халқҳои гуногун қоидаҳои ҷанг, меъёрҳои раҳмдилона муносибат кардан ба мағлубшудагон ва расонидани кӯмак ба осебдидагон мавҷуд буданд. Тахмин карда мешуд, ки дар вақти ҷанг ҳатто нисбат ба душман меъёрҳои муайяни рафтор бояд риоя карда шаванд.

Дар тӯли таърих барои кам кардани фалокатҳое, ки дар натиҷаи ҷанг ва задухӯрдҳои мусаллаҳона ба амал омадаанд, кӯшиш карда мешуд. Ҳатто дар замонҳои қадим баъзе сардорони ҳарбӣ бо риояи урфу одат ба зердастонашон иҷозат намедоданд, ки асиронро ба қатл расонанд, чоҳҳоро заҳролуд намоянд. Ин расму оинҳо бо мурури замон дар меъёрҳои ҳуқуқи башарии одатӣ шакл гирифтанд, ки тарафҳои даргирро роҳнамоӣ мекарданд.

Бояд гуфт, ки афкори башардӯстонаи халқи тоҷик ҳазорсолаҳо пеш рафта, табиист, ки он ҳама беҳтарин, пешқадамтаринро, ки дар тамоми марҳалаҳои инкишофи ҳуқуқи инсонпарварӣ аз ҷониби ниёгони тоҷикон офарида шудаанд, фаро гирифтааст. Майдони ҷанг ва сулҳ низ истисно набуд, ки дар он мутафаккирони тоҷик низ осори намоён гузоштаанд. Сарчашмаҳои хаттии таърихи асримиёнагии халқи тоҷик хеле муҳим ва назаррасанд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи башардӯстӣ он бобҳои китоби “Тоҷикон” таваҷҷӯҳи бештар доранд, ки ба навъҳои ҷанг, тактикаи ҷанг, риояи принсипи инсондӯстӣ ҳангоми ҷанг, ҳифзи қурбониёни ҷанг - ярадорон, беморон, асирони ҷангӣ ва ҳимояи ашхоси мулкӣ, хиёнаткорӣ ва макри ҳарбӣ дар давраи ҷанг, дар бораи шафқат, дар бораи зархаридон, дар бораи интизом дар қушунҳо, дар бораи масъулияти фармондеҳон, дар бораи

ҷазо барои вайрон кардани қоидаҳои ҷанг ва ғайра бахшида шудаанд.

Ҳоло ба баррасии муқаррароти ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона дар китоби «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров мегузарем ва ба ҳар яки онҳо мухтасар таваҷҷуҳ мекунем.

**Дар бораи воситаҳо ва методҳои пешбурди ҷанг.** Дар он айёми пур аз ҷангу ҷидолҳои нотамоми беохир дар минтақаи Осиёи Марказӣ яроқу аслиҳасозӣ мақоми муҳим дошт ва истеҳсоли он хеле равнақу ривоҷ ёфта буд. Аз маъхазҳои хаттӣ воқиф мешавем, ки дар асрҳои V–VII аҳли Тахористон бо камон, найза, ҷӯпин, гурз ва шамшер мусаллаҳ будаанд. Тани сарбозонро «зиреҳи балхӣ» ном зиреҳи баландсифати бофта муҳофизат мекардааст[3, 264-265].

Аслиҳаи ҳамлавари суғдиён аз аслиҳаи дурзану наздикзан иборат буд. Онҳо камонҳои одию мураккаб, шофу шамшер, ханҷар, гурз, табарзин доштанд. Воситаи муҳофизати бадан сипар, зиреҳ, ҷавшан ва худ ҳисоб мешуд. Ёфт шудани худи яроқу аслиҳа (масалан, сипару тир аз кӯҳи Муғ, пайкону пулакчаи камон аз Панҷакент ва ғ. далолат медиҳанд, ки яроқсозӣ соҳаи асосии ҳунармандӣ буд. Ин миқдори азими яроқу аслиҳаро фақат шумораи азими устоҳои яроқсоз тайёр карда метавонистанд [3, 290].

Аз ҷумлаи асбоби ҷангӣ ғайр аз сипаре, ки дар боло зикр кардем эҳтимол, ин сипари ҷангӣ не, балки сипари маросимӣ ҳам бошад, боз ғилофи чӯбини ханҷар, пайконҳои оҳанӣ, тирҳои найӣ, чӯбӣ ва чӯбунайиро номбар кардан даркор аст[3, 298].

Бояд қайд намуд, ки дар асрҳои VII-VIII унсури туркӣ дар таркиби ҷамъияти Осиёи Миёна хеле такмил ёфта, аз ҳисоби аслиҳаву тарзу усулҳои илмӣ-ҳарбии туркҳо бой мешавад [3, 254].

Дар бораи зархаридон. Нерӯҳои муттаҳидшудаи зархарид аз ҷумлаи бегонагон ҳеҷ гоҳ ба сарбозони боэътимод мансуб нестанд. Одамоне, ки аз мамолики дигар ба ҳайси зархарид даъват карда мешаванд, дар муҳофизати кишвар манфиатдор нестанд ва, пеш аз ҳама, ғами худашонро мехӯранд. Чунин ҷанговаронро метавон ба осонӣ бо ришва харид. Б.Ғафуров таъкид намудаанд, ки нафарони зиёди қӯшуни султон Маҳмуди Ғазнавиро ғуломони зархарид ва таълими ҷангигирифта ташкил медоданд. Дастаҳои сарбозони ғулом аз туркҳо ва ҷанговарони дигар халқҳо фароҳам меомад [3, 443]. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстии муосир қоидаеро пешбинӣ мекунад, ки «зархарид ба гифтани вазъи ҷанговар ё асири ҳарбӣ ҳуқуқ надорад» [8, м.47].

Принсипи фарқият байни ҷанговарон ва ашхоси мулкӣ. Ҳатто дар асрҳои миёна, комбатант (ҷанговар) бояд қоидаҳои умумии ҳуқуқи инсондӯстиро риоя мекард - худро аз аҳолии мулкӣ фарқ мекард, вақте ки ӯ дар амалиёти ҷангӣ иштирок мекард. Дар ин бобат Б.Ғафуров дар китоби худ «Тоҷикон» ҳамин ходисаро аз забони Абу Ҳанифа Диноварӣ чунин овардааст: «Вақте ки замина ҳозир шуд, 9 июли соли 747 Абӯмуслим байрақи сиёҳро, ки аз они Аббосиён буд, барафрошта, халқро ба муборизаи ошкоро даъват намуд… Мардуми Ҳирот, Фушанҷ, Марворруд, Толиқон, Марв, Нисо, Абевард, Тӯс, Нишопур, Сарахс, Балх, Чағониён, Тахористон, Хатлон, Кеш ва Насаф бо аҷала ба назди Абӯмуслим ҳаракат мекарданд. Ҳамаи онҳо ба аломати ҳамрайъӣ либоси худро ранги сиёҳ заданд, инчунин нимаи гурзҳои чӯбиашонро сиёҳ карданд...»[10, 359-360].

Б.Ғафуров мисоли дигар меоварад, ки соли 755 Сумбоди Муғ (яке аз пайравони наздики Абӯмуслим) бо шиори «барои хуни Абӯмуслим бояд қасос гирем» сар бардошта, ба атрофи худ аз ҳар табақа тарафдорони

бисёре ҷамъ карда тавонист, ки онҳоро «одамони сурхалам», ё ки «сурхбайрақ» мегуфтанд, чунки онон таҳти байрақи сурх гирд омада буданд [3, 368-369].

Дар мисоли сеюм низ Б.Ғафуров риоя шудани ин принсипро дар шӯриши Муқаннаъ собит месозад. Соли 776 Муқаннаъ, аслан аз Марв, бар зидди зулму асорати аҷнабиёни араб шӯриш бардошт. Пайравони Муқаннаъро дар Мовароуннаҳр «сафедҷомагон» меномиданд, чунки онҳо ҷомаи сафед ба бар карда буданд [3, 371].

Мувофиқи ин қоидаи ҳуқуқи ҷанг, қӯшунҳо аломати муайян ва ба осонӣ фарққунанда доштанд. Ин қоидаҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи инсондӯстии муосир муқоиса карда мешаванд, ки дар он гуфта шудааст: «Барои он ки ба пурзӯр кардани ҳимояи аҳолии мулкӣ аз мусибатҳои ҷанг ёрӣ расонанд, ҷанговарон, вақте ки дар ҳамла кардан ё дар амалиёти ҳарбӣ, ки тайёрӣ ба ҳуҷум мебошад, иштирок мекунанд, уҳдадоранд худро аз аҳолии мулкӣ фарқ кунонанд» [8, м.44].

Вақте, ки Қутайба ибни Муслим вориди Бухоро шуд, ӯ эълон кард, ки ҳар кас, агар сари душманеро биёрад, сад дирҳам ба тариқи ҷоиза хоҳад гирифт. Дар қароргоҳи арабҳо аз сари ҷанговарони Мовароуннаҳр манораи бузурге ба вуҷуд омад [3, 349].

Дар Суғд бошад, ҷанговарони араб ногаҳон шабохун зада, дастаи иттифоқчиёни суғдиро торумор карданд. Онҳо ашрофзода будани сарбозони ин дастаро фаҳмида, сари кушташудагонро аз тан ҷудо карданд ва номашонро ба гӯшашон навишта, сарҳоро ба камарбанди худ овехта, ба қароргоҳашон баргаштанд. Яке аз ҷанговарони араб, иштирокчии ин воқеа чунин нақл мекунад: «Аз мо касе набуд, ки дар камарбанди худ сари душмани номдорро надошта бошад... ва мо силоҳи олӣ, матоъҳои гаронбаҳо, камарбандҳои заррин, аспҳои бодпоро ғанимат гирифтем ва Қутайба ҳамаи инҳоро ба худи мо инъом кард. Бо

ҳамин суғдиҳо ба шикаст рӯ овarданд. Қутайба ба тарафи онҳо манҷаниқ рост карда, ба тирпарронӣ шуруъ намуд, вай ҳамеша бо онҳо задухӯрд мекард. Сарбозони бухорой ва хоразмии тарафдори ӯ, ки (ба муқобили суғдиҳо – Б.Ғ.) беамон меҷангиданд, барояшон намунаи ибрат буданд» [3, 351].

Айнан ҳамин чиз дар меъёрҳои боби II Протоколи иловагии I ба Муоҳидаҳои Женева аз 12 августи соли 1949 омадааст, ки он аз наздик будани равишҳои ҳуқуқи исломӣ ва ҳуқуқи позитивии муосир роҷеъ ба манъи куштори ғайринизомиён ва даъвати онҳо барои ҳифзи ҳаёти шахсони ба чунин гуруҳи аҳолӣ шомилшуда шаҳодат медиҳад [8, мм.50-51].

Мувофиқи «Қонунномаи Сосониён» харидории асир ҳамчун як намуди шартномаи хариду фурӯш эътироф карда мешуд [9, 63].

Султон Маҳмуд дар лашкаркашии соли 1019 илова бар ҷавоҳирот ва дигар сарвати фаровон 350 фил ва 57 ҳазор ғулом ба Ғазнин овард. Чунон ки сарчашмаҳои таърихӣ қайд мекунанд, миқдори асирони овардаи Маҳмуд то дараҷае зиёд буд, ки биноҳои мавҷудаи шаҳр кифоя накард ва барои ҷойгир кардани онҳо ба сохтмони биноҳои махсус шуруъ намуданд [3, 441].

Маҳмуди Ғазнавӣ дар лашкаркашӣ ва ҷангҳои ғоратгарона мақсади асосии худро бо шиори ғазовот – ҷанги муқаддаси ислом мепӯшонид, ки ба туфайли ин аз тарафи халифа ҳимоят медид ва хеле мусулмонони мутаассиби «ғазоталаб»-ро ба қӯшуни худ гирд меовард [3, 442].

Дар бораи ҳифзи мероси фарҳангӣ дар замони ҷанг дар Асрҳои миёна. Дар рафти ҷанг ҳайтолиён дар баъзе манотиқи Тахористон маъбади буддоиёнро хароб ва талаву тороҷ мекарданд. Вақте ки арабҳои истилогар бутҳои бутхонаи калони Самарқандро сӯзонданд, аз

хокистари онҳо 50 ҳазор мисқол тилло баромад. Яке аз бутҳои симини Самарқанд баъди об кардан 24 ҳазор мисқол нуқра шуд. Наршахӣ аз Пайканд сухан ронда менависад, ки арабҳо дар буткадаи он буте ёфтаанд, ки аз нуқра буда, 4 ҳазор дирам вазн доштааст, вале мувофиқи ривояти дигар, ин бут тиллоӣ буду, 50 ҳазор мисқол вазн дошт [3,321].

Ҳарчанд арабҳои истилогар забон ва арзишҳои худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳмил мекарданд, дар шаҳрҳои асосии Осиёи Марказӣ мардумони таҳҷоӣ бо шумораи бештари китобҳо ва китобхонаҳои хеш меболиданд. Вақте, ки урдуҳои араб Панҷакентро муҳосира мекарданд, ҳокими он Деваштич ва дарбораш дар қалъае дар болои кӯҳи Муғ (дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ) паноҳ ёфта, бо худ бастаи ҳуҷҷатҳои расмиро гирифта буд, яъне ҳамон дастаи ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи ҳафриёт с.1933 ёфт шуданд. Дар рафти ҳафриёт маълум шуд, ки шумораи онҳо беш аз 80 буда, аз ҷумла 74-тои онҳо суғдӣ будааст [3, 298].

Б. Ғафуров бо такя ба муаррихи араб Ибн ал-Асир (1160-1244), ки шоҳиди манзараи мудҳиши истилои муғулҳо ва ваҳшонияти онҳо будааст, рафтори ғайриинсонии ғосибони чингизиро чунин тасвир мекунад: “Онҳо (урдуҳои Чингиз. – Б.Ғ.) ба касе раҳм намекарданд, баръакс, занон, мардон ва кӯдаконро мекуштанд, шиками занони ҳомиларо пора карда, кӯдакони ҳанӯз таваллуд нашударо сар мезаданд. Шарораҳои ин бало ба ҳар тараф парида, офати он насиби умум гардид ва ҳамчун абри сиёҳе, ки вайро боди сахт меронад, аз вилояте ба вилояте сайр намуд. Халқе аз канори мамлакати Чин баромада, ба вилояти Туркистон, ба Қошғар ва Баласоғун ҳамла овард ва аз он ҷо ба навоҳии Мовароуннаҳр, ба Самарқанд, Бухоро ва ҷойҳои дигар тохт, ишғол кард, хароб намуд, ба қатл расонид ва ба яғмо бурд» [3, 509]. Ба қавли К.Маркс, истилогарони муғул «одамонро ба ҳайвон,

замини зироат ва деҳоти пурнуфусро ба чарогоҳ табдил медоданд» [11, р.78].

Гуфтаҳои боло тасдиққунандаи онанд, ки муғулон қонун ва одатҳои ҷанг, хусусан ба қатл нарасонидани одамони мулкӣ, занону кудаконро, ки дар он вақт дар кишварҳои мусулмонӣ, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ ривоҷ буданд, риоя намекарданд.

Яке аз ҳодисаҳои нангини ҳукмфармоии истилогарони муғул афзоиши ҷанбаи ғуломдорист. Муғулҳо на фақат пешаваронро, балки тамоми аҳолии маҳалҳои ғасбкардаи худро ба ғулом табдил медоданд ва онҳоро дар хоҷагӣ, аз ҷумла, дар зироат ба таври васеъ кор мефармуданд. Дар бозори ғулом одамони ҳар қавму миллатро мефурӯхтанд.

Аксари меъёрҳои муосири ҳуқуқи байналмилалӣ, ки қоидаҳои муносибатҳои байнидавлатиро муайян мекунанд, решаҳои амиқи таърихӣ доранд. Муносибатҳои байналмилалии давлатҳои Осиёи Марказӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ онҳоро ба танзим медароварданд, дар муҳимтарин асарҳои олимони асримиёнагии халқи тоҷик таҷаллии хешро ёфтаанд.

Б.Ғафуров дар асари худ «Тоҷикон» дар бораи бузургтарин муаррихони муносибатҳои байналмилалӣ дар Асрҳои миёна, донандагони ҳуқуқи робитаҳои беруна ва ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ (995–1077) ва Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ (1020-1092) маълумоти муфассал додааст. Абулфазл Байҳақӣ муддати нуздаҳ сол дар девони расоили Ғазнавиён вазифаи мунширо адо намуда, тақрибан тамоми воқеаҳои муҳими он давраро бо чашми худ дида, пас иборат аз 30 ҷилд китобе ба забони тоҷикӣ таълиф намуд. Вале аз ин китоби муҳими таърихӣ фақат якчанд ҷилди ноқис ва парокандае боқӣ мондааст, ки дар шарҳи аҳволот, салтанат ва воқеаҳои давраи султон Масъуд буда, бо номи «Таърихи Масъудӣ» ё худ

«Таърихи Байҳақӣ» машҳур аст. Ин ҷилдҳо танҳо камтарин қисмате аз он асари бузурги таърихии ин муаллиф ҳисоб мешаванд [3, 490].

Дуввумин арбоби давлатии аҳди салҷуқӣ Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ буд, ки дар Хуросон таваллуд ёфта, тақрибан 30 сол (1063–1092) дар замони ҳукмронии Алпарслон ва Маликшоҳ хидмати вазириро адо кардааст. Ӯ дар дарбори ин подшоҳон, алалхусус Маликшоҳ, обрӯй ва нуфузи бениҳоят пайдо намуда, лақаби «Низомулмулк»-ро гирифтааст [3, 448].

Ҳарду олим дар асарҳои хеш дар бораи қоидаҳои ҷанг, мафҳумҳои инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ, азобу уқубат надодани ашхоси мулкӣ ташвиқу тарғиб кардаанд.

Дар хотир бояд дошт, ки бисёре аз қоидаҳои ҷанг, ки дар ин таҳқиқот зикр шудаанд, ифодакунандаи ҳуқуқи одатӣ мебошанд ва ё ба як қисми он мубаддал гаштаанд, бисёре аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ айни замон кодификатсия шудаанд [4, 3-51]. Изҳороти урфу одатҳои марбутаро бояд дар асарҳои мутафаккирон, ба монанди Байҳақӣ, Низомулмулк, Бобоҷон Ғафуров ва монанди инҳо ҷустуҷӯ кард, зеро онҳо на танҳо техникаи ҷангро, балки ба андозаи бештар - мафҳумҳои инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ дар ҷомеаро дар назар доштанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таълимоти (доктринаи) ҳуқуқҳои гуманитарӣ, ки дар навиштаҳои ин гуна мутафаккирон ҷой доранд, бояд яке аз вазифаҳои асосии муҳаққиқони ин масъала бошанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои қадимаи ҳуқуқи байналмилалии халқи тоҷик ва мутобиқ кардани меъёрҳои онҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳувияти миллии халқи тоҷик бевосита таъсир мерасонад ва метавонад омили муҳим дар таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, тавоноӣ ва истиқлолияти кишварамон гардад.

**Адабиёт:**

*1.Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т.1, ч.1-4 (от древнейших времен до начала XX века) / Душанбе: КВД "Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе", 2016. – С.95-96.*

*2.Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию. - Душанбе: Дониш, 1989. – 144 с.*

*3.Ғафуров Б. Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. - 976 с.*

*4.Жан-Мари Хенкертс. Исследование об обычном международном гуманитарном праве: лучше понимать и полнее соблюдать нормы права во время вооруженного конфликта // Международный журнал Красного Креста. Том 87, № 857, 2005. – С.3-51*

*5.Муоҳидаҳои Женева аз 12 августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо. – Душанбе: КБСС, 2002. – 320 с.*

*6.Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. - 304 с.*

*7.Низам ал-Мульк. Сиясат-наме. – Душанбе: «Шарқи озод», 1998. – 295 с.*

*8.Протоколи иловагии I ба Муоҳидаҳои Женева аз 12 августи соли 1949, моддаи 47 банди 1, моддаи 44 банди 3, м. 50 ва м.51*

*9.Хамроев Ш.С. Гражданско-правовые договоры купли-продажи и займа в зороастрийском праве // Маҷаллаи академии ҳуқуқ, 4 (28), 2018. - С.63*

*10.Abu Hanifa ad-Dinaweri. Kitab al-ahbar at-tual. Publie par Guirgass, Leiden, 1888, p. 359-360.*

*11.Marx K. Secret diplomatic history of the eighteenth century. London, 1899, p.78*

**Саидумар Раҷабов**
(Тоҷикистон)

## Ақидаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон»

Дар мақола ақидаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» ва дар осори мутафаккирони минтақаи Осиёи Марказӣ дар

Асрҳои миёна мавриди таҳлил қарор гирифта, намудҳои ҷанг, тактикаи ҷангӣ, дар бораи ҳимояи қурбониёни ҷанг, дар бораи раҳму шафқат нисбати онҳо, дар бораи риояи принсипи инсоният дар замони ҷанг, дар бораи зархаридон ва ғайра баррасӣ шудааст.

**Саидумар Раджабов**
(Таджикистан)

**Международно-правовые взгляды академика Бабаджана Гафурова в книге «Таджики»**

В статье анализируются международно-правовые взгляды академика Бабаджана Гафурова в книге «Таджики» и в трудах других среднеазиатских мыслителей в средние века, обсуждаются виды войны, тактика войны, защита жертв войны, сострадание к ним, принцип гуманности во время войны, о наёмниках и т.п.

**Saidumar Rajabov**
(Tajikistan)

**International legal outlooks of Babajan Gafurov in his book «The Tajiks»**

The article analyzes international legal outlooks of Babajan Gafurov in his book «The Tajiks» and in the works of of other Central Asian thinkers in the Middle Ages, discusses types of war, tactics of war, protection of war victims, compassion for them, the principle of humanity during the war, on mercenaries etc.

**Ҳасани Султон**
*(Тоҷикистон)*

**Бобоҷон Ғафуров ва масъалаи ташаккули забони адабии тоҷикӣ**

Ин матлаб, ки академик Бобоҷон Ғафуров (1908-1977) ба сифати чеҳраи дурахшону мондагори миллат ба забону

адабиёт ва таъриху фарҳанги мо муҳаббати фаровон дошт, ҳеҷ ҷойи гумону шубҳа надорад. Бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат, аз ҷумла устоди аллома Садриддини Айнӣ, ки аз тобноктарин ситораҳои осмони илму адаби тоҷик дар садаи бист маҳсуб мешавад ва ба мақоми олии илмии кишвар – президенти Академияи илмҳо пешбарӣ ва интихоб шудани ӯ дар даврони давлатдории шуравӣ далели равшани таваҷҷуҳи хоси Бобоҷон Ғафуров ба забони дерини ширину шевои модарӣ, адабиёти ғанию рангини ҷаҳоншумул ва таърихи куҳани пурифтихори миллат аст. Гузашта аз ин, академик Бобоҷон Ғафуров бо таълифи шаҳкитоби «Тоҷикон» (1972) метавон гуфт, дар ҳамон рӯзгори миллатситез на танҳо шоҳраги худшиносӣ ва ҳувияти миллии мардуми моро ба таҳрик овард, балки ба бунёди мактаби илмии тоҷикшиносӣ ва муҳимтар аз ҳама, барои эътирофи тоҷикон дар доираҳои муътабари илмии ҷаҳон, ба сифати яке аз қадимтарин мардумони соҳибфарҳангу тамаддунофари олам роҳ ҳамвор кард. Аз ҳамин ҷост, ки Пешвои муаззами миллат китоби “Тоҷикон”-ро “шиносномаи миллат” ном буда, дар робита ба арзишу аҳаммияти ин шоҳасар чунин изҳори назар кардаанд: “Ин шоҳасари безавол, ки самараи меҳнати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин асар барҳақ, китоби рӯйимизии ҳар як фарди соҳибмаърифати тоҷик мебошад, ки барои худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо чун обу ҳаво зарур аст” [10, с. 333]. Дар ин суханони Пешвои миллат як таносуби малеҳ ва қиёси ҳикматомез миёни “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ, ки ба фармудаи худи ӯ:

*Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ…* [13, с. 311]

ва “Тоҷикон”-и безаволи Бобоҷон Ғафуров, ки ҳамчунин дар тули сӣ сол таълиф гардид, ба мушоҳида мерасад. “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ таърихи ҳамосии Аҷам ва “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров таърихи воқеии ин куҳандиёр ва куҳанмардум аст. Бо камоли итминон метавон гуфт, ки ин ду шоҳасар танҳо асарҳои дирӯзу имрӯз набуда, барои ҳамаи давру замонҳо таълиф шудаанд ва асрҳои аср дар дилу дидаи мардуми соҳибназар боқӣ хоҳанд монд.

Дар баробари таҳқиқи мӯшикофонаи масъалаи ташаккули халқи тоҷик, тарҳи масъалаи ташаккули забони адабии тоҷикӣ ҳам дар китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ҷойгоҳи муҳим дорад.

Бояд тазаккур дод, ки Бобоҷон Ғафуров дар боби дувуми фасли чоруми китоби якум оид ба масъалаи пайдоиш ва рушди забони адабии тоҷикӣ [4, с.501-511] бо далелҳои қотеъ изҳори назар кардааст.

Ба назари ӯ, рӯзгори Сомониён, яъне асри X ва асрҳои минбаъда давраҳои муҳимми нашъунамои адабиёти классикии тоҷику форс ба ҳисоб меравaнд ва осори адабиёти бадей ва таърихию илмие, ки дар ин рӯзгор ба миён омад, дар ҳаёти фарҳангии на танҳо мардуми Фарорӯд (Мовароуннаҳр), Хуросон, ғарби Эрон, шимоли Ҳиндустон, балки аксари кишварҳои Шарқи Наздику Миёна нақши муҳим бозидаанд. Ҳақ ба ҷониби ӯст, ки “тавассути тарҷумаи русӣ ва забонҳои Аврупои ғарбӣ имрӯз ёдгориҳои адабиёти классикии тоҷику форс сарвати мадании бисёр халқҳои ҷаҳон гардидаанд ва ба ганҷинаи умумии дурдонаҳои қиматбаҳое, ки инсоният андӯхтааст, дохил шудаанд” [4, с.501-502].

Бобоҷон Ғафуров масъалаи пайдоишу интишори забони модарии моро дар китоби “Тоҷикон” аз масъалаҳои хеле муҳим арзёбӣ карда, зарур мешуморад, ки барои ҳалли ин масъала ба таърихи забонҳои эронӣ ва

осори хаттии мардуми эронинажод муроҷиат карда шавад.

Ин ба он маънист, ки академик Бобоҷон Ғафуров марҳилаи нави ташаккули забони модарии моро дар ин марзу бум идомаи мантиқии давраҳои миёнаву бостон баррасӣ карда, мардуми моро меросбари ростини таъриху фарҳанги ниёгони шарафмандамон дар тамоми қаламрави густариши ин забону фарҳанг медонад.

Шоистаи таъкид аст, ки қадимтарин ва барҷастатарин намунаҳои бозмондаи назму наср ба забони модарии мо суханони мардуми Фарорӯду Хуросонанд ва он ҳама аз асолат ва бумӣ будани забони тоҷикӣ дар ин сарзаминҳо то истилои араб шаҳодат медиҳанд. Масалан, суруди мардуми Бухоро дар бораи ишқи Саид ибни Усмон бо маликаи Бухоро:

*Кӯри хамир омад,*
*Хотун дурӯғ кунда*
[5, с. 298-293; 11, с. 65-67; 14, .с.140-142],

ё суруди мардуми Балх ба муносибати шикасти волии Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ аз мардуми Хатлон ва бозпас ба Балх фирор кардани ӯ, ки Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар се маврид бо се гуна дар таърихномаи худ аз он ёдовар шудааст, гунаи аввал:

*Аз Хуталон омазӣ,*
*Ба рӯ табоҳ омазӣ* [1, с.43]

гунаи дувум:

*Аз Хуталон омазӣ,*
*Ба рӯ табоҳ омазӣ.*
*Бедил фароз омазиҳ* [1, с.44]

гунаи севум:

*Аз Хуталон омадиҳ,*
*Ба рӯ табоҳ омадиҳ.*
*Обор боз омадиҳ,*
*Хашак низор омадиҳ* [1, с.119]

андешаи болоиро таъйид мекунанд.

Тавзеҳан, Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” аз ин сурудаи мардуми Балх дар ду маврид, нахуст аз амалиёти ҳарбии арабҳо ба муқобили Хатлон дар соли 725 дар зерфасли “Муборизаи Хатлонзамин бар зидди истилогарон” [4, с.427] бо зикри худи суруда ва сониян дар зерфасли мавриди назари “Оид ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи забони адабиёти классикии тоҷик” бо истинод ба таърихномаи Табарӣ, танҳо бо ном бурдани он, ёд кардааст [4, с.504].

Академик Ғафуров ҳамчунин бо истинод ба В.В. Бартолд сурудаи ба харобаҳои Самарқанд бахшидаро, ки Ибни Хурдодбеҳ онро дар китоби ҷуғрофии худ зикр кардааст, намунаи муҳим ва қадими забони модарии мо медонад [4, с.504]. Асли ин суруда чунин аст:

*Самарқанди кандманд,*
*Ба-зинат кӣ афканд.*
*Аз Шош та баҳӣ,*
*Ҳамеша та хаҳӣ* [6, с.220].

(яъне, Эй Самарқанд. Кӣ туро ба чунин рӯз афканд? Ту аз Шош (муарраби Чоч, Тошканди имрӯза) беҳтарӣ. Ҳамеша ту хубӣ).

Ба андешаи Бобоҷон Ғафуров дар сарзаминҳои аҷдодии мо истилои араб (асрҳои XII-XIII ва давраҳои баъдӣ) ҳамроҳ бо нобуд кардани осори хаттии қадим ва алифбои мардуми эронинажод – алифбои паҳлавӣ дар Эрон, суғдию хоразмӣ дар Фарорӯд, бохтарӣ дар Бохтар (Тахористон) ҷараён ёфт, ки ҳақиқат доштани он дар китобҳои таъриху ахбори гузашта бо далелҳои мустанад сабт шудааст. Масалан, Абурайҳони Берунӣ дар “Осор-ул-боқия” (“Ёдгори мондагор”) ёдовар мешавад, ки сарлашкари араб Қутайба ибни Муслим ҳангоми забти Хоразм (бори аввал дар соли 712 ва бори дувум дар соли 714) “ҳар касро, ки хатти хоразмӣ медонист аз дами

шамшер гузаронид ва онон ки аз ахбори хоразмиён огоҳ буданд ва ин ахбору иттилоотро миёни худ тадрис мекарданд, эшонро низ ба дастаи пешин мулҳақ сохт. Бадин сабаб ахбори Хоразм тавре пӯшида монд, ки пас аз ислом намешавад онҳоро донист...” [3, с.57].

Аммо ёдоварӣ мебояд ва Бобоҷон Ғафуров ҳам таъкид кардааст, ки дар Хуросону Фарорӯд баъд аз густариши ислом низ забони арабӣ барои табақаҳои поинии ҷомеа, барои мардумони одӣ ҳамчунон забони бегона боқӣ монд [4, с.503] ва мардумони ин минтақа аз арабӣ ба ғайр аз чанд фаризаи зарурии динӣ дигар чизе намедонистанд. Ҳамин аст, ки Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» ёдовар мешавад: Қутайба ибни Муслим дар Бухоро «ҳар одина мунодӣ фармудӣ, ҳар кӣ ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам. Ва мардумони Бухоро ба аввали ислом дар намоз Қуръон ба порсӣ хонданди ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан» [7, с.67].

Ин матлаб, ки Наршахӣ мегӯяд, қобили таваҷҷуҳ буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тарҷумаи оёт ва сураҳои ҷудогонаи Қуръони шариф ба забони тоҷикӣ (порсии дарӣ) дар оғози густариши ислом, яъне, хеле пештар аз замони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» сурат гирифтааст. Ҳамчунин Абубакри Наршахӣ тазаккур медиҳад, ки Қутайба «аҳли Бухороро фармуд як нима аз хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб ба эшон бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд...» [ 7, с.66]. Мусаллам аст, ки ин иқдоми Қутайба ибни Муслим на фақат ба манзури омӯзонидани шариати ислом, балки ба мақсади густариши забони арабӣ низ буд. Вале аҳли Хуросону Фарорӯд пас аз ислом овардан ва ба сафи мусулмонон пайвастан, боз ҳам зери бори гарони омӯзиш ва пазириши забони бегона нарафтанд ва аз забони модарии худ ҷудоӣ ва бегонагӣ наҷустанд. Истилои араб натавонист истиқлоли забонии аҳли Хуросону Фарорӯдро дар ҳам

шиканад ва дар роҳи таҳаввулу такомули забони адабӣ ва илмии порсии дарӣ (тоҷикӣ) дар ин марзу бум монеа эҷод намояд. Дар ин манотиқ забони порсии дарӣ бо забони арабӣ муддати бештар аз сад сол пайваста рақобат кард ва дар мақоми худ пойдору устувор бимонд [9, с.240-241; 12, с.13-17].

Тадриҷан бо ташкилу барқарории давлатҳои маҳаллии хонадонҳои эрониасли Тоҳириён (821-873), Саффориён (873-903) ва Сомониён (875-999) ин забон рушд ва тавсеаи бештар ёфт. Бахусус замони давлатдории Сомониён авҷи шукӯҳ ва боландагии забони модарии мо маҳсуб мешавад.

Бобоҷон Ғафуров нақши муҳимми забони модарии моро дар ҳаёти таърихию фарҳангӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна таъкид намуда, тавзеҳ медиҳад, ки аксари шоирони маъруфи форсизабон дар Фарорӯду Хуросон ва Систон, яъне вилоятҳое, ки дар ҳудуди онҳо раванди ташаккули халқи тоҷик сурат гирифт, таваллуд ёфта, умр ба сар бурдаанд. Вай ба вуҷуд омадани аввалин асарҳои насрии адабиёти моро низ ба ҳамин замон ва ҳамин вилоятҳо мансуб дониста, дар зимн аз «Муқаддимаи Абумансурӣ»-и «Шоҳнома», ки соли 957 дар Тӯс (Хуросон), “Китоб-ул-абния” ё «Дорушиносӣ»-и Муваффақи Ҳиравӣ, ки дар замони ҳукмронии Мансур ибн Нӯҳ (961-976) дар Бухоро, «Ҳудуд-ул-олам» - асари ҷуғрофии муаллифаш номаълум, ки соли 982/983 дар Гузгонон (шимолу ғарби Афғонистони имрӯза) таълиф шудаанд, ҳамчунин аз «Аҷоиб-ул-булдон» ё «Китоби аҷоиботи баҳру бар»-и Абулмуайяди Балхӣ ёдовар мешавад.

Муҳаққиқи соҳибназар дар рӯзгори Сомониён аз забони арабӣ ба забони модарии мо тарҷума шудани “Таърих”-у “Тафсири Табарӣ” ва “ас-Савод-ул-аъзам”-и Абулқосими Самарқандиро бо дастури амирони сомонӣ зикр карда, дар бобати ваҷҳи тасмияи «дарӣ» низ андешаи қобили мулоҳиза баён кардааст.

Бояд таъкид кард, ки аксари муҳаққиқони дар ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ эътирофшудаи таърихи забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла донишмандони маъруф – устод Айнӣ, Евгений Бертелс, Саид Нафисӣ, Маликушшуаро Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо, Муҳаммади Муин, Ҷалоли Матинӣ, Абдулҳайи Ҳабибӣ, Мирғуломмуҳаммади Ғубор, Абдулғанӣ Мирзоев, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Акбари Турсон, Мусо Диноршоев ва дигарон андешаи макони рӯишу болиши забони адабию китобӣ будани Хуросону Фарорӯдро таъйид кардаанд. Ба андешаи ин донишмандон, ин забон асосан дар ҳамин сарзамин, ки донишманди маъруф Саид Нафисӣ онро бо ифтихор «сарзамини поки ниёгонам» [8, с.37] ном бурдааст, падид омада, дар заминаи гӯйишҳои маҳаллии он ташаккул ёфтааст. Бобоҷон Ғафуров низ бо истинод ба Евгений Бертелс ва мақолаи маъруфи ӯ “Персидский-дари-таджикский” (Форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ)) (Советская этнография, 1950, №4. – С.65-86) ин андешаро таъйид менамояд: “Забони адабиёти классикии тоҷику форс дар ҳудуди Мовароуннаҳр, Систон, Хуросон ташаккул ёфтааст. Маҳз дар ҳамин ҷо (асрҳои IX-X), пояи забони адабие, ки дар ҳаёти таърихию мадании Осиёи Миёна, Эрон ва мамлакатҳои дигари Шарқи Наздик ва Миёна роли бузург бозидааст, устувор гардид. Маҳз аз Бухоро, Самарқанд, Балх, Ҳирот, Тӯс ва дигар вилоятҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон аввалин эҷодкорони бузурги ин адабиёт ба зуҳур омаданд. Ном гирифтани Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём кифоя аст. Ин ҳам тасодуф нест, ки бузургтарин шоирони дарбори Ғазнавиён ва Салҷуқиён аз вилоятҳои мазкур (Унсурӣ аз Балх, Фаррухӣ аз Систон, Анварӣ аз Сарахс, Муиззӣ аз Нишопур ва ғ.) баромаданд. Мувофиқи маълумоти тазкираи Муҳаммад Авфӣ (1221, 1222) «Лубоб-ал-албоб», ки қадимтарин тазкираи то ба замони мо

расида ба шумор меравад, аз 106 шоири замони Салҷуқиҳо 68 нафарашон дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ва танҳо 16 нафари онҳо дар вилоятҳои ғарбии Эрон ба дунё омадаанд” [4, с.510].

Андешаи мазкур воқеан мантиқӣ ба назар мерасад, зеро нахустин бузургони забону адабиёти мо, ки ба ин забон дар шеъру адаб (устод Рӯдакӣ бо сурудани ашъори фаровони «саҳли мумтанеъ», ҳаким Фирдавсӣ бо сурудани «Шоҳнома») ва дар илм (Абуалии Сино бо таълифи «Донишномаи Алоӣ», Абурайҳони Берунӣ бо таълифи «Китоб-ут-тафҳим») шоҳасар офариданд, дар марзу буми Фарорӯду Хуросон ба дунё омада, ба камол расидаанд. Ба андешаи ғолиб ин забон дар ҳамин манотиқ аз авони тифлӣ то давраи балоғат роҳи пурпечутоби ташаккулу такомул паймуда, тадриҷан ба дараҷаи ифодаи нозуктарин таъбирҳои шоирона ва дақиқтарин мафҳумҳои илмӣ расид. Дар такомули таркиби луғавии ин забон метавон гуфт, ҳамчунин вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои маҳаллии гурӯҳҳои шарқию ғарбии эронӣ: суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, сакоӣ, портӣ, форсии миёна… ва вобаста ба руҳи замон ва марҳилаҳои рушди таърихии забон: забонҳои ҳиндӣ, юнонӣ, арабӣ... нақши муҳим доранд.

Ҳосили сухан, Бобоҷон Ғафуров забони модарии моро забони қадиму асил медонад, ки реша дар умқи таърих дорад ва дар сарзаминҳои аҷдодии мо аз рӯзгори қадим вуҷуд дошт ва танини шевоию асолат ва шукӯҳу шуҳрати он имрӯз ҳам бо рангу ҷилои тоза идома дорад. Ба андешаи ӯ: “Ҳар гоҳ ки сухан аз таърихи қадимтарин марҳилаҳои инкишофи ин забон равад, забони адабиёти классикии тоҷику форсро аз давраҳои гузаштаи тараққиёти он, ки дар ёдгориҳои хаттии форсии қадим ва миёна муҷассам шудааст, набояд ҷудо кард. Ин забон дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст ва ба вуҷуд омада ҳам

наметавонист. Таърихи он на ин ки аз давраи истилои араб, балки аз асри VI пеш аз милод шуруъ мегардад, ки ин иддаоро ёдгориҳои хаттӣ тасдиқ менамоянд” [4, с.511].

Вале, дар маҷмуъ, академик Бобоҷон Ғафуров ташаккули комили забони адабии моро бо далелҳои муътамад ба рӯзгори Сомониён ва зуҳури шоироне чун устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ... дар Фарорӯду Хуросон, ки дар ҳудуди онҳо раванди ташаккули халқи тоҷик сурат гирифт, марбут медонад.

## **Рӯйхати адабиёт**:


1. ат-Табарӣ, Абиҷаъфар Муҳаммад ибн Ҷарир. Таърих-ур-русул ва-л-мулук. – Миср, 1967.
2. Бертельс Е.Э. Персидский-дари-таджикский // Советская этнография, 1950, №4. – С.65-86.
3. Берунӣ, Абурайҳон. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Акбари Доносиришт. – Теҳрон: Амири Кабир, 1386.
4. Ғафуров. Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Китобҳои якум. – Душанбе: Ирфон, 1998.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Суруди аҳли Бухоро. Куҳнатарин намунаи шеър ба забони форсӣ // маҷаллаи «Яғмо», соли 1337, шумораи 7. – С. 298-293.
6. Ибни Хурдодбеҳ. ал-Масолик ва-л-мамолик. Тарҷумаи Ҳусайни Қарачонлу. – Теҳрон, 1370.
7. Наршахӣ, Абубакр. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунаср Аҳмад ибни Муҳаммади Наср ал-Қубовӣ. Талхиси Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар. Тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1351.
8. Нафисӣ, Саид. Сарзамини поки ниёконам // Тоҷикон дар масири таърих. Таҳқиқ ва тадвини Мирзо Шакурзода. – Теҳрон, 1385.
9. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе, 2016.
10. Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: Эр-граф, 2016.
11. Содиқӣ, Алиашраф. Таквини забони форсӣ. – Теҳрон, 1357.
12. Султон, Ҳасан. Забони давлати Сомониён. – Душанбе:

Дониш, 2020.
13. Фирдавсӣ, Абулқосим. Достонҳо аз “Шоҳнома”. – Сталинобод, 1955. Ҷилди 2.
14. Шакурӣ, Муҳаммадҷон. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе: Пайванд, 1996.

**Ҳасани Султон**
*(Тоҷикистон)*

## Бобоҷон Ғафуров ва масъалаи ташаккули забони адабии тоҷикӣ

Дар мақола таъкид шудааст, ки академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” масъалаи ташаккули забони адабии тоҷикиро масъалаи муҳим арзёбӣ намуда, анҷоми ин равандро дар ҳудуди сарзаминҳои таърихии аҷдодии мо – Хуросону Фарорӯд, ки дар ин сарзаминҳо раванди ташаккули халқи тоҷик сурат гирифтааст, марбут медонад.

Вай ҳамчунин дар натиҷаи таҳқиқ ва баҳрагирӣ аз таҳқиқоти дар ин замина аз ҷониби муҳаққиқони дигар анҷомёфта, авҷи шукуфоии забони адабии модарии моро ба рӯзгори Сомониён ва зуҳури шоирони бузурге чун устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ... пайванд додааст.

**Хасан Султон**
(Таджикистан)

## Бабаджан Гафуров и проблема формирования таджикского литературного языка

В статье подчеркивается, что академик Бободжан Гафуров в книге «Таджики» вопрос формирования таджикского литературного языка считает архиважной проблемой, и завершение этого процесса связывает с процессом формирования таджикского народа в Хорасане

и Мавераннахре, являющихся исторической родиной наших предков.

В результате скрупулезного исследования, опираясь на информацию, представленную другими исследователями в данном направлении, он также кульминацию процветания нашего родного литературного языка связывает с эпохой правления Саманидов и появлением таких великих поэтов, как Рудаки, Дакики, Фирдоуси…

**Hasan Sulton**
(Tajikistan)

## Babajan Gafurov and problem of formation Tajik literary language

It is emphasized in this article that academician Bobojon Ghafurov in his book "Tajiks" considers the issue of formation of Tajik literary language to be an extremely important problem and connects the completion of this process with the process of formation of Tajik people in Khorasan and Maverannahr, which are the historical homeland of our ancestors.

As a result of meticulous research based on information provided by other researchers in this direction, he also connects the culmination of the prosperity of our native literary language with the era of Samanids rule and an emergence of such great poets as Rudaki, Daqiqi, Firdavsi...

**Абдуфаттоҳ Шарифзода**
**Абдулло Ғафуров**
( Тоҷикистон)

## Бобоҷон Ғафуров ва Пешвои миллат

Бобоҷон Ғафуров арбоби сиёсию давлатӣ, муаррихи барҷаста, шарқшиноси машҳури тоҷик, доктори илми таърих, профессор, узви пайвастаи Академияи илмҳои

Тоҷикистон, узви пайвастаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, Ходими хизматнишондодаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон мебошад.

Бобоҷон Ғафуров ҳамчун ходими дурандеши давлатӣ, сиёсатмадори барҷаста ва олими тавоно ба шарофати донишу хиради фавқулодда, маҳорати баланди роҳбарии худ дар ташаккули ҳаёти нав ва пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Тоҷикистон хизмати бесобиқа кардааст.

Бояд зикр намуд, ки хизматҳои Бобоҷон Ғафуров дар назди халқу ватан аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мешаванд ва Пешвои миллат барои абадӣ гардидани номи аллома Бобоҷон Ғафуров иқдомҳои зиёде намуданд.

Иқдоми аввалини сарвари давлат он буд, ки 26 апрели соли 1997 бо мақсади абадӣ гардонидани хотираи академик Бобоҷон Ғафуров, ки дар инкишофи илм ва фарҳангу маорифи ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштааст, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд номи академик Бобоҷон Ғафуров дода шуд[1].

Эҳтироми Пешвои миллат нисбати ин нобиға дар он низ зоҳир гашт, ки сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30 апрели соли 1997 дар ифтитоҳи осорхонаи ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иштирок ва суханронӣ намуда, ҳамзамон дар ҷамъомади бахшида ба 65-солагии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ширкат намуданд[2].

Муҳимтарин иқдоми Пешвои миллат он буд, ки 8 сентябри соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои бузург ва фидокориҳо дар поягузории истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ ба фарзанди бошарафи халқи тоҷик академики АИ Иттиҳоди Шӯравӣ

Бобоҷон Ғафуров унвони олии “Қаҳрамони Тоҷикистон” дода шуд.

Ҳамон рӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана бахшида ба ҷашни 6-солагии Истиқлоли ҷумҳурӣ хизмати бузурги фарзанди барӯманди халқ устод Бобоҷон Ғафуровро барои ташаккули миллат, болоравии ҳисси худшиносию ватандорӣ ва истиклоли тоҷикон қайд карда, таъкид намуданд, ки “Бобоҷон Ғафуров иқдоми ватандӯстонаи Садриддин Айниро идома дода, баробари фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, таърихи қадимаи миллаташро ба шакли як асари ҷомеъ аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо навишта, пойдевори истиқлол ва худшиносии тоҷиконро ҷовидона сохт”[3]. Пас аз чанде, 20 сентябри соли 1997 Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон медали тиллои “Қаҳрамони Тоҷикистон”-ро ба хешовандони Бобоҷон Ғафуров, ки бо ин унвони олӣ баъд аз марг қадрдонӣ гардидаст, тақдим намуданд[4].

Воқеаи хотирмони дигар он буд, ки 24 декабри соли 1998 мардуми Тоҷикистон, бахусус аҳли илм 90-солагии муаррих ва шарқшиноси барҷастаи қарни XX, ходими бузурги давлативу ҷамъиятӣ – академик Бобоҷон Ғафуровро дар рӯҳияи баланди хештаншиносӣ ва ифтихор аз фарзандони барӯманди халқу Ватан таҷлил намуданд. Дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба ин чорабинии бошукӯҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ карда, ба хизматҳои ин шахсияти маъруф баҳои баланд доданд[5].

Бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат ва ба хотири абадӣ гардонидани номи олими варзидаи тоҷик Бобоҷон Ғафуров 30 июни соли 1999 ба ифтихори 90-солагии зодрӯз ва бузургдошти номи алломаи замон, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров ноҳияи Хуҷанд номи Бобоҷон Ғафуровро гирифт.

Гузоштани муҷассама дар шаҳри Душанбе ва ба яке аз хиёбонҳои пойтахт гузоштани номи Бобоҷон Ғафуров нишони бори дигар эҳтиром гузоштан ба ин олими сатҳи ҷаҳонӣ буд.

24 декабри соли 2008 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Кохи Ваҳдати пойтахт ба ифтихори 100-солагии академик Бобоҷон Ғафуров ҷамъомади бошукӯҳи тантанавӣ баргузор гашт. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст аҳли толор ва мардуми Тоҷикистонро бо ҷашни якасраи Қаҳрамони Тоҷикистон - академик Бобоҷон Ғафуров табрику таҳният гуфта, таъкид намуданд, ки ин ходими давлатӣ ва арбоби илми тоҷик дар баробари муайян ва собит намудани мақому манзалати таърихиву дастовардҳои арзишманди давлатдории тоҷикон ҳамчунин тарғиби илму фарҳанги Машриқзаминро дар арсаи ҷаҳонӣ ба пояи баланд расондааст.

Ба андешаи Пешвои миллат, «академик Бобоҷон Ғафуров бо овардани садҳо далелу бурҳони қотеъ ва дар асоси ҳазорҳо сарчашмаву манбаъҳои асил собит намудааст, ки миллати фарҳангсоз ва тамаддунофари тоҷик ба таҳрифи огоҳонаи таърих ё ба ибораи дигар, таърихсозӣ ва бузургтарошӣ умуман ниёз надорад, зеро ин миллат соҳиби таърихи тӯлонӣ ва фарҳангу адабиёти пурғановат мебошад» ва афзуд, ки ҳатто бо шинохту ошноии мухтасар нақши онро дар тамаддуни ҷаҳонӣ эҳсос кардан мумкин аст[6].

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро шиносномаи миллати тоҷик номида, таъкид доштанд:, - «ин асар шӯълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ҳофизаи таърихии мардумро бедор намуд ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ рӯҳи тоза бахшид»[7].

Б. Ғафуров тамоми ҳаёти худро сарфи таҳқиқу омӯзиши таърихи давлатдории миллати куҳанбунёди тоҷик намуда, дар тӯли фаъолияти пурбаракати хеш нафақат таърихи комили тоҷиконро ба вуҷуд овард, балки дар таҳқиқи таърихи бисёр халқҳои Машриқзамин низ саҳми арзанда гузошт"[8].

Дар ҷамъомади тантанавӣ ҳамчунин Директори Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Русия академик Ростислав Рибаков ва намояндагони воломақоми доираҳои илмию сиёсии Қазоқистону Ҳиндустон ва дигар шахсиятҳои намоён суханронӣ намуда, аз нақши пурарзиши Бобоҷон Ғафуров дар илми ховаршиносии минтақавию ҷаҳонӣ, омӯзиши амиқи таърихи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва ташхиси мақому мартабаи тоҷикон ва дигар халқҳои Шарқ дар тамаддуни башарӣ ёдовар шуданд[9].

Дар ин ҷамъомад олими қазоқ Диёр Қунаев низ аз хизматҳои аллома Бобоҷон Ғафуров ёдовар шуда, таъкид дошт: "бузургии Ғафуров дар он аст, ки ӯ ҳамчун шарқшиноси барҷаста ва дорои дониши аълои адабиёти чаҳон, шарқшиносии шӯравӣ ва таърихи фарҳанги халқҳои Осиёи Миёнаро ба дараҷаи баланди илмӣ бардошт, асарҳои таърихию адабиеро ба вуҷуд овард, ки таърихи Шарқро дар доираи таърихи фарҳанги умумиинсонӣ инъикос мекунанд"[10].

Дар ин замина арҷгузории хидмати таърихии академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби Пешвои миллат аслаш ҳидоятест ба ибратпазирӣ аз шахсияту ҳайсияти ин алломаи замон ва ҳикматҳои китоби олимақоми "Тоҷикон" ва ҳамзамон даъватест ба идома бахшидани пайкорҳои миллатафрӯзи фарзонае, ки дар даврони мураккаби каҷдорумарезҳо чароғи падаронро бо садоқату сарбаландӣ фурӯзон нигоҳ дошта буд. Сарвари давлат ба манзури ба амал пайвастани ормонҳои Бобоҷон Ғафуров

дар амри маърифати ҷомеаи тоҷикон андар шинохти таърихи худ чанд навбат китоби “Тоҷикон”-ро, ки ба таъбири Президент “Сарчашмаи худшиносии тоҷикон” ба шумор меравад, нашр карданд, то ҳамзамонони мо аз ин ганҷи шойгон бо корномаҳои ниёгони ҷаҳоншумули хеш ошноии жарфу ростин ҳосил намоянд.

Фаъолияти илмии Бобоҷон Ғафуров, ки аз омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик оғоз шудааст, тадриҷан хеле густурда ва фарох гардида, масоили мухталифи таърихи қавму миллатҳои Машриқзамин, зиндагӣ ва осори мутафаккирони бузурги Шарқ, рушди илми шарқшиносӣ ва амсоли инҳоро фаро мегирад.

Эҳтирому арҷгузории Пешвои миллат нисбати шахсияти аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби пураҳаммияти сарвари давлати тоҷикон “Чеҳраҳои мондагор” низ эҳсос мешавад. Дар ин маҷмуа нисбати 25 нафар шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров, ки дар тақдири таърихии халқи тоҷик ва аҷдодони он саҳми сазовор гузоштаанд, маълумот дода мешавад. Дар бахше, ки ба аллома Бобоҷон Ғафуров бахшида шудааст, Пешвои миллат аз хизматҳои ин олими закӣ ёдовар шуда, аз ҷумла қайд менамоянд: “... бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи ӯ марказҳои бузурги илмиву фарҳангӣ – соли 1948 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1951 Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ва соли 1956 Донишкадаи политехникии Тоҷикистон таъсис дода шуданд. Дар баробари ин, ӯ ба масъалаи таъмин намудани марказҳои илмиву таълимӣ бо мутахассисони варзида ва соҳибтаҷриба бевосита машғул гашта, тавонист, ки беҳтарин олимони соҳаҳои гуногуни илмро ба ҷумҳурӣ даъват намояд”[11].

Илова бар ин, соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат дастур доданд, ки “бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи

пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров" бо маблағи хазинаи Президенти мамлакат чоп ва ба ҳар як оилаи кишвар аз номи Роҳбари давлат туҳфа карда шавад[12]. Феълан, ин армуғони бебаҳо, ки рамзи хотираи таърихии миллати мост, ҳар хонадонро зебу шукӯҳ бахшида, пиру барно бо камоли иштиёқ онро мутолиа мекунанд ва шебу фарозҳои саргузашти таърихии худро дармеёбанд.

8 сентябри соли 2020 тибқи супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чопи китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров аз тарафи чопхонаи «Нашриёти муосир» оғоз шуда, дар арафаи 30 солагии истиқлоли даввлатии Тоҷикистон ба ҳар як хонаводаи мардуми Тоҷикистон дастрас шуданд.

Нашри китоби «Тоҷикон» ва дастрас кардани он ба ҳар як оилаи кишвар боз як иқдоми ватандӯстонаи Пешвои муаззами халқи тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, дар роҳи дарки худогоҳиву худшиносии наврасону ҷавонон нақши босазо мегузорад.

Ташаббуси дигари наҷиби Пешвои миллат дар он аст, ки 7 июли соли 2022 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар соли 2023 баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» ба тасвиб расид.

Озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик дар тули таърих, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва ба ин васила, шинохти нақши халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният, ки бо далелҳои раднопазир ва бо такя ба сарчашмаҳои илмию таърихӣ

дар китоби мондагору пурарзиши академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ва дигар асарҳои таърихӣ инъикос ёфтааст, ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 доир гашта истодааст.

Боиси ифтихор аст, ки дар остонаи ҷашни 115солагии аллома Бобоҷон Ғафуров Пешвои миллат "Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров”-ро дар шаҳраки Ғафуров пас аз таъмиру тармим ва бозсозии толорҳои он мавриди истифода қарор доданд.

Умуман, иқдому ташаббусҳои муҳими Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои зиндаву ҷовид мондани номи академик Бобоҷон Ғафуров хизмати сазовор намуданд.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**


*1.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 1997, № 172 “ Дар бораи ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд додани номи академик Бобоҷон Ғафуров //Маҳзани мутамаркази маълумоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия” [Манбаи электронӣ]. URL: http://adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=13538.*

*2.Шарипов А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмонов - поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996 - 1999). Китоби 2. - Душанбе:Деваштич, 2006. – С. 106.*

*3.Суханронӣ дар маҷлиси ботантана бахшида ба ҷашни 6-солагии истиқлолияти ҷумҳурӣ //Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С.199.*

*4.Шарипов А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмонов - поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996 - 1999). Китоби 2. - Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 145.*

*5.Шарипов А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмонов - поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996 - 1999). Китоби 2. - Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 106*

*6.http://www.president.tj/node/2918.*
*7.http://www.president.tj/node/2918.*
*8.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана ба ифтихори ҷашни 100-солагии зодрӯзи Бобоҷон Ғафуров, шаҳри Душанбе // Ҷумҳурият. – 2008. – 24 декабр.*
*9.Шарифзода А., Қосимӣ З. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Рӯдакӣ. (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2008). Китоби 8. – Душанбе - 2011. – С. 414-416.*
*10. Маводи конфронси илмии байналхалқии "Б. Ғафуров – муҳаққиқи барҷастаи таърихи Осиёи Марказӣ". Душанбе, 2009. – С. 19-20.*
*11.Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР–граф, 2016. – С. 329.*
*12.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ //Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/2195*

**Абдуфаттоҳ Шарифзода**
**Абдулло Ғафуров**
( Тоҷикистон)

## Бобоҷон Ғафуров ва Пешвои миллат

Бобоҷон Ғафуров арбоби сиёсию давлатӣ, муаррих ва шарқшиноси барҷаста омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик, мардумони Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёнаю Наздик саҳми беназир дорад. Дар ин замина арҷгузории хидмати таърихии академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои абадӣ гардонидани хотираи ин симои бузург қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон ба тавсиб рассиданд.

Дар мақола саҳм, хидмати беназири академик Бобоҷон Ғафуров дар таърихи халқи тоҷик ва қарору чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба

абадӣ гардонидани ин симои бузурги мавриди баррасӣ шудааст.

**Абдуфаттох Шарифзода**
**Абдулло Гафуров**
(Таджикистан)

## Бабаджан Гафуров и Лидер Наций

В статье характеризуется роль академика Бабаджана Гафурова - выдающегося государственного деятеля и ученого, внесшего большой вклад в изучение истории и культуры таджиксого народа, народов Центральной Азии, Ближнего и Среднего Востока. Заслуги академика Бабаджана Гафурова высоко оценены Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан, уважаемым Эмомали Рахмоном и Правительством Таджикистана.

**Abdufattoh Sharifzoda**
**Abdullo Gafurov**
(Tajikistan)

## Babajan Gafurov and Leader of Nations

Academician Babajan Gafurov was an outstanding statesman and scientist who made a great contribution to the study of the history and culture of the Tajik people, the peoples of Central Asia, the Near and Middle East. In this context, the Leader of the Nation, the respected President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, noted the historical merit of academician Bobozhan Gafurov and the decision of the Government of Tajikistan to perpetuate the memory of this great statesman and scientist.

The article characterizes the contribution and great merit of academician Babajan Gafurov in the history of the Tajik people, as well as the decisions and actions of the Government of the Republic of Tajikistan to perpetuate the memory of this great statesman and scientist.

**Равшан Раҳмонӣ**
(Тоҷикистон)

## Диди Бобоҷон Ғафуров ба сарчашмаҳои этнографию фолклорӣ

Пеш аз он ки ба асли мавзуи ин мақола бипардозам, аввал андаке дар бораи чӣ гуна бо китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров меҳр бастани худро ёдовар мешавам. Чунки ин меҳр боиси пайвастагии ҳамешаи ман ба забон адабиёт, фарҳанг, таърих ва ҷузъиёти бештари фарҳанги суннатию гуфтории мардуми хеш гардид.

Соли 1972 дар курси аввали Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) таҳсил мекардам. Ба мо аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» устод Саттор Мухторов дарс медоданд. Он кас оҳиста-оҳиста дикта мекарданд мо менавиштем. Гоҳе мисли афсонаю ҳикояҳои ширину рангини мӯйсафедон дар бораи ёфтаҳои бостоншиносон аз одамони неандартали кӯҳсорои Бойсун, қадимтарин тасвирҳои рӯи санг, осори кулолӣ, қабилаҳои ориёӣ, роҳҳои кӯчидани ориёиҳо, хонаводаи забонҳои ҳинду аврупоӣ, Пешдодиён, Каёниён, Авесто, Куруш, Доро, Искандар ва ғайра нақл мекарданд. Мегуфтанд, ки ин ҳама воқеаҳо ва ҳодисаҳои таърихӣ бо ниёгони мо тоҷикон пайвастагӣ дорад, донишманди тоҷик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947) дар ин бора гуфтаанд [ниг.: Ғафуров 1947].

Устод Саттор Мухторов чунон мефаҳмонданд, ки меҳри шунаванда ба таърихи миллат, забон, фарҳанги он зиёд мешуд. Баъди чанд ҳафтаи дарс гуфтанд, ки «дар рӯбарӯи чойхонаи Роҳат дӯкони китобфурӯшии «Академкнига» аст, дар он ҷо фақат китобҳои илмӣ ба забон русӣ фурӯхта мешавад. Ба наздики китоби Бобоҷон Ғафуров «Таджики» чоп шуд. Дар ҳамин дӯкон мефурӯшанд. Агар касе русиро медонад ва оянда барои миллати худ хизмат кардан хоҳад рафта харад». Аз нақлҳои устод ман хаёлан ба ҷаҳони гузаштаи таърихи

миллати худ, ниёгони тоҷикон, сайр мекардам. Худи ҳамон рӯз зуд ба ҳамон дӯкони китобфурӯшӣ рафта, китоби Бобоҷон Ғафуров «Таджики»-ро харидам. Ҳаҷман калон, дорои тасвирҳои зебои бостоншиносӣ ва таърихӣ. Ба хона омада то субҳ варақ задам. Аз рӯи тасвирҳо, унвонҳо дар бораи таърихи халқи тоҷик тасаввуроте пайдо кардаму ба омӯхтани таърих пешинаи миллати хеш ҳавасам бештар шуд. Баъд аз он дилбастаи омӯхтани таъриху фарҳанги ниёгони худ шудам [ниг.: Гафуров 1972].

Солҳо гузашт. Ин китобро ҳамеша мехондам. Моҳи марти соли 1981 маро аз Доншгоҳ миллии Тоҷикистон ба Донишгоҳи Кобул барои тарҷумонӣ фиристоданд. Баъди чанд ҳафта бо директории китобхонаи Донишгоҳи Кобул профессор Ҷалолиддин Сиддиқӣ шинос шудам, ки таърихшинос буд. Бо ҳавас дар бораи таърихи гузаштаи тоҷикон ва форсизабонон гап мезад. Ӯ кунчкову ҷӯянда буд. Аз китобҳои дар Тоҷкистон чопшуда мепурсид. Боре дар омади гап аз китоби Б.Ғафуров «Тоҷикон» ёдовар шудам ва дар бораи он маълумот додам. Ба ҳаяҷон омад, ки чи гуна ин китобро пайдо кунад. Гуфтам, ки ин китоб соли 1972 бо номи «Таджики» дар Маскав ба забони русӣ чоп шудаст. Номи Ғафуровро шунида буд ва медонист, ки сиёсатмадру таърихнигор аст. Вале аз чопи ин китоб ба забони русӣ бехабар буд. Баъди ишораи ман ӯ такрор ба такрор дар ҳар ҷо мегуфт, ки ин китоб бояд зудтар тарҷума шавад.

Пас рухсатии тобистонаи соли 1981 китоби «Таджики»-ро бо худ ба Кобул бурдам. Гоҳе ман чанд саҳифаи китобро хонда барои Сиддиқӣ баён менамудам, вай қайд мекард ва хоҳиш мекард, ки барояш ҳар рӯз кам-кам тарҷума кунам то аз муҳтавои китоб огоҳ шавад. Бо вуҷуди корҳои зиёд ҳар ҳафта барояш чанд саҳифа тарҷума карда мехондам, вай зуд-зуд менавишт то бо китоб ошно гардад. Аз кор мақсади ман тарҷумаи пурраи китоб набуд, балки фақат хоҳиши профессори дӯстодори таърихро қонеъ кардан буд. Ба муддати ду сол ман

барояш ҳамагӣ 62 саҳифаи китобро мазмуна тарҷума кардам.

Охири соли 1983, рӯзе устод Кароматулло Олимов ҳамроҳи Қурбон Бобоев дар ошёнаи аввали бинои истиқоматии мо, дар хонаи умумӣ, ки «гӯшаи сурх» ном дошт, тенисбозӣ мекарданд, ки ман ворид гаштам. Чанд лаҳза бозӣ қатъ шуду ман аз хоҳиши Сиддиқӣ ёдовар шудам ва ишора намудам, ки ӯ мехоҳад китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров аз русӣ ба дарӣ тарҷума шавад. Зимни суҳбат ишора кардам, ки барои Сиддиқӣ гоҳе мазмуни китобро кам-кам аз русӣ тарҷума мекунам, то ошно шавад. Кароматулло Олимов ишора карданд, ки «худатонро заҳмат надиҳед, чанд рӯз пеш бо устод М.Осимӣ телефонӣ суҳбат мекардам, ки он касс гуфтанд, китоби «Тоҷикон» ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд, ҳоло дар чопхона аст. Он кас ба наздикӣ меоянд, ман занг мезанаму хоҳиш мекунам, ки як нусха биёранд. Агар аз рӯи нусхаи тоҷикӣ баргадон кунетон кор зуд анҷом меёбад». Ман гуфтам, ки агар устод Қурбон Бобоев ин корро кунад, ман ёрӣ медиҳам. Қурбон Бобоев гуфт, ки «ман сахт машғули баргадони як китоби таърихии худ ҳастам, ба назарам то муҳлати ба ватан баргаштан шояд ҳамин кори худро анҷом дода натавонам. Вале Равшан, ки ҳоло ҳаст худаш машғул шавад». То расидани китоб ҳамроҳи устод И.Усмонов, ки бештар ҳама корро бо он кас маслиҳат мекардам, машварат намудем, ки чӣ бояд кард. Натиҷагирӣ чунин шуд, ки ман бо устод Сиддиқӣ машғули баргардон шавам. Китоби «Тоҷикон» аз тариқи устод М.Осимӣ ба К.Олимов аз он кас ба мо расид [ниг.: Ғафуров 1983].

Ба муддати шаш моҳ, баъди кори аслӣ, гоҳе тамоми шаб кор мекардем. Ман дикта мекардам, ягон калима, ибора ё ҷумла барои эшон нофаҳмо бошад, шарҳ медодам, баъзеро аз фарҳангҳо медидем. Сиддиқӣ ҷумлаҳоро ба сабки меъёрии забони расмии дарии Афғонистон наздик месохт. Дар айни замон муҳтавои

китоб комилан нигоҳ дошта мешуд. Баъзе шабҳо дар хонаи ман то субҳ кор мекардем. Гоҳе барқ хомӯш мешуд, мо бо чароғ кор мекардем. Дар бораи корҳои устодони тоҷик ва баргардони китоби «Тоҷикон» ва шахсияти Бобоҷон Ғафуров профессор Ҷалолиддин Сиддиқӣ дар як мақолаи худ чунин навиштааст: «Баъд аз баргардондан ва чопи мақолоти таърихии «Дорут-ул-маорифи тоҷик» дар бораи Афғонистон китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров маврди таваҷҷуҳи муҳаққиқони ростин ва вафодор ба идеология ва методологияи пешрави асри мо қарор гирифт. Ва қарор шуд, ки ин китоби арзанда ҳам баргардон гардад ва барои чоп омода сохта шавад.

Мудири кафедраи таърихи умумии факултети улуми иҷтимоӣ, ки дар яке аз конгресҳои ҷаҳонӣ дар Деҳлии Нав бо марҳум Бобоҷон Ғафуров ҳамсуҳбат шуда буд ба дониши ҳайратангези таърихии вай шефта шуда таъкид кард, ки ин кор сурат гирад. Ҳамин буд, ки дар маҷлиси устодони кафедраи таърихи умумӣ тасдиқ шуд, ки нависандаи ин мақола вазифаи муҳим ва арзандаи илмиро ба уҳда гирифта анҷом диҳад.

Ин кори бузурги илмӣ ва таърихӣ, ки барои муҳаққиқони ростин ва пешрави Афғонистон ба унвони раҳнамои методӣ ҳисоб мешудааст, баъд аз машварат бо сармушовирияти муҳтарами Донишгохи Кобул ва маъқул донистани раиси донишгоҳи мазкур ба кумак ва ҳамкории Равшан Раҳмон, ки устоди ҳамкор буд, дар амал сари даст гирифта шуд.

Ин кор дар шароити он рӯзҳо, ки зидди инқилоби содиршуда аз Покистон ва Эрон бо саркардагии имперлизми Амрико ва думравони онҳо сахт дар талош буда, то барқ ва рӯшноиро аз мардуми Кобул дареғ дошта, торикиро ба мардуми мо таҳмил намояд, бисёр бо душворӣ ба пеш мерафт. Ман аз соати 3 рӯз то соати 11 шаб дар хонаи Равшан Раҳмон кор мекардам. Ва баъд аз ҳар фасл китоби «Тоҷикон», ки ба итмом мерасид, ним соат истироҳат мекардем ва бақия боз корамонро ба

шиддат анҷом медодем. Ҳатто баъзе шабҳо, ки рӯшании барқ қатъ мегашт бо чароғи карасин боз ба кори худ идома медодем ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба аъмоли зидди мардумии душманони мардуми Афғонистон, ки бо ба пирӯзӣ расонидани инқилоби миллӣ ва демократии Савр дари хушбахтӣ ва пешрафтро ба рӯи тамоми бошандагони Афғонистон кушода буданд, таваҷҷуҳ намедодем, то дар зарфи ду моҳ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар ду бахш ба чоп супурда шуд». [Сиддиқӣ 1986].

Китоб дар асл дар шаш моҳ (аз ноябри 1983 то апрели 1984) баргардон шуд, на ду моҳ, ки дар дафтари хотироти ман дақиқан қайд шудаст. Кор чунин сурат мегирифт. Мо баргардон мекардем. Пешопеш саҳифаҳои дар шакли истенсал (ротопиринт) ҳуруфчинишударо ғалатгирӣ карда, ба матбааи донишгоҳ месупоридем. Сипас дар китобхонаи донишгоҳ дар рӯи мизҳои зиёд саҳифаҳои чопшударо бо тартиб, пай дар пай чида, бо ёрии донишҷӯён саҳифачинӣ мекардем. Донишҷӯён барои саҳифачинии китоб, ки дар китобхона сурат мегирифт, ёрӣ медоданд. Ман мехостам, ки дар рӯи ҷилди китоб ҳамон тасвири дар рӯи ҷилди тоҷикӣ буда бошад. Аз ин рӯ, ба матбааи давлатии Афғонистон рафта клишаи тасвири рӯи ҷилдро аз маблағи шахсии худ созонда омадам.

Барои бартараф кардани баъзе каҷфаҳмиҳо, ки нисбати кори мо пайдо шуд, ҳамроҳи устод И.Усмонов маслиҳат кардем, то он кас аз номи декани факултети улуми иҷтимоӣ Иноятулло Рашид, бо иқтибос аз Бабрак Кормал, пешгуфтори кутоҳе нависанд. Онро дар аввали китоб ҷо кардем. Китоб чоп шуд. Вале чопи китоб барои баъзеҳо писанд наомад. Гуфтанд, ки тоҷикҳо миллтагароӣ карда китобе чоп кардаанд. Моҷаро сар шуд. Маро хостанд дар 24 соат аз Афғонистон хориҷ кунанд. Баъди пурсишу посух фаҳмиданд, ки мо китоби Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»-ро баргардон кардем. Пурсандаҳои сафорат ҳамчун донишманди таърихнигор ва сиёсатмадор

Бобоҷон Ғафуровро хуб мешинохтанд. Дигар ман аз хориҷ шудан эмин ёфтам.

Чанд соли дигар гузашту соли 1991 кишвари абарқудурати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Сотсиалистии Шӯравӣ (СССР) аз байн рафт. Пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон (аз 9 сентябри 1991) ва ба вижа баъди ба сари қудурат омадани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худшиносии миллӣ сол то сол бештар гардид.

Ин дафъа хостам, ки китоб дар Эрон чоп шавад. Соли 1994 оқои дуктур Шеърдӯст, ки он солҳо раиси интишороти «Суруш» буд ҳамчун узви Анҷумани тоҷикон ва форсизабони ҷаҳон – Пайванд ба Душанбе омад. Дар дафтари Анҷумани Пайванд устод Осимӣ, оқои Шеърдӯст, боз чанд нафари дигар ва ман аз китоби «Тоҷикон» ёдрас шудем. Суҳбат дар бораи баргардони китоби «Тоҷикон» дар Афғонистон пайваст. Баъди суҳбат дуктур Шеърдӯст хоҳиш кард, ки як нусха аз ин китобро барояш диҳам. Ман ду нусха доштам. Яке дар хонаам дар Душанбе ва дигаре дар хонаи падарӣ дар Бойсун буд. Нусхаи дар Душанбе бударо ба оқои Шеърдӯст тақдим кардам. Соли 1996 оқои Шеърдӯст ба ҳамоиши навбатии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – Пайванд ба Душанбе ташриф овард. Ба ман гуфт, ки идомаи китобро баргардон кунед ва баъзе нуктаҳои маркистиро аз он берун созед, мо китобро дар Эрон чоп мекунем. Барояш гуфтам, ки ба назари ман китоб пурра, дубора айнан, бидун ислоҳ баргардон ва бидуни каму кост ба забони адабии тоҷикӣ, ба хатти форсӣ чоп шавад беҳтар аст.

Соли 1997 воқеаи дигар рух дод. Аз Дастгоҳи Иҷроияи Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ман занг заданд, ки ба он ҷо биёям. Он сол устод Ниёз Сафаров Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, фарҳанг ва ва масоили иҷтимоӣ буданд. Маро диданду гуфтанд, ки «э ин бачаи худамон будаст-ку». Аз суҳбат маълум шуд, ки онҳо кадом Равшанеро меҷустаанд, ки китоби «Тоҷикон»-ро дар Афғонистон чоп

кардааст. Баъди мулоқот бароям гуфтанд, ки як нусха аз ҳамон китоб лозим аст. Барояшон посух додам, ки ҳамагӣ як нусха дорам, ки он ҳам дар Бойсун аст. Мудири Котиботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода, марди фозил ва донишманд, гуфт, ки зудтар дар ҳамин 2-3 рӯз китобро овардан лозим аст. Барои овардани китоби «Тоҷикон» ба Бойсун равон шудам. Дар сарҳади Тоҷикистон ва Ӯзбекистон виза ҷорӣ шудагӣ, вале бо азият барои ноҳияҳои ҳаммарз иҷозат медоданд. Илоҷе карда аз сарҳад гузашта, ба Бойсун рафтам. Китобро гирифта зуд баргаштам, вале дар сарҳад ҷувздонамро кофтанду китоби бо алифбои форсӣ бударо нагузоштанд, ки бо худ аз марз гузаронам. Мефаҳмонам, намефаҳманд. Касе аз сардҳадчиён форсӣ хонда наметавонист. Пас аз як соат касеро пайдо карданд, ки номи китобро хонд «Тоҷикон». Ҷавони хушмуомила буд, вале дар бораи ин китоб тасаввур надошт. Гуфт, ки барои аз як кишвар ба кишвари дигар гузаронидани ин гуна китоб, ки ба хатти арабӣ аст, иҷозат лозим аст. Фаҳмондам, ки ин китоби илмӣ аст, ба русӣ ва тоҷикӣ боз чанд забони дигар чоп шудааст, не нашуд. Гуфтанд аз вазорати фарҳанги Ӯзбекистон, аз Тошкант иҷозат лозим аст. Ҳайрон мондам. Дидам намешавад. Ночор гуфтам, ки меравам Тошкант, иҷозат мегирам.

Китобро гирифта 400-500 метр ба қафо баргаштам. Ду-се нафар байни худ мегуфтанд, ки аз поёнтари сарҳад чандин роҳи пинҳонӣ аст, мо ҳар доим аз он роҳ мегузарем. Ман ҳам аз байни пахтазор ҳамроҳи чанд кас аз тариқи роҳрави хурди буттаҳои хушки пахтазор аз сарҳад гузаштам. Китобро оварда ба сиёсатмадори донишпарвар Саидмурод Фаттоҳзода супоридам. Ӯ гуфт, ки бо ташаббуси Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон китоб дар Эрон чоп хоҳад шуд. Пас аз муддате маро муовини Вазири фарҳанг Олимҷон Салимзода ба наздаш даъват кард ва гуфт, ки мо мехоҳем зери назари шумо як гурӯҳи 5-6 нафарӣ созем, то китоб дубора, зуд ва айнан, бо ҳамин сабки тоҷикӣ

баргардон шавад. Барояшон фаҳмондам, ки мушкиле дорам, ҳамсарам бемори дил аст, ман вазифаи худро дар Афғонистон анҷом додам, хуб мешуд, ки кормандони нашриёти «Ирфон», ки дар замони шӯравӣ ҳам ба хатти форсӣ китобҳоро таҳрир карда чоп мекарданд, ба ин кор машғул шаванд. Ин гуфтаи ман ба Салимзода писанд омад. Китоб дар зудтарин фурсат зери назари Ҷ. Шарифов баргардон ва ба чоп омода шуд ва бо тамғаи нашриёти «Ирфон» дар кишвари Эрон, зери назари оқои Шеърдӯст, бо литографӣ, саҳҳофии «Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ» чоп шуд.

Пас аз солҳо, соли 2019, китоби «Тоҷикон»-и аллома Б.Ғафуровро, ки соли 1984 аз хатти тоҷикӣ ба хатти форсӣ баргардон карда будем, ҷавонмарде бо номи Ҳабиб Ҳамидзода аз тариқи интишороти «Амирӣ» бо сифати баланд ба нашр расонида, дар ёддошти худ, зери уновони «Сипосгузорӣ» чунин нигоштааст: «Бобоҷон Ғафуров (1909-1977) таърихнигори бузурги кишвари дӯст – Тоҷикистон аст. Китоби арзишманди ӯ «Тоҷикон» дар соли 1363 бо заҳмати фаровони Ҷалодиддин Сиддиқӣ ва Равшан Раҳмон, аз хатти сирилик ба порсӣ дар Кобул баргардон шуд. Аммо ин аввалин баргардон порсии китоби «Тоҷикон» набуд. Ин китоб дар Тоҷикистон ва Эрон низ баргардон шудааст. Мутассифона, баргардонҳои пеш аз Ҷалолиддин Сиддиқӣ ҳеч вақт ба таври густурда дар бозори китоб пахш ва тавзеҳ нашуданд. Баргардони Ҷалолиддин Сиддиқӣ ва Равшан Раҳмон ҳам аз китоби «Тоҷикон» зиёд густурда набудааст. Ин тарҷума низ дар Кобул андак буда ва дар ҳоли Ҳозир ҳеч як аз нусхаҳои тарҷумашуда аз китоби «Тоҷикон» дар китобфурӯшиҳои Кобул ёфт намешавад. Афзун бар ин, нусхаи баргардони Ҷалолиддин Сиддиқӣ ва Равшан Раҳмон, ки тавассути депортменти улуми иҷтимоии Донишгоҳи Кобул чоп шуда аст, бисёр тира ва заиф аст. Баъзе аз қисматҳои китобро ба мушкил метавон хонд ва донист. Ба-дин манзур китоби «Тоҷикон» (баргардони Ҷалолиддин Сиддиқӣ ва Равшан

Раҳмон)-ро дубора ҳуруфчинӣ ва вироиш кардем, ки инак барои нахустин бор тавассути интишороти муҳтарами «Амирӣ» дар Кобул чоп мешавад. Ин чоп, аз рӯи нахустин нусхаи тарҷумаи Ҷалолиддин Сиддиқӣ ва Равшан Раҳмон ҳуруфчинӣ шудааст. Баъд аз тойп ва муқоиса кардани матни тойпшуда бо нусхаи китоб, бо нусхаи дуввумӣ аз ҳамон чоп низ муқоиса шудааст. Баъзе исмҳо ва калимоте, ки саҳеҳ буданашон дар нусхаи чопи Кобул машкук ба назар мерасид, бо нусхаи чопи Тоҷикистон муқоиса шудааст. Дар кори ҷадид рӯйи китоби «Тоҷикон» ҳеч тағйире дар муҳтавои китоб, сабки навишт, тарҷума ва гунаи манбаърасонӣ оварда нашуда. Фақат иштибоҳоти имлоӣ ва иншоӣ тасҳеҳ шуданд ва ҷоҳое, ки тағйирот овардем ё изофа шуда миёни қуллоб [ ] оварда шуданд. Тарҷумаи Ҷалолиддин Сиддиқӣ ва Равшан Раҳмон аз китоби «Тоҷикон» бидуни феҳрасти алоим буд. Феҳрасти алоим дар чопи ҷадид афзуда шудааст» [Ҳамидзода 2019, с. 5].

Ин буд, ки меҳри манро нисбат ба омӯзишу пажуҳиши фарҳанги гуфторию суннати забону фарҳанги миллатам китоби «Тоҷикон» бештару нерумандтар карда буд. Ба ин пайвастагӣ камина ҳар замон ба омӯхтани сарчашмаҳои бостонӣ муроҷиат менамоям.

Таърихи башар, то ба вуҷуд омадани хат, дар тӯли чандин ҳазорсолаҳо, ба таври гуфторӣ аз насле ба насле интиқол меёфт. Баъд аз он ки хат пайдо шуд (ҳудудан шаш ҳазор сол пеш), то имрӯз қавму қабилаву миллатҳои дорои хат буда, баробари осори навиштории худ аз мероси арзишманди гуфторӣ низ, ки аз ниёгонашон даҳон ба даҳон ба мерос гирифтаанд, баҳраманд ҳастанд. Мардумоне пас дорои хат шудан тадриҷан мушоҳидаҳои устуравӣ, афсонавӣ, воқеаҳо, ҳодисаҳо ва ғайраро аз шакли гуфторӣ ба шакли навишторӣ меоварданд. Ҳамаи таърхнигорони замони бостон, садаҳои баъд ва ҳатто имрӯз ба ин гуфтаҳои муҳими гуфторӣ, расму оинҳо, иҷрои маросимҳои гуногун ба таври куллӣ, тибқи

истилоҳи имрӯза бигӯем ба маводи этнографӣ ва фолклорӣ, ҳангоми навиштани асари худ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд, ҳамчун санади илмӣ ба мероси суннатии гуфторӣ такя менамоянд.

Сиёсатмадор ва таърихнигори тоҷик аллома Бобоҷон Ғафуров дар баробраи ба муддати даҳ сол (1946-1956) сарвари кишвари Тоҷикистони Шӯравӣ буданаш, на фақат чун сиёсатмадори миллатдӯст, балки ҳамчун таърихшиноси пурдону пухтакори қарни XX эътироф шудааст, ки дар ин бора дар пешгуфтори «Избранные труды» ("Асарҳои мунтахаб")-и эшон ҳайати таҳрир (редколлегия) бо эҳтиром чунин нигоштаанд: "Ҷаҳонбинии сиёсӣ ва илмии академик Б. Ғафуров, қобиляти кории хуб ва зуд посух гуфтани ӯ ба масъалаҳои мубрам, оқилона ва оҷилона ба мушкилоти рӯзмарраи ҳаёти муосир ҷавоб додани вай, барояш дар баробари кормандони давлатӣ ва олимони кишварҳои бузурги олам обрӯю эътибори сазоворе овард. Ӯ то охирин лаҳзаи зиндагиаш ҳамчун фарзанди вафодори халқ, инсони одии ҷаззоб, дорои табъи зарифу шӯх, меҳрубону дилсӯз, нисбат ба атрофиёнаш боқӣ монд" [ниг.: Гафуров 1985, с.19].

Ҳамин муҳаббат ва самимияти эшонро дар китоби «Тоҷикон», ки дар таърихшиносии миллати тоҷик камназир аст, низ метавон мушоҳида кард. Ӯ дар ин асари арзишмандаш аз оинҳо, маросимҳо, ҳунарҳо, адабиёти гуфторӣ, фарҳанги суннатӣ ва монанди ин, дар мавридҳои муносиб истифода намуда, гуфтаи хешро тақвият бахшидааст. Тибқи истилоҳоти илми байналмилалӣ дар китоби «Тоҷикон» маводи этнографӣ, этнолоҷӣ, фолклорӣ, антрополоҷӣ, диалектолоҷӣ ва амсоли ин моҳирона мавриди истифода қарор гирифтааст. Яъне ҳангоми навиштани ин асар Б.Ғафуров дар канори сарчашмаҳои таърихӣ, бостоншиносӣ, инсоншиносӣ, забоншиносӣ, адабиёт, ҳунар, мусиқӣ ва ғ. ба вижа ба

мероси гаронбаҳои этнографӣ ва фолклорӣ ҳамчун маъхази илмӣ рӯ овардааст.

Дар воқеъ он санадҳое, ки аз замонҳои бостон, дар ҳофизаи мардум, насл ба насл то рӯзгори мо расидаанд, барои ҳалли бисёр масъалаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ кумак менамоянд. Дар рафти мутолиаи «Тоҷикон» пажуҳандагони риштаҳои гуногун, аз ҷумла бостоншиносон, мардумшиносон, фолклоршиносон, лаҳҷашиносон ва дигарон дар асоси санадҳои илмӣ дуруст бардошт мекунанд, ки халқҳои ҳиндуэронӣ аслан аз як решаанд. Дар ин бора худи Б. Ғафуров ба гуфтаи пажуҳишгарони илмҳои мардумшиносӣ ва инсоншиносӣ такя намуда гуфтааст: "Таҳқиқи қиёсии оинҳои қадими эронӣ ва ведӣ ҳамгунӣ ва монандии тасаввуроти динии аҷдоди халқҳои эронӣ ва ҳиндуориёниро собит намуд. Маълум гардид, ки расму оин ва урфу одатҳои ин мардумон аз қадимулайём бо ҳам хеле наздик ва шабеҳ будаанд" [Ғафуров 1998, с.41].

Агар мо ҳар кадоме аз бахшҳои улуми ҷомеашиносиро аз назар гузаронем дар байни мардуми ориёитабор монандиҳои зиёдеро пайдо карда метавонем. Ба ин ҷиҳат Б. Ғафуров ёдовар шуда навиштааст: "Муҳаққиқони таърихи тамаддуни ҳиндувон ва эрониён аз осори қадимаи динӣ ва адабии онҳо **бисёр қиссаҳои ба якдигар монанди асотирӣ ва ҳамосиро кашф намудаанд**. Ин навъ мушобиҳатҳоро дар дигар соҳаҳои маданияти маънавии эрониёну ҳиндуориёиҳои қадим низ метавон пайдо кард" (ишора аз мост – Р.Р.) [Ғафуров 1998, с.41].

Гуфтаи олими бузургро тақвият дода, ёдовар шудан айни муддаост, ки ҳоло низ дар миёни тоҷикон "**бисёр қиссаҳои ба якдигар монанди асотирӣ ва ҳамосӣ**" роиҷ мебошанд, ки он дар байни халқҳои ба истилоҳ "орёйӣ" ё "ҳидуаврупоӣ" низ вирди забони мардум буд ва ҳаст.

Тавре ки дар боло ишора намудем дар ҷомеаи ибтидоӣ офаридаҳои моддӣ ва маънавии мардум асосан тавассути ҳофиза ва хотираҳо аз насле ба насле интиқол

меёфт. Чунки дар он замонҳои дур ҳанӯз хат вуҷуд надошт. Баъд аз он ки хат кашф шуд, боз ҳам дар ёд нигаҳ доштан ва ба дигарон интиқол додани ин ё он касбу ҳунар ва асари дилнишини гуфторӣ идома меёфт. Ҳамин суннати гуфторӣ буд, ки китоби муқаддаси ниёгони мо "Авесто" низ солҳои дуру дароз, ҳатто баъди ба садамаҳои таърихӣ гирифтор шуданаш ба таври гуфторӣ аз насле ба насле мегузашт. Б. Ғафуров ҳамчун пажуҳишгари дақиқназар ва пурдон, бар асоси омӯзишҳои худ, дар ин бора чунин ишора намудааст: "Муддатҳои зиёде "Авесто", мисли дигар ёдгориҳои динӣ ва ҳамосии ҳиндӣ ва эронӣ, ***ба таври шифоҳӣ, ки ягона шакли дақиқан маҳфуз мондан буд*** (ғайр аз тағйироти муайяне дар талаффуз) ***нақл карда мешуд***. Ин тарзи нақл ва хониш боз муддати дуру дарозе, пас аз сабти хаттии "Авесто" ҳам, дар иҷрои ниёиш, таълим ва ғайра, инчунин дар маҳфуз мондани матни анъанавии он аҳаммияти умда дошт" (таъкид аз мост – Р.Р.) [Ғафуров 1998, с.64].

Ҳамин гуфтаи донишманди фозил кофист, ки барои омӯхтани тамаддуни башарӣ расму оин, адабиёти гуфторӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва он чизе ки дар зеҳни мардум аз ниёгон боқӣ мондааст, таваҷҷуҳ намоем.

Тавре ки санадҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ арзишманд ҳастанд, маводи мардумшиносӣ низ аҳамияти вижаеро дорост. Агар мо ҳар қадар ин санадҳоро аз миёни мардум гирд оварем ва онҳоро ба чоп бирасонем ва ё дар бойгонӣ нигаҳ дорем, дар натиҷаи таҳлилҳо ва муқоисаҳо, ҳамон қадар арзиши онҳо баландтар мешаванд. Чунки маҳз дар асоси ҳамин санадҳои ба ҳам монанд, ки аз ҳар гӯшаву канори олам сабт гардидааст, метавон хулосаҳои муфиди илмӣ баровард. Мавридҳои зиёде пеш омадааст, ки муҳаққиқон такя бар суннатҳои гуфторӣ ҳалли бисёр масоили илмиро пайдо намудаанд. Аз ин рӯ, зарурат ва арзиши санадҳои фарҳанги мардумиро Б. Ғафуров медонист, ки дар ин бора худи ӯ чунин нигоштааст: "Барои омӯхтани таърихи қадими аҷдоди халқи тоҷик

***маълумоти этнографӣ низ аҳамият дорад***. Дар маишат ва тарзи зиндагии пешазреволютсионии тоҷикон, махсусан тоҷикони кӯҳистон бисёр боқимондаҳои муносибати ҷамъияти ибтидоӣ маҳфуз монда буд. Чунончӣ, хонаҳои калони умумӣ дар деҳаҳои Дарвоз ва Қаротегин яке аз нишонаҳои он мебошад. ***Аз бисёр бақияҳои парастиши оташ, аловхона, яъне ҷое, ки аҳолии мардинаи қишлоқ дар гирди оташ ҷамъ омада, зиёфат меоростанд, ниҳоят паҳн гардида буд. Як қатор урфу одатҳо*** ба маҳфуз мондани бақияҳои замони модаршоҳӣ низ гувоҳӣ медиҳанд. Дар санъати сафолсозӣ ва бинокорӣ бисёр хусусиятҳои қадима нигоҳ дошта шудаанд. Машҳуртарин ***гуфторҳои бостонӣ доир ба қаҳрамони ривоятҳо дар васфи Рустам мебошанд. Одатан тоҷики кӯҳистонӣ ба коре шурӯъ намуда, пеш аз ҳама, "Рустам, мадад кун!" мегӯяд. Тиру камон "камони Рустам" ном гирифтааст. Як қатор урфу одатҳо аз маҳфуз мондани бақияҳои давраи модаршоҳӣ шаҳодат медиҳад. Дар ҳунари кулолӣ ва санъати бинокорӣ бисёр ҷиҳатҳои анъанавии қадима боқӣ мондааст***" (таъкид аз мост – Р.Р.) [Ғафуров 198, с.85-86].

Агар мо гуфтаҳои болоии Б. Ғафуровро бо диққат аз назар гузаронем шоҳиди он мегардем, ки муҳаққиқи фарзона тамоми ҷиҳатҳои умдатарини фарҳанги мардумро ба инобат гирифтааст. Дар ҳамин сатрҳои фавқ, ҳам оинҳои мардумӣ, ҳам ҳунарҳо ва ҳам адабиёти гуфтории он ба пеши назар ҷилвагар мешавад. Ба хусус он чизе ки роҷеъ ба Рустами достон ва Сиёвуш аст ҳоло ҳам дар миёни мардуми тоҷик ба назар мерасад. Дар ин бора Б. Ғафуров дар асоси матни суғдии "Вессантараҷатакӣ" ва китоби Наршахӣ "Таърихи Бухоро" маъмулу машҳур будани ривоятҳоро дар бораи Сиёвуш ва Рустам ёдовар мешавад. Барои тайиди назари илмии худ порае аз матни суғдиро, ки роҷеъ ба Сиёвуш ва Рустам аст, меорад, ки чунин аст: "...***дар Бухоро як силсила ривоятҳое маъмул будаанд, ки аз корномаҳои Сиёвуш ном шоҳи афсонавӣ нақл мекардаанд. Ин ривоятҳо манзум будаанд ва онҳо дар***

***майдону кӯчаҳои шаҳрҳо суруда мешудаанд. Ҳамон достоне, ки аз марги Сиёвуш ҳикоя мекард, номи махсус дошт ва онро "Сӯги мугон" меномиданд***. Аз афти кор, Сиёвушро суғдиёни Самарқанд ва инчунин дар дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна мепарастидаанд.

Дигар фасли достон достони Рустам ва аспи вай Рахш, ки ба суғдӣ иншо шудааст, танҳо дар намуди ду пораи ҷудогона дастрас гардидааст. ***Дар ропаҳо ҳикоят мешавад, ки Рустам девҳоро таъқиб кард, бисёрии онҳоро кушт ва як қисми девҳо ҷон ба саломат бурда, андаруни қалъае пинҳон шуданд. Рустам аз кайфи зафар завқ бурда, дар маргзоре ба истироҳат рафт, зину лаҷоми Рахшро кушода, ба чаро сар дод ва худаш ҳам либоси ҷангиашро кашида монду ба хоб рафт. Дар мобайн девҳо ба худ омада, аз қалъа буромаданду аз паи Рустам афтоданд, ки илоҷе ёфта ӯро нобуд кунанд. Баъди ин лашкари девҳо тасвир шудааст, ки савори аробаю филу аспу дарандаву газандаву хазанда бо даҳшату ваҳшату магалу ғавғои мудҳиш ба роҳ мебароянд ва баъзе девҳо мисли каргасу калхот бол мезананду сарозер парвоз мекунанд***. "***Аз қиёми девҳо пардаи осмон дариду барфу борон, тагаргу жола ва раъду барқ бар замин фурӯ рехт, девҳо наъракшон замину замонро ба ларза меоварданд ва аз худ дуду оташ медамиданд". Рустами достон бошад, бехабар аз ин ҳама ғарқи хоб. Аммо ҷони Рустамро Рахш халос карда, ӯро аз хоби ғафлат хезонд. Рустам пӯсти шерро ба худ ҷавшан сохта, ба ҷанг омода шуд. Вақте ки девҳо наздик омаданд, Рустам вонамуд сохт, ки сахт тарсидаасту фирор хоҳад кард. Девҳо аз паси вай афтоданду Рустам ҳам каме онҳоро пеш оварда, ногаҳон пас гашту мисли шери жаён ба девон дарафтод***. Охири достон боқӣ намондааст" (таъкид аз мост – Р.Р.) [Ғафуров 1998, с.375-376].

Агар ба воқеият бингарем, на ин ки дар он замонҳои гузаштаи дур, балки ҳоло низ дар миёни мардум устура, афсона ва ривоятҳое мавҷуданд, ки онҳо тасаввуроте аз рӯзгори бостон ба шумор мераванд. Масалан, дар

Бухорои Шариф ва манотиқи дигар ривоятҳое роҷеъ ба Рустам ва Барзу, пиёлаи Рустам, қамчини Рустам, охури аспи Рустам, Сиёвуши Валӣ ва амсоли ин мавҷуд аст [ниг.: Мардумгиёҳ 1993, с.91-95; Мардумгиёҳ 1994, с.72-76].

Ба назари Б. Ғафуров ҳамосаи миллии мардумони эронитабор асосан дар байни мардуми бохтариҳо ва сакоиҳо шуҳрат доштааст. Албатта, оид ба ин гуфтаҳои худ пажуҳанда далелҳои таърихӣ ва ҳам фолклорӣ дар даст дошт, ки яке дигареро пурратар мекард. Ӯ назари хешро оид ба Ардашери II бо як достони мардумӣ ба таври зерин тақвият медиҳад: "***Достони халқии эронӣ***, ки аз фикраҳои боқимондаи "Таърихи Форс" ном асари табиби дарбори Ардашери II Ктесий ба мо маълум аст, аслан дар вилоятҳои Осиёи Миёна, бештар дар маҳалҳои бохтариҳо ва сакоиҳо офарида шудааст. ***Баъдтар вай ба тарафҳои ғарб интишор ёфта, пас аз тағйироту иловаҳо асоси ҳамосаи милии эрониро фароҳам овард. Бисёр сюжетҳои ин достон ба "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дохил гардид***" (таъкид аз мост – Р.Р.) [Ғафуров 1998, с.113].

Воқеан ҳоло низ бисёр сужетҳое дар миёни мардум роиҷ ҳастанд, ки аз "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ дубора дар миёни мардум густариш ёфтаанд ва ё аслан аз замонҳои қадим вирди забони мардум будаанд. Фолклоршиноси эронӣ устод Анҷавии Шерозӣ дар се ҷилд бо номи "Фирдавсинома" (соли 1369) афсона, нақлу ривоятҳоеро, ки роҷеъ ба "Шоҳнома" ва шахсияти ӯ, ки дар миёни мардум маъмул аст, интишор менамояд [ниг.: Анҷавии Шерозӣ 1369]. Б. Шермуҳаммадиён ва Д. Обидзода низ маҷмуаеро зери унвони бо унвони "Қиссаҳо пиромуни Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома»" (1996) ба табъ мерасонанд [ниг.: Қиссаҳо пиромуни Фирдавсӣ… 1996]. Банда низ таҳти унвони «Шоҳнома» дар байни тоҷикон» гуфтаҳои мардумро аз байни мардум гирд оварда ба нашр расонидам, ки дар оянда ҳамчун санади илмӣ ба кор хоҳад рафт [ниг.: Раҳмонӣ 2017].

Ин гуна нақлҳо дар миёни мардуми Афғонистон низ зиёд аст. Гирдоварӣ ва нашри чунин матнҳо на танҳо барои фолклоршиносон, балки барои пажуҳишгарони таърихнигор, адабиётшинос, забоншинос, ҷомеашинос низ дорои аҳаммият мебошанд.

Агар Б. Ғафуров дар баъзе мавридҳо ба таҳқиқоти пажуҳишгарони мардумшинос ва фолклоршинос такя намояд, гоҳе дар асоси муқоисаи ҳамаи санадҳои мавҷуд хулосаҳои дурусти мантиқӣ мебарорад. Ба навиштаҳои эшон дақиқтар назар афканем боз ҳам бештар мушоҳида менамоем, ки мардумони эронитабор дар гузаштаҳо нисбат ба замони мо монандиҳои бештаре доштаанд. Барои тасдиқ ба чунин гуфтаҳои Б.Ғафуров метавон муроҷиат кард: “***Халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар бобати либос ҳам умумият доштанд, хусусан либоси хоразмиҳо, бохтариҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна хеле монанд буд***, зимнан сакоиҳои тиграхӯд бештар бо кулоҳи худ фарқ мекарданд. Либоси онҳо аз нимтанаи тасмакалон ва шалвори кӯтоҳ иборат буд. **Намояндагони халқҳои Осиёи Миёна дар нақшҳои барҷастаи Бесутун, Тахти Ҷамшед ва Нақши Рустам тасвир ёфтаанд, ки ин барои донистани хусусиятҳои антрополгӣ ва этнографии ин халқҳо аҳамияти бағоят калон дорад**. ***Ин ёдгориҳо нишон медиҳанд, ки либоси форсҳо ҳам айнан мисли либоси мардумони Осиёи Миёна будааст***” (таъкид аз мост – Р.Р.) [Ғафуров 1998, с.114].

Шабоҳати тамаддуни мардумони эронитаборро ҳангоми баррасии “Ақоиди мазҳабӣ” дар китоби “Тоҷикон” бештар мушоҳида менамоем. Донишманди фозил бо такя бар асарҳои бостоншиносӣ ва навиштаҳои донишманди бузург Абурайҳон Берунӣ монандиҳо ва тафовутҳои суннатҳои динӣ ва омии мардумони ҳамнажодро дар муқоиса нишон додааст [муфассал ниг.: Ғафуров 1998, с.376-384].

Баъди баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷониба роҷеъ ба “Муборизаи халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили

истилогарони Юнону Мақдунӣ" Б. Ғафуров хулосаи дуруст бароварда, ёдовар мешавад, ки таъсири тамаддуни мардумони Осиёи Миёна ва Эрон бар тамаддуни мардумони юнонию мақдунӣ низ назаррас аст. Ӯ ин гуфтаашро бо далелҳо собит менамояд. Вай ҳамеша фарҳанги мардумони Осиёи Миёна ва Эронро, ки воқеан ҳам якест, муштаракан мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Масалан, таъсири суннатҳои мазҳабии мардумони эронитаборро бар динҳои дигар таъкид намуда гуфтааст: "***Расму одатҳои мазҳабии мардумони Осиёи Миёна ва Эрон ба ақидаҳои динии юнониён ва римиҳо таъсири калоне бахшида, сипас, ба тарақиёти дини насронӣ ҳам асароти худро гузоштааст***... Таъсири Шарқи Қадим дар адабиёт, санъат, фалсафа ва дигар риштаҳои илму фанни юнонӣ низ инъикоси худро пайдо намудааст" (таъкид аз мост – Р.Р.) [Ғафуров 1998, с.134].

Мушоҳида мешавад, ки Б.Ғафуров ба ҳар навъ сарчашма ҳамчун санади муҳими илмӣ назар менамояд ва барои исботи ин ё он масъала чун намуна мисол меорад. Агарчӣ офаридаҳои мардумии замонҳои гузашта хеле кам дастрас аст, намунаҳои андаки он низ моро бо баъзе лавҳаҳои зиндагии гузаштаҳои дур ошно месозад. Масалан, ҳамон таронаи машҳурро, ки борҳо муҳаққиқони гуногун дар асарҳояшон ёдовар шудаанд, Б.Ғафуров низ ҳангоми таҳқиқи "Мубориза Хатлонзамин бар зидди истилогарон"-и араб он лаҳзаро шарҳ дода, бо иқтибос аз Табарӣ, баҳайси намуна он таронаро меорад: "Табарӣ хабар медиҳад, ки вақти аз ҷанги Хатлон шармандавор шикаст хӯрда ба Балх баргаштани Асад ибни Абдуллоҳ ***аҳли Балх дар ҳаққи ӯ суруди тамасхуромез меофаранд*** (таъкид аз мост – Р.Р.):

*Аз Хаталон омадия,*
*Ба рӯ табоҳ омадия.*
*Обор боз омадия,*
*Хушку низор омадия"*

[Ғафуров 1998, с.427].

Матни боло дар китоби «Таъриху-р-русули ва-л-мулук», ки аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шуда дар 16 ҷилд нашр гардидааст ва ҳоло ба алифбои тоҷикӣ дар 8 китоб ба чоп расидааст дар он вожаи «омадия» дар шакли «омадед» оварда шудааст:

*Аз Хутталон омадед,*
*Ба рӯ табоҳ омадед.*
*Абор боз омадед,*
*Хушкнизор омадед*

[ниг.: Табарӣ 2014, с.3704].

Ин суруд, шаклҳои зиёд дошта, ҳоло низ дар гуфтори мардуми Афғонистон шуҳрат дорад, ки фолклоршинос Д. Обидов низ як намунаи онро дар маҷмуае ҷой додааст [ниг.: Намунаҳо аз фолклори тоҷикони Афғонистон 1988, с.149].

Б.Ғафуров зимни пажуҳиши худ ба ҳар мисоле, ки марбути зиндагии мардум аст ва сина ба сина то замони мо тавассути ҳофизаи мардум расидааст ва аз ҷониби пажуҳандагон сабт шудааст, хеле баҷо ва мантиқӣ муроҷиат намудааст. Ин аст, ки китоби “Тоҷикон”, на танҳо як тасвири воқеаҳо ва ҳодисаҳои таърихи давлатдорӣ ё ҷангҳо ва амсоли ин мебошад, балки ин асар таърихи нисбатан комили тамаддуни чандҳазорсолаи мардуми тоҷик дар робита бо халқҳои дигари олам аст. Аз ин рӯ, ҳар мисоле ё лавҳае, ки аз рӯзгори суннатии мардум оварда шудааст, асарро боз ҳам рангинтару марғубтар намудааст. Масалан, дар ҷилди дувуми “Тоҷикон”, ҳангоми инъикоси ба вуҷуд омадани аввалин коргарҳои маҳаллӣ муаллиф навиштааст: “Аввалин кадрҳои пролетариати маҳаллӣ аз ҷумлаи деҳқонони бенавогашта ташкил меёфтанд, ки онҳо дар ҷустуҷӯи кор ба шаҳр равона мешуданд. Қисми асосии пролетарҳои

аввалини тоҷик мардикорон, коргарони мавсимӣ ба ҳисоб мерафтанд ва онҳо дар конҳо, корхонаҳои вилояти Самарқанд, заводҳои пахтаи Фарғона, дар сохтмони роҳи оҳан корҳои вазнини зӯрталабро баҷо меоварданд. ***Дар рубоӣ ва таронаҳои ғарибӣ, ки то ба замони мо омада расидаанд, аз рӯзи сиёҳи мардикорони тоҷик ва ғарибмазор шудани онҳо сухан меравад*** (таъкид аз мост – Р.Р.):

*Дар ҷарибӣ гашта-гашта ранги зард овардаам,*
*Ранги зардамро ба пеши аҳли дард овардаам.*
*Ранги зардамро бубину аз хазонам ёд кун!*
*Дар сари қабрам нишину як даме фаёд кун!"*

[Ғафуров 1998, китоби дуюм, с.225]

Аз ин мисол баръало ҳувайдост, ки Б. Ғафуров ба ин васила зиндагии мардуми одиро ва ҷабру ҷафои онро тавассути адабиёти гуфтории худаш боз ҳам назаррастар тасвир менамояд. Чунин мисолҳо ва санадҳои фолклорӣ ва ё мардумшиносӣ бечуну чаро хонандаро бо рӯзгори ҳамаи табақоти мардум боз ҳам равшантар ошно месозад. Воқеан таърих бидуни тасвири фарҳанги суннатии худи мардум, таърихи аслӣ нест. Аз ин рӯ, дар китоби "Тоҷикон" муаллиф кӯшидааст, ки таърихи воқеии мардумро ба таври густурда инъикос намояд.

Агарчӣ мо бештар ба китоби "Тоҷикон" такя карда бошем ҳам фаромӯш набояд кард, ки Б. Ғафуров таваҷҷуҳи олимони мардумшинос ва фолклоршиносро барои боз ҳам бештар омӯхтани офаридаҳои мардумӣ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, бо ташаббус ва пешгуфтори эшон соли 1961 дар Маскав ба забони русӣ зери унвони «Таджикские сказки» нашри илмии афсонаҳои тоҷикӣ дар 606 саҳифа ба нашр расид, ки мураттиби он Р.Амонов буда, муҳаррирон Б.Ғафуров ва А.Мирзоев мебошанд. Барои ин маҷмуа Б.Ғафуров пешгуфтори муфассал навиштааст [ниг.: Гафуров 1961, с.3-9].

Ӯ дар пешгуфтор дар канори нишон додани таърих, тамаддун ва адбиёти оламшумули тоҷикон, аз фарҳанги ғании анъанавӣ, аз ҷумла фолклори вай ёдовар шуда гуфтааст: “Мардуми тоҷик эҷодгари жанрҳои гуногуни сарвати арзандаи фолклорӣ аст. Дар даврони асрҳои миёна асарҳои адабиёти шифоҳӣ дар маҷмуаҳо ҷамъ оварда мешуданд. Яке аз маҷмуаҳои қадимтарини ҳикоятҳо, афсонаҳо, масалҳо ва ривоятҳо – “Ҷомеъ-ул-ҳикоят”-и Муҳаммад Авфӣ (асри XIII) мебошад. Чунин маҷмуаҳо кам набуданд. Гоҳе мураттибон худашон низ дар асоси маводи фолклорӣ ҳикояҳо эҷод мекарданд ва онҳоро дар канори асарҳои мардумӣ дар маҷмуаҳо шомил месохтанд. Аз ин рӯ, айнан ҳамон як ҳикояро метавон дар маҷмуаҳои гуногун вохӯрд” [ниг.: Гафуров 1961, с.3].

Б. Ғафуров дар ҳамин пешгуфтор дар бораи моҳияти асарҳои фолклорӣ, ба хусус муносибати адабиёт ва фолклор таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ, оҳангҳои фолклории асарҳои Рӯдакӣ, тахайюли иҷтимоии Ҷомӣ ва амсоли ин ёдовар мешавад. Ин донишманди фарзона на танҳо таъсири фолклорро дар адабиёт, балки баръакс таъсири адабиётро бар асарҳои мардумӣ низ хотиррасон шуда аз ҷумла навиштааст: “Маълум аст, ки пораҳои зиёди ашъори Фирдавсӣ, Рудакӣ, Саъдӣ ва шоирони дигар ба шакли зарбулмасалу мақол ҳамчун дурдонаҳои офаридаҳои шифоҳии мардум вирди забонанд” [ниг.: Гафуров 1961, с.4].

Алломаи бузург вазифаи худ медонад, ки дастовардҳои фолклоршиносон ва осори фолклории то соли 1961 чопшударо ба ёд оварад. Ба ин ҷиҳат аз заҳматҳои А. А. Семёнов, И. А. Сухарев, О. А. Сухарев, Ҳ. Карим, А. Н. Болдирев, М. Турсунзода, Л. Бузургзода, А. Деҳотӣ, Р. Ҷалил, И. С. Брагинский, Н. Нурҷонов, Н. Маъсумӣ, Н. Я. Нальский, В. Асрорӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Р. Амонов, К. Улуғзода, А. З. Розенфельд, М. Шукуров, Б. Шермуҳаммедов, С. Норматов, Ф. Зеҳниева, Т. Исроилова ва дигарон ёдовар

мешавад ва фаъолияти неки шӯбаи фолклорро, дар гирдоварии асарҳои фолклорӣ қайд менамояд.

Дар ин "Пешгуфтор", ки барои маҷмуаи «Таджикские сказки» буд, эшон роҷеъ ба афсонаҳои маҷмуаи мазкур сухан ронда, моҳияти илмии ин маҷмуаро дар муқоисаи китобҳои пешин баён намудааст. Ба ёд овардааст, ки маҷмуаи «Афсонаҳои халқи тоҷик», ки соли 1957 ва 1960 [ниг.: Таджикские народные сказки 1957; 1960] ба забони русӣ чоп шудааст тибқи талабатои илмӣ нашр нашудааст: "Ба ҳар ҳол ин маҷмуа (маҷмуае, ки соли 1957 дар Маскав чоп шудааст – Р.Р.) ба талаботи илмӣ ҷавоб дода наметавонад. Дар канори сабтҳои тӯлонӣ, ки ба забони адабӣ таҳрир шудаанд, роҷеъ ба гӯяндагони матнҳо маълумоте вуҷуд надорад, ҳамчунин гирдоварандагони афсонаҳо низ номаълуманд" [ниг.: Гафуров 1961, с.7].

Сипас Б. Ғафуров дар бораи мазмун, мундариҷа ва густариши афсонаҳо ва гӯяндагони он сухан ронда, нақши ровиёнро нисбати таблиғи ин ё он матни фолкорӣ таъкид намуда навиштааст: "Бо садои баланд хондани осори шоирони бузурги асрҳои миёна, асрҳост, ки мавҷуд аст. Ровиёни касбӣ бо мурури замон баъзе достонҳои классиконро ба наср баён мекарданд ва ба таври худ матнро гоҳе тағйир медоданд" [ниг.: Гафуров 1961, с.8].

Ҳамин тавр маҷмуаи «Таджикские сказки» (1961) то ҳол ягона матни нисбатан пурраи илмии афсонаҳои тоҷикӣ ба забони русӣ мебошад. Гуфтан айни муддаост, ки то имрӯз ба забони тоҷикӣ ***маҷмуаи комилан илмие, ки ҳамаи навъҳои афсонаҳоро дар бар мегирифта бошад*** ба табъ нарасидааст.

Хулоса, Бобоҷон Ғафуров дар канори санад ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, ба маводи фаровони этнографӣ ва фолклорӣ, ки аз ҷониби мутахассисон гирдоварӣ ва баррасӣ шудааст аҳаммияти ҷиддӣ дода, ҳангоми навиштани асари худ ба онҳо такя намудааст. Ба ин васила моҳияти таърихии расму оин, ҳунарҳои мардумӣ, адабиёти гуфторӣ ва амсоли инро, ки илмҳои

фолклоршиносӣ ва этнография (этнология) меомӯзад, барои ҳамаҷониба ва дақиқтар омӯхтани ин ё он масъалаи тамаддуни тоҷикон таъкид кардааст. Дар воқеъ агар дар оянда низ офаридаҳои мардуми тоҷик, ки то кунун дар миёни мардум роиҷ аст, боз ҳам бештар ҷамъоварӣ ва китобат шавад, барои боз ҳам пурратар омӯхтани таърихи воқеии мардуми тоҷик, ҳамчун сарчашмаи муътабар дорои аҳаммияти бузург хоҳад буд. Дар айни замон барои таърихнигорон ва ҷомеашиносон нақлҳои «таърихи гуфторӣ» низ, чун санади илми этнографӣ ва фолклорӣ, барои кушодани бисёр масъалаҳо манбаи муносиб мебошад, ки сабт ва нашри онҳо муҳим аст.

## Китобнома


*1.Анҷавии Шерозӣ. Фирдавсинома. (Дар се ҷилд). Теҳрон, 1369.*

*2.Гафуров Б. Предисловие // Таджикские сказки / Под. ред. Б. Г. Гафурова и А. Мирзоева. Сост. Р. Амонов. – М.: Изд-во восточный литературы, 1961. – С. 3-9.*

*3.Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Отв. ред. Б.А.Литвинский; АН СССР. Ин-т вотоковедения. – М.: Наука, 1972. – 658 с.*

*4.Гафуров Б. Избранные труды. Москава: Гл. ред. вост. лит-ры, 1985. – 620 с.*

*5.Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / Институти таърих, забон ва адабиёт. Филиали Тоҷикистонии АФ СССР; муҳаррир А.Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947. – 384 с.*

*6.Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин ва қуруни вусто (Барградон: Ҷалолиддин Сиддиқӣ ва Равшан Раҳмон аз хатти тоҷикӣ ба форсӣ). – Кобул, 1984. – 707 с. (Дар ду китоб чоп шудааст).*

В статье анализируется деятельность академика Б.Гафурова в области создания фундаментального труда по эволюционной теории цивилизации Центральной Азии, которую он проводил в несколько этапов в сотрудничестве с советскими востоковедами, иностранными учеными и международной организацией ЮНЕСКО. Подчеркивается, что академик Б.Гафуров внес большой вклад в реализацию проектов ЮНЕСКО "Восток- Запад", "Изучение цивилизации Центральной Азии". В рамке названных проектов особенно второго проекта по инициативе Б.Гафурова были проведены ряд международных конференций, симпозиумов, научных встреч ученых различных стран.

**Лариса Додхудоева**
**( Тоҷикистон)**

## Академик Furthermore Бобоҷон Ғафуров-асосгузори назарияи эволютсионии тамаддуни Осиёи Марказӣ

Мақола фаъолияти академик Б. Ғафуровро дар соҳаи эҷоди кори бунедӣ оид ба таърихи эволютсионии Осиеи Марказӣ таҳлил мекунад, ки онро дар якчанд марҳила дар ҳамкорӣ бо шарқшиносони шӯравӣ, олимони хориҷӣ ва созмони байналмилалии ЮНЕСКО гузаронидааст. Таъкид карда мешавад, ки академик Б.Ғафуров дар татбиқи лоиҳаҳои ЮНЕСКО Шарқ - Ғарб, Омӯзиши тамаддуни Осиеи Марказӣ мавриди таҳлил қарор дода

шудааст. Ғарб” ва “Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ” саҳми бузург гузоштааст. Тазаккур меравад, ки дар доираи лоиҳаҳои мазкур, хусусан лоиҳаи дуюм бо ташаббуси Б.Ғафуров чандин конференсия, симпозиум ва ҳамоишҳои байналхалқӣ гузаронида шудаанд.

**Larisa Dodkhudoeva**
(Tajikistan)

## Acdemisian Babajan Gafurov-the founder of the evolutionary theory of Central Asian civilization

The article analyzes the activities of Academician B.Gafurov in the field of creating a fundamental work on the evolutionary history of Central Asia, which he conducted in several stages in cooperation with Soviet orientalists, foreign scientists and the international organization UNESCO. It is emphasized that Academician B.Gafurov made a great contribution to the implementation of UNESCO projects “East-West”, “Study of the civilization of Central Asia". Within the framework of these projects, especially the second project, a number of international conferences, symposiums and scientific meetings of scientists from various countries were held according to the initiative of B.Gafurov.

**Абдувалӣ Шарифзода**
(Тоҷикистон)

## Баррасии масоили сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён дар осори академик Бобоҷон Ғафуров

Сикказанӣ ва муомилоти пулии давлти Сомониён яке аз мавзуъҳои муҳимми таърихнигории асрҳои миёна ва замони муосир мебошад. Як вижагӣ ва муҳиммияти мавзуи мазкур ҳамин аст, ки он дар осори таърихнигон ва

ҷуғрофинависони маҳаллӣ ва хориҷии ҳамзамони Сомониён ва давраҳои баъди онҳо, монанди Ибни Хурдодбеҳ [1], Наршахӣ [2] Ибни Фазлон [3], Истахрӣ [4], Ибни Ҳавқал [5], Мақдисӣ [6], Ёқути Ҳамавӣ [7], Гардезӣ [8], Ибни Халдун [9] ва дигарон таҷассум ёфтааст. Иттилои муаллифони мазкур ва умуман сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониёнро дар асрҳои XVIII-XIX ва нимаи аввали асри XX олимони шаҳире чун О. Тихсен (1758-1815) Я. Кер (1692-1740) [10], Х.Д. Френ (1782-1851) [11], П. Савелев (1814-1861) [12], В.В. Григорев (1816-1881) [13], В.Г. Тизенҳаузен (1825-1902) [14], Грунтовский (?) [15], А. Марков (1858-1920) [16], П. Лерх(1828-1884) [17], В.В. Бартолд (1869-1930) [18], М.Е. Массон (1897-1986) [19], Р. Фасмер (1888-1938) [20], Биков (1896-1977) [21] мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Ин маънои онро надорад, ки олимони аврупоӣ аввалин шуда ба муайянсозии сиккаҳои сомонӣ машғул шуданд. Зеро Закариёи Қазвинӣ дар “Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод” иттитлоъ медиҳад, ки ҳанӯз дар асри XI, аниқтараш дар соли 1083 Аҳмади Тартушӣ дар шаҳри Майнси соҳили дарёи Рейн катибаи ду сиккаро хонда, муайян менамояд, ки онҳо дирҳамҳои сомонӣ буда, дар шаҳри Самарқанд бо амри Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд. Ҳамчунин ин дар айни ҳол нахустин иттилоъ доир ба мавҷудияти дирҳамҳои сомонӣ дар Аврупо ба шумор меравад [22]. Аммо таҳқиқи сиккаҳои сомонӣ ва муомилоти пулии Сомониён ба маънои томаш дар Аврупо ва Россия ташаккул ва такомул ёфтааст. Яке аз сабабҳои асосии ин ба миқдори зиёд кашф шудани сиккаҳои сомонӣ ва ташкили шудани марказҳои шарқшиносӣ дар ин минтақаҳои хориҷ аз қаламрави давлати Сомониён мебошад.

Сиккаҳои сомонӣ, махсусан дирҳамҳо на танҳо дар тиҷорати дохилӣ, инчунин дар тиҷорати байналмилалӣ бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ васеъ

истифода мешуданд. Дар ин хусус садҳо ганҷинаҳои мухталифи ин дирҳамҳо, ки дар саросари кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ – Россия, Украина, Белорусия, кишварҳои назди баҳри Балтик, Полша, Германия, Дания, Финландия, Шветсия ва Норвегия ёфт шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дирҳамҳои сомонӣ нақши асъори байналмилалиро иҷро менамуданд.

Ганҷинаҳо шомили даҳҳо, садҳо ва ҳазорҳо дирҳам буданд. Масалан, дар вилояти Муромуски Россия соли 1868 ганҷинаи калоне ёфт шуд, ки дорои 11 ҳазору 77 дирҳам буд ва дирҳамҳои сомонӣ дар ин ганҷина 91%-ро ташкил медоданд [23] .

Шумораи умумии ганҷинаҳои дар Аврупо ёфтшударо то ҳол касе дақиқ муайян накардааст ва шояд теъдоди он ҳудуди 1500 адад бошад. Дар феҳристи А. Марков, ки бозёфтҳои то соли 1896-ро дар бар мегирифт ва соли 1910 чоп шуд, 972 ганҷинаи хурду калони дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Аврупо ёфтшуда ворид шудааст [16]. Аз он сол то ба имрӯз бозёфти ганҷинаҳои сиккаҳои куфӣ ва сомонӣ хеле афзудааст.

Танҳо дар Россия зиёда аз 400 ганҷинаи дирҳамҳои куфӣ, аз ҷумла сомонӣ ёфт шудааст ва ҳамасола теъдоди онҳо меафзояд. Мувофиқи феҳристи Г.Рисплинг дар Шветсия 62 ганҷинаи дирҳамҳои куфӣ, аз ҷумла сомонӣ ёфт шудааст, ки аз 38807 сикка иборат аст [24]. Мувофиқи маълумоти сиккашиноси олмонӣ Себастиан Бразер дар Аврупо зиёда аз 100 000 дирҳами куфӣ, аз ҷумла сомонӣ ёфт шудааст [25]. Дирҳамҳои сомонии дар ганҷинаҳои дар Аврупо ёфтшуда, ки ба асри X тааллуқ доранд, аксариятро ташкил медиҳанд. Маҳз бозёфти чунин ганҷинаҳои сиккаҳо дар Аврупо сабаб гардид, ки дирҳамҳои сомонӣ нисбат ба дигар сиккаҳои исломӣ барвақттар мавриди омӯзиши сиккашиносон қарор гирифтанд.

Феҳристи мукаммали ганҷинаҳои дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Аврупои Шарқӣ баъди нашри феҳристи А.Марков ва то соли 1971 ёфтшударо В.В.Кропоткин мураттаб намуда, нашр кард. Муаллиф дар ин мақола 202 ганҷинаро тавсиф мекунад [26]. Дар Феҳристи А.Марков теъдоди 367 ганҷинаи сиккаҳои куфӣ ва сомонии дар Россия ёфтшуда, тавсиф шудааст. Агар шумораи дар феҳристи В.В.Кропоткин зикршударо ба он изофа намоем, маълум мешавад, ки то соли 1971, яъне то як сол қабл аз нашри китоби "Тоҷикон"-и Б. Ғафуров дар Россия 569 ганҷинаи дирамҳои куфӣ ва сомонӣ ёфт шудааст. Доир ба ганҷинаҳои алоҳида ва ё гурӯҳи ганҷинаҳои дар вилоятҳои ҷудогонаи Аврупои Шарқӣ ёфтшуда, мақолаҳои зиёде нашр шуданд ва рӯйхати қисми зиёди онҳо дар мақолаи номбаршудаи В.В.Кропоткин зикр ёфтаанд [27].

Дар Аврупои Марказӣ (Лаҳистон, Олмон) ва Шимолӣ (Дания, Шветсия, Норвегия ва Финляндия) тавре ки дар боло гуфтем, омӯзиши дирҳамҳои куфӣ ва сомонӣ ҳанӯз дар охири асри XVIII оғоз шуда, дар асрҳои минбаъда густариш меёбад [27]. Доир ба ин мавзуъ бо забонҳои – англисӣ, олмонӣ, лаҳистонӣ, шведӣ, финландӣ ва ғайра феҳристҳо, китобҳо ва мақолаҳои сершумор чоп шудаанд. Рӯйхати қисми зиёди ин асарҳо дар мақолаи таҳлилӣ – ҷамъбастии сиккашиноси олмонӣ Себастиан Бразер оварда шудааст [28].

Қаламрави Сомониён ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистонро ҳам фаро мегирифт ва табиист, ки ёфт шудани сиккаҳои сомонӣ ва сиккаҳои роиҷи замони Сомониён аз Тоҷикистон амри воқеист. Академик В.В. Бартолд соли 1894 аз Шаҳристони Истаравшан як фалси сомониро аз сокинони маҳаллӣ харидорӣ карда, баъдтар муайян менамояд, ки он соли 286 ҳ.қ. мусодиф ба соли 899 масеҳӣ аз номи

Исмоил ибни Аҳмад дар зарробхонаи Шош зарб шудааст. Соли 1935 аз маркази шаҳри Исфара ганҷинаи сиккаҳои куфӣ кашф шуданд ва онро А.А. Биков таҳқиқ карда, соли 1940 доир ба ганҷинаи мазкур дар Эрмитажи давлатӣ гузориш медиҳад ва каме дертар, соли 1945 натиҷаи таҳқиқашро бо номи “Новый клад медных куфических монет из Таджикистана” (Ганҷинаи нави сиккаҳои мисии куфӣ аз Тоҷикистон) ин ганҷинаро нашр менамояд. Аз ин мақолаи ӯ ошкор мешавад, ки аксари сиккаҳои ин ганҷина фалсҳои сомонӣ мебошанд [21]. Ду сол баъд аз ин мақола, яъне соли 1947 аввалин асари ҷудогонаи академик Б. Ғафуров бо номи “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” ба нашр мерасад [29]. Соли 1948 М. Дяконов барои асари мазкур нақди илмӣ навишта, нахустин асари илмӣ доир ба таърихи халқи тоҷик буданашро таъкид карда, онро асари муҳимми илмӣ меҳисобад [30, 107-110].

Академик Б. Ғафуров бобҳои X-XII-и “Таърихи мухтасари халқи тоҷик”-ро ба давлати Сомониён бахшида бошад ҳам, дар он сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониён баррасӣ нашуда, муаллиф бештар ба муомилоти молии он замон таваҷҷуҳ намудааст [28,133-134]. Ӯ дар бахши “Ҳаёти маданӣ” бо “се танга” китоб харидани Абуалӣ ибни Сино, бо такя ба як байти Унсурӣ барои ба риштаи назм кашидани китоби “Калила ва Димна” ба Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ 40 ҳазор дирҳам инъом намудани Наср ибни Аҳмад, ба халифаи фотимии Миср 119 ҳазор динор товон додани ҳамин амири Сомонӣ ва 40 ҳазор динори ин товонро аз худ кардани пешвои исмоилиҳо - Нахшабиро зикр менамояд [28, 162-163]. Соли 1949 асари навбатии Б. Ғафуров таҳти унвони “История таджикского народа в краткой изложении с древнейших времен до Великой Октябрской Социалистической Революции 1917 г.” ба чоп расид [30]. Дар ин асар ҳам доир ба сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониён матлабе вуҷуд надорад. Асари мазкур бори дуюм

соли 1952 ва навбати сеюм соли 1955 бо ислоҳ ва иловаҳо ба чоп мерасад ва доир ба мавзуи мадди назари мо боз сухане гуфта намешавад [31], [32].

Соли 1964 ҷилди дуюми китоби дастаҷамъии “История таджикского народа” зери таҳрири Б. Ғафуров ва А. Беленитский рӯи чоп омада, дар боби дуюми ин асар, ки муаллифаш Н. Неъматов мебошад, бори нахуст дар таърихнигории тоҷик мавзуи сикказанӣ ва сиккаҳои сомонӣ ба таври мухтасар, вале мушаххас мавриди баррасӣ қарор мегирад [33,174-175]. Аз баррасиҳои Неъматов Н. маълум мешавад, ки ӯ дар нигориши ин мавзуъ як мақолаи Е. Массон ва ду мақолаи Е.А. Давидовичро истифода бурдааст [33,447]. Ба андешаи мо дар асари мазкукр инъикос шудани мавзуи сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониён бо фаъолияти илмии асосгузори сиккашиносии Тоҷикистон Е.А. Давидович робитаи ногусастанӣ дорад[34]-[41].

Махсусан мақолаи ин олими нуктасанҷ ва пуркор, ки соли 1966 бо номи “Денежное обращение в Мавераннахра при Саманидах” (Муомиоти пулии Мовароуннаҳр дар замони Сомониён) дар маҷаллаи бонуфузи “Нумизматика и эпиграфика” чоп мешавад, саҳифаи нав ва муҳиме дар таърихнигории муомилоти пулии Сомониён мекушояд [41,103-133]. Осори илмии марбути сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониёни Е.А. Давидович ва дигарон ба таърихнигории Сомониён, аз ҷумла ба инъикоси ин мавзуъ дар осори баъдинаи Б. Ғафуров таъсири амиқ гузоштааст. Ин масъала дар таҳқиқи китоби бунёдии соли 1972 ба русӣ чопшудаи “Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асримиёнагӣ” ошкоро ба назар мерасад. Академик Б.Ғафуров аз оғози фаъолияти илмиаш танҳо дар ин асараш ба сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониён рӯ меоварад ва мавзуи мазкурро ба таври академӣ дар бахшҳои “Тиҷорат ва муомилоти пулӣ”, “Рентаи феодалӣ, ҳаёти деҳқонон ва наҳзатҳои халқӣ”-и боби панҷуми ин асари бунёдӣ баррасӣ

менамояд [42,360-363, 368-369]. Ӯ бо такя ба иттилои Наршахӣ бозорҳоро маркази асосии тиҷорат ва гардиши пул ҳисобида, сиккаҳо, сикказании рушдёфта ва вижагии дақиқу таърихии муомилоти пулии Сомониёнро шоҳиди вазъият, дараҷаи инкишоф ва хусусиятҳои бозори дохилӣ медонад [42,360]. Б. Ғафуров дар китоби "Тоҷикон" яке аз масъалаҳои муҳимми сикказанӣ ва муомилоти пулии Сомониён- зарби динор ва муомилоти онро мавриди баррасии ҷиддӣ қарор додааст. Тибқи навиштаи академик Б. Ғафуров сиккаҳои зарин-динорҳо "дар давраи Сомониён хеле бисёр бароварда мешуд, вале микдори зиёди онҳоро берун аз ҳудуди Осиёи Миёна зарб мезаданд. Сиккахонаҳои Осиёи Миёна бошад, танҳо гоҳ-гоҳ динор мебароварданд. Аммо вижагии асосӣ ин аст: динорҳои тиллоӣ тибқи иттилои сарчашмаҳо "ҳамчун мол", яъне на ҳамчун сиккаҳои асил дона-дона, балки вазнбайъ муомила мешуданд ва ин иттилои сарчашмаҳоро вазни номунтазами динорҳо тасдиқ менамояд. [42,361]. Олим бо истинод ба Истахрӣ ва иттилои муфассали Ибни Фазлон доир ба сиккаҳои роиҷи замони Сомониён таъкид менамояд, ки дар асрҳои IX-X динорҳо амалан вазифаи воситаи муомилоти пулиро иҷро намекарданд. Пули асосии Сомониён будани дирҳам ва чун мол будани динорҳои онҳоро академик В.В. Бартолд низ зикр карда буд [43,83]. Аммо олими амрикоӣ Р. Фрай бо истинод ба теъдоди зиёди динорҳои сомонӣ дар коллексияҳои ИМА ин назарро қабул надорад [44,39]. Вобаста ба муомилоти динорҳои сомонӣ ҳаминро бояд хотиррасон намуд, ки матни сарчашмаҳои хаттӣ дар ин мавзуъ яксон нестанд. Чунончи Истахрӣ доир ба роиҷ будани зар дар муомилоти пулии Самарқанд иттилоъ додааст [45,78]. Иттилои Ибни Фазлон доир ба ниёиши як тоҷири рус ҳам метавонад далели истифодаи динорҳои сомонӣ дар муомилоти пулии он замон бошад [45,77]. Инчунин бояд ба назар гирем, ки муаллифи гумноми "Ҳудуду-л-олам" дар бораи дар як рӯз дар бозори

Марсмандаи Дизак ба миқдори ***10 ҳазор динор*** хариду фуруш шудани мол хабар додааст [45,81]. Гузашта аз ин вазири Сомонӣ-Ҷайҳонӣ дар “Ашколу-л-олам” иттилоъ медиҳад, ки дар муомилоти пулии Бухоро динорҳо истифода мешуданд [46,185]. Ибни Ҳавқал доир ба роиҷ будани динорҳои сомонӣ дар Илоқ ба таври равшан иттилоъ додааст [45,80].

Вижагии дигари ин мавзуъ дар осори академик Б. Ғафуров ин аст, ки ӯ нақши динорҳои сомонӣ дар муомилоти пулии Мовароуннаҳрро баррасӣ карда, ин мавзуъро вобаста ба муомилоти пулии Хуросони асрҳои IX-X баррасӣ накардааст. Дар поёни чигунагии баррасии динорҳои сомонӣ аз ҷониби аллома Бобоҷон Ғафуров ба тарзи илова гуфтан лозим меояд, ки соли 2020 муаррихи маъруфи тоҷик Ҳ. Пирумшоев доир ба динорҳои сомонӣ андешаҳои худро чунин иброз менамояд: “Динор... на танҳо дар ҳудуди давлати Сомониён, балки ***берун аз он*** ба сифати мол харидорӣ мешуданд ва арзиши ҳар донаи онро аз рӯи вазн (гуногунвазн буданд)” муайян мекарданд. Бесабаб нест, ки ***динорҳои тиллоии*** Сомониён бештар ***дар дигар мамлакатҳо*** низ пайдо мешаванд... қимати баланд доштани динорро ба назар гирифта, онро танҳо дар хазина нигоҳ медоштанд ё ба сифати моли ниҳоят арзишманд, ***ба бозаргонони хориҷӣ мефурӯхтанд***. Онҳо ин ***динори тиллоиро*** чун дастоварди гаронбаҳо ба ватанашон мебурданд” [47,133]. Чунонки мебинем, тибқи хулосаи Ҳ. Пирумшоев динорҳои сомонӣ дар муомилоти пулии дохилӣ истифода намешуданд ва онҳоро чун “моли ниҳоят арзишманд” ва “дастоварди гаронбаҳо” ба хориҷи қаламрави Сомониён содир менамуданд. Аммо то имрӯз берун аз ҳудуди Сомониён кашф шудани ганҷинаи динорҳои сомонӣ маълум нест. Ба ҳар ҳол аллома Б. Ғафуров дар осори илмиаш чунин фикрҳоро иброз накарда буд. Дар умум то имрӯз дар бораи нақши динорҳои сомонӣ дар муомилоти пулии Сомониён фикри ягона вуҷуд надорад. Метавон гуфт, ки динорҳои сомонӣ дар муомилоти

пулии Мовароуннаҳру Хуросон истифода мешуданд ва инчунин онҳоро чун молу сарват меандухтанд.

Зарби дирҳам ва нақши ин навъи сикка дар муомилоти пулии давлати Сомониён масъалаи дигари муҳим ва мубрамест, ки аллома Б. Ғафуров ба он таваҷҷуҳи хос намудааст. Ин олими маъруф ва ташкилотчии мумтози илм баъд аз баррасии динорҳо дирамҳои роиҷи замони сомониро мавриди баҳс қарор дода, менависад, ки "Воситаи асосии муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна дар асрҳои IX-X дирамҳое буданд, ки дар маъхазҳо **хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ ё қитрифӣ (дурусташ "ғитрифӣ", Ш.А.) номида** шудаанд. Ин тангаҳо бар хилофи дирамҳои исмоилӣ хеле кам хат, вале хеле зиёд сурат доштанд. Сурати асосии рӯи ин тангаҳо чунин буд, дар як тарафаш сурати аз миён болои подшоҳ ва дар тарафи дигари он назргоҳи муқаддас бо оташу посбонон. Ин суратҳо тасвири схематикии суратҳои тангаҳои яке аз шоҳони Сосониён мебошад, ки дар асри V ҳукм меронд. Яке аз хусусиятҳои иқтисодиёти он давра ҳамин буд, ки хироҷ маҳз бо ҳамин се хели тангаи суратдор дода мешуд, вале ҳар як вилоят хақ надошт, ки бо кадом намуди ин тангаҳо хоҳад, бо ҳамон хироҷи худро диҳад, балки ҳар як вилоят уҳдадор буд, ки хироҷи худро фақат бо ҳамон навъи тангаҳо диҳад, ки барои он вилоят муқаррар шудааст" [48,482]. Бояд гуфт, ки хироҷи баъзе шаҳрҳои марказии Мовароуннаҳр бо сиккаҳои мусайябӣ, муҳаммадӣ ва ғитрифӣ ҷамъоварӣ мешуд ва ин навъи сиккаҳои замони Сомониён дар Хуросон роиҷ набуданд. Ин се сиккаи бухорхудотӣ ҳудуди муайяни гардишро доштанд ва дар ҳар шаҳру вилоят қурби онҳо ҳар хел буд. Илова бар ин академик Б. Ғафуров ба фарқияти байни дирҳамҳои мусайябӣ, муҳаммадӣ ва ғитрифӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, бо такя ба иттилои Истахрӣ, Ибни Ҳавқал ва таҳқиқоти А. Марков, П. Лерх, Валкер, М.Е. Массон, М.Е. Давидович фарқияти асосии ин сиккаҳоро

дар хатти арабӣ ва таркиби филизи ин се навъ сиккаи роиҷи замони Сомониёнро дида, оид ба вижагии онҳо чунин менигорад: “ ... яке аз хусусиятҳои аҷоиби муомилоти пулии асрҳои IX-X ин аст, ки ҳар се тангаи номбурда аз тангаи нуқраи давлатии исмоилӣ бақурбтар ба ҳисоб мерафтанд, яъне ҳатто тангаи биринҷии қитрифӣ (ғитрифӣ, Ш.А.) аз тангаи исмоилӣ бақурбтар ҳисоб мешуд ва ба он бисёртар чиз харидан мумкин буд” [48,483].

Аллома Бобоҷон Ғафуров моҳияти сиккаҳои умумидавлтии Сомониён – дирҳамҳои исмоилиро мавриди баррасии ҷиддӣ қарор дода, вобаста ба иттилои сарчашмаҳои хаттӣ ва сиккаҳои сомонии то соли 1972 кашфшуда доир ба дирамҳои исмоилӣ менависад: “Дар асри IX, ба вижа дар асри X зарби дирамҳои нуқрагии умумидавлатӣ мунтазам шуд. **Дар ин сиккаҳо ягон тасвире нест**, танҳо катибаи куфии арабӣ ҳасту бас. Ин сиккаҳоро дар асри X аз номи Исмоили Сомонӣ “исмоилӣ” ном гирифтанд. Аҷоибаш ҳамин, ки сиккаҳои «исмоилӣ» дар ҳудуди Осиёи Миёна кам ёфт шудаанд, ҳол он ки дар Европаи Шарқӣ ва дар ноҳияҳои Назди Балтик садҳо ганҷинаҳои дирҳамҳои исмоилӣ ёфт шудаанд”[42,361].

Академик Б. Ғафуров дар давоми баррасиҳояшон кашфи зиёди ганҷинаҳои дирҳамҳои исмоилиро дар хориҷи Осиёи Миёна далели дар навбати аввал пулии ҷаҳонии замон будани ин дирҳамҳо медонад. Ҳамчунин нақши дирҳамҳои исмоилиро дар рушди тиҷорати хориҷӣ, ба вижа дар тиҷорат бо рус муҳим медонад. Ин ҷо илова кардан лозим меояд, ки дар асри X Сомониён анъанаҳои сикказании Ҳахоманишиён ва Сосониёнро эҳё намуданд. Зеро дарикҳои ҳахоманишӣ ва дирамҳои сосонӣ низ ҳамчун пули ҷаҳонӣ истифода мешуданд. Бобоҷон Ғафуров бо таъкиди мақоми ҷаҳонии дирҳамҳои исмоилӣ қайд менамояд, ки ин дирҳамҳо дар ҳаёти иқтисодии дохилӣ низ нақши муайн доштанд. Барои иҷрои ду нуктаи боло иёри соф ва вазни дирҳамҳо нақши муҳим доштанд. Кашфи ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонӣ дар

солҳои охир аз ҳудуди Осиёи Миёна ин андешаҳои ӯро тақвият мебахшанд. Инчунин аз кашфиёти солҳои охир баъзе хулосаҳои илмии академик Б. Ғафуров тағйир меёбад. Масалан ӯ вобаста ба дастовардҳои сиккашиносии замони хеш навишта буд, ки дар дирҳамҳои исмоилӣ ба ҷуз катибаи арабӣ бо хатти куфӣ ягон тасвире нест. Гап сари ин аст, ки илова ба хатти куфӣ дар дирамҳои исмоилӣ, хатти насх, нақшҳои гуногуни ҳандасӣ ва ислимӣ низ мавҷуданд. Гузашта аз ин олими англис Л. Тредвел аз фонди осорхонаи Ашмолаи донишгоҳи Оксфорд соли 1999 дирҳами сомониеро кашф мекунад, ки он соли 358 ҳ.қ. бо амри Мансури II ибни Нуҳ дар Бухоро зарб шуда, дар он илова ба катибаҳои куфии арабӣ, катибаи паҳлавӣ ва тасвири нимтани шоҳи тоҷбарсар мавҷуд мебошад [49, 80]. Як дирҳами дигари монанд ба сиккаи мазкур 26.10. 2022 дар музоядаи шаҳри Лондон бо нархи 15 ҳазор доллари амрикоӣ фурухта мешавад [50]. Зарур ба ёдоварист, ки дирҳами сомонии тасвирдори чопнамудаи Тредвел аз ҷониби баъзе олимони туркгаро барои турк ҳисобидани насаби Сомониён мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт [51]. Аммо ба чунин навиштаҳои муҳаққиқони муғриз ва туркгаро олимони тоҷик, аз ҷумла Л. Бойматов, Д. Довудӣ ва Ҳ. Пирумшоев ҷавоби сазовор ва мустанад доданд [52], [53], [47].

Вобаста ба воҳиди асосии пули замони Сомониён ин нуктаро илова кардан лозим аст, ки доир ба ин мавзуъ дар шарҳу тавзеҳи мухтасари илмию оммавии "Тоҷикон"-и Б. Ғафуров чунин омада, ки "Дирҳами исмоилӣ ҳамчун воҳиди асосии пул дар саросари қаламрави Сомониён-Мовароуннаҳр, Хуросон ва қисман Эрон дар гардиш буд" [54,256].

Яке аз нишонаҳои рушди иқтисодии ҳар як давлат танзими савдои чакана мебошад. Бобоҷон Ғафуров сиккаҳои мисии сомонӣ-фалсҳоро воситаи муҳимми савдои чакана ҳисобида, дар асоси иттилои Ибни Фазлон таносуби қурби онҳоро аниқ карда менависад, ки соли 921 як дирҳам баробари 24 фалс арзиш дошт. Фалсҳо дар ҳудуди шаҳр ё

вилояти зарбшудаашон нисбат ба дигар ҷойҳо арзиши баланд доштанд ва берун аз макони зарбшудаашон арзиши онҳо поин мерафт. Масалан бо як “фулус”-и (дурусташ “фалс”, Ш.А.) Самарқанд дар Бухоро аз се ду ҳиссаи он чизеро харидан мумкин буд, ки ба як сиккаи мисии Бухоро фурухта мешуд[ 48, 483] Б. Ғафуров бо баррасии масоили муомилоти пулии замони Сомониён вазъи иқтисодии Осиёи Миёнаро чунин баҳогузорӣ менамояд: “Вижагиҳои муомилоти дирҳамҳои мусайябӣ, муҳаммадӣ, ғитрифӣ ва сиккаҳои мисӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳатто дар давлати ба қатри кофӣ мутамаркази Сомониён Осиёи Миёна аз ҷиҳати иқтисодӣ ягонаву том набуд [ 42, 362].

Масъалаи дигаре, ки академик Б. Ғафуров дар иртибот ба мавзуи мақолаи мазкур таҳлилу хулосагирӣ кардааст, ба таъсири муносибатҳои молию пулӣ ба рентаи феодалӣ иртибот мегирад. Ӯ чунин менависад, ки “давлат миқдори муайяни хироҷро дар вақташ ғундошта мегирифт ва ҳатто дар як сол аз ҳисоби соли оянда ду бор ҳам хироҷ мегирифт. Ва ниҳоят дар асрҳои IX-X равнақу ривоҷи пуравҷи муносибатҳои пулию молӣ ҳам боиси хеле вусъат ёфтани рентаи замин гардид... Мувофиқи маълумоти маъхазҳои асрҳои IX-X хироҷи вилоятҳои гуногуни Осиёи Миёна ...ба шакли пул ҳисоб карда мешуд. Ба қавли Наршахӣ хироҷи Бухоро аввалҳо аз 200 ҳазор дирами нуқра андак зиёд будааст. Вақте ки дирами қитрифӣ баромад, муқаррар карданд, ки як дирами нуқра ба 6 дирами қитрифӣ (дурусташ ғитрифӣ, Ш.А.) баробар аст, пас маълум мешавад, ки хироҷи Бухоро ҳам қариб 1200 ҳазор дирами қитрифӣ будааст[48,491].

Масъалаи дигари муҳим ин пулӣ ё молӣ будани хироҷи замин дар давлати Сомониён мебошад. Дар ин масъала Б. Ғафуров ба иттилои Наршахӣ дар бораи аз ҷониби Ҳусайн ибни Тоҳир дар соли 874 бо дирҳами ғитрифӣ ҷамъ намудани хироҷи Бухоро такя намуда, ҳамфикри А.Ю. Якубовский буда, бо пул пардохт намудани хироҷро ҷонибдорӣ мекунад,

аммо онро ба тамоми қаламрави Сомониён саҳеҳ намедонад. Ӯ бо пул пардохт кардани хироҷро танҳо ба вилояти Бухоро марбут дониста, огоҳ мекунад, ки: “Дар асоси маълумоти як вилоят дар бораи тамоми Осиёи Миёна ҳукм баровардан кори дуруст нест, фақат ҳаминро аниқ гуфтан мумкин, ки дар вилоятҳои гуногуни Осиёи Миёна хироҷ ба намудҳои гуногун гирифта мешуд” [ 48, 492 ]. Читавре ки маълум шуд, академик Бобоҷон Ғафуров дар ин ҷо муассир будани муносибатҳои пулиро дар инкишофи муносибатҳои заминдорӣ ба таври амиқ таҳлил намудааст.

Ҳамин тавр аллома Бобоҷон Ғафуров масъалаҳои марбут ба сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониёнро дар маҳдудаи Осиёи Миёна ва хориҷ аз қаламрави Хуросон дар асоси иттилои сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмии дастрас таҳлил намуда, дар доираи ин баррасиҳо нақши динор, дирҳами исмоилӣ, дирҳамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ, ғитрифӣ ва фалсҳои сомониро дар муомилоти пулии дохилӣ, хориҷӣ ва таъсиргузории онҳоро дар инкишофи рентаи феодалӣ муайян карда, хулоса менамояд, ки вижагиҳои муомилоти пулии давлати Сомониён ба он далолат менамоянд, ки новобаста аз мутамарказ будани ин давлат, Осиёи Миёна аз ҷиҳати иқтисодӣ воҳид набуда, тиҷорат ва сикказанию муомилоти пулӣ ба ҳам таъсири мутақобилаи судманд доштанд.

## Сарчашмаҳои истифодашуда

*1.Ибни Хурдодбеҳ.Ал- масолику-л-мамолик/ Таҳрири М. Де Гуе – Ледин, 1306 – 548 с.*

*2.Аӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро/ Мураттибон:Ғоибов Ғ., Олимов К., Амиршоҳӣ Н.- Душанбе, 2012 - 736 с.*

*3.Ибни Фазлон. Риҳлату Ибни Фазлон – Димишқ, 1960- 221 с.*

*4.Истахрӣ Иброҳим. Масолик ва мамолик/ Бо кушиши Э. Афшор –Теҳрон, 1340 ҳ.ш. – 495 с.*

*5.Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз – Бейрут, 1992 – с. 439*

*6.Мақдисӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим/тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ.-Теҳрон, 1385.- 810 с.*

*7.Ҳамавӣ Ёқут. Муъҷаму-л-булдон – Бейрут, 1995 – с. 540*

*8.Гардезӣ Абдусамад Абдулҳай. Зайну-л-ахбор/ Ба криллӣ баргардони Қ. Рустам дар асоси матни Ризозода Малик-Душанбе,2014- с. 191-197*

*9.Ибни Халдун Китобу-л-ибар. Таърих/ Сомониён дар оинаи таърих.-Хуҷанд, Ҷ. 2,1998.- с. 457*

*10.Тизенгаузен В.Е. Обзоръ совершеныхъ въ России трудовъ по Восточной нумизматике/ Труды третьяго международнаго съезда орьеталистовъ въ С.-Петербургъ 1876 - С.Петурбургъ, томъ первый,1879-1880- С. 3-31*

*11.Ch. M. Fraehn. Das Muhammedanische Münzkabinett des Asiatischen Museums der kaiserlichen Akademie der Wissenschaften zu St. Petersburg- St. Petersburg, 1821- С.24- 31, Ch. M. Fraehn. Recensio numorum muhammedanorum Academiae imp. scient. inter prima Academiae imp. saecularia edita-Petropoli. – Petropoli, 1826- 743 с.*

*12.Савельев П. Топография кладовъ съ восточными монетами и изделиями VII, VIII, IX, X и XI века, въ России и При-Балтийскихъ странахъ, объясненная историческими свидетельствами о торговле северо-востока Европы въ эпоху основания и утверждения Русскаго государства.- Санктпетербургъ, 1846.- 180 с.*

*13.Григорьев В.В. О куфическихъ монетахъ находимихъ въ России и Прибалтийскихъ странахъ, какъ источникахъ для древнейшей отечественной истории/ Туркестанский сборникъ. Собрание сочинений о Туркестанскомъ крае вообще и сопредельныхъ съ нимъ странъ Средней Азии. Составляемый В.И. Межовымъ- Санктпетербургъ, 1878, Томъ 119- С.107-169*

*14.Тизенгаузен В. О саманидских монетах//Труды восточного отделения Императорского археологического общества-Санкт- Петербург, Часть первая, 1853- 520 с.*

*15.Грутовский В. Каталогъ восточныхъ монетъ- Москва, выпускъ III, 1886- 153 с.*

*16.Марков А.К.Инвентарный каталог мусульманских монет Имп. Эрмитажа.- Санкт-Петербург, 1896.- 879 с.*

17.Лерх П.И. Монеты Бухар-худатов/ Труды Восточного отделелния Императорского Русского археологического обҳуства.-Санкт-Петербург, 1909- с. 12

18.Бартольд В.В Неизданный саманидский фелс./ЗВОРАО-Санкт Петербург, т. 7, вып. 1–5, 1894.-С.317-318. Он же: Бартольд В.В О Некоторых самаркандских дирхемах ЗВОРАО, т.8, вып1-6.-Санкт- Петербург 1894. - С.222 -223. Он же: Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения- Москва,Т.I.,1963 - С. 43-597.

19.Массон М.Е. Монетные находки в Средней Азии в 1917-1927 гг. Известия Средназкомстариса .вып.III, Ташкент. 1928.-С.280-285, Кладик саманидских дирхемов конца X в. из пригорода старого Мерва// Эпиграфика Востока, вып. XVII, 1966, с. 101-110.

20.Фасмер Р. Р. Клад куфических монет, найденный в Новгороде в 1920 году // Известия Российской академии истории материальной культуры. - 1925. - Т. 4. - С. 242-276, Фасмер Р. Р. Об издании новой топографии находок куфических монет в Восточной Европе // Известия АН СССР: серия VII, отделение общественных наук. -Л., 1933. - № 6-7. - С. 473-484

21.Быков А.А. Новый клад медных куфических монет из Таджикистана / А.А. Быков // Труды Отдела нумизматики ГЭ. Т.1. – М., 1945. С. 87-113.

22.Шарифзода А. Инъикоси сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён дар сарчашмаҳои хаттии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ// Муаррих –Душанбе,№1 (29), 2022 – с.69-88

23.Калинин В.А., Петров П.Н. Кладик куфических монет из под г. Мурома // Древности Поволжья и других регионов. Выпуск III. Нижний Новгород, 2000. -С.215; Янин В.Л. Денежно – весовые системы русского средневековья (Домонгольский период). М., 1956, сводная таблица кладов. -207 с.

24.Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen. Unvero Aentlicht, 2001.

25.Sebastian Brather. Frühmittelalterliche Dirham-Schatzfunde in Europa. Probleme ihrer wirtschaftsgeschichtlichen Interpretazion aus Archäologischer Perspektiv. ZAM Zeitschrift für Archäologie des Mittelalters, Jahrgang 23/24,1995/96, Seite 73-153.

26.Кропоткин В.В. Новые находки сасанидских и куфических монет в Восточной Европе // ЭВ, т. IX. - М., 1971. -С.76-97.

*27.Федоров-Давыдов Г.А. Новые находки восточных монет VIII – XIIIвв. На территории Восточной Европы // ЭВ, т. XXIII. М., 1985. -С.44-47; Спасский И.Г. Русская монетная система, Л., 1970. - С.33-40; В.Л.Янин. Денежно весовые системы русского средневековья. М., 1956. Рябцевич В.Н. Два монетно-вещевых клада IX в. из Витебской области // Нумизматика и эпиграфика, т. V. М., 1965. -С.121-160.*

*28.Sebastian Brather.Frühmittelalterliche Dirham-Schatzfunde in Europa. - p.145-153.*

*29.Ғафуров Б.Таърихи мухтасари халқи тоҷик,Сталинобод,Ҷ.I,1947,385 с.*

*30. Гафуров Б. Г. История таджикского народа в краткои изложении с древнейших времен до Великой Октябрской Социалистической Революции 1917 г. - Москва, 1949- 475 с.*

*31.Гафуров Б. Г. История таджикского народа в краткои изложении с древнейших времен до Великой Октябрской Социалистической Революции 1917 г. - Москва, 1952- 503 с.*

*32. Гафуров Б. Г. История таджикского народа в краткои изложении с древнейших времен до Великой Октябрской Социалистической Революции 1917 г. - Москва, 1955- 475 с.*

*33. Негматов Н. Экономика Мавераннахра и Хорасана в IX-X вв.// История таджикского народа- Москва, Т. II, 1964- с. 160-175*

*34.Давидович Е.А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах.//Труды АН ТаджССР - Сталинабад, т. 27, 1954 – с.69-117*

*35.Давидович Е.А. Владетели Насрабада (по нумизматическим данным)// Краткие сообщения Института истории материальной культуры Академии наук СССР - Ташкент, вып. 61, 1956 – с. 107-113*

*36.Давидович Е.А. Ферганские Саманиды по нумизматическим данным.// Эпиграфика Востока -Москва, Ленинград, В. XI, 1956 – с. 14-26*

*37. Давидович Е.А. Ибн Фадлан и Наршахи о медных деньгах Бухары// Рудаки и его эпоха – Сталинабад, 1958 – с. 198-208*

*38.Давидович Е.А. Саманидские монеты Кубы// Советская археология – Москва, №2, 1960 – с.254-257*

*39. Давидович Е.А. О загадочных дирхемах мусейяби, мухаммеди и гитрифи. Из истории монетного дела в Средней*

*Азии 1X–X вв// Труды двадцать пятого конгресса востоковедов. Москва 9-16 августа 1960.- Москва, Т.60, 1963 – с.89-95*

*40. Давидович Е.А. Нумизматические данные по социально-экономической и политической истории Средней Азии X-XVIII вв. //Автореферат докторской диссертации – Душанбе-Москва,1964- 42 с.*

*41.Давидович Е.А. Денежное обращение в Мавераннахра при Саманидах // НЭ, VI, 1966. С.- 103-133.*

*42.Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история – Москва, 1972 – 425 с.*

*43. Бартолд В.В. История культурной жизни Туркестана – Ленинград, 1927 - 256 с.*

*44. Fraye R. N. Notes on the early coinage of Transoxiana- New York NNM, № 113, 1949 - 50 p.*

*45.Шарифзода А. Инъикоси сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён дар сарчашмаҳои хаттии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ// Муаррих – Душанбе, № 1 (29), 2022 – с. 69-88*

*46. Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам//Ба форсӣ тарҷумаи Алӣ ибни Абдуссаломи котиб – Теҳрон, 1365 ҳ.ш.- 323 с.*

*47. Пирумшо Ҳ. Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ –Душанбе,2020-432 с.*

*48. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна – Душанбе, китобм якум, 1983- 704 с.*

*49.Treadwell W.L. A Unique Portrait Medallion from Bukhara dated 969 AD - Ashmolean, 1999 – p. 9-10.*

*50. ttp:CNG Islamic Auction 2, Lot-288 аз 27.10.2022*

*51. Камолиддин Ш.С. Медальон Мансура ибн Нуха// Archivum Eurasiae medii aevi- Wiesbaden, 16 (2008-2009) - с. 113-120*

*52 Бойматов Л. Медальон Мансура ибн Нуха. Тюркская сага. // Иран-наме- 2019, № 1-2 (49-50) – с. 366-393*

*53.Довуди Д. Сказки узбекского учёного Ш. Камолиддина о происхождении Саманидов// Туран-наме- Суед,№1, 2021- с. 103-126*

*54. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон. Таърихи қадиматрин, қадим, асри миёна ва давраи нав (Шарҳу тавзеҳи мухтасари илмию оммавӣ)- Душанбе, 2023 – 446 с.*

**Абдувалӣ Шарифзода**
(Тоҷикистон)

## Баррасии масоили сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён дар осори академик Бобоҷон Ғафуров

Нақши академик Бобоҷон Ғафуров дар таърихнигории тоҷик ва дигар халқу миллатҳо бузург аст. Ӯ ба таърихнигории академии Тоҷикистон асос гузошт. Дар таърихнигории Б. Ғафуров давлати Сомониён ҷои марказиро ишғол менамояд. Яке аз мавзуъҳои мубрами таърихи давлати Сомониён сикказанӣ ва муомилоти пулӣ мебошад. Инъикоси ин мавзуъ ҳануз дар замони Сомониён оғоз шуда, баъд ҳам идома ёфта, дар осори Ибни Хурдодбеҳ, Наршахӣ, Ибни Фазлон, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Мақдисӣ, Ёқут, Гардезӣ ва дигарон инъикос ёфтааст. Иттилои сарчашмаҳои хаттӣ доир ба сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён дар асрҳои XVIII-XX мавриди таҳқиқи олимони дигар (аз О. Тихсен то Е.А. Давидович) қарор гирифт. Таҳқиқи мавзуи мазкур ҳоло ҳам идома дорад.

Сикказанӣ ва муомиоти пулии давлати Сомониён дар ибтидо диққати академик Б. Ғафуровро ҷалб накарда буд. Аммо ин мавзуъ дар шоҳасари ӯ- "Тоҷикон" ба таври академӣ инъикос ёфтааст. Аллома Б. Ғафуров дар ин асараш ба сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён аҳамияти ҷиддӣ дода, онро ҳаматарафа баррасӣ менамояд. Ба ин кор фаъолияти илмии асосгузори сиккашиносии Тоҷикистон Е.А. Давидович таъсири амиқ гузоштааст.

Бобоҷон Ғафуров масъалаҳои марбут ба сикказанӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониёнро дар маҳдудаи Осиёи Миёна ва хориҷ аз қаламрави Хуросон дар асоси иттилои сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмии дастрас таҳлил намуда, дар доираи ин баррасиҳо нақши динор, дирҳами исмоилӣ, дирҳамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ, ғитрифӣ ва фалсҳои сомониро дар муомилоти пулии дохилӣ, хориҷӣ

ва таъсиргузории онҳоро дар инкишофи рентаи феодалӣ муайян карда, хулоса менамояд, ки вижагиҳои муомилоти пулии давлати Сомониён ба он далолат менамоянд, ки новобаста аз мутамарказ будани ин давлат, Осиёи Миёна аз ҷиҳати иқтисодӣ воҳид набуда, тиҷорат ва сикказанию муомилоти пулӣ ба ҳам таъсири мутақобилаи судманд доштанд.

**Абдували Шарифзода**
(Таджикистан)

## Анализ вопросов монетного дела и денежного обращения государства Саманидов в трудах академика Бабаджана Гафурова

Велика роль академика Бабаджана Гафурова в историографии таджиков и других народов. Он заложил основу академической историографии Таджикистана. В научном наследие Б. Гафурова государства Саманидов занимает центральное место. Одной из важнейших тем истории этого государства является монетное дело и денежное обращение.

Отражение этой темы началось еще во времена Саманидов, а затем продолжилось и нашло отражение в трудах Ибн Хурдодбеха, Наршахи, Ибн Фадлана, Истахри, Ибн Хавкала, Макдиси, Якута, Гардези и других. Сведения письменных источников о монетном деле и денежном обращении Саманидского государства были предметом исследования других ученых в XVIII-XX веках (от О. Тихсена до Е.А. Давидовича).

Монетное дело и денежные операции Саманидского государства первоначально не находились в центре внимания академика Б. Гафурова. Но данная тема академическим образом отражена в его капитальном труде - «Таджики». В этой работе Б. Гафуров придает серьезное значение монетному делу и денежному

обращению государства Саманидов и рассматривает его всесторонне. На это оказало огромное влияние научная деятельность основоположника таджикской нумизматики Е.А. Давидовича.

Бабаджан Гафуров на основе письменных источников и доступной научной литературы проанализировал вопросы, связанные с монетным делом и денежным обращением государства Саманидов в Средней Азии и за пределами территории Хорасана, и в рамках этих анализов определил роль динара, дирхама исмаили, дирхеми харезмийский, мусайяби, мухаммади, гитрифи и медные монеты-фельси во внутренном и внешнем денежном обращении и их влияние на развитие феодальной ренты, и приходит к выводу, что особенности денежного обращения государства Саманидов свидетельствуют о том, что, несмотря на централизованность этого государства, Средняя Азия не являлась экономически единой, а торговля, монетное дело и денежное обращение имели взаимовыгодные последствия. Поэтому, исследование этой темы продолжается до сих пор.

**Abduvali Sharifzada**
(Tajikistan)

## Analysis of issues of coinage and monetary circulation of the Samanid state in the works academisian Babajan Gafurov

The role of academician Bobozhan Gafurov in the historiography of Tajiks and other peoples is great. He laid the foundation for academic historiography in Tajikistan. In the scientific heritage of B. Gafurov, the Samanid state occupies a central place. One of the most important topics in the history of this state is coinage and money circulation.

The reflection of this topic began during the times of the Samanids, and then continued and was reflected in the works of

Ibn Khurdodbeh, Narshahi, Ibn Fadlan, Istakhri, Ibn Havkal, Makdisi, Yakut, Gardezi and others. Information from written sources about the coinage and monetary circulation of the Samanid state was the subject of research by other scientists in the 18th-20th centuries (from O. Tikhsen to E.A. Davidovich).

Coinage and monetary transactions of the Samanid state were not initially in the focus of attention of academician B. Gafurov. But this topic is academically reflected in his major work - “Tajiks”. In this work, B. Gafurov attaches serious importance to the coinage and monetary circulation of the Samanid state and examines it comprehensively. This was greatly influenced by the scientific activity of the founder of Tajik numismatics E.A. Davidovich.

Babajan Gafurov, based on written sources and available scientific literature, analyzed issues related to the coinage and monetary circulation of the Samanid state in Central Asia and outside the territory of Khorasan, and within the framework of these analyzes he determined the role of the dinar, Ismaili dirham, Kharezmi dirham, Musayabi, Muhammadi, gitrifi and copper felsi coins in internal and external monetary circulation and their influence on the development of feudal rent, and comes to the conclusion that the peculiarities of monetary circulation of the Samanid state indicate that, despite the centralization of this state, Central Asia was not economically unified, and trade, coinage and money circulation had mutually beneficial consequences. Therefore, research on this topic is still ongoing.

**Зухра Мадамиджанова**
(Таджикистан)

## Бабаджан Гафуров и изучения этногенеза таджикского народа

В этнической истории любого этноса есть выдающиеся люди, которые не представляют свою жизнь без служения своему народу. Академик Бободжан Гафуров - яркая личность на небосводе великих ученых Востока, истинный сын таджикского народа. Б. Гафуров был по - истине уникальным человеком, ученым-востоковедом, политическим деятелем, дипломатом. Патриотическая деятельность Б. Гафурова гармонично совмещала науку и политическую деятельность, он был дипломатом, основным проводником дипломатии СССР на Востоке. Он, первым стал открыто прославлять историю таджикского народа и его этногенез. Стремление показать историю становления таджикского этноса, как человек имеющий не только высокий политико-государственный статус, но и академический, позволили Б. Гафурову открыть всему мировому сообществу историческую картину, которая доказала автохтоность таджикского народа на территории Мовароуннахра и Хоросана[1].Сегодня, перед нами лежат не только его научные труды по этнической истории таджиков, мы в реальной действительности видим возросшее национальное самосознание, бережное сохранение культуры и идентичность.

Исследования академика Б. Гафурова, заставили мировое научное сообщество, посмотреть на таджиков, как на самый древний этнос. Б. Гафуров выдвигает актуальные проблемы по истории народов Средней Азии, на фоне которых обсуждаются исторические проблемы таджиков. Глубокое профессиональное знание истории таджиков, Б. Гафурову позволили рассмотреть ее, как во времени, так и в пространстве. Он научно обосновал и выдвинул маркеры

идентичности. Начиная с глубокой древности, таджики прошли этапы древнейшего, древнего периодов, где возникали и развивались этнические общности, формировался хозяйственно-культурный тип таджиков, язык, религия, и конечно, обрядовая жизненная практика. Б. Гафуров разработал концепцию этногенеза и этнической истории таджикского народа еще в 40-х годах XXвека. Главные маркеры идентичности стали:- антропологический тип, территория, хозяйственно-культурный тип, язык, верования, религия, ментальность и мировоззрение. Появились серьезные исследования материальной и духовной культуры, что позволило дать характеристики этих маркеров.Самая ранняя работа Б. Гафурова - История таджиков и Таджикистана изданная в 1945 году, затем - История таджикского народа в 3 томах и 5 книгах в 1947 году [2]. Эти материалы стали первыми, серьезными шагами к вопросам этногенеза таджиков. Теперь перед учеными стояли вопросы изучения детальных аспектов этногенеза таджиков, это язык, особенности складывания хозяйственно-культурный тип древних этнических общностей, религия и обрядовая культура оседлых земледельцев. В это время археологическая, антропологическая, лингвистическая, этнографическая науки имела стартовые научные позиции. Развитие исторической науки, в то же время, открыло новые горизонты исследований, которые позволили внести ясность в решении многих спорных проблем истории и культуры народа, а результаты утверждали выдвинутые маркеры идентичности и автохтоность таджиков.

Б.Гафуров еще в годы учебы в стенах Среднеазиатского государственного университета, познакомился с выдающимися русскими востоковедами А.А. Семеновым и М.С. Андреевым, это знакомство содействовало плодотворной работе по истории не только региона, но и таджикского народа. Академик Б. Гафуров, как политический

деятель ,как ученый, как патриот своего народа и Родины поддерживал тонкую восточную дружбу и мудрую политику сотрудничества с видными учеными С. Айни, М. Е. Массоном, С.П. Толстовым, А.П.Окладниковым, А. Ю. Якубовским, М.М. Дьяконовым, И.П. Петрушевским,А.М. Беленицким, Б. А. Литвинским, Е. А .Давидович, А..Н. Бернштамом, Е.Э. Бертельс, И. С., Брагинским, З.Ш. Раджабовым, Б. Искандаровым, А. Мухтаровым, Н.Н. Негматовым, Р. Масовым. Это плеяда выдающихся ученых XXвека своими исследованиями выстраивала трудный путь этногенеза таджиков, как коренного оседло-земледельческого населения Средней Азии.Упорное стремление великого ученного к объективной исторической истины, приносят существенные плоды.Открываются новые познания в проблемных пространствах. Этому способствуют не только конкретные исследования, но и создание научного духа, который проявляется в период организации многочисленных международных научных конференциях[3].

Профессиональное тонкое чутье ученого, позволило Б. Гафурову продолжить дальнейшие разработки исследований по таджикам. Позиция ученого- политика, Б. Гафурова, позволила выдвинуть вопрос о том : « являются ли таджики автохтонным народом в Средней Азии». Б. Гафуров упорно добивался признание этого.

Эта проблема всегда вызывала научный интерес, а в 30-40-ых годах XXв. стала особенно актуальна. Хочется привести хорошо известные факты из речи И.В Сталина, где он назвал таджиков самым древним народом Средней Азии – «носителем короны» (одна из версий перевода этнонима)[4]. Эта речь послужила основанием для того, что бы уверено говорить о древности народа, Более того, таджики объявлялись главными наследниками согдийского государства, а саманидская династия объявлялась таджикской. В это же время была в г. Ташкенте проведена специальная научная сессия по изучению этногенеза

таджикского народа. Созданная Комиссия по этногенезу и этнографии при отделении истории и философии АН СССР, председатель комиссии был А.Ю., Якубовский, заслушала выступления видных ученых, среди которых были Н.А. Кисляков, К.В. Тревер, чьи доклады, были посвящены ,непосредственно, этногенезу таджиков. Кисляков Н.А. в своем выступлении подчеркнул, то, что таджики имеют древнейшую обрядовую практику оседлых земледельцев. Он сделал акцент на то, что соционормативная культура, т.е. обычаи, обряды, ритуалы, социальные нормы, этикет являются главными маркерами этничности и обязательны при характеристике этногенеза народа. Также Кисляков Н.А. поддержал научный тезис Б. Гафурова об автохтоности таджиков. Б. Гафуров особо плодотворно работал с А.М. Мандельштамом. Они на основании изучения главнейших письменных источников и добытого археологического материала показали основные пути этногенеза таджикского народа в пределах среднеазиатского Междуречья.[5] Это был большой успех. Видные ученые-востоковеды признали научные обоснования об автохтоности таджиков, древнейшей территорией признали Среднюю Азию, территорию на которой формировался и развивался наш народ – оседлые земледельцы - – таджики.

Это огромный и сложный труд ученого-патриота, ибо только любя свой народ можно достичь таких колоссальных результатов. Активная деятельность Б. Гафурова, как организатора науки, способствовала, решению проблем этногенеза и этнической истории таджиков через комплексный подход.Особая заслуга Б. Гафурова, заключается в том, что исторические , этнические проблемы таджиков он рассматривает на фоне актуальных проблем по истории народов Средней Азии. Такой подход, позволяет определить историю появления маркеров идентичности. Поэтому, в решении этнической истории таджиков

Статья посвящена изучению вклада академика Ахрора Мухторова в исследовании жизни и научного наследия академика Б. Гафурова. Отмечается, что наряду с эпиграфикой, источниковедением и документоведением в научных трудах академика А.Мухторова важное место занимает гафуроведение. Автор постарался проанализировать и оценить все публикации А.Мухтарова, посвяшенние жизни и деятельности академика Б.Гафурова.

**Parviz Sharipov**
(Tajikistan)

**Academician Akhror Mukhtarov and Gafur studies**

The article is devoted to the study of the contribution of Academician Akhror Mukhtorov in the study of the life and scientific heritage of Academician B. Gafurov. It is noted that, along with epigraphy, source studies and document studies, Gafur studies occupy an important place in the scientific works of Academician A. Mukhtorov. The author tried to analyze and evaluate all the publications of A. Mukhtarov, dedicated to the life and work of Academician B. Gafurov.

**Саидқул Маҳкамов**
(Тоҷикистон)

**Бозтоби таърих ва фарҳанги Уструшан дар осори Бобоҷон Ғафуров**

Уструшана яке аз вилоятҳои бузург ва дорои таъриху тамаддуни пурғановати Мовароуннаҳр буда, таваҷҷуҳи

сайёҳон, кишваршиносон, ховаршиносон, бостоншиносон, мардумшиносон, муҳаққиқон ва олимону муаррихони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Дар таҳқиқу омӯзиши таъриху тамаддуни Уструшана саҳми муаррихони варзидаи ватанӣ, академикҳо Н.Неъматов, А.Мухторов, Ю.Якубов, узви вобастаи АМИТ Ҳ.Пирумшоев, профессорон А.Мирбобоев, Н.Турсунов, Н.Раҳимов, А.Аюбов ва дигарон калон аст.

Ховаршиноси маъруф, академики АИ ИҶШС, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров дар осори илмии худ, ба таҳқиқи таърих ва тамаддуни Уструшана таваҷҷӯҳ намуда, дар таълифоти худ дар ин бора маълумоти ҷолиб ва пурарзиш додааст.

Яке аз асарҳои нахустине, ки аз ҷониби Б.Ғафуров бо ҳаммуалифии Н.Прохоров таълиф намуда "Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан. (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон)" мебошад, ки соли 1944 ба забони русӣ ва соли 2012 ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр мегардад. Дар ин асар муаллифон кӯшиш намудаанд, ки мубориза ва талошҳои халқи тоҷикро аз давраи қадим то замони муосир барои озодию истиқлол инъикос намоянд. Барои ба озодӣ расидан ба халқ, ки аз зулму шиканҷанҷаи давлатдории дутарафаи ҳукумати подшоҳии рус ва ҳам феодалони маҳаллӣ хеле вазъи мушкилро аз сар мегузаронид, ягона роҳ ба шӯр бархостан буд. Сабабҳои асосии шӯришҳо зиёд намудани андозу хироҷ, тороҷ гардидани молу мулки аҳолӣ, бедодгариҳои ҳокимон, поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоии халқ маҳсуб меёбад.

Дар нимаи дуюми асри XIX бар зидди мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ ва феодалони маҳаллӣ шӯришҳои халқии зиёд сар задаанд, ки ба он ҳаракати халқии мулки Ӯротеппа мисол шуда метавонад. Ин шӯриш соли 1875 ба вуҷуд омада, бар зидди сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ нигаронида шуда буд. Дар асар қайд мегардад, ки яке аз

роҳбарони шӯриш Тӯхтамишбек аз таъқиб ботарафдорони худ ба сарҳади хонигарии Хӯқанд гузашта буд. Ҷонибдорони ин шӯришро дар деҳаи Андорак ӯзбекони Хӯқанд дастгирӣ менамуданд. Азбаски дар ин давра хони хонигарии Хӯқанд Худоёрхон вассали ҳукумати подшоҳӣ маҳсуб меёфт, тарафдорони шӯриши мазкурро моҳи июни соли 1875, ки ба ҳудуди хонигарӣ рафта буданд, торумор менамояд[8, 181-182]. Бо ҳамин шӯриши номбурда пахш карда мешавад.

Яке аз асарҳои бунёдии академик Б.Ғафуров “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” мебошад. Дар он бори аввал муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърих у тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷикро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Б.Ғафуров дар асари номбурда муборизаи халқи тоҷикро бар зидди юнону мақдуниён таҳлил намуда, қайд менамояд, ки яке аз халқҳои истиқлолхоҳ аҳолии дар байни кӯҳҳои Самарқанду Ӯротеппа маскун буда мебошанд. Ин муборизон баҳри муҳофизати сарзамини худ бар зидди юнону мақдуниён муқобилат нишон медоданд, ки Искандари мақдунӣ 22 ҳазор халқи маҳаллиро ба қат расонид [6, 33].

Дарёи Сир дар ин вақт ҳамчун ҳудуди байни бодиянишинон ва водиҳои зироаткорон буда, дар соҳили чапи он якчанд шаҳрҳо ба монанди Киропол (Ӯротеппа-Истаравшан) вуҷуд доштанд. Пас аз ваҳшиёнате, ки Искандар ба халқи суғдиён овард, ки барои пешгирии ошӯбҳои минбаъда дар сарзаминҳои ишғолнамудааш гарнизонҳои худро мегузошт. Ин амал баръакс зулми юнониёнро ба сари халқи маҳаллӣ афзуда, боиси авҷи муқовимат гардид. Яке аз марказҳои бузурги муқовимат бар зидди истилогарони аҷнабӣ маҳз Киропол мегардад, ки забти он ба сарлашкарони Искандар муяссар намешавад ва ӯ шахсан барои ишғоли ин шаҳр меояд. Искандар ба шохобчаи дарёи хушкшудае, ки аз миёни шаҳр дохил мегардид, ворид шуда, дарвозаи шаҳрро боз мекунад. Дар натиҷа дар дохили шаҳр муборизаи сахт ба вуҷуд омада, ҳашт ҳазор нафар аҳолии шаҳр кушта мешавад.

Б.Ғафуров қайд мекунад, ки аз захмдор шудани Искандар ва сарлашкарони бузурги ӯ метавон чунин хулоса баровард, ки аз ҷониби юнону мақдуниён низ талафоти зиёд ба миён омадааст. Ва шаҳри ҳафтуми шӯришгарон ҳам бо як ҳуҷуми қатъии юнону мақдуниҳо забт гардида, муқобилати шӯришгарон дар соҳили дарёи Сир бартараф карда мешавад. Б.Ғафуров ба маълумоти муаррихи аҳди қадим Арриан такя намуда, менависад, ки “аз аҳолии ба шӯриш иштироккардаи ҳафт шаҳр як нафар ҳам боқӣ намонд, ҳамаи онҳо ё кушта шуданд ва ё ғулом гардиданд”[6, 34]. Маълум аст, ки дар ҳудуди Уструшанаи қадим шаҳрҳои Киропол, Ғаза, Сарсанда, Вагкат мавҷуд буданд, ки бар зидди истилогарони юнону мақдунӣ муқобилат нишон дода буданд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки таваҷҷӯҳи Б.Ғафуровро ба худ ҷалб сохтааст, вожаи (топоними) “Уструшана” мебошад. Вожаи “Уструшана” аз ҷониби муаррихон, ҷуғрофшиносон ва муҳаққиқони асримиёнагӣ, замони шӯравӣ ва давраи муосири хориҷиву ватанӣ низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Муаллифони гуногун чанд шакли онро истифода бурдаанд. Дар ин бора аллома Бобоҷон Ғафуров низ андешаи худро иброз дошта, қайд менамояд, ки навишту истифодаи гуногуни вожаи мазкур боиси даъвоҳои беасос гардидааст ва дар навиштан ва талаффузи асримиёнагию давраи муосири он – Уструшана ва Истаравшан ҳарфи «т» истифода шудааст[7, 385]. Инчунин истифодаи шакли хитоии вожаи “Уструшана”-ро Б.Ғафуров нодуруст меҳисобад, ки он «Суйдушана», «Сутулисана» ва «Цзибуна» ё дигар шакли онро ном мебаранд. Б.Ғафуров дар ин бора ба сарчашмаҳои асримиёнагии бозёфтҳои Қалъаи Муғ аз кӯшки Абарғари ноҳияи Айнӣ, ки аз ҷониби ховаршиноси маъруф В.А.Лившитс [13, 87, 29] тадқиқ карда шудааст, ишора мекунад. Ақидаи Бобоҷон Ғафуров чунин аст, ки дар ҳақиқат мафҳуми Уструшана ҳамчун топоними асримиёнагии ин

вилоят шинохта мешавад ва онро бозёфти нодири ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ (бойгонии Деваштич) собит намуд.

Дар татқиқоти аллома Бобоҷон Ғафуров топоними Уструшана вобаста ба давраҳои таърихӣ ишора ҳудуди таърихӣ-ҷуғрофии марзи он карда шуда, номвожаҳои "Уструшана", "Ӯротеппа" ва "Истаравшан" истифода шудаанд[4, 126].

Қароргоҳи ҳокимони он дар назди қаторкӯҳҳои Туркистон, ки онро солномаи Тан-шу кӯҳи Боси ё Поси номидааст, ҷойгир буд. Инчунин дар як масофа қарор доштани шаҳрҳои қадимаи Самарқанд, Тошканд, Фарғона ва Уструшана зикр мегардад.

Ҳанӯз дар нимаи аввали асри VII, дақиқан соли 618-626 Уструшана ҳамчун мулки мустақил арзи вуҷуд дошт, ки дар ин бора дар сарчашмаҳои хитоӣ ва татқиқотҳои олимон маълумот дода мешавад[10, 78,83,256]. Дар ҳамин давра шахсе ин мулкро мустақилона идора менамуд, ба Хитой сафорат – намояндаи давлати худро мефиристад, ки ин ахбор далели мустақилии сиёсии он аст[3, 138].

Б.Ғафуров ба ахбори Сюан-сзан такия намуда, онро «Сутулисена» (шакли хитойии он) номида, доир ба масоҳати Уструшана маълумот дода мегӯяд, ки аз ҷануб ба шимол ва аз шарқ ба ғарб 1400 ё 1500 ли аст. Уструшана аз ҳудуди Чоч ё Шош якуним баробар зиёдтар ва аз Самарқанд андаке хурдтар ҳудуд дорад[7, 385].

Б. Ғафуров иштибоҳи ахбори Сюан-сзанро оварда, ба ӯ ишора кардааст, ки ин сайёҳатчии хитоӣ сарҳади Уструшанаро шимол нишон додааст. Уструшана дар шарқ бо вилояти Хуҷанд ҳаммарз аст. Урфу одат ва анъанаҳои мардуми ин вилоят бо Чоч монанд ҳисобида мешавад. Ғайра аз он дар Сутулесана (Уструшана) ҳокимияти мустақили ҳукмрониро соҳиб буда, гӯё ба турк тобеъ бошад. Аз ин ахбор метавон чунин хулоса кард, ки ин вилоят аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ мустақилона идора карда шуда, шояд ба туркҳо хироҷ ё подоше пешкаш менамуд. Зеро маълум аст, ки

Хоқонии турк дар ҳудуди Осиёи Миёна дар низоми идоракунии он нисбат ба ҳокимияти сиёсӣ ҳокимияти иқтисодии он устувортар буд. Маълумоти Сюан-сзан доир ба масъалаи мавҷуд будани саҳрои беобу алаф, ки ба он Бобоҷон Ғафуров такя намудааст, ин дар қисмати шимолу ғарбии Уструшана вуҷуд дошт.

Маълумотҳои дигар доир ба Уструшана, ки дар тадқиқоти Бобоҷон Ғафуров оварда мешавад, доир ба ҳудуди ҷуғрофии он мебошад ва қайд мегардад, ки дар асрҳои VI-VIII ин вилоят ҳудуди васеъеро ишғол карда, дар шимол то воҳаҳои Сирдарё, дар шарқ то мулки Хуҷанд, дар ғарб то навоҳии Самарқанд ҳамсарҳад буда, ҳудуди ҷанубии он то қаторкӯҳи Ҳисор рафта мерасид. Маркази маъмурии он Бунҷикат, ки харобаҳояш дар ноҳияи имрӯзаи Шаҳристон вуҷуд дорад.

Шаҳру вилоятҳои таърихии манотиқи Варазруд, ки баъди истилои арабҳо Мовароуннннаҳр номида мешуд, аз ҷониби сулола ва ҳокимони маҳаллии идора карда мешуд ва академик Бобоҷон Ғафуров ба тадқиқоти ховаршиносони рус В.И.Абаев [1, 112-116] ва В.В.Бартолд[2, 487] такя намуда, ишора мекунад, ки ҳокимони Уструшана аз сулолаи маҳаллӣ буда, унвони «афшин»-ро доштанд Ҳ9, 77].

Замони забткориҳои арабҳоро тавсиф намуда, академик Бобоҷон Ғафуров менигорад, ки Уструшана дар натиҷаи муборизаи мардуми озодидӯсташ истиқлоли худро сад сол нигоҳ дошт. Дар лаҳзаҳои муҳими ҳарбӣ ба ёрии он ҳокимони хурди маҳаллӣ – деҳқонон мерасиданд. Ҳангоми муборизаҳои озодихоҳона бо ёрии заминдорон афшинҳои уструшанӣ арабҳоро то охири асри VIII нагузошт, то ки Уструшана аз ҷониби ин истилогарон забт карда шавад Ҳ4, 140].

Тибқи маълумоти академик Бобоҷон Ғафуров замони паҳн шудани дини ислом ба ҳудуди вилояти Уструшана ба давраи ҳукмронии Талҳа ибни Тоҳир (солҳои 822-828) рост меояд, ки

то ин вақт дини уструшаниҳо зардуштия маҳсуб меёфт. Абдуллоҳ ибни Тоҳир соли 840 дар бораи афшини Уструшана Ҳайдар ибни Ковус, ки дар дарбори халифа Муътасим баъди қабули дини ислом ҳамчун лашкаркаши моҳир ном баровардa буд, овозаи ба дини худ содиқ мондани афшин ва хиёнати ӯро ба хилофат паҳн мекунад. Дар суди назди Хилофати араб машҳур буда ҳамаи амалҳои афшин Ҳайдар ошкор мешавад, ки ӯ барои ба даст даровардани истиқлолияти Уструшана ва баргардонидани дину оини мардуми ин вилоят, инчунин озод намудани Мовароуннаҳр ва таъсиси давлати мустақили худ омодагӣ медидҲ5, 176].

Ҳангоми Экспедитсияи олимони Академияи илмҳои ИҶШС бо сардории А.Ю.Якубовский дар давоми солҳои 1947/48 дар ноҳияҳои Мастчоҳ ва Заҳматобод ҳоло Айнӣ] бисёр ёдгориҳоро дарёфт намуданд. Дар ин ҷо чанд қалъаҳои ҳимоявӣ ва бунёдшудаи маҳалии деҳқононро пайдо намуданд, ки бисёре аз онҳо барои камин гирифтан ва бо душман мубориза бурдани халқи маҳаллиро нишон медод, ки барои озодии худ талош менамуданд Ҳ4, 139].

Ахбори мазкур ва пеш маълумоти пеш аз он овардаи Бобоҷон Ғафуров доир ба ҷуғрофиёи Уструшана нишон медиҳад, ки қисми водии Зафрафшон ба ҳайати маъмурию ҷуғрофии ин вилоят дохил буд. Дар ин бора Б.Ғафуров чунин ишора менамояд: “Ноҳияҳои кӯҳии водии Зарафшон қисми таркибии Уструшана маҳсуб меёфтанд ва бо Суғду пойтахти он Самарқанд, инчунин бо шаҳру рустоҳои Уструшана робитаи ногусастанӣ доштанд. Ин равобит пеш аз ҳама хусусиятҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ мегирифтанд. Аз водиҳои соҳили дарё канданиҳои фоиданоки табииро ба роҳи тиҷоратӣ кашонида, аз марказҳои шаҳрию ҳунармандӣ матоҳои абрешимӣ, коркарди маҳсулоти оҳанӣ, сафолӣ, тилло ва нуқраро иваз менамуданд” Ҳ4, 139].

Қасри афшинҳои Уструшана, ки вусъати калон дошта, 230м$^2$ дар бар мегирифт. Аз ин лиҳоз, Б.Ғафуров доир ба ҳар

як толору айвон, хонаҳои истиқоматӣ, ибодатхона, ошхона, гармхона, суфаҳо, толору санъати ороишии он маълумотҳои қолиби таърихӣ медиҳад. Ҳар як девору долонҳо аз тасвироти ороишотӣ ва чӯбҳои кандакоришуда зеб медиҳанд[9, 326].

Дар шоҳасари – "Тоҷикон"-и аллома Бобоҷон Ғафуров зикр мегардад, ки қасри мазкур тӯли солиёни зиёд ба ҳокимон хизмат намудааст, вале тӯъмаи оташ шудааст, ки ба андешаи мо аз ҳуҷуми арабҳо ба ин ҳолат афтода бошад ва ҳамин қисмати кам андар каме, ки боқӣ мондаасту аз ҷониби бостоншиносон ҳафриёт гузаронида шудааст, маълум мегардад, ки мардуми он, ҳунармандон ва устоҳои чирадасти Уструшана дорои қобилияти баланди созандагиву ороишӣ будаанд[7, 387].

Дар ҷараёни тафсилоти расмҳои девор академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳар як нуктаҳои алоҳидаи он таваҷҷӯҳи махсус медиҳад. Бахусус ба расми модагурге, ки аз ҷониби академик Н.Неъматов дарёфт карда шуда «модагурги копитолӣ» номида мешавад, диққати махсус додааст Ҳ11].

Академик Бобоҷон Ғафуров дар баррасии масъалаи мазкур собит месозад, ки чунин расмҳои ривоятиву мифологӣ ва қаҳрамониҳо аз замонҳои қадим то замони мо омада расидааст[6, 388]. Академик Б. Ғафуров дар асари худ дар хусуси санъати наққошиву чӯбкорӣ ва истифодаи чӯб ҳамчун масолеҳи сохтмонӣ менависад, ки аз харобаҳои қаср қариб 200 пораҳои чӯбҳои кандакорӣ ёфт шуданд ва он нишона аз ба таври васеъ истифодаи чӯбро дар иншоотҳо нишон медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки «...якчанд ҳайкалчаҳои одамону парандагон ва варақаву лавҳаҳои зиёде дастрас гардидаанд, ки соҳиби манзараҳои мукаммалсюжет буда, дар онҳо расми одамон, ҳайвонот, парандагон, коҳинон тасвир шудаанд. Инчунин арақи аҷоиби таги равоқ ёфт шуд, ки дар он расми одамон сабт гардидааст. Боз як пештоқ (тимпан) ба даст омад, ки ҳамто надорад»Ҳ9, 327].

Дар замони қадим ва асрҳои миёна чунин анъана вуҷуд дошт, ки дар деворнигораҳо, пештоқи долонҳо ва иморатҳо

қаҳрамонҳои халқии муҳорибаҳо ва шахсиятҳои мифологии таърихӣ тасвир мешуданд. Дар қасри афшинҳои Уструшана, ки Қаҳқаҳа I чунин тасвирҳои таърихӣ ба монанди симои мифологии шоҳзода Фаридун, Коваи оҳангар ва шоҳи золим Заҳҳоки мордаркитф таҷассум ёфтааст, ки дар асари безаволи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тафсилоти он оварда мешавад, ки ба он Бобоҷон Ғафуров махсус ишора кардааст.

Дар китоби «Тоҷикон» чунин андешаи Бобоҷон Ғафуров оиди аҳамияти хоса доштани ин санъати меъморӣ, деворнигориву наққошӣ ва кандакорӣ чун амали хоси маданияти бадеӣ дар Шаҳристон, ки таҷассумгари фарҳанги ҳаёти маданӣ мебошанд, баҳои баланд дода шудааст. Дар бораи ёдгории дигари бо санъати баланди меъморӣ дар маркази маъмурии Уструшана бунёдшуда – Қалъаи Қаҳқаҳа II маълумот дода мешавад. Масоҳати ин қалъа 210 х 230 метр буда, аз ҷиҳати сохтори он тафовут дошт ва дар атрофи он девор кашида шудааст. Дар кунҷе аз ин майдон теппае, яъне харобае вуҷуд дошта, ки таҳи он бинои сеошёнаи қасрмонанд будааст. Шояд ин бинои истиқоматӣ ва меҳмонхона буд, - мегӯяд, академик Бобоҷон Ғафуров [4, 388].

Ёдгории дигари боқимондаи маркази маъмурии Уструшана Чилҳуҷра мебошад, ки ин ба худ ҷиҳатҳои хос дорад. Он аз ду ошёна иборат буда, қисме аз ошёнаи якум ва қисми дигар аз ошёнаи дуюм хуб боқӣ мондааст ва аз қисмҳои маҳфузмонда аён мегардад, ки он борҳо тармиму аз нав сохта шудааст ва қасрмонанд мебошад. Барои пурратар омӯхтани ин ёдгорӣ аллома Бобоҷон Ғафуров ба тадқиқоти У.Пӯлодов ишора мекунад [12, 18-20].

Академик Бобоҷон Ғафуров дар масъалаи идеология, расму оин ва дини мардуми уструшаниҳо низ ибрози ақида намуда, дар бораи яке аз шахсиятҳои сиёсии асри IX Уструшана Ҳайдар ибни Ковус, ки дар хилофати Бағдод бо номи «Афшин» ном бароварда буд, сухан меронад [7, 389].

Афшин Ҳайдар гарчанде дини исломро қабул карда буд, вале пинҳонӣ бо оинҳои дини аҷдодии худ этиқоди баланди дошт, ки дар Уструшана равияи осиёимиёнагии зардуштия амал мекард ва аз оинҳои суғдиён қариб тафовуте надошт ва дар ин бора расму деворнигораҳои қасрҳои афшинҳо низ ҳикоят мекунанд [12, 20-21].

Доир ба забони уструшаниҳо бошад академик Бобоҷон Ғафуров андешаронӣ намуда, қайд мекунад, ки он яке аз лаҳҷаҳои маҳаллии забони суғдӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин бобат яке аз порчаҳои номае, ки дар рӯи тахтачаи аз Қасри Чилҳуҷра ёфта шудааст ва аз ҷониби ховаршиноси маъруф В.А.Лившитс хонда ва тарҷума шудааст ва ба монанди ҳуҷҷатҳои Кӯҳи Муғ мебошад, ки чунин мазмун дорад: «Бипурсидам, ман Чийус, дар 39-ум рӯзи Ҳсар карда] аз рӯзи ватӣ Ҳрӯзи 22-юми моҳи суғдӣ] моҳи вағонич Ҳмоҳи 8-уми соли суғдӣ] харҳоро. Фарнарч овард онҳоро барои ман аз Ҳдеҳаи] Атрипазмак Ҳва 30 тан] байни онҳо якто ҳам бадаш набуд». Дар қафои тахтача чунин ибора ҳаст: «Нависанда Гушнаспич бо супориши Фарнарч». Услуби хат ба услуби хати ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ хеле монанд аст Ҳ7, 389].

Аз номаи мазкур маълум мешавад, ки хат – алифбои суғдии маҳалии уструшаниҳо, котиби он, ки номи суғдӣ дораду мансуб ба пайравони оини зардуштӣ аст.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки академик Бобоҷон Ғафуров дар осори илмии худ оид ба таърих ва тамаддуни Уструшанаи бостонӣ маълумоти ҷолиб меорад ва андешаҳои ин донишманди асил арзиши муҳими илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта, таърихнигории (историографияи) масъалаи мазкурро ғанӣ месозад.

## Пайнавишт:

*1. Абаев И.В.Среднеазиатский политический термин афшин/И.Абаев// Вестник древней истории. - №2. – 1959. – С. 112-116.*

*2. Бартольд В.В., Афшин /Сочинения. Том II. Ч. 2. – Москва: Наука, 1964. - с. 497.*

*3. Бичурин Н.Я. [Иакинф]. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Том II. М.-Л., 1950. с. 138.*

*4. Гафуров Б.Г. История таджикского народа с кратном изложении. Том первий.С древнейших времён до великой Октябрьской социалистической революции 1917 г. Издание второе, исправленное и дополнителное. – Москва: Государственное издательство политической литературы, 1952. – 503 с.*

*5. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. С древнейжих времён до Великой Октябирьской Социалистической Революции 1917 г. Издание третье, исправленное и дополненное. Том 1. – Москва: Государственное издательство политической литературы, 1955. – 544 с.*

*6. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷилди 1. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1947. – 384 с.*

*7. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна. – Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.*

*8. Ғафуров Б., Прохоров Н. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан. (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон). – Душанбе: Адиб, 2012. – 256 с.*

*9. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикистон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.*

*10.Малявкин, А.Г. Танские хроники о государствах Центральной Азии/ А.Малявкин /Текст и исследования. – Новосибирск, 1989. – 432 с.*

*11.Негматов Н. Н. Капитолийская волчица в Таджикистане// Наука и жизнь. – 1968. - № 1. - С. 33–34; Негматов Н. Эмблема Рима в живописи Уструшаны//Изв. АН Тадж. ССР. Отд-ние обществ. наук. – 1968. - № 2. – С. 21-32.*

*12.Пулатов,У.П. Чильхудржра/У.Пулатов//Материальная культура Уструшаны. – Вып. 3. – Душанбе: Дониш, 1975. – 200 с.*

*13.Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий. – Вып. II [Юридические документы и письма].*

*Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – Москва: Издателство восточной литературы, 1962. – 222 с.*

**Саидкул Махкамов**
(Таджикистан)

## Отражение истории и культуры Уструшаны в трудах Бабаджана Гафурова

Статья посвящена анализу культуры и цивилизации Уструшаны в научном наследии академика Furoboджана Гафурова. Отмечается, что особое внимание Бободжана Гафурова наряду с другими городами как Бухара, Самарканд, Худжанд и Чач привлекает и Уструшана. В работах Б.Гафурова исследованы различные вопросы истории и культуры Уструшаны, в том числе политическая, социальная, экономическая, культурная жизнь, архитектура, градостроительства, религия, традиции и обличии уструшанцев. Подчеркивается, что Уструшана долго лет боролась арабскими захватчиками и оставалась независимой областью.

**Saidkul Mahkamov**
(Tajikistan)

## Description of the histoty and culture of the Ustrushan in the works of Babajan Gafurov

This article is devoted to the analysis of the culture and civilization of Ustrushana in the scientific heritage of academician Bobojan Gafurov. According to Babajan Gafurov in his article, the author notes that, along with other cities such as Bukhara, Samarkand, Khujand and Marv, Ustrushana attracts special attention as well. This academician studied the political, economic, architectural and urban life of ancient Ustrushana, including the religion, traditions and customs of the Ustrushana’s people.

**Қозизода Шӯҳратҷон**
(Тоҷикистон)

## Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар муҳоҷир намудани сокинони кӯҳистони Масчоҳ ба Дашти Дилварзин

Таърих гувоҳ аст, ки халқи қадимтарину бумии Осиёи Миёна тоҷикон ба арсаи ҷаҳонӣ бисёр чеҳраҳои мондагорро додааст, ки онҳо дар пешрафти ҷомеаи инсонӣ ва тамаддуни он нақши беназир гузоштаанд. Акдемик, ходими барҷастаи сиёсию давлатӣ Бобоҷон Ғафуров дар таърих халқи тоҷик аз зумраи чунин чеҳраҳо мебошад.

Дар солҳои роҳбарии Бобоҷон Ғафуров дар ҷумҳурӣ як маъракаи ҳадафманди дигар гузаронида шуд, ки он раванди муҳоҷиркунӣ буд. Ҳарчанд Ҳукумати Шуравӣ дар раванди муҳоҷират дунболи ҳадафҳои дигар буд, аммо Б.Ғафуров ҳамчун роҳбари донишманду дурбин қабл аз ҳама манфиятҳои миллии тоҷиконро дар авлавият гузошт. Б.Ғафуров бар хилофи майли Ҳукмати марказӣ , ки сиёсати муҳоҷиркунии мардуми қисмати аврупоии Итиҳоди Шуравиро ба Тоҷикистон тарҳрезӣ дошт, ҷонибдори муҳоҷирати дохилӣ буд. Муҳоҷир намудани сокинони минтақаҳои кӯҳистонии Рашт, Ҳоит, Тавилдара, Сарихосор ва Ховалинг ба водиҳои Вахшу Кӯлоб, рӯзгори ин мардумро ба маротиб беҳтар сохта, ҳамзамон фазои тоҷикиро дар ин манотиқ тақвият бахшид.

Бо саъю талоши Бобоҷон Ғафуров мардуми Мастчоҳ, ки дар як сарзамини кӯҳистонӣ ва камзамин буд, соли 1956 ба дашти Дилварзин муҳоҷир гардиданд. Ин дашти васеъ, бар ивази он заминҳое, ки ҳангоми сохтмони нерӯгоҳи оби барқии Қайроққум зери об монданд, ба ихтиёри Тоҷикистон дода шуданд. Дар натиҷа Тоҷикистон соҳиби боз 40 ҳазор гектар замин гардид.

Азхудкардани заминҳои Мирзочӯли тоҷик ва иншооти бузурги саноатӣ ва обёрикунандаи Қайроққум,

яъне сохтмони неругоҳи барқи оби он замон бузургтарин дар Осиёи Миёна – «Дӯстии халқҳо» ва обанбори «Баҳри Тоҷик» ҷараёни муҳоҷирати дохилиро суръат бахшид.

Дар солҳои 50-уми асри XX, пеш аз ҳама, ташаббускори ба дашти Дилварзин кӯчонидани сокинони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, котиби аввали ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, арбоби ҳизбиву давлатӣ Бобоҷон Ғафуров буд.

Бояд зикр кард, ки Б.Ғафуров ба ҳамагуна сиёсати муҳоҷиргардонӣ розӣ набуд. Ӯ намехост, ки мардуми минтақаҳои шимоли Тоҷикистон иҷборан аз макону деҳаҳои обод ва заминҳои ҳосилхез куӯчонида шуда, дар он маҳалҳо обанбор созанд. Ин сиёсат ба эҷоди сохтмони обанбор ва пойгоҳи барқи бузургтарин нерӯгоҳи барқии обии ҳамонвақтаи Осиёи Миёна — Қайроққум иртибот дошт. Бунёди ин пойгоҳи барқӣ, на бо иродаи роҳбарони онвақтаи Тоҷикистон, балки ба хоҳиши ҳукумати марказӣ ба хотири рушди зироати пахта ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя буд. Комиссияи махсуси банақшагирии давлатии ИҶШС (Госплан) ба Комиссариати халқии хоҷагии кишлоқи СССР (наркомзем) дастур медиҳад, ки соли 1947 тарҳи истифодаи захираҳои оби Сирдарёро ба мақсади рушди минбаъдаи соҳаҳои кишоварзӣ, моҳипарварӣ, сохтмони иншооти барқӣ ва киштгардонӣ пешниҳод намоянд. Пас аз чанд соли пешниҳоди тарҳи иншоот, бо иштироки ҷонишинони вазирони зироату техникии ИҶШС ва сарварони Ҳукуматҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қазоқистон ва намояндагони вазорати оби ин ҷумҳуриҳо, комиссияи салоҳиятдор таъсис ёфт. Мувофиқи ҳисоби комиссия мебоист баъди анҷоми сохтмони иншооти бузурги Қайроққум 320 гектар заминҳои ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қазоқистон обёрӣ шуда, тавассути он чандин корхонаҳои саноатӣ сохта мешуданд [2,119].

Иншооти мазкур асосан ба манфиати Ӯзбекистон ва Қазоқистон буд ва барои сохтани ин нерӯгоҳ даҳҳо ҳазор гектар заминҳои ҳамвору ҳосилхези Тоҷикистон зери об монда, дар соҳилҳои дарё обҳои зеризаминӣ рӯ зада, киштзорҳоро зери об мемонданд, ки дар натиҷа муҳити атроф хароб мешуд.

Воқеан амру дастури марказро дар он замон касе наметавонист рад созад. Аз ин рӯ, бо супориши Б. Ғафуров Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи комиссияи номбурда ва тавассути он бо ҳукумати Иттиҳод ин мавзуъро баррасӣ намуда, тақозо кард, ки ба ивази заминҳое, ки зери обанбори Қайроққум мемонанд, аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба вилояти Ленинобод ҳамсарҳад аст, як миқдор замин ҷуброн гардад ва аҳолии аз манзилашон ҷудошуда ба заминҳои обёришудаву ҳамвор ва киштбоб кӯчонида шаванд[7].

Дар ҷавоби ин дархостҳои Б. Ғафуров аз ҳукумати Иттиҳод ҳукумати Ӯзбекистон мебоист дар соли 1958 аз минтақаи Мирзочӯл ба Тоҷикистон зиёда аз 50 ҳазор гектар замини бекорхобида ҷудо мекард[5]. Аммо дар амал Ӯзбекистон аз ҳисоби талу теппаҳои ноҳияҳои Бекободу Боёвут ва Ховости вилояти Тошканд барои Тоҷикистон танҳо 40 ҳазор гектар замин ҷудо кард.

Ходими сиёсӣ ва донишманди тоҷик Б.Ғафуровро аз ҳисоби обанбори Қайроққум кам шудани заминҳои корами вилояти Ленинобод ором намегузошт. Равшанфикрон ва пеш аз ҳама Б.Ғафуров дар замир ҳамеша фикру андешаи ободии даҳҳо ҳазор гектар заминҳои бекорхобидаи дашти Дилварзинро доштанд, ки дар сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон воқеъ буд. Ободонии заминҳои нав имконият медод, ки захираи заминҳои корами ҷумҳурӣ зиёд, маҳсулоти кишоварзӣ афзун, қувваҳои корӣ ҷалб шудана,

сатҳи зиндаги мардум хубтар гардида, равобити иқтисодию фарҳангӣ ва техникӣ бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя густариш ёбад.

Масъалаи дигаре, ки роҳбарияти ҷумҳуриро ба андешаи амиқ водор мекард, ин буд, ки таввасути кадом қувва ин заминҳо дар муддати кутоҳ бояд ободу обёрӣ гардонд. Пас аз таҳлил Б. Ғафуров ба хулосае омад, ки танҳо бо роҳи кӯчонидани аҳолии ноҳияҳои кӯҳии камзамин ва аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ ақибмонда, ин масъалаи ҳаётиро ҳаллу фасл кардан имконпазир аст. Солҳои 50-уми асри XX ӯ замоне, ки сарвари кишвар буд, ба ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафар кардаву вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании мардумро аз наздик меомӯхт ва натиҷагирӣ мекард, ки кадом ноҳия ба муҳоҷирати дохилии ҷумҳурӣ бештар ниёз дорад.

Барои ноил шудан ба рушди минбаъдаи хоҷагии қишлоқ Б. Ғафуров бо дар назардошти бисёр омилҳо, масъалаи ба дашти Дилварзин муҳоҷир кардани сокинони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳро пеш гузошт. Ин ноҳия, бидуни кӯҳсору рӯдҳояш, бо тамоми сохти маъмурӣ, номҳои ҷуғрофӣ, хоҷагиҳои коллективӣ, мактабу муассисаҳои маданию маърифатӣ, коргузорӣ пурра ба дашти Дилварзин кӯчонида шуд.

Б.Ғафуров бештар аз заҳматкаш будани мастчоҳиён ва мардуми бонангу номус буданашон, эътимоду боварӣ дошт. Минбаъд ҷараёни зиндагӣ дар ҳама ҷабҳаҳо ин пешбинии котиби якумро собит кард. Дар пахтакорӣ ва парвариши дигар зироатҳои хоҷагии кишоварзӣ на ҳама хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бо мастчоҳиён баробар буданд. Бо мурури замон мастчоҳиён исбот карда, дар шароити номусоиди табиию ҷуғрофии дашти Дилварзин кору пайкори суботкорона ба харҷ дода, заминҳои асрҳои аср бекорхобидаро ба макони «тиллои сафед», боғу бӯстон табдил доданд.

Замоне фаро мерасад, пешгӯи карда буд Б.Ғафуров, ки - мастчоҳиён даштҳои Дилварзинро обод карда, сатҳи

зиндагониашонро боло бардошта, баъдан Мастчоҳи кӯҳиро ҳам аз нав эҳё хоҳанд кард[2,132].

Дар баробари аҳаммияти бузурги сиёсӣ ва иқтисодӣ доштан, раванди муҳоҷиркунонӣ боис гардид, ки дар ноҳияҳои навтаъсис даҳҳо мактаб ва муассисаҳои фарҳангӣ ташкил гардида, барои босавод гаштани аҳолӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии мардум хидмати арзанда намоянд. Теъдоди мактабҳои миёна дар давоми бист сол (1957-1977) ба 30 адад расид. Агар соли 1957 дар ноҳия 56 тан маълумоти олӣ дошта бошанд, дар солҳои аввали истиқлол ин рақам ба 1000 тан расидааст[4,37].

Мувофиқи қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 1956 «Дар бораи нақшаи муҳоҷиргардонӣ ва интихоби муташаккилонаи коргарон дар соли 1956 барномаи муҳоҷиргардонии колхозчиён» ва дигар қисмҳои аҳолии ноҳияи кӯҳиву баландкӯҳ ба колхозу совхозҳои пахтакори ҷумҳурӣ чунин ба чашм мерасид: дар вилояти Ленинобод соли 1956 аз ноҳияи Мастчоҳ мувофиқи ин нақша ба даштҳои Дилварзин 1200 хоҷагии деҳқонон муҳоҷир карда мешуданд[1,221].

Замоне ба даштҳои васеи Дилварзин муҳоҷир намудани мардум дар ин митақаи кӯҳӣ, нуҳ колхози начандон калон арзи вуҷуд доштанд, ки майдони умумии кишти онҳо ба 4700 га мерасид, ки бештари ин майдонҳои кишти зироатҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ, лалмикорӣ буда, бо васоили одитарини меҳнати дастӣ асос ёфта буданд. Дар ин ноҳия саноату сохтмон вуҷуд надошт, ягон намуди техникаи хоҷагии кишоварзӣ мавҷуд набуд, мардуми ин мавзеъ асосан ба зироаткориву боғдорӣ ва чорводорӣ машғул буданд.

Моҳи декабри соли 1956 дар Дашти Дилварзин нахустин конференсияи партиявии ноҳияи Мастчоҳ баргузор гардид. Дар кори конференсия масъалаҳои минбаъд пурзӯр кардани корҳои партиявию ташкилӣ ва

партиявию сиёсиро ҳамчун шарти асосии ба даст овардани комёбиҳои хоҷагӣ, зудтар ба кор андохтани заминҳои ҳосилхези барои колхозчиён ҷудо кардашударо муҳокима карданд.

Худи ҳамон сол дар ташкили ноҳияи навбунёди Мастчоҳ корҳои зиёде анҷом дода шуд. Барои ба роҳ мондани ҳаёти осоиштаи аҳолии ноҳия дар назди комитети партиявии ноҳияи Мастчоҳ комиссияи ташкилӣ барпо гардид, ки ба ҳайати он коркунони партиявӣ, советӣ, раисони колхозҳо, котибони ташкилотҳои партиявӣ дохил гардиданд. Бо хоҳиши комитети партиявӣ ва комиҷроияи ноҳияи Мастчоҳ барои тезонидани суръати сохтмони хонаҳои истиқоматӣ аз шаҳри Ленинобод ба дашти Дилварзин 50 нафар бинокорон — асосан дуредгарон ва хиштчинҳо, инчунин бисёр масолеҳи бинокорӣ, мошинҳои боркаш ва ғайра фиристонда шуданд. То омадани муҳоҷирон мавзеи дашти Дилварзин ба се участка тақсим карда шуда буд, ки дар ҳар кадоми онҳо бояд се колхоз ташкил мешуд. Ғайр аз ин барои сохтмони маркази ноҳия низ ҷойи мувофиқ ҷудо гардид. [7].

То ба ноҳияи Мастчоҳи нав муҳоҷир кардани деҳқонон як зумра ҷавонон ихтиёран дар сохтмонҳои се қитъаи дашти Дилварзин, ки ноҳияи нав бунёд мегардид, бо дили гарму умеди зиндагии минбаъдаи осудаҳолона, бо муваффақият кору пайкор мекарданд. Аз ин зумра ҷавонон метавон номҳои диловарон аз қабили А. Қодиров, Д. Камолов, С. Азизов, Ш. Ниёзов, А. Ҳасанов, С. Охунов, Б. Ғозиев, К. Амонов ва бисёре аз дигаронро бо ифтихор номбар кард.

Намояндагони колхозҳо якҷоя бо бинокорон ба сохтмони хонаҳои истиқоматӣ шуруъ карданд. Бо ёрии доимии ташкилотҳои бинокории шаҳри Ленинобод тобистони соли 1956 дар се участкаи бинокорӣ барои

муҳоҷирон қариб 600 хонаи истиқоматӣ сохта, ба истифода доданд [6,36].

Дар ҷараёни муҳоҷиргардонӣ инчунин ба ғайр аз дигар чорабиниҳои маишӣ — маданӣ ба мастчоҳиёни муҳоҷиршаванда сари вақт хизмати тиббӣ расонида мешуд. Ба идораҳои дахлдор сурориш шуда буд, ки дар вақти ҳаракати қаторҳои мошинҳои муҷоҷиркаш ду мошини ёрии таъҷили сафарбар карда, дар тули роҳӣ Мастчоҳ - Дилварзин нуқтаҳои ёрии тиббӣ кушода шаванд. Дар макони нав бошад, ба муҳоҷирони мастчоҳӣ ёрии тиббии доимӣ таъмин гардид.

Бояд зикр намуд, ки дар он солҳо ва дар шароити нисбатан душвори кӯҳистони баланд сарфи назар аз баъзе камбудиву норасогиҳо, ҷарайёни муҳоҷиргардонии колхозчиёни колхозхои Мастчоҳ аз рӯи нақшаи пешакӣ муайяншуда, мутташаккилу бо тантана сурат гирифта буд.

Дар он давра ҷарайёни муҳоҷиргардонии сокинони кӯҳистони Мастчоҳ ба дашти Дилварзин дар шароити ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳими рӯз маҳсуб ёфта, ба ҳалли мусбати он аз ҷониби ташкилотҳои ҳизбиву давлатӣ ва хоҷагӣ аҳамияти калон ва доимӣ дода мешуд.

Колхозҳои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ пас аз ба дашти Дилварзин муҳоҷир шудан, дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба хоҷагиҳои сердаромад табдил ёфтанд.

Пас аз чанд соли ба дашти Дилварзин муҳоҷир шудани сокинони Мастчоҳ ва комилан азхудкардани заминҳои солҳо бекорхобида ва ташналаб, қисме аз аҳолӣ дубора ба деҳаҳои кӯҳистони Мастчоҳ бозгаштанд. Ба ин рафтори аҳолӣ роҳбарияти хирадманди онвақтаи ноҳия садди роҳ нагардиданд. Зеро онҳо низ бар он ақида буданд, ки маданияти зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, анъанаҳои бобоӣ аз байн нарванд ва насли оянда аз онҳо бархӯрдор гардад. Имрӯз зиндагӣ нишон дод, ки он

роҳбарони хирадманд дуруст талим гирфта буданд. Онҳо мутаносибан барои ободу зебо гардонидани ду ноҳия дар навбати аввал кӯҳистони Мастчоҳ ва Мастчоҳи нав кӯшиш ба харҷ дода, кӯҳистони Мастчоҳро ба ноҳияи чорводорӣ, боғдорӣ ва кишти сабзавот табдил доданд. Имрӯз байни мардуми Кӯҳистони Мастчоҳ ва Мастчоҳи нав алоқаи ногусастании иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиву фарҳангӣ мавҷуд аст.

## АДАБИЁТ


*1.Абулҳаев, Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1924-200) / Р. Абулҳаев. – Душанбе : «Дониш», 2009. – 479 с.*

*2.Абдулхаев, Р. Вопросы новейшей истории таджикского народа (Сборник избранных статей и публикаций) / Р. Абдулхаев. – Душанбе: «Офсет-Империя», 2015. – 340 с.*

*3.Карим, Абдулов. Дар ин дунё. Ҷилди 12. Мастчоҳ, китоби аввал / Абдулов Карим. – Душанбе: «Адиб», 2006. – 1029 с.*

*4.Муллоҷонов, С. Таърихи мактабу маорифи тоҷикон дар пажӯҳиши академик Бобоҷон Ғафуров / С. Мулоҷонов. — Душанбе: Пром-экспо, 2021. — 156 с.*

*5.Рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон», 1958, 5 июн.*

*6.Парпиев, С. М. Дашт гулистон гашт / С. М. Парпиев. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 48 с.*

*7.БМД ҶТ. Ф. 297. Р. 1566, Р.2, Д.4*



**Шӯҳратҷон Қозизода**
(Тоҷикистон)


## Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар муҳоҷир намудани сокинони кӯҳистони Масчоҳ ба Дашти Дилварзин

Дар мақола ташаббуси котиби якуми ҲК Тоҷикистон Б. Ғ. Ғафуров дар бобати ба амал баровардани ин муҳоҷират мавриди баррасӣ қарор гирифта, Б. Ғафуров ҷонибдори ҷуброни заминҳои зериобмонда тавассути додани заминҳои истифоданашуда ба Тоҷикистон дар

чаҳорчӯбаи созишнома бо Ӯзбекистон буд. Дар ин ҳуҷҷат на танҳо роҳи ҳалли мушкилоти экологӣ, балки имконияти азхудкунии ҳудудҳои нав, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳамзамон баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ, инчунин аҳаммияти муҳоҷиркунӣ ҳамчун роҳи ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани робита бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя таъкид шудааст. Б. Ғафуров талаботи минтақаҳоро бодиққат мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод кард, ки аҳолӣ аз минтақаи кӯҳистон, ки дар он ҷо мардуми имконияташон маҳдуд барои кишоварзӣ зиндагӣ мекарданд, ба заминҳои ҳамвор барои кишоварзӣ мувофиқтар кӯчонида шаванд.

**Шухратджон Козизода**
(Таджикистана)

## Вклад Бабаджана Гафурова в переселение жителей горной Матчи в Дилварзинскую Степь

В статье рассматривается инициатива Первого секретаря ЦК Компартиии Таджикистана Б. Гафуров по вопросу переселения жителей горной Матчи в Дилварзинскую степь. Он был сторонником заселения земель, выделенных Узбекистанов взамен затопленных территорий после сооружения Кайракумского водохранилища. Данные земли должны были быть освоенными для сохранения экологии, развития хлопководства и повышения уровни благосостояния населения. Тем самым, были решены и демографические проблемы. Статья основана на архивных материлов и на ранее опубликованные работы ученых.

**Shuhrajon Qozizoda**
(Tajikistan)

**Babajan Ghafurov contribution to resettlement residents of mountain Matchy in the Dilvazinskaya Steppe**

The article discusses the initiative of the First Secretary of the Central Committee of the Communist Party of Tajikistan on the issue of relocating residents of the mountainous Matcha to the Dilvarzin steppe. B. Gafurov was a supporter of the settlement of lands allocated by Uzbekistan to replace the flooded territories after the construction of the Kairakum reservoir. These lands had to be developed to preserve the environment, develop cotton growing and improve the well-being of the population. Thus, demographic problems were also solved. The article is based on archival materials and previously published works of scientists.

## Муаллифи мақолаҳо

**Акбар Турсон** (Тоҷикистон)-академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Юсуфшо Ёқубов** (Тоҷикистон) - академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Абдураҳмон Муҳаммад** (Тоҷикистон)-аъзо-корреспонденти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Ҳайдаршо Пирумшоев** (Тоҷикистон)- аъзо-корреспонденти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Кароматулло Олимов** (Тоҷикистон)- академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Насрулло Убайдуддло (Тоҷикистон) – директори ИТБМ ба номи А. Дониш, профессор**

**Аскаралӣ Раҷабов** (Тоҷикистон)-доктори илмҳои таърих, профессор

**Рақиб Абулҳаев** (Тоҷикистон)- доктори илмҳои таърих, профессор

**Намоз Ҳотамов** (Тоҷикистон)-доктори илмҳоии Таърих, профессор.

**Ҳақназар Қурбонмамадов** (Ӯзбекистон)-доктори илмҳои фалсафа, профессор

**Ҳамза Камол (**Тоҷикистон)**-** доктори илмҳои таърих , профессор.

**Абдуқаҳҳор Саидов** (Тоҷикистон)- доктори илмҳои таърих , профессор.

**Саъдулло Раҳимов** (Тоҷикистон) - доктори илмҳои фалсафа, профессор.

**Баҳринисо Қобилова** (Тоҷикистон)-доктори илмҳои таърих.

**Насим Аҳмад Шоҳ**(Ҳиндустон)-профессори Донишгоҳи Кашмир, Сринагар.

**Саидумар Раҷабов**(Тоҷикистон)-доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.

**Имомалӣ Бӯризода** (Тоҷикистон)-доктори илмҳои ҳуқуқ.

**Ҳасани Султон**(Тоҷикистон)- аъзо- корреспонденти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Абдуфаттоҳ Шарифзода**( Тоҷикистон)- аъзо-корреспонденти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Равшан Раҳмонӣ** (Тоҷикистон) –доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Ваҳоб Набизода** (Тоҷикистон)- доктори илмҳои таърих, профессор.

**Тоҷиддин Мардонӣ** (Тоҷикистон)- доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Лариса Додхудоева**(Тоҷикистон) - доктори илмҳои таърих.

**Абдувалӣ Шарифзода** (Тоҷикистон)-номзади илмҳои таърих.

**Зуҳро Мадамидҷонова** (Тоҷикистон)- номзади илмҳои таърих.

**Абдулло Ғафуров**(Тоҷикистон)- номзади илмҳои таърих.

**Шавкат Шарипов**(Тоҷикистон)- номзади илмҳои таърих,досент.

**Парвиз Шарипов** (Тоҷикистон)-муаллими Донишгоҳи давлатии Хуҷанд.

**Саидқул Маҳкамов** (Тоҷикистон) - муаллими Донишгоҳи давлатии Хуҷанд.

**Шӯҳратҷон Қозизода** (Тоҷикистон)-унвоҷӯ.

## Авторы статьии

**Акбар Турсон** (Таджикистан)–академик Национальной академия наук Таджикистана.

**Юсуфшо Якубов** (Таджикистан)-академик Национальной академия наук Таджикистана.

**Абдурахмон Мухаммад** (Таджикистан)-член-корреспондент Национальной академия наук Таджикистана.

**Хайдаршо Пирумшоев** (Таджикистан)- член-корреспондент Национальной академия наук Таджикистана.

**Кароматулло Олимов** (Таджикистан)- академик Национальной академия наук Таджикистана.

**Насрулло Убайдуддло (Таджикистан)** – директор ИИАЭ им. Дониш, профессор

**Аскарали Раджабов** (Таджикистан)-доктор исторических наук, профессор.

**Ракиб Абулхаев**(Таджикистан)- доктор исторических наук, профессор.

**Намоз Хотамов**( Таджикистан)- доктор исторических наук, профессор.

**Хакназар Курбанмамадов**( Узбекистан)-доктор философских наук, профессор.

**Хамза Камол**(Таджикистан)- доктор исторических наук, профессор.

**Абдуќахор Саидов**(Таджикистан)- доктор исторических наук, профессор.

**Садулло Рахимов**(Таджикистан)- доктор философских наук, профессор.

**Бахринисо Кабилова** (Таджикистан) – доктор исторических наук.

**Насим Ахмад Шах**(Индия),профессор Кашмирского университета, Сринагар.

**Саидумар Раджабов** (Таджикистан)-доктор юридических наук,профессор.

**Имамали Буризада**(Таджикистан)-доктор юридических наук.

**Хасан Султон** (Таджикистан)- член-корреспондент Национальной академия наук Таджикистана.

**Абдуфаттох Шарифзода**(Таджикистан) - член-корреспондент Национальной академия
наук Таджикистана.

**Равшан Рахмони**(Таджикистан)- доктор филологических наук, профессор.

**Вахоб Набизода** (Таджикистан)- доктор исторических наук, профессор.

**Таджиддин Мардони**(Таджикистан) - доктор филологических наук, профессор.

**Лариса Додхудоева** (Таджикистан)- доктор исторических наук.

**Абдували Шарифзода**(Таджикистан)-кандидат

исторических наук.

**Зухра Мадамиджанова**(Таджикистан)- кандидат исторических наук.

**Абдулло Гафуров** (Таджикистан)- кандидат исторических наук.

**Шавкат Шарипов**(Таджикистан)-кандидат исторических наук,доцент.

**Парвиз Шарипов** (Таджикистан )-преподователь Худжандского университета.

**Саидкул Махкамов** (Таджикистан)- преподователь Худжандского университета.

**Шухратджон Козизода** (Таджикистан)-соискатель.

## Authors of the article

**Akbar Turson** (Tajikistan) – Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Yusufsho Yakubov** (Tajikistan) - Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Abdurahmon Muhammad** (Tajikistan) - Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Khaidarsho Pirumshoev** (Tajikistan) - Corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Karomatullo Olimov** (Tajikistan) - Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Nasrullo Ubaydullo (**Tajikistan) - Doctor of Historical Sciences, Professor.

**Askarali Radjabov** (Tajikistan) - Doctor of Historical Sciences, Professor.

**Rakib Abulhaev**( Tajikistan)- Doctor of Historical Sciences, Professor.

**Namoz Hotamov**( Tajikistan)- Doctor of Historical Sciences, Professor.

**Khaknazar Kurbanmamadov** (Uzbekistan) - Doctor of Philosophy, Professor.

**Hamza Kamol** (Tajikistan) - Doctor of Historical Sciences, Professor.

**Abduakhor Saidov** (Tajikistan) - Doctor of Historical Sciences, Professor.

**Sadullo Rakhimov** (Tajikistan) - Doctor of Philosophy, Professor.

**Bakhriniso Kabilova** (Tajikistan) – Doctor of Historical Sciences.

**Naseem Ahmad Shah** (India), Professor at the University of Kashmir, Srinagar.

**Saidumar Radjabov** (Tajikistan) - Doctor of Law, Professor.

**Imamali Burizada**(Tajikistan) - Doctor of Law.

**Hasan Sulton** (Tajikistan) - Corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Abdufattah Sharifzada**(Tajikistan)- Corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Ravshan Rakhmoni** (Tajikistan) - Doctor of Philology, Professor.

**Vakhob Nabizoda** (Tajikistan) - Doctor of Historical Sciences, Professor.

**Tajiddin Mardoni** (Tajikistan) - Doctor of Philology, Professor.

**Larisa Dodkhudoeva** (Tajikistan) - Doctor of Historical Sciences.

**Fozil Abdurashitov** (Tajikistan) - Doctor of Historical Sciences.

**Abduvali Sharifzoda** (Tajikistan) - Candidate of Historical Sciences.

**Zuhra Madamidjanova**(Tajikistan)- Candidate of Historical Sciences.

**Abdullo Gafurov**(Tajikistan)- Candidate of Historical Sciences.

**Shavkat Sharipov** (Tajikistan) - Candidate of Historical Sciences,

**Parviz Sharipov** (Tajikistan) - Lecturer at Khujand University.

**Saidkul Makhkamov** (Tajikistan) - lecturer at Khujand University.

**Shuhratjon Qozizoda** (Tajikistan) - applicant.

*Ба матбаа супорида шуд 27.11.2023*
*Барои нашр имзо шуд 01.12.2023*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 28,6. Андоза* $60x84^{1}/_{16}$.
*Адади нашр 100 нусха. Супориши №162.*

МН «Дониш»

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*